ГУЛЧЕҲРА МУҲАММАДИЕВА

# МУНТАХАБИ ОСОР

Душанбе
«Маориф»
2016

**ББК 84 Тоҷик 7-4**
**М-95**

**Ба истиқболи 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Муҳаррирон:***
***Зиё Абдулло ва Амирхони Аҳмадхон***

Гулчеҳра Муҳаммадиева дар эҷоди ҳикоя, қисса ва роман сабку услуби хоси худро дорад. Ӯ осорашро тавре ба калам меорад, ки қаҳрамонҳо аз имтиҳони зиндагӣ ва печутобҳои он мегузаранд ва дар ҳама шебу фарозҳои ҳаёт садоқатро дар нисбати якдигар фаромӯш намекунанд. Қаҳрамонҳо бофтаи хаёли нависанда набуда, воқеианд.

Дар ин китоб нависанда гулчини эҷодиёти худ- роман, қисса, ҳикоя ва масалҳоро, ки дар тули 25-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҷод намудааст ба мухлисони каломи бадеъ пешкаш менамояд. Умед аст, ки мунтахаби осори адиб мақбули хонандаи гиромӣ хоҳад гашт.

М-95. **Гулчеҳра Муҳаммадиева. Мунтахаби осор.**

ISBN 978-99947-1-232-2

# ЗИСТАН МАСЪУЛИЯТ АСТ

Оҳанги ҳамин ибораи батаъкидро, ки Гулчеҳра Муҳаммадиева дар як боби рамани худ «Чордодарон» ба гунаи зерсарлавҳа аз «Дурдонаҳои ҳазорсола» меорад, ман дар аксар навиштаҳои ӯ равшан эҳсос кардам. Воқиан ҳам *зистан* масъулият аст, алалхусус дар ҷомиаи демократӣ. Вале одамон мутаассифона ин ҳақиқати маҳзро зуд-зуд ба эътибор нагирифта, чи дар ҳаёти шахси худ ва чи дар рӯзгори дигарон боиси кинаву кудурат, ранҷу озор, хусумати рӯирост ва ҳатто бадбахтиҳои гӯшношунид мегарданд, ки чунин оқибати нопидром ҳар инсони хайрхоҳро албатта ба домани андеша мебарад. Аз боби он ки бани башар оё медонад ӯ дар асл кист, аз куҷо омадааст, роҳаш то ба кадом манзил идома меёбад. Ва ниҳоят агар вай одамизода аст, пас дар ин дунёи пуршебу фароз хабаре дорад аз мақоми одаму одамият? Лоақал гузоштаанд? Аз ҷумла ҳаким Фирдавсӣ меорад:

*Ҳар он к-ӯ гузашт аз раҳи мардумӣ,*
*Зи девон шумар, машмараш з-одамӣ.*

Хулоса, тарбия мехоҳад фарзанди инсон, ки аз рӯзи азал хом аст. Ва ин хомиҳо фақат дар доираи баҳра бурдан аз хирад ва гармии муҳаббат ба пухтагӣ мерасанд. Дар ташаккули ахлоқи шоиста таҷрибаи рӯзгор ва ошиқона ба мутолиа гирифтани китобҳои хуб низ таъсири беминнат доранд. Ба яқин Гулчеҳра Муҳаммадиева ҳам мураккабиҳои ҳаётро нек медонад, ҳам аз чашмаи меҳри одаму олам бархурдор аст, ҳам ба қадри сухани сабз мерасад. Ва чӣ тавре дар чандин таълифи ӯ дидем, ин сифатҳо агар тавассути қалами дардошно ифода гарданд, хонандаи одӣ, ҷавонони бепарво, наврасони ҳанӯз ноогаҳ, ба хусус касоне ки аз *дарси зиндагӣ* дур мондаанд, ҳатман сабақ меомӯзанд. Зеро ҳар чӣ адиб ба тасвир мекашад, гӯё аз мағз-мағзи ҳаёти мардум зуҳур мекунад. Ба ҳама неку бадаш…Чи ба муҳаббат, чи ба разолат, чи ба

садоқат.

Дар ағлаб навиштаҳои Гулчеҳра Муҳаммадиева манзари асосӣ меҳри поки инсонист. Ҳатто ашхоси пастфитрат дар гирди ҳамин ҷойгаҳ ба сар бурда, аз карда оқибат пушаймон, гоҳо ба дараҷаи одамигарӣ мерасанд. Яъне муҳаббат қудрате дорад, ки на танҳо ба нақли маъруф мисҳоро зар, балки нокасонро *кас* гардонад. Вобаста ба ин андеша лоиқ аст аз персонажҳои хотирпазири адиб монанди Хуршеда ва Мурод аз рамани «Чордодарон», Санавбар аз қиссаи «Пушаймонӣ» ёдовар шавем. Муаллиф гӯё дидаву دониста мехоҳад онҳоро дар шадидтарин ҳолатҳои зиндагӣ ба тасвир гирад; мехоҳад натиҷа бардорад, ки ин марду занони нексигол оё дар муқобили хиёнат ва бухлу ҳасади баъзе дӯстон ва ҳатто нафароне аз табори хеш истодагарӣ карда метавонанд, ё не... Лекин онҳо, азбаски дар дунёи садоқат ба обу хоки диёр ва муҳаббат ба фарзанди инсон зиндагӣ карда, чароғи адлу инсофро дар дил пайваста фурӯзон медоранд, дар баробари ҳар гуна разолат шикастнопазиранд.

Банда, масалан, аз тарзи ҳаёт, пайванди мудом ба хонаву дари бобоӣ ва сабру таҳаммули беинтиҳои Мурод дар пеши мушкилиҳо, инчунин аз назари умедбахши ӯ ба печутоби зиндагӣ мутаассир шудам. Вай ҳамон мардест, ки *фақат* як бародари ризоӣ буд ба писарони модари худ ва падандараш амаки Раҳим. Аммо ба васияти мӯйсафед ҳамеша содиқ монда, на танҳо се кӯдаки ятимро хор накард, балки пайваста заҳмат кашида, онҳоро бе ҳеҷ миннат гул хӯронд, покиза пӯшонд, табъи дил ба воя расонд; ягон бор аз нафси хеш наандешида, ҳатто нахустин ишқашро бераҳмона пушти по зада, ба қавле охирин тинашро ҳам сарф карда, дар беҳтарин мактабҳои олӣ хононд; ба сафи одамони шоён даровард. Дар роҳи тарбияи додарони худ Мурод то андозае ҷоннисор буд, ки муддатҳои дароз ба сари танҳо зистанро афзал дониста, ба кулли ранҷҳои равонӣ тоқат оварда, ҷурми яке аз онҳоро ба гардан гирифт ва панҷ соли ҳаёти ҷавониашро боз ҳам ба умеди ояндаи нек дар маҳбас гузаронд. Лекин ҳангоме

озод шуд, додари гунаҳкораш, ки акнун прафессор буд, на фақат аз кирдори бадаш сархам узр напурсид, балки як рӯи гарму ду сухани нармро низ арзонӣ надошт. Дигар ҳам аз вай беҳ набуд. Ҳарчанд аз рафтори онҳо хонаи дилаш зеру забар мешуд, Мурод тавонист ёди падару модарро муттасил азиз дониста, меҳрашро ба пайвандон коста нагардонад. Пас ин марди дар ҳақиқат мӯъмин , ки доим аз даргоҳи худованд мадад меҷуст, аз нав бахту барор ёфт. Ба висоли ишқи аввал расид, хонаву дари дигар бунёд кард, соҳиби зану фарзандони солеҳ шуд. Ва бародарон тадриҷан аз пасту баланди рӯзгор ибрат гирифта, боз ба ҳам омаданд, ки ин гуна хушиҳои ҳаёт бе шубҳа ҳосили сабр ва муҳаббати софи инсонианд.

Дар таълифи Гулчеҳра Муҳаммадиева хусусан симои занон, чи пир ва чи ҷавон, равшан таҷассум мегардад. Аз ҷумла рафтору кирдор, насақи зиндагӣ, иродаи маҳкам ва дили гарми Хуршеда, Санавбар ва ғайра мисли онҳо модарону хоҳарон ҳатман дар ёди хонанда мемонанд. Фикр мекунам ин ҷозиба вобаста ба тарзи баён, тасвири мӯътамади неку бад дар ҳаёти одамон, нашъаи ишқи поку заҳри хиёнат, ҳамчунин меҳри азалӣ ба фарзандон ва обу хоки диёр аз сирати худи муаллиф низ сар мекашад. Зеро аз тартиби қалам рондани Гулчеҳра Муҳаммадиева возеҳ ба назар меояд, ки ӯ диёри пурбаракати хешро ба кулли мардумаш, ба замину осмонаш, ба ҳама дашту саҳро ва кӯҳу камараш дӯст медорад. Ҳатто ҳар сангу реги ватанашро ноёб медонад. Дар баробари ин ҳеҷ гоҳ аз лавҳи хотир намебарад: ҳам хонадон ва ҳам меҳани кас ба инсонҳои садоқатпешаву вафодор мунаввар мемонанд. Дурӯғ бефурӯғ аст, дуздӣ ахир фош мегардад, зино наҳсӣ меорад, умри кинакаш дароз нест; боғи бахил сабз намешавад, сабз шавад ҳам, мева намедиҳад; дурӯя оқибат раҳгум зада, ғаммоз ҳаргиз рӯзи хуш намебинад. Танҳо пиндори нек, кирдори нек ва гуфтори нек муҷиби саодати бани одаманд.

Гулчеҳра Муҳаммадиева чандест дар жанрҳои гуногуни наср қувва озмуда, дар ин арсаи сангин мекӯшад аҳво-

ли ростини ҷомиа ва паҳлуҳои пуртазоди табиати инсонро, ки дар боло зикр намудем, то ҳадди имкон мусаллам ба қалам диҳад. Ва гоҳо ба талаботи ҳаққонии адабиёти муосир қаробат гирифта, дар кори ниҳоят мушкил муваффақ ҳам мешавад. Азбаски забонаш бадарду сода ва услубиу баёнаш сарҷамъ, бехалал ва самимианд, муносиби заҳмати баҳиммат хонандаи сипосгузор низ дорад. Ҳатто китоби публитсистии ӯ «Бонувони Фархор», ки аз фаъолияти созандаи зиёда занони ин ноҳияи қадим камобеш дар бадали сад соли ахир муҷаз ҳикоят мекунад, далели ошкор аст аз пуркориву садоқати Гулчеҳра Муҳаммадиева ба миллат ва кишвари куҳанбунёди худ. Муҳиммаш адиб мароҳили насри бадеиро саҳл надониста, дар шебу фарози ин паҳнои ранҷ ва нишот қадамҳои торафт устувор мегузорад.

***Саттор Турсун –***
***Нависандаи халқии Тоҷикистон***

# ЧОРДОДАРОН

*Раман*

## ДАР ДУ ҚИСМ

***Ба фарзандони азизам – Манучеҳр, Фарида, Фазила, Фотима ва Ҳусейнҷон.***

Азизони дилу дидаам! Шумо бароям анвори дурахшони хуршед, сафои субҳгоҳон, қатраҳои оби мусаффои чашмасорон ва насими фараҳбези диёрамон ҳастед. Аз шумо розӣ ҳастам. Аз тарбияте, ки шуморо кардаам, аз он, ки тухми муҳаббат, дӯстдорӣ ва эҳтиром ба якдигар ва бисёр рисолатҳо, ба мисли эҳтиром ба волидайн, меҳанпарастӣ, инсондӯстӣ, ростқавлӣ, ғуруру ҷавонмардӣ, ки муқаддасоти инсонӣ мебошанд, дар дилҳои кӯчаки шумо коштаам, қаноатмандам.

Ба ду кор бештар майл кунед: аввал, илм омӯхтан, дувум, ҷаҳонгашта будан. Донишро гузаштагонамон барҳақ «чароғи равшан ва аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан» номидаанд. Бе илму савод ва донишу касб ҷаҳон тира аст. Агар лаҳзае вақт ёфтед, китоб ба даст бигиреду мутолиа намоед. Агар имкон дошта бошед, сафар кунед. Ҷаҳонро бо чашми ақл бибинед, беҳтаринашро биомӯзед, аз кори бади дигаре ҳам ибрате гиред. Ба якдигар содиқ бошед. Ба фарзандон бо меҳр муносибат кунед, чунки онҳо тарбиятро аввал аз волидайн мегиранд, дар назди онҳо суханони қабеҳро ба забон наоред. Барои онҳо бояд намуна бошед. Худро бишиносед. Мегӯянд: «Аввал худро бишинос, баъд Худоро.» Шахсе ки худро эҳтиром намекунад, ба қадри худ намерасад, куҷо ба қадри дигарон мерасад?

Бо мурури замон ҳар кадоме тақдири худро бо нафаре пайвастаед, ҳурмату иззати онҳоро ба ҷо биоред, чунки эшон шуморо ҳамтақдири худ хондаанд. Фаромӯш накунед: волидайн ва фарзанди падарро дубора ёфтан насиби кас намегардад. Муҳаббататонро миёни ҳамсар ва хоҳару

бародар баробар тақсим намоед.

Ба мардуми дорову сарватманд ҳасад набаред, ҳасад бемориест, ки вуҷудатонро чун кундаи тар месӯзонаду баҳори умратонро ба дасти хазон медиҳад. Ҳазар аз гапчину хабаркаш. Хабаркаш аввал сухани бад оварда, табъи шуморо хира кунад, дувум, ҳарфи шуморо ба дигаре бурда рӯҳи ӯро ҳиҷил. Ҳазар аз бадтинатон! Бехуда нагуфтаанд:

*Зинҳор, аз суҳбати бадтинатон парҳез кун,*
*Зиштии як рӯ ҳазор оинаро расво кунад.*

Чи бад мебинам, дурӯғгӯиро. Дурӯғ нагӯед, чунки дурӯғгӯ дар ду олам рӯсиёҳ аст.

Боигарӣ хушбахтӣ нест. Хушбахтӣ тани сиҳат, якдигарфаҳмӣ, самимият, сарҷамъиву аз ҳоли якдигар бохабар будан, дар хурсандӣ ва ғаму дард мутаккои ҳамдигар гардидан аст. Шумо панҷ нафаред ва ман хаёл мекунам, ки панҷ дари биҳишт бароям кушодааст.

Фарзандони азизам! Интизор нашавед, ки якеи шумо камбуде мекунаду аз дигарӣ кумак мепурсад. Не! Ҳеҷ гоҳ! Шумо, ки тарбияти маро гирифтаед, баномусед ва ғурур иҷозаатон намедиҳад, ки аз якдигар ёрие бипурсед. Барои ҳамин аз ҳоли ҳамдигар пайваста огоҳ бошед, худ кумакатонро ба ҳам пешниҳод намоед.

Манучеҳрҷон, нахустфарзандам! Ту ҷавонмарди банангу номус, қуввати дил, шаҳсутуни хонадонам ҳастӣ. Бовар дорам, ки бародару хоҳаронатро саробонӣ мекунӣ. Маслиҳатгару носеҳи доимиашон мешавӣ.

Фаридаҷон, духтари калони хона! Аз ту умедам зиёд аст. Сари ҳар вақт ягон кор (зодрӯз, ҷашнҳо ва амсоли инҳо)- ро баҳона карда, сарҷамъ шавед, чунки меҳр дар чашм аст. «Аз дил биравад ҳар он ки аз дида бирафт»,- гуфтаанд бузургон.

«Чордодарон» асари тарбиявист, камбудеро, ки қаҳрамонҳои асар кардаанд, шумо накунед. Хоҳед, ки ман ором бошаму ҳамеша бо шумо, гирди як дастархон ҷамъ

шавед. Шарт нест, ки дастархон шоҳона ороста бошад. Суҳбати ширин ва лаби пурханда кифоя аст. Аз гӯшае ба шумо дида медӯзаму шодиатонро дида, қалбам аз фараҳ лабрез мегардад.

Шукр мегӯям ба Парвардигор, садҳо бор шукр мекунам, ки маро лоиқи чунин фарзандони нек гардондааст. Нафаре аз шумо беҳуда ташвишам надодааст. Аз ин рӯ, азизонам, ба шумо дуои модарона медиҳам. Ман ва дуои некам ҳамеша бо шумост.

Худовандо! Фарзандонамро дар паноҳат нигоҳ дор! Ҳамеша сарбаланд, некном, некдил, некрой ва некбахт бошанд. Ҳеҷ гоҳ беиқбол нашаванд. Омин…

# ҚИСМИ АВВАЛ

## АМАКИ РАҲИМ

**«Дар байни инсонҳо зистан масъулият аст».**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Амаки Раҳим дар бистари бемори̣, ки ҳамсараш ҳафтае қабл барои ӯ густурда буд, худро роҳат ҳис намекард. Бо овози паст менолид. Дастҳояш хушку ногиро, кафҳояш рег вор дурушт, пойҳояш беҳаракат, ларзону нимҷон, чашмонаш аз ҳарорати баланду дард суп – сурху берӯҳ шуда буданд. Ба лабони хушку аз ҳарорати баланди таб кафидаву парсингбастааш холаи Майсара- ҳамсараш бо пахта об мечаконд. Забонаш тарошаеро мемонд, ки гаҳи чакидани об шӯр буд ё талх. Гоҳе хунук мехӯрду гоҳе оташ мегирифт. Яқин ҳарораташ баланд буд. Сараш бо рӯймоли гулд ӯзӣ маҳкам бастагӣ, кӯрпаи ҷилдаш аз шустани зиёд рангпаридаро гоҳ то таки манаҳаш мекашиду гоҳ бо пойҳои бемадораш аз болояш дур меандохт. Бо хоҳиши бемор ба бухорӣ холаи Майсара тез – тез тапак мемонду оташ меафрӯхт, то ҳарорати хонаро як навъ нигоҳ дорад, аммо баъди фурсате амаки Раҳим бетоқат шуда хоҳиш мекард, ки дару тирезаро кушоянд. Баробари кушодани тиреза пардаи сафеде, ки дар он акси ду кабӯтар гулдӯзӣ шуда буд, алвонҷ мехӯрду парандаҳо гӯиё ба парвоз медаромаданд. Ин лаҳзаҳо амаки Раҳим ҳам мехост, ки чун ин парда ва чун он кабӯтарон парвоз кунад, аммо дар ин лаҳза ӯ палангеро мемонд, ки аз ҳамҷинсонаш дур афтода, вопасин рӯзҳои умрашро дар танҳоӣ мегузаронад. Вуҷудаш месӯхт. Об мехост.

Чашмонашро пӯшид. Хоҳараш Сабоҳат кӯзаи оби чашма дар даст, куртаи нави сап – сафед дар бар, рӯймоли шоли калон дар сар аз пайроҳаи кӯҳӣ гузашта, , хиромон сӯи ба-

родар меомад. Кӯзаро аз дасти хоҳараш гирифту ба ҷои ба лаб бурдан болои сар бардошт. Оби чашма чун оби ҳаёт ба ҷисму ҷони амаки Раҳим ҳаловат бахшид. Чашмонашро кушод. Аз он кӯзаи оби ҳаётбахш ва хоҳари нозукандомаш дараке набуду сару танашро араќи шӯр тар карда. Лабҳояш ро лесид. Таъми шӯриро ҳис кард.

Амаки Раҳим ду моҳ боз худро бад ҳис мекард, як ҳафтаи бистарӣ будан кори худро карда буд. Лоғар гардидаву рангу рӯяш парида, нури чашмонаш гум шуда. Маъюсу ғамгин сар аз болин намебардошт. Нолиши сӯзонаш қалби атрофиёнро реш – реш месохт.

Он рӯз ба аёдати амаки Раҳим хоҳараш Сабоҳат омада буд. Чун ҳарвақта ду соат дар назди бародар нишасту майли рафтан кард.

– Сабоҷон, як шабак бо ман бимон. Ба ту гуфтаниҳои зиёд дорам. Охир, дар хона келин дорӣ, рӯзгорат осуда аст, – хоҳиш кард амаки Раҳим.

– Акаҷон, сад бор шукр, ки шуморо дидаму вақтам хуш шуд. Медонед – ку, язнаатон одами бадҷаҳл, омада маро дар хона набинад, хонаводa ҳама дар бало мемонанд. Худо хоҳад, баъди ду – се рӯз боз меоям.

– Хайр, хоҳари ҷон, аз паси хонаву дарат шав, дидорҳо то қиёмат, – гуфт амаки Раҳим чашмонашро пӯшида.

Сабоҳат саросема ба ҳавлӣ баромаду оҳи пурдард кашида, бо нӯги рӯймоли калонаш ашки чашмонашро тоза карда, бо овози ларзону чашмони гирён ба янгааш – Майсара гила намуд:

– Янгаҷон, чӣ кор кунам? Бародарам хоҳиш кард, ки шаб монам. Наметавонам. Дилам об шуд. Худо гирад кисмати бадамро, ки як умр дастнигари марди гандадаҳан будам...

– Хоҳари ҷон, бисёр дилатро хун накун. Иншоаллоҳ, бародарат бақувват аст, аз Худои худ умед дорам. Раҳми фарзандонамро хӯрда, падарашонро дар пешониамон меғунҷонад. Ман бе падарашон бо чор бача чӣ кор мекунам? – гуфта, Сабоҳатро ба оғӯш кашиду домони гиряро сар дод Майсара. Маълум буд, ки ба гуфтаҳояш бовар надошт. Ҳар ду зани ғамзада чун борони навбаҳор гири-

станду гиристанд...

Амаки Раҳим дар вопасин нафасҳояш ҳаёташро саҳифагардон намуда, беҳтарин лаҳзаҳои рӯзгорашро пеши рӯ овардан мехост. Чашмонашро пӯшид. Давраи ҷавониашро ба ёд оварданӣ шуд: муяссараш нагашт. Боз оташ гирифт, гарм шуд. Хост ҳамсарашро ҷеғ занад, ки тирезаро кушояд: овозаш набаромад. Холаи Майсара аз пушти меҳмон барои гусел баромада буд.

Мӯйсафед зӯр зада, ҷуссаашро аз бистар раҳо кардан хост, то дақиқае бишинад. Натавонист. Ба атроф нигоҳ кард: асояш, ки чанд рӯзи охир ба он даст нарасонда буд, дар назди бистараш меистод. Бо дастони ларзон онро гирифта, бо тамоми неру онро ба шишаи тиреза нею ба тахтаи он гузошта тела дод. Тиреза калон кушода шуд. Насими форам вориди хона гашт. Мӯйсафед нафаси чуқур кашид. Холаи Майсара шитобон ба хона даромада хитоб кард:

– Чӣ гап шуд, мӯйсафед!? Тарсидам…

– Очаш, натарс. Дилам танг шуд, тирезаро кушодам, метавонӣ онро бипӯшӣ. Хунук хӯрдам. Рав, аз пайи корат шав! Ман ҳам кор дорам… – гуфту чашмонашро пӯшид.

Аз ду бари рӯяш ашк мешорид. Чун навори филм ҳаёташ оҳиста аз пеши назар гузашт: Кӯдакии ӯ ба солҳои пеш аз ҷанги Олмон рост омада буд. Дар он ҷанг аз ҳар хона як – ду нафарӣ қурбон шудаанд. Падари Раҳим низ охирҳои соли 1944 – ум аз тири душман кушта шуд, хатти сиёҳ хонаи онҳоро сиёҳтар аз шаби тор намуд. Оҳу нолаи модар ва се хоҳараш дили ӯро реш мекард. Саломатии модар ва хоҳаронаш ҳам хуб набуд. Аз сардӣ ва гуруснагӣ азоб мекашиданд. Модар бо умед насиҳаташ мекарду ҳамзамон васият:

– Бачаҷонам, акнун ту ягона марди хонаӣ. Баъди сари ман хоҳаронатро танҳо намон…

Баъди як ҳафта аз олам чашм пӯшид, модар.

Хоҳаронашро ба Хонаи кӯдакон супориданду ӯро ба хидмати ҳарбӣ даъват карданд. Гарчанде дар комиссариати ҳарбӣ фаҳмонданд, ки Раҳим сардори оила аст, беҳуда баромад. Ҷавони қадбаланд ки буд, ӯро ба хизмати баҳрӣ

фиристоданд. Се сол хидмат кард. Соли аввал аз надонистани забони русӣ азоб кашид, сипас ҳамааш хуб шуд.

Баъди адои хидмат аз пайи ёфтани хоҳаронаш шуд. Ду хоҳари хурдаш аз касалии домана фавтида, хоҳари калонӣ – Сабоҳат мактабро хатм мекард. Онҳо бо оҳу нолаи сӯзон ҳамдигарро ба оғӯш кашида, аз тақдиру қисмати бадашон ашк рехтанд. Лаънат ба ҷангу ҷангҷӯён гуфтанд. Ӯ дар колхоз кор карда, хоҳарашро бо обрӯ ба шавҳар баровард. Сабоҳат дар оилаи серфарзанде аз деҳаи ҳамсоя келин шуд. Ду сол фарзанд наёфт. Хусуру хушдоманаш одамони ҷоҳил буданд. Дар ду – се моҳ як маротиба иҷозати хонаи бародар омадан дошт. Баъди ду соат ба хонааш бармегашт. Бародар бошад, мехост хоҳарашро тез – тез бинад. Ҳар гоҳе хабаргирӣ равад, қошу қавоқи хусуру хушдомани ӯро сахт гирифта медид. Боре, ба хоҳараш, хонаи ӯ омада буд,гуфт:

– Сабоҳатҷон, хоҳари азизам, ба хонаи хуб наафтидаӣ. Биё, ҷудо шав. Худам рӯзатро бо шоҳӣ мегузаронам.

– Акаҷон, аз ҳаёти ман дар ташвиш мабош. Ҳамааш хуб мешавад. Ҳама дағалии хонавода аз бефарзандии ман аст. Худо хоҳад, ба наздикӣ модар мешавам…

Аз шунидани ин хушхабар бародар хурсанд шуда, тӯҳфаҳои бисёр хариду хоҳарашро худаш ба хонаи шавҳар бурд…

Раҳим ҳам баъди чанд ҳафта хонадор шуд, бо тӯю тамошо ва ҳаваси зиёд. Баъди панҷ соли хонадорӣ аз бефарзандӣ ҷудо шуданд. Бори дувум ҳам фарзанд наёфт. Бори севум ба зани шавҳармурдаи кӯдакдор издивоҷ кард. Ба ҳавлиаш по гузоштани Майсара ва Мурод хайру сафо овард.

Лабони парсингбастааш майли табассум карданд.

Паю қадами Майсара ва Мурод ҳаёти ӯро тағйир дод. Писари якум, дувум ва севум… пайи ҳам ба олам омаданд…

– Оҳ, фалак, оҳ, фалаки бешафқат! – нолиш кард мӯйсафед. – Фалаки бевафо, нагузоштӣ, ки фарзандонамро хононам, тӯю тамошо дода, хонадор кунам, роҳати

онҳоро бинам. Охир, мурдан намегурезад – ку! Омадани марг бебозгашт аст. Афсӯс…

Амаки Раҳим холаи Майсараро наздаш хонда хоҳиш кард:

– Очаш, ҳамсояамон Тошалиро даъват кун.

– Тинҷӣ аст, мӯйсафед? Ба амаки Тошалӣ чӣ кор доред?

– Очаш, гапро зиёд накуну фирист бачаҳоро ба хонаи Тошалӣ. Аз ӯ як чизро пурсидан мехоҳам.

Баъди чанде Тошалӣ давида ба ҳавлӣ даромаду:

– Ҳамсояҷон, чӣ шуд!? – азбаски аҳли деҳа аз бемории амаки Раҳим хабар доштанд, изтиробашро пинҳон накарда пурсид.

Майсара китф дарҳам кашида посух гардонид:

– Намедонам, назди амакатон дароед.

Мӯйсафед аз омадани Тошалӣ хурсанд шуд. Онҳо дар танҳоӣ суҳбат карданд. Баъди ним соат Тошалӣ бо амаки Раҳим хайрухуш намуда, ба ҳавлӣ баромаду табассуми рамздоре кард.

– Ҳамсояҷон, мӯйсафед чӣ гап доштааст? – пурсид Майсара нӯги рӯймолашро зери дандон карда.

– Хоҳарам, рости гап, мақсади амаки Раҳимро нафаҳмидам. Ӯ чӣ тавр пайванд кардани олу ва гелосро пурсид. Гуфт, ки насиб бошад, баҳорон якчанд дарахтро пайванд хоҳад кард. Иншоаллоҳ, бемории мӯйсафед рӯ ба беҳбуд овардааст, модоме ки баҳорон нияти пайванд кардани дарахтонро дорад, – гуфт Тошалӣ ва бо табассуми малеҳ бо хонавода хайрухуш карда, аз ҳавлӣ баромад.

Оби ҷӯйборе, ки аз шафати ҳавлӣ мегузашт, имрӯз хеле лой буд. Одатан, рӯзҳое, ки борони сел меборид, об чунин ранг мегирифт, аммо имрӯз борон наборидааст.Чаро об лой аст? Аз вазидани насими сабук баргҳои хазони зарду сурхшудаи дарахтони ҳавлӣ ва боғчаи назди хона шибир – шибиркунон алвонҷ хӯрда, гӯиё рақскунон ба рӯи ҳавлӣ мерехтанд. Аз шаб боз бетоқатӣ ва уллоси саги Хайбари гӯшбуридаи чӯпонӣ ба дили хонавода сиёҳӣ мекорид. Саги чашмонаш обраву ғамолуда гирди сутуни долон чарх мезаду дуздида – дуздида сӯи тирезаи пастаки хонаи хоби амаки

Раҳим нигоҳ мекард. Мегӯянд, ки саги вафодор аз пешомади нохуш пештар аз дигар махлуқоти хона огоҳ мешавад.

– Очаш, Муродҷонро ба наздам бихон, – дастур дод амаки Раҳим.

Холаи Майсара хомӯшона лаб газида, ба ҳавлӣ баромад. Сояи ҳарос дилашро сиёҳ карда буд. Муродро, ки ба тоза кардани оғил машғул буд, ба назди падараш хонд. Як сар гови дӯшо, гӯсола ва ду гӯсфанду се буз сарвати ин оила ба ҳисоб мерафт. Холаи Майсара ҳар рӯз панҷ – шаш литр шир дӯшида, як литрашро барои хонавода истифода мекарду дигарашро фурӯхта, сарфи камбуди рӯзгор менамуд.

Мурод молхонаро тоза рӯфту намаксанги калонеро аз як гӯшаи оғил кашолакунон ба назди охури гов овард. Гови қашқаи пешонасафед забонашро бароварда, ба лесидани намак оғозид. Аз тирезачаи хурдакаки оғил поруи ғункардаашро ба берун партофту барои тапак дар як ҷо ҷамъ кард ва дастонашро шуста, либосҳояшро афшонду мӯзаҳои кершашро, ки махсус дар кори саҳро ва оғил мепӯшид, дар зери долон аз по кашида, як сӯ гузошту ба хона даромад.

## МАЙСАРА

**«Қонуни арзандаҳо некӣ кардан**
**ва аз низоъ дур будан аст»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Майсара бо орзуҳои зиёд оила бунёд карда бошад ҳам, ноумед гашт. Баъди ду соли хонадорӣ шавҳараш ба садамаи нақлиётӣ дучор шуда, ин дунёро падруд гуфт. Дар хонаи хусуру хушдоман як сол иззати арвоҳи шавҳар поида, маросимҳои се, ҳафт, чил, сол ва ҷумъагиҳоро гузаронд. Ҳама кори хона – гов дӯшидану ширро пухта ҷурғот хобондан, рӯбучин, хамир кардану нон пухтан, ҷомашӯӣ ва дар мавсими пилла кирмак парваридан, пахта чидану бегоҳӣ як дарза алафро болои сар монда, барои говҳо овардан ва тарбияти кӯдаки яксолаи ширмакаш вазифаи Майсара буд.

Баъди кори рӯзона монда мешуду дар сари гаҳвораи тифлакаш – Мурод дам мегирифт. Ӯро мемаконду гаҳвораро ҷунбонда алла мегуфт ва бо оби дида дилашро холӣ мекард. Хоҳарони шавҳараш:

– Янга, туву писарат пайи қадами хуш надоштаед, акаамон ҷавонмарг шуд, – гуфта пичинг мезаданд. Рӯи хушаш намедоданд. Дар ҳолати сӯҳбату хандида нишастанашон ҳам агар Майсара ба онҳо наздик мешуд, аз ханда монда қавоқ меандохтанд. Ғамгин гашта, аз онҳо дур мешуд ва ба назди гаҳвораи писараш – ягона ҷои ғамбарораш мерафт. Вазъият дар хонаи хусуру хушдоман барояш сангин буд. Дандон ба дандон монда, домони тоқатро аз даст намедод. Мехост рӯҳи шавҳар аз ӯ шод бошад, охир онҳо бо нияти нек ва орзуҳои зиёд хона обод карда буданд. Шавҳараш – Нодир баъди хидмати ҳарбӣ, либоси низомӣ дар тан, Майсараро дар лаби чашма дида, бо чеҳраи шукуфон гуфт:

– Духтари зебо, чӣ мешавад, агар аз дасти шумо об менӯшидам? – ва борхалтаашро аз китфаш гирифта ба замин монду ба Майсара дида дӯхта хитоб кард:

– О, шумо ҳамсояи мо, духтари амаки Шариф нестед? Пеш аз аскарӣ рафтанам духтарчаи мактабхон будед. Дар байни се сол ин қадар тағйир ёфтаед. Арӯси нозанин шудаед!

Майсара аз гуфтаҳои Нодир каме сурх шуд, ба ҳуснаш ҳусни дигар зам гардид. Сатили аз оби чашма нимапурро ба дасташ дод. Банди дастони сап – сафеди духтар, ки аз зери остинҳои болошуда намоён шуда буд, дили Нодирро ба ваҷд овард. Ҷавон оби мусаффои чашмаро нӯши ҷон менамуду аз духтар чашм намеканд. Майсара низ бо ҳавас ба қаду баст ва либоси низомии ӯ, ки ба қоматаш шинам афтода буданд, назар карда, аз суханони ширинаш ҳаловат мебурд.

– Духтари амаки Шариф, агар иҷозат диҳӣ, сатилҳоятро то пеши хонаатон барам.

– Не, акаи Нодир. Худам мебарам, агар ҳамсояҳо бинанд, ҳар гап гуфтанашон мумкин, – гуфт Майсара сатилро аз дасти Нодир гирифта. Шир – шири гӯшнавози

оби чашма гӯё талқини шавқи наврӯи ду ҷавон мекард..

– Барои чӣ ту номи маро медонию ман номи туро не? – хандида пурсид Нодир.

– Номам Майсара, – чашм аз замин наканда оҳиста посух гардонд духтар.

Дар сурхии  рухсораҳояш афзуд. Гӯшвораҳои арзонаки бо дасти кадом заргари чирадаст сохтааш меҷунбиданду ба ҳуснаш ҳусн зам мекарданд. Баъди як ҳафтаи ин мулоқот хостгорҳо ба хонаи амаки Шариф омаданд. Моҳе нагузашта зери навои дафу чанг тӯйи арӯсии Майсара баргузор шуд…

Зиндагии ширине оғоз карданд. Тавлиди нахустфарзандашон – Мурод ба хурсандиашон хурсандӣ зам кард. Бибӣ ва бобо низ аз чунин келини уҳдабаро ва набераи ширбӯ шод буданд. Интихоби писарашон ба муроди дили онҳо буд. Бо орзуҳои зиёд дар як гӯшаи ҳавлии падар хона бунёд карданд, вале... Аз бемасъулиятии ронандаи мошини хориҷидор, ки писари кадом калоншавандае будаасту маст пушти чамбараки мошин нишастааст, Нодир қурбон гашт. Он шахси калоншаванда бо дасти кадом шогирдаш маб лағи ночизеро фиристода:

– Даъво накунанд, ба сарашон балои дигар наояд боз, – гуфта таъкидашон ҳам кардааст.

Хусуру хушдомани нодор маблағи ночизро ӯлҷа дониста:

– Насибамон ҳамин будааст, – гуфта ба ҷое шикоят намекунанд. Аз марги Нодир як сол мегузарад: як соли пур аз ғаму таҳқир, асабҳои харошёфта, тифлаки гирён, хонадони ҳайрон. Ҷаҳон барояш дигар қадреву маъние надошт. Фақат гиряи Мурод ӯро ба худ меовард ва ба зиндагӣ дилашро гарм мекард. Мешитофт ба назди писараш. Охир, ҳамин тифл ягона вуҷудест, ки ба ӯ, ба навозиши модаронааш ниёз дорад. «Ӯ муҳтоҷи модар аст. Ман бояд фарзандамро ба по монам. Охир, Муродам ягона нишонаест аз муҳаббати пурсӯзу гудози ман, нишонаест аз он марде, ки омода буд, дунёро дар пеши поям пойандоз гардонад. Ҳайф, сад ҳайф, ки қисмат пастиву баландиҳои зиёде доштааст,» – гуфта, Майсара оби дида мерехт. Баъзан мехост

дод гӯяд аз чунин қисмат, аммо сӯзашро фурӯ мебурду «Худо аз ин бад накунад,»- гуфта тавба мекард.

Рӯзи дастархони шавҳарашро ғундоштан, баъди меҳмонҳоро гусел кардан, хусураш падари Майсараро нигоҳ дошта:

– Қудо, каме маътал шавед, маслиҳатамон ҳаст, – гуфт.

Падари Майсара низ ин маслиҳатро интизор буд. Ҳар гоҳе азоби духтарашонро ҳамсараш ба ӯ мегуфт, дилаш хун мегашт, мехост духтараш ба хона баргардад, аммо Майсара:

– То соли шавҳарамро надиҳем, хонаашро тарк намекунам. Бечора шавҳарам дар ин дунё чизе надид. Бигузор дар гӯр ором бихобад. Донад, ки муҳаббаташ баъди марг низ дар дилам ҳаст, – гуфта пешниҳоди падарро рад мекард.

Хонавода дар ҷунбуҷӯл: яке табақ мешусту дигаре дастархон меғундошт, севумӣ кӯрпачаҳои зери пои меҳмонон ро такида, тахт мечинд. Майсара низ деги калони маъракагиро мешӯст. Падараш амонатак дар лаби суфа нишаста, ба ҷунбуҷӯли аҳли хонавода назора мекард.

Хусур дар назди қудояш нишаста ба Майсара гуфт:

– Келин, мон шӯстани дегро, соҳибони хона худашон мешӯянд. Ба назди мо биё.

Иборaи «соҳибони хона» махсус талаффуз шуд. Хушдоман низ даъватро интизор нашуда, докаи калони сафеди сарашро рост намуду остинҳои кушоди куртаашро фуроварда, омада назди шавҳараш рост истод. Майсара ҳам чун шахси гунаҳгор ба суфа, аз тарафе ки падар менишаст, наздик шуда хомӯш буд.

– Қудо, – сухан оғоз кард хусур, – раҳмат барои тарбияи кардаатон. Духтаратон як сол ҳурмати шавҳарро поида, ба мо хидмат кард. Мо ҳам инсонем, инсоф дорем, келинамон ҳоло ҷавон аст, нафс дорад, бояд шавҳар кунад. Агар розӣ бошед, набераамонро худамон ба воя мерасонем. Шумо духтаратонро бо худ баред…

Майсара баробари шунидани ин суханҳо беихтиёр дар ҷояш ларзид ва:

– Падарҷон, ман аз ин хона бе фарзандам ба ҳеҷ куҷо

намеравам! Мурданро ба гардан мегираму аз фарзандам ҷудо намешавам. Танҳо ба хотири ҳамин ҷигарбандам зиндаам, набошад ҳаёт бароям дигар маъно надорад! – гуфта, домони гиряро сар дод.

Падари Майсара оҳи чуқуре кашида:

– Қудоҷон, дар халқ мегӯянд, ки «гӯсоларо даҳонаша банду аз қафои модараш сар деҳ.» Тифли ширхораи модар ба худаш зеб дорад. Дарҳои хонаи мо ҳамеша барои бибиву бобо кушодааст. Духтарам, парпеч кун писарат ро, ба хона меравем, – гуфту омин карда аз ҷояш хест.

Майсара ба ҳуҷраи дарун даромаду саросема тифли хобидаашро аз гаҳвора кушода, гӯиё касе ӯро аз дасташ мегирифта бошад, ба синааш зер карда, аз хона баромад. Кӯдаки хоболуд аз сахт ба сина зер кардани модар, ё аз хоби ширин нофор шудан, ё аз хонаи падар рафтанашро ҳис карда буд, ки бо овози баланд ба гиря даромад. Хусуру хушдоман ва хоҳарони шавҳар ҳама гиря мекарданд.

– Худоё, кош ҷони маро мегирифтиву ин лаҳзаро намедидам. Кош ҳамон рӯзи тобути писарамро баровардан келинамро мебаровардаму ин рӯзи маҳшарро надида, дувумбора намесӯхтам! – нола мекард модари ҷигаррехтаи Нодир.

Падар пеш – пеш, Майсара, тифл дар даст, аз қафо ба ҳавлии падар ворид гаштанд. Модар ва келини хонадон дар миёни ҳавлӣ онҳоро пешвоз гирифтанд.

– Духтари нимколаи хонавайронам, духтари берӯзии сағирабадастам, духтари шӯрбахту шӯрдоманам! – гуфта модар нолакунон Майсараро бӯсиду набераашро аз дасташ гирифт.

– Наход Майсараро аз хонааш холӣ берун карданд, ақаллан, гаҳвораашро надоданд? Бачаашро дар куҷо мехобонад? Охир, аз хонаи падар дар як мошини боркаш кӯрпаю кӯрпача бурда буд – ку? Тавба, тавба, шармандагӣ… – гуфта буд Моҳбону – келини хонадон, ки падар:

– Келин, ба ҳар ош қатиқ нашав, равед, аз пайи кори худ бошед! Худо аз шармандагӣ нигоҳ дорад. Духтарам ягон кори паст накардааст, ки шармандагӣ, гӯед – гуфта

келинро шарм доронд ва ба ҳамсараш хитоб намуд: – Ба ту чӣ бало зад, ин ҳама нола аз барои чист!? Ҳамаатон шунавед! То ман зиндаам, намегузорам, ки духтару набераам хор шаванд. Фаҳмидед!?

Субҳи рӯзи дигар хусури Майсара дар як мошин ҷиҳози келинашро оварда, дар ҳавлӣ фуроварду набераашро рӯи даст бардошта дӯстдорӣ кард ва ба келин дуои нек дода рафт. Моҳбону ин ҳолатро дида, чи гуфтанашро намедонист…

Рӯзҳо пайи ҳам сипарӣ мешуданд. Ба Майсара тарбияи як писар сангин набошад ҳам, барои гирифтани пеши даҳони мардум ба шавҳар баромад. «Қурбоқа шӯ дорад, ба худ обрӯ дорад,» – мегӯянд. Дар деҳа чанд марди зандору хонадор хостанд ӯро зани дувум кунанд, қабул накард. Намехост боиси рехтани оби дидаи зане шавад. Дар фермаи колхоз кор мекард, говҷӯши пешқадам буд. Ризқи худ ва писарашро бо меҳнати ҳалол меёфт. Фақат серҷоғии Моҳбону, ҳамсари бародараш, маъюсаш мекард. Аз қиёфаи янгааш гӯиё доим барфу борон мерехт, аз зери лабони борики хушкаш чор дандони калони пешаш, ки аз филизи зард, кадом як духтури ноуҳдабарои дандон сохта буд, табассумашро нозеб ва даҳшатнок нишон медод. Аз забони нешдораш ҳамеша гӯиё заҳр пош мехӯрд. Сухани пандомези халқ, ки «захми сухан аз захми тир сӯзонтартар аст» дуруст будааст. Бечора Майсара ба хотири писараш тоқат мекард, ба ҳама таънаву маломати янга пушти даст мегазиду тоб меовард.

– Зани бешавҳар аспи белаҷомро мемонад, – дар ҳар сари қадам заҳр мезад Моҳбону. – Як хӯранда кам набуд, ки дутояш дарди сари ман шудааст. Иштиҳои писарат карнай, ҳаққи чор паҳлавонро мехӯрад. Бечора шавҳарам дар ғарибӣ мардикорӣ карда, пул мефиристаду туву писарат калон – калон мехӯред. Кош ягон мӯйсафеди занмурда мебаромаду шавҳар мекардӣ. Ҷонам аз туву сағираат халос мешуд. Метарсам, ҳамон занмурда ҳам туро бо ин писарат ба занӣ намегирад. Охир, чанд духтари нозанин дар деҳа бешавҳару зор мондаанд, ку ягон мард сӯи онҳо нигоҳе кунад, – ғурғуркунон боз ким – чиҳои дигаре гуф-

та, безебу хунук ва дуру дароз чор дандони калони заб – зарди оҳаниашро намоиш дода механдид.

Янга мехост, бо ин роҳ Майсараро аз дари падар берун созад. Беҳуда нагуфтаанд: «Неши ақраб на аз раҳи кин аст, муқтазои табиаташ ин аст». Баъди чунин кинояву наҳ заданҳо Майсара ба худ суол медод: Чӣ лозим бошад ба одамон озори якдигар? Ва чанде нагузашта, «Бевагӣ ҷомаи бадномӣ дорад,»- гуфта, барои ба шавҳар баромадан розигӣ дод. Насибаш амаки Раҳим будааст. Раҳим ду бор хонадор шуда бошад ҳам, фарзанд наёфта, бори севум ба Майсара хостгор фиристод. Дар синну сол аз Майсара 15 сол калон буд, вале ӯ ба хотири писараш Мурод ба ин хостгорӣ розӣ шуд.

Аз омадани Майсара ҳавлии Раҳим, ки манзили хомӯшонро мемонд, ба биҳишти рӯи замин табдил ёфт. Майсара, ки зани чаққону меҳнатдӯст буд, ҳавлии Раҳимро гулистон, боғашро бӯстон, оғилашро пур аз гову мол, хонаашро сербача ва дастархонашро пур аз нони кулча кард. Ҳамсояҳо низ барои ҳоҷат баровардан тез – тез ба Майсара муроҷиат мекарданд. Чевари хубе ҳам буд. Куртаву камзӯлчаҳои арӯсӣ, ҷома ва тоқиҳои гулдӯзӣ, кӯрпаву болиштҳои зардӯзӣ медӯхт. Кӯшиш мекард, ки бо шавҳараш аробаи зиндагиро якҷоя бикашанд.

Мурод низ соҳиби падари меҳрубон шуд. Раҳим гаштаю баргашта, шукри онро мекард, ки бо паю қадами Мурод соҳиби чор шоҳписар гашт. Беҳуда нагуфтаанд: «Ҳар ки хандонад ятими хастаро, боз ёбад ҷаннати дарбастаро.» Раҳим чун фарзанди азизи хона ба Мурод муомила мекард. Мурод, ки навозиш ва меҳру муҳаббати падарро надида буд, ба Раҳим меҳр баста, чун фарзанд иззаташро ба ҷо меовард. Дар назди ҳамсинфон бо фахр «падарам гуфтанд, ки…, бо падарам якҷоя бозор рафтем…, падарам рӯзномаамро дида таърифам карданд» ва ғайраву ғайраҳо гуфта, аз ӯ ифтихор мекард. Вале чӣ мегӯед, ки зиндагӣ ҳамеша дар як маҷро ҳаракат намекунад ва ин қонуни нонавишта ба зиндагии онҳо ҳам асар кард. Мурод рӯзе аз кӯча баргашту худро болои тахти хобаш партофту зор – зор гирист.

– Муродҷон, ба ту чӣ шуд, барои чӣ гиря мекунӣ? – пурсид Майсара аз писараш.

– Модарҷон, Фарҳоди писари қорӣ Шариф мегӯяд, ки амаки Раҳим падари ту не, шавҳари модарат аст. Падари ту дар таги хоки хунук.

Дунё чапаву роста шуд дар назари Майсара. Писарашро ба оғӯш кашида, баробари ӯ ба навҳа даромад. Амаки Раҳим аз кӯча омада, беихтиёр шоҳиди ин суханони Мурод шуд.

– Муродҷон, – сари ӯро бо навозиш сила кард амаки Раҳим. – Падар ҳамон аст, ки туро тарбия мекунаду ба воя мерасонад, ба роҳи рост ҳидоят мекунад, барои сафедро аз сиёҳ фарқ кардану бадро аз нек ҷудо намудан ёрӣ мерасонад. Аз суханони бачаи беодоб ва бетарбия хафа нашав, – гуфту шитобон ба кӯча баромада, дар масҷиди деҳа бо қорӣ Шариф суҳбати дурудароз кард.

Бегоҳ аҳли оила болои суфаи таги тут хӯроки шом мехӯрданд, ки қорӣ Шариф аз дасти писараш гирифта, аз паси дарвоза пурсид:

– Муродҷон, ҳой Муродҷон! Падарат дар хонаанд?

– Ассалом, амакҷон, биёед, падарам дар хона, – гуфта Мурод онҳоро ба ҳавлӣ таклиф кард. – Марҳамат, дароед, он кас дар болои суфа нишастаанд.

Қорӣ Шариф ба назди суфа нарасида, аҳли оила аз ҷо хестанду онҳоро «хуш омадед» гуфтанд.

– Раҳимбой, бародари азизам, имрӯз ба ман дарси ибрат шуд. Росташро гӯям, баъди омадани шумо бисёр фикр кардам, мехоҳам барои тарбияи нодурусти фарзандам аз шумо узр пурсам. Фарҳод низ аз ҷӯрааш Мурод бахшиш пурсиданӣ.

Онҳо баргашта диданд, ки аллакай Фарҳод ва Мурод дасти ба даст ба кӯча давида рафтаанд.

Кина бегумон шуста шуд.

# ТАШВИШИ ХОНАДОН

**«Танҳо барои худ зистан зиндагӣ нест.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

– Падарҷон, Шумо маро суроғ кардед? – пурсид Мурод даст пеши бар ба назди амаки Раҳим даромада.

– Ҳа, писарам, – дардашро базӯр фурӯ нишонда ҷавоб дод мӯйсафед ваилова кард: – Биё, дар наздам бишин. Ба ту гуфтаниҳои зиёде дорам. Муродҷон, акнун ту марди хона ҳастӣ, се бародаратро хоршавӣ намон. Офтоби умрам дар ғурубу поям ба лаби гӯр расидааст. Модару бародаронатро ба туву туро ба Худо месупорам. Орзу доштам, ки шумо – писаронамро соҳиби касбу ҳунар гардонам. Дидан мехостам, ки мактаби олиро хатм намуда, дар ҷамъият ҷой шоиста меёбед, аммо ҳис дорам, ки умр вафо намекунад. Само ба боғи орзуҳоям жолаву тарма рехтааст. Писарам, нури дидагонам, орзуи маро амалӣ намо! Ба бародаронат падар шаву онҳоро соҳиби маълумот бигардон, – бо ин суханҳо чашмонаш ҳавзи пуроберо мемонданд. – Боз як гапи дигар доштам, писарам. Пайванд кардани олуву гелосро аз Тошалӣ пурсидам. Насиб бошад, баҳор ҳамон се дарахти олуро пайванд мекунӣ, – гуфта, усули пайванд карданро ба Мурод фаҳмонид.

Рӯзи дигар амаки Раҳим ин дунёро падруд гуфт. Беҳуда нагуфтаанд: «Аз гаҳвора то тобут омӯз». Мурод, ки он лаҳза дар сари болини бемор буд, шитобон ба ҳавлӣ баромада:

– Очаҷон! Падарам, падарам… – гуфту бо пушти даст ашкашро тоза карда, бо тамоми овоз гиря кард.

Модар ва додаронаш давида ба хона даромаданд. «Таъбири хоби шаб дидаам ҳамин будааст,» – аз дил гузаронид Мурод.

Ӯ субҳи барвақт хоб дид, ки *дар ҳавлиашон гулхани калоне афрӯхтаанду амаки Раҳим дар гирди он, зери навои*

*шӯх рақс мекард, баланд – баланд механдид, нохост алангаи оташ ӯро ба коми худ даркашиду аз назар ғоиб гашт.* Пагоҳӣ хеста ба модар чизе нагуфт, нахост ӯро ғамгин кунад, аммо сояи шубҳа дилашро сип – сиёҳ карда буд…

Он вақт Мурод ҳамагӣ 17 сол дошт. Се додараш, ки хурдӣ 7 – солаву бузургаш 12 – сола буднд, дар тарбияи ӯ монданд. Тақдир пеш аз муҳлат бори зиндагиро бар дӯши Мурод афканд. «Аз тақдир ҷои гурез нест,» – гуфтани мардум беасос набудааст. Саҳар барвақт, баробари шунидани бонги хурӯс, ҳамроҳи модараш ба ферма мерафт. Модар гов медӯшид, ӯ бошад, таги пои ҳайвонҳоро тоза карда, ба онҳо ғизо медод. Баъди анҷоми кори ферма ба саҳро, ба пахтачинӣ, мешитофт. Нисфирӯзӣ, соати фароғат, барои ғизои чорво аз лаби каналу заҳбур алаф даравида дарза мебасту то бегоҳ боз ба ёрии модар мешитофт. Баъди анҷоми ин корҳо дарзаи алафи бастаашро бардошта ба хона меовард.

Сарвари оила ки буд, ӯро ба хидмати ҳарбӣ даъват накарданд. Курси кӯтоҳмуддати ронандагиро хатм намуда, аввал, ронандаи трактор шуду баъд ба пушти чанбараки мошини боркаш нишаст. Дар мавсими пахтачинӣ бо комбайн ба ҷамъоварии ҳосил мебаромад.

Холаи Майсара ҳам аз бемории сангин, баъди як соли фавти амаки Раҳим ин ҷаҳони фониро падруд гуфт. Акнун Муроди 18 – сола барои додаронаш ҳам падар буду ҳам модар. Шаб ки мешуд:

– Акаҷон, маро дар кӯча бачаҳо ятими бепадару модар мегӯянд, – шикоят мекард Маъруф.

– Акаҷон, маро низ ҳамсинфон сағира мегӯянд. Дигар ба мактаб намеравам, – мегуфт Носирҷон.

– Акаҷон, афсона гӯед, – хоҳиш мекард Анвари хурдакак.

«Худоё, ба ман қуввату тавон бидеҳ, дар пеши дӯсту душман шармандаам накун! Охир, ман ба падар ваъда дода будам, ки додаронамро хоршавӣ намемонам,» – хомӯшона илтиҷо мекард пеши Офаридгор.

– Ғам нахӯред, азизони дилам, ин рӯзҳо гузарандаанд. «Поёни шаби сиёҳ сафед аст», гуфтаанд. Шумо бепадару

модар ё сағира нестед. Ба ҳама фаҳмонед, ки падару модари шумо манам.

Дар маҷлиси падару модарони хонандагони мактаб ба ҷои волидон иштирок мекард. Агар додаронаш суст хонанд, онҳоро танбеҳ медод. Рӯз дар ферма ва саҳро машғули корубори хоҷагӣ буд, шаб бошад, пухтупазу ҷомашӯӣ мекард ва ба дарстайёркунии додаронаш кумак мерасонид. Дӯшидани говҳоеро, ки ба модараш вобаста буданд, дар ферма ба ӯҳда гирифта буд. Говдӯшҳо аз ӯ ибо намекарданд, баръакс, бо шӯхиҳои беғаразонаи худ шармаш медоронданд:

– Муродҷон, ту ягона хурӯс ҳастӣ дар байни мокиёнҳо, зиқ нашудаӣ? – гӯё дар омади гап шӯхӣ мекард яке.

– Чаро зиқ мешудааст? Як ишора кунад, бо навбат қуд – қудкунон давида наздаш меравем, – ба ӯ шарик мешуд дигаре.

– Муродҷон, ба гапи ин беваҳо гӯш накун, фақат сӯи худам ишора кун, – ҳамроҳ мешуд ба онҳо севумӣ ва ҳама қоҳ – қоҳ механдиданд.

Дар миёни занҳои шӯху бебоки аскиягӯ Мурод худро нороҳат ҳис мекард. Фақат мудири ферма – амаки Солеҳ гоҳ – гоҳ тарафашро гирифта, занҳоро танбеҳ медод:

– Ҳой, занҳои бешарм! Айбро намедонед? Мурод ба ҳамаатон фарзанд мешавад. Агар як бори дигар ҳамин шӯхиҳоятонро шунавам, аз кор пеш мекунам, фаҳмидед? – гуфта, Муродро аз занҳои шаттоҳ раҳо мекард.

Мурод хам бо рафтору гуфтори хуб даст пеши бар якеро «апаҷон», дигареро «холаҷон», севумиро «бибиҷон» гуфта, дили ҳамаи занҳоро ёфта буд.

# ИШҚИ БЕБАРОР

**«Сӯзиши фирокро шахсе эҳсос мекунад,**
**ки дӯст медорад.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Субҳи босафо дар рӯи ҳавлӣ ва гузарҳои деҳ домони шабнамзадаашро пойандоз густурда буд. Хуршеди оламафрӯз аз пушти қатортепаҳо сар кашида, анвори заррини худро чун рамзи рӯзи неку бобарор ҳама ҷо пош медод. Мурод сапедаи субҳро дӯст медошт, чунки як лаҳза ҳам бошад, ба дидори ӯе, ки бо тамоми ҳастӣ парастишаш мекард, мерасид. Вақте ки дар синфи даҳум мехонд, ба Хуршедаи нозанин – духтари мудири ферма сахт дил баст. Ҳар саҳар, баъди анҷоми гов дӯшӣ ва дигар корҳои ферма, дар як зарфи махсус болои шири дӯшидаашро ҷудо карда, ба хонаи Хуршедаино мебурд. Ин супориши хоссаи мудири ферма – амаки Солеҳ буд. Ва ҳар сахар Хуршедаи хандонрӯи наҳифҷусса, ки дар синфи 8 – ум мехонд, ба пешвозаш баромада, аз дасташ зарфро мегирифту табассуми зебое карда, «раҳмат» – гӯён давида ба ҳавлиашон медаромад.

Ҳамин ҳол ду сол давом кард. Онҳо танҳо бо нигоҳ якдигарро мефаҳмиданд, ширин табассум мекарданд, аммо изҳори муҳаббат намуданро Мурод ҳатто ба гӯшаи хаёлаш ҳам оварда наметавонист. Охир ӯ кист? Говдӯш! Подабон! Ятими бепадару модар ва парастори се фарзанди падар! Магар ӯ ҷуръат карда, ба Хуршедаи нозанин, духтари мудири ферма – шахси баобрӯи деҳа, муҳаббаташро изҳор менамояд? Ҳаргиз! Ҳама ба ҳолаш механданд. Охир, ӯ куҷову Хуршедаи нозанин куҷо?

Хуршеда баъди хатми мактаби миёна рӯзе ба ферма омада, аз гӯшае ба Мурод дуру дароз дида дӯхт. Даври лабони ғунчааш табассуми зебое нақш баста ҳуснашро меафзуд. Хост ба наздаш биравад, аммо… Рӯзи дигар, бегоҳи шанбе, дар наздикии хонаи падари Хуршеда, тӯй баргузор шуд.

Соҳиби тӯй ҳофизи номиеро аз маркази ноҳия даъват карда буд. Хурду бузург барои тамошои базми ӯ ҷамъ омаданд. Мурод ҳам баъди саришта кардани корҳои рӯзгор либосҳои нимдошти худро пӯшида, мӯи сарашро шона карду дар назди оина лаҳзае ба худ дида дӯхт. Гардани баланд, рӯи офтобхӯрда, бинии рост, чашмони равшани бодомӣ ба ӯ басо зебанда буданд. Нохост аз оина ба ӯ Хуршедаи зебо бо чашмони обӣ ва лабони чун ғунча зебо лаҳзае табассумкунон нигоҳ карду нопадид гашт. Мурод ба ин тарафу он тарафи ҳавлӣ назар карда, «тавба» гуфту ба кӯча баромад.

Дар назди хонаи тӯйдор одами зиёде ҷамъ омада буд. Мурод ҳам ба онҳо ҳамроҳ шуд. Кати калонеро ба кӯча бароварда, барои арӯсу домод оро дода буданд. Дар муқобили кат майдони калонеро барои рақсу бозӣ ҷудо намуда, кати дигареро барои ҳофизон оростанд. Тӯй сар шуд. Дар як тараф ҷавонписарон, дар тарафи дигар духтарони деҳ бо либосҳои зебо рост истода, аз ҳунари волои ҳофизи шаҳрӣ нашъа мебардоштанд. Мурод аз байни духтарон Хуршедаи нозанинро «кофта ёфт». Хуршеда низ нигоҳи харидоронаи Муродро эҳсос намуда, бо ишваю ноз барояш табассуми зеборо «эҳдо» кард. Мурод хушбахт буд: кунун дар ин дунё ӯ буду Хуршеда бо табассумҳои зебояш.

Ҳофизи шаҳрӣ Ёқуб ном дошт. Ӯ низ ҳини сурудхонӣ ба духтарон харидорона нигоҳ карда, барои худ ҷуфти муносиб мекофт. Баранда аз баландгӯяк таклиф кард, ки «ҳамсинфони арӯс ба рақс даъват мешаванд!» Дар миёни чанд ҳамсинфаш Хуршеда низ ба рақс даромад. Духтар бисёр зебо мерақсид. Ёқуб аз ӯ чашм намеканд. Гӯиё ӯро бо нигоҳ фурӯ бурдан мехост. Мурод аз тамошои ин лаҳза нороҳат шуд. Ҳузур ва нигоҳи ҳарисонаи ҳофизро таҳаммул карда натавонисту то анҷоми маърака базмҷоро тарк намуд. Дар хона додаронашро масти хоб ёфт. Кӯрпаи болои онҳоро дуруст карду худ низ ба ҷогаҳ даромад, аммо хоб аз чашмонаш гурехта буд. Берун баромада, ба осмони пурситора дида дӯхт. Ситораи равшане аз осмон канда шуд. Инро фоли хуб надонист, ба хона даромад. Тамоми шаб хобҳои парешон дид.

Қаҳрамони асосии хобҳояш Хуршеда буд. Ӯро дар ҳар ҳолат медиду гум мекард. Махсусан, ба об афтодани ӯ Муродро парешон сохт: *Хуршеда чун шиновар дар оби дарё ғӯта зада, аз ӯ дур мешуд. Амвоҷи дарё талотумкунон боло меҷаҳиданду печутоб хӯрда, садои таҳлукаомез мебаровар-данд. Ҷавон қад – қади соҳил медавид, ки маҳбубаашро наҷот бидиҳад. «Хуршеда, эҳтиёт бош!» гуфта дод мезад, аммо ба ӯ расида наметавонист, садояшро низ касе намешунавид…*

Мурод бо тарс аз хоб бедор шуда, арақи хунуки пешонаашро пок карда, ба андеша рафт. «Таъбири ин хоби даҳшатовар чӣ бошад? Худо раҳм кунаду Хуршеда ба ягон бало гирифтор нашавад».

Баъди як ҳафта дар деҳа овоза шуд, ки ба духтари мудири ферма ҳамон ҳофизи шаҳрӣ хостгор фиристода. Мурод чӣ кор карданашро намедонист. Охир, чӣ ҳам аз дасти ӯ меомад? Хуршеда барояш меваи дастнорас бошад ҳам, ӯ намехост маҳбубааш зани ҳофизи шаҳрӣ бошад. Мегӯянд, ки санъаткорон шавҳари хуб шуда наметавонанд. Охир, дар ҳар тори мӯи сарашон даҳҳо мухлисдухтарон овезонанд. Мурод инро аз дил гузаронида, ба худ «Ҳайфи Хуршеда» мегуфт.

Баъди хостгории Ёқуб Хуршеда ҳар корро баҳона карда, чанд бор ба ферма меомад, аммо Мурод аз ӯ дурӣ меҷӯст. Рӯзе бегоҳӣ ҳамроҳи дугонааш Аския то дари хонаи маҳбубаш омад, аммо ҷуръати даромадан накарда, аз Аския хоҳиш кард:

– Дугонаҷон, ту даромада бо Мурод гап зан, мақсадашро бифаҳм. Охир, ман ӯро дӯст медорам.

Аммо аз Мурод садое набуд.

Баъди як моҳ дар хонаи амаки Солеҳ тӯйи калон баргузор шуд. Аз ҳар тараф нидои бачаҳои шоду масрур ба гӯш мерасид:

– Шаҳ ома – а – а – д!

– Шаҳбача ома – а – а – д!

– Домод ома – а – а – д! Пояндоз биандозед!

Ёқуб, ҷомаи зарбофт дар тан ва тоқии чоргул дар сар, ҳамроҳи рафиқонаш бо ғуруру салобат ба ҳавлии Хуршеда-

ино по гузошт. Мехост ба ҳама фаҳмонад, ки зеботарин духтари ин деҳаро соҳиб гаштааст. Ӯ ва танҳо ӯ метавонад ҳама хоҳишашро амалӣ гардонад. Ҳурмати онҳоро амаки Солеҳ ба ҷо овард. Ба назди домод ва рафиқонаш нӯшу неъмати зиёде гузоштанд. Ёқуб ва рафиқонаш дар сари дастархони пур аз нозу неъмати хусураш маслиҳати чи тавр гузаронидани баъзе оинҳои маросими никоҳро мекарданд.

– Ҷӯра, зери чодар, ки даромадӣ, чаққонӣ карда, пои арӯсро зер кун. Мабодо арӯс пои туро зер кунад, як умр занкалон мешавӣ.

– Э, ҷӯраҷон, ту Ёқубро намешиносӣ. Ману занкалонӣ? Ҳеҷ гоҳ!

Хоҳари домод – Савлатбӣ оҳиста «ассалом» гуфта, сӯзану ришта дар даст ба ҳуҷраи онҳо даромада узромез гуфт:

– Акаҷон, маросими никоҳ сар шуд, то анҷоми он ман бояд аз китфи Шумо бо сӯзан риштаи сафед гузаронам.

– Инаш боз барои чӣ? – гуфт Ёқуб норозиёна.

– Акаҷон, чунин қоида будааст. Барои он ки пай наафтад ё нохалафе ҷоду накунад, дар вақти хондани хутбаи никоҳ аз пушти китфони домод бояд сӯзани риштаи сафеддор гузаронанд бизанд.

Ин суханҳоро шунида, домод ва рафиқонаш масхараомез хандиданд.

Домулло аввал пурсид, ки ҷавонон ба балоғат расидаанд ва дар идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ(ЗАГС) аз қайд гузаштаанд?

Хонадор зарфи калонеро, ки дар он косае об ва як либос молу қанду кулчаҳои ширмолро гузошта буданд, оварда, назди домулло монд. Домулло оғоз кард ба маросими никоҳ. Ду нафар, яке намояндаи домод ва дигаре намояндаи арӯс, шоҳид интихоб шуданд. Онҳо бо гӯши худ бояд шунаванд, ки арӯс ба издивоҷ розӣ ҳаст ё не? Шоҳидон ба хонае, ки арӯс бо дугонаҳояш дар таги чодар менишаст, даромада, ризояти ӯро пурсон шуданд. Арӯс хомӯш буд. Дугонаҳояш бо як овоз «Имшаб шаби дароз аст, арӯси мо ба ноз аст» гуфта, онҳоро гусел карданд. Шоҳидон гашта омадан-

ду:

– Хайр, духтари беноз оши бепиёз, – гуфта, аз неъматҳои дастархон нӯши ҷон карданд.

Ба ҳуҷра намояндаи арӯс дар даст ду элак, дар яке тухмҳои рангкарда ва дар дигарӣ рӯймолчаҳое, ки арӯс барои дӯстони домод бофта буд, даромад. Рафиқони домод яктогӣ рӯймолча гирифта, тухмҷанг карданд ва дар элакҳои холишуда пул партофтанд.

Шоҳидон маротибаи дувум низ розигии арӯсро гирифта натавонистанд. Дугонҳои арӯс, махсусан, Аския:

– Ҳоло шаб дароз, арӯси мо то дугонҳояшонро розӣ накунед, «ҳа» намегӯяд, – гуфта, онҳоро ба ҳуҷра роҳ намедоданд.

«Ҳаққи дугонаҳои арӯс» гуфта, падари домод 50 сум фиристод. Боз Аския:

– 50 сумро шумо пул мегӯед? Хуршеда, дугонаҷон, қадратро, ки аз рӯзи аввал надонистанд, то охир дар ин хонадон беқадр мемонӣ, – гуфта пичинг мезад.

– Духтарам, дугонаҳоятро ҳам розӣ карданд, «ҳа» гӯӣ мешавад, – хоҳиш кард модари Хуршеда.

Соат даҳи шаб. Арӯс хомӯш.

Дувоздаҳи шаб. Арӯс чизе намегуфт.

Яки шаб. Арӯс ҳамоно ҳарфе ба забон намеовард…

– Духтар розӣ набудааст, чаро маро саргардон карда овардед? Ман рафтам, – гуфта, домулло аз ҷой хестанӣ буд, ки падари домод:

– Домуллоҷон, мебахшед, ман ҳозир ин масъаларо ҳал мекунам, – гуфта, аз меҳмонхона баромаду амаки Солеҳро ба наздаш даъват карда гуфт:

– Қудо, дар ҳар тори мӯи писарам сад паричеҳра кашол. Як дари пӯшида бошад, сад дари дигар кушода Худо чорасоз аст. Даромада бо духтаратон маслиҳат кунед, соат яки шаб шуд!

Амаки Солеҳ назди духтарҳо даромада, ба духтараш насиҳатомез гуфт:

– Духтарам, ту маро шарманда карданӣ ҳастӣ? Хонадор шудан намехостӣ, чаро чизе нагуфтӣ? О, ман туро

маҷбур накарда будам – ку! Тарафи қудо ҳам аз рафторат малол шуданд. Биё, розигиатро бидеҳ, духтарам…

Ёқуб ҳам бетоқатӣ мекард. Арақи пешониашро бо рӯймолча пок мекардаду бо ҳамон рӯймолча худро шамол дода, аз падараш мепурсид:

– Дада, худаш чӣ гап?

Хомӯшӣ хонаро фаро гирифта буд, касе нафас намекашид. Шоҳидон хабар оварданд, ки духтар розигиашро дод. Акнун навбати домод.

– Хостам ва қабулаш кардам ба занӣ! – гуфт Ёқуб ва ба шоҳмардонаш рӯ оварда давом дод. – Ин азоби додаашро даҳчанд мебарорам.

Косаи оби никоҳро таги чодар даровastанд, баъди арӯс дугонаҳо низ «Ба муродамон расем, баобрӯ ба шавҳар бароем,» – гуфта як қултӣ  нӯшиданд. Баъд аз домоду рафиқонаш чунин карданд ва мулло «инҳо ҳаққи ҳалоли ман» гуфта, косаи чинӣ ва либоси молу қанду кулчаҳоеро, ки соҳиби хона рӯи хон гузошта буд, дар рӯймоли миёнаш баста, ба ҷавонон бори дигар «хушбахт шаванд» – гуфта, аз ҷой хест. Ёқубро шоҳмардонаш то таги чодар ҳамроҳӣ карданд. Ӯ ба таги чодар даромаду бо пойафзораш пои лучи арӯсро сахт зер кард.

– Воҳ, поякам! – гуфта дод задани Хуршедаро ҳама шуниданд.

Дӯстони домод баланд хандида, яке «шери нар», дигаре «офарин», севумӣ «аз рӯзи аввал алови чашмаша гирифтан даркор», «зан бояд зери по бошад» гуфта механдиданд. Дили Хуршеда аз шунидани ин доду войи бемаънӣ сиёҳтар мешуд.

Рӯзи дигар, соати даҳи саҳар, домод таҳти навои карнаю сурнай барои бурдани арӯс омад. Дар хонаи арӯс маросими саршӯён дар авҷ буд. Дар айвони хона чор нафар дугонаҳо чодари арӯсро аз чор тараф медоштанд. Холаи Хуршеда, дар даст косаи шир, пахта ва тағора, ба пушти чодар даромад. Арӯсро низ дугонаҳо то назди чодар оварда, худ гирди он ҷо гирифтанд. Нигинахон, ки дар деҳа ҳама маросимҳои «саршӯён» – ро мегузаронд, доира дар даст бо овози шира-

дору маҳинаш суруди саршӯёнро месуруд. Хуршедаву холааш дар пушти чодар ҷунбуҷӯл доштанд. Хола, ба рамз нӯги панҷаҳояшро дар шир тар карда, ба сару мӯйҳои майдабофти Хуршеда мемолид, нӯги майдабофиҳоро бо пахтае, ки чун ришта тоб дода буд, мебофт ва:

– Ҳаёти арӯси шумо мисли ширу пахта сафед шавад, хушбахт шавад, бачадору качадор, хидматгор шавад, – гуфта орзуҳои нек мекард.

Нигинахон бо суруди «Ма намерам, очае, ночор мерам, очае!» арӯсу атрофиёнро мегирёнд. Маросими саршӯён ба охир расиду дӯстони домод ҷиҳози арӯс – мебел, телевизор, сандуқи пур аз зарфҳои чинӣ, кӯрпаву кӯрпача, қолину болишт ва табақҳои пури ҳалво, кулча, қанду қандалот ва сатили гӯштбирёнро ба мошини боркаши аз тарафи домод омарда бор карданд. Холаву дугонаҳо арӯсро орову торо дода, ба сараш аввал рӯймоли ғиҷим, баъд сарандози гулдӯзӣ андохта, бо қасаба моҳирона бастанд. Қаду қомати баланду мавзун ва қасабаи болои сар Хуршедаро ба шоҳдухтарони афсонавӣ монанд карда буд.

Ҳама амаки Солеҳро интизорӣ мекашиданд: арӯсро падар бояд аз хона барорад. Амаки Солеҳ аз ин лаҳза метарсид, чунки ягона духтарро баровbooарда, ба шахсе, додан ки намедонисту намешинохт, барояш бисёр мушкил буд. Падар аз дасти Хуршеда гирифта, ба ҳавлӣ баромад. Ҳофизоне, ки Ёқуб оварда буд, бо тараннуми сурудҳои «Ёр,ёр» ва «Барор – барораш кунеде, ба асп савораш кунед…» ҳамаро огоҳ карданд, ки арӯсро аз ҳавлии падар мебароранд.

Нисфи мардуми деҳа ба тамошо баромада буданд. Ҳар яке ба таври худ ба маъракa баҳо медод:

– Хуршедаи мо ҳайф шуд…

– Қади мундуқи домодро бинеду қомати чун сарв зебои арӯсро…

– Амаки Солеҳ одами боақл мегуфтем, хато будааст. Наход гул барин духтара ба ҳамин маймун диҳӣ?

– Гулдаста ба дасти лавкашол афтодаст.

– Ҳайфи арӯси нозанинамон, кадом артист шӯйи ба-

маънӣ буд, ки ин мундуқ шава…

– Ба ҳамун афту башараи хунук бо фахрша бинед-е…

Дар остонаи ҳавлӣ арӯс пеши пои падар таъзим карда, дуои нек пурсид. Дили бе ин ҳам пурғами амаки Солеҳ тоқат накард, оби дидагонашро дошта натавонист.

– Хушбахт бош, духтарам – гуфт ва фарзандашро аз китфонаш дошта боло карду аз ҷайб рӯймолчаашро баро-варда, баъди пок намудани ашки чашмон ба духтараш дуо дод. Ёқуб инро дида писхандомез гуфт ба дӯстонаш:

– Зан пеши пои шавҳар бояд таъзим кунад.

Суханони ӯро ба ҷуз Хуршеда касе нашунид.

Зери навои карнаю сурнай Хуршедаро аз деҳа баровар-данд. Ин лаҳзаҳо дар дили Мурод чизе намегунҷид, дунё дар назараш холӣ буд. Садои карнаю сурнай дилашро абгор ме-кард. Хониши – «Ман намерам, очае, ба Худо, намерам, очае. Моли мардум хӯрдай, ночор мерам, очае…» болои сӯхта намакобаш мезад. Тоқат накарду роҳи фермаи хоҷаги-ро пеш гирифт. «Кош нашунаваму насӯзам. Охир, худам гу-наҳкор. Бечора Хуршеда чанд бор гап кушод. Ҷуръат накар-дам, ба муҳаббаташ ҷавоб нагуфтам. Ана, акнун дод бигӯ, саратро ба дару девор бизан. Фоида надорад. Бахти рӯи каф атро ҳифз накардӣ. Бо дасти худ шоҳбонуи афсонавиатро ба даҳони гург партофтӣ. Сазои сарат! Наход парӣ насиби дев гардад? Оҳ, Худоё!..»

Лабҳои лундаву лунҷҳои кашоли Ёқуб пеши назараш ҳувайдо мешуданду рухсораҳои чун анори навпаз пурта-ровати Хуршеда. Дилаш ба кафидан омада буд:

– Оҳ, Худоё, чаро чунин беҷуръатам офаридӣ!? Зиндагӣ бе Хуршеда бароям ҳаром бодо!

Дар назди ҳавлии Ёқуб низ мардуми зиёде гирд омада буданд. Аз мошини бо лентаҳои рангоранг хеле зебо ороёф-та Ёқуб бо виқор баромада, ба тахте, ки модараш дар ҷои намоёни ҳавлӣ  бо ҳавас чида буд, ҳамроҳи арӯсаш нишаст. Ба рақсу бозии дӯстон, хешу табор, ҳамсояҳо қаноатмандо-на менигарист. Баъди рақсу бозӣ Ёқуб омирона ба модараш фармуд:

– Оча, келинатро хона дарор!

– Биё, духтарам, – гуфт хушдоманаш аз оринҷи келин дошта ва дар остона дар гӯшаш пичирос зад:

– Дандонҳоятро ба якдигар сахт зер карда, ба хона даро, ки келини гапбардору пуртоқату хаппак бошӣ, – ва ӯро то пушти чодар, ки аллакай дар кунҷи ҳуҷра овехта буданд, гусел намуд. Зани солдидае, ки расми очаширро ба ҷо меовард, дар даст косаи шир, паси чодар даромада гуфт:

– Фарзандонам, аз ҳамин шир ба мурод бинӯшед, ки роҳатон дар ин зиндагии пурпечутоб сафед бошад.

Модари ҷавоне ба паси чодар даромаду тифли навзодашро ба бағали арӯс гузошта орзу кард:

– Илоҳо, баъди нӯҳ моҳ аз ин хонадон хандаи тифлро бишнавем.

Кампираке рӯймоли ғиҷими арӯсро бо ду шохаи сабзи дарахте бардошта дуо дод:

– Худованд мисли ҳамин шохаи дарахт сарсабзатон гардонад! – ва аз ҳуҷра берун шуд.

Зани дигаре ойина дар даст пеши арӯсу домод даромада гуфт:

– Ҳар ду ба ойина нигаред, то зиндагиатон би мисли он шаффофу равшан бигардад.

Хуршеда шармида сар боло карду дар ойина Ёқуби аз гармӣ суп – сурх ва лабони кашоли ӯро дида, дилаш таҳ кашид. Ёқуб, ки аз адои ин оинҳои пешгузаштагонамон монда шуда буд, дод зад:

– Падарам канӣ!? Гӯед, омада дуо диҳад! Ман ба назди рафиқонам меравам!

Падар, ба ҳуҷрае ки хешу табори келин нишаста буданд, даромаду ба келин рӯ оварда, даст ба фотеҳа бардошт:

– Духтарам, хонаву дарро бахшидаматон. Илоҳо хушбахт шавед!

Ёқуб аз хурсандӣ -Уф – ф – ф, хайрият, ин расму русуматон ба охир расид, – гуфту маротибаи дувум пои арӯсро зер карда, чодарро тарк намуд.

Хуршеда дардро таҳаммул кард, вале беихтиёр аз дил гузаронид: «Илоҳо, поят хушк шавад, беинсоф!»

## ЗАНГИРИҲОИ БЕБАРОР

**«Хонадор шудан табларзаест, ки бо оташ гирифтан оғоз шуда, бо хунук хӯрдан хотима меёбад.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Ҳоли вазнини Мурод ва додаронашро дида, хешовандон ба хулосае омаданд, ки Муродро хонадор кунанд. Ақаллан, аз кори хона халос мешавад – ку. Ба неву нестонаш нигоҳ накарда, духтари ҳамсоя – Зарнигорро хостгорӣ намуданд. Баъди маъракаи тӯй Зарнигор ба хонаи Мурод қадам монд. Рӯзҳои аввал пухтупаз ва ҷомашӯиро Зарнигор ба ӯҳда гирифт. Мурод бошад, дар саҳрову ферма аз сари субҳ то торик шудани рӯз меҳнат мекард. Барҳақ, чанд рӯзе дами осуда кашид. Вақт ёфта ба мактаб мерафту аз таҳсили додаронаш мепурсид. Бо онҳо якҷоя дарс тайёр мекард. Хулоса, хурсанд буд. Аммо хурсандиаш дер давом наёфт. Баъди ду моҳи хонадорӣ Зарнигор ба изҳори норозигӣ аз бародарони Мурод афтодан гирифт.

– Рӯзе ман ба ту ба шавҳар баромадаам на ба се додарат. Рӯзи дароз кори ман пухтупаз асту ҷомашӯӣ. Кори онҳо мис ли бало хӯрдану ифлос кардан. Охир, барои кӯдакони ятими бепадару модар ятимхонаҳо ҳаст, – гуфту, либосҳояшро ҷамъу гир намуд.

– Ман ба хонаи модарам меравам, агар онҳоро ба ятимхона супорӣ, бармегардам, вагарна...

Мурод аз ҳамсараш ҷудо шуд. Баъди рафтани Зарнигор боз ҳама кор – пухтупаз, ҷомашӯӣ, ҳезумшиканӣ, аз пушта барои гову мол коҳ кашонидан, аз ҷӯйчаи поёни ҳавлӣ об овардан, оғилро рӯфта, молҳоро ғизо додан аз нав ба дӯшаш афтид. Ӯ намехост додаронаш бепадару модар буданашонро ҳис кунанд.

Додари калониаш Маъруф мактабро хатм намуд. Хурсандии Муродро ҳадду канор набуд. Маъруф хоҳиши ба донишкадаи олӣ дохил шудан кард. Мурод гови дӯшояшонро фурӯхта, ҳамроҳи додараш ба Душанбе рафт. Маъра-

каи имтиҳонҳо ҳам анҷом ёфт. Маъруф донишҷӯ шуд. Ҳамроҳ ба деҳа баргашта, ба сари манзили падар рафтанд. Мурод оятеро қироат карда, ба рӯҳи гузаштагон бахшиду гуфт:

– Падарҷон, супоришатонро иҷро кардам: додарам Маъруф донишҷӯ шуд. Худо хоҳад, хонда табиб мешавад. Номбардори падар мегардад. Иншоаллоҳ, дигар фарзандонат низ соҳиби маълумот ва касб мегарданд. Ором бихоб.

Хешу табор ҷамъ омада, боз масъалаи зангирии Муродро ба миён гузоштанд. Ӯ бори дувум хонадор шуд. Рӯзи аввал назди ҳамсараш – Тӯтиниссо масъала монд:

– Агар хоҳӣ, ки аз ту розӣ бошам, додаронамро наранҷон.

Ним сол ҳаёти оилавии Мурод хушу хурсанд гузашт. Аз рӯзи аввал Тӯтиниссо ба бародаронаш маъқул нашуд. Онҳо ҳар корро баҳона карда, бо янгаашон ҷанҷол мекарданд. Рӯзе, мавсими дарави ғалла, Тутиниссо ғизои нисфирӯзиро ба сари замин дертар оварду сараш дар боло монд…

Занҳои дувуму севум низ хонаи Муродро тарк карданд: барои ӯ хурсандии бародарон дар ҷои аввал меистод.

Рӯзҳо, моҳҳо, солҳо пайи ҳам мегузаштанд. Мурод барои он ки додаронаш ятимиро ҳис накунанд, ҳатто бахти худро қурбони фарзандони падар кард.

## МАЪРУФ

**«Беҳтараш, ки одӣ ва бовиҷдон бошӣ,**
**на донову дурӯғгӯ».**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Азбаски Маъруф дар мактаб аъло мехонд, аз бар намудани барномаҳои мактаби олӣ барояш душворӣ намекард. Донишҷӯи фаъол буд. Мурод низ додарашро дастгирӣ мекард, тез – тез аз деҳа бо дасти ҳамсояҳо ва шиносҳои дуру наздик, ки ба пойтахт мерафтанд, барояш ғизоӣ мефиристод. Фақат як камбуд дошт. Ба мисли ҳамсабақонаш либос намепӯшид. Ҳамеша бо ҳавас ба онҳо нигоҳ мекард. Баъзан

ҳасад ҳам мебурд. Ба варзиш машғул шуд, бачаи деҳотии назарногир акнун ҷавонмарди чор кас медидагие буд бо қомати расо, қафаси синаи барҷаста, шонаҳои паҳн, чеҳраи кушода, дасту пойҳои бақуввати серрагупай. Фикраш ҳамеша ба хондан банд буд, вале орзуи кай расидан ба дидори Ҳусния – он духтараки деҳотие, ки девордармиён ҳамсоягӣ доштанду дар як мактаб таҳсил мекарданд ва баробари дамидани субҳ ҳамроҳ ба пахтачинӣ мерафтанду бегоҳ подаи қишлоқро пешвоз гирифта, ҳар кадом бузу гӯсфандҳои худро ба оғил медароварданд, вуҷудашро тарк намесохт.

Қабл аз ба Душанбе омадан ба ӯ рози ниҳонашро кушода, аввалин бор гесӯвони дарози чун кокулони маҷнунбеди ӯро бо дастони ларзонаш лаҳзае дар каф нигоҳ дошт. Барои ҷуръаташ, ки ин амалро кард, шод буд. Дар шаҳр фориғ аз дарсҳо соатҳо ба кафи дасташ нигоҳ мекард, ки маҳз дар ҳамин кафи даст гесӯвони Ҳуснияи нозанинаш, лаҳзаяке ҳам бошад, хобидааст.

Ҳар гоҳи ба қишлоқ рафтан гӯиё роҳ намегашт: парвоз мекард, чунки ба дидори ёри нозанинаш, аз дур ё аз болои девор ҳам бошад, мерасид. Нигоҳи беҳарфашон ҳазор маънӣ дошт, табассуми пурмеҳреро ба якдигар ҳадя мекарданд. Расидан ба дидори Ҳусния барои ӯ  хушҳоли ногуфтание буд. Дилаш сахту бенизом метапид, хоҳиши аз қафаси сина баромадан мекард. Дигар аз дунё чизе талаб надошт, чунки Ҳусния худ дунёи ӯ буд…

Маъруф ҳамчун донишҷӯи пешқадам дар байни омӯзгорон низ маҳбубият дошт. Устодаш Бақозода ӯро «писарам» гуфта, ҳамеша таъкид мекард:

– Дониши хуб ва саводи кофӣ дорӣ, дар касби дониш қаноатпеша мабош, заҳмат бикаш, илм омӯз. Боварӣ дорам, ки оянда дар симои ту олими хуби соҳаи тиб ба камол мерасад.

Каломи устод донишҷӯи ҷавонро рӯҳбаланд мекард, шабу рӯз аз китобхона намебаромад, мехонд. Роҳбари кори дипломиаш низ устод Бақозода буд. Рӯзе устод ӯро ба хонааш, барои овардани чанд китоби зарурӣ фиристод. Маъруф

ба ҳавлии устод ворид шуда, гӯиё худро дар биҳишт дид. Дар миёни ҳавлӣ фаввораи зебое гулҳои дар гирди худ сабзидаро обборон мекард. Дар токи ангур ҷо – ҷо дар қафас ҳои зебо кабку дигар парандаҳои рангоранг нағмасароӣ доштанд. Хонаи дуошёнае дар байни ҳавлӣ қомат афрохта, ки эҳтимол маҳсули дасти беҳтарин меъморон буд. Маъруф бо даҳони нимво ба зебогии атроф назар карда ҳаловат мебурд.

– Ба Шумо кӣ даркор? – гуфта дари долони шишакориро кушода, бо табассуми хеле зебо ба ҳавлӣ баромад духтаре, ки чеҳраи кушода, чашмони бодомии хумор, мӯйҳои кӯтоҳ буридаи рангкарда дошт. Аз пушти хилъати ҳарири тунук бадан, хосса, ҷӯяи пеши бараш, пеши назар аён буд. Гаҳи дари долонро кушодан пардаи ҳарири сафед албонҷ хӯрда, ба берун парвозӣ шуд, қандили бузурги сақф, ки шилшилаҳои булуринаш ҳар яке дурахши алоҳида доштанд, аз анвори хуршед шаъшаапошӣ намуда, чашмони ҷавони деҳотиро хира мекарданд. Ӯ бо чашмони пӯшида, лаҳзае карахт истод, сипас чашмонашро во карда ба духтар нигарист.

Маъруф нигоҳи духтарро дар хуну пӯст ва мағзу устухонаш эҳсос кард. Нигоҳҳо бо ҳам бархӯрданду монанди барқ дар рӯзи равшан оташакеро аз худ бурун заданд. Ҷавон мехост матлабашро баён созад, аммо наметавонист, лабҳо бо ҳам сахт часпида буданд ва ӯ мадори онҳоро кушодан надошт.

– Ҷавони нағз, эҳтимол Шуморо падарам фиристода бошанд? – гуфта духтар ӯро аз ин ҳолат баровард.

Маъруф бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Ин мулоқот ҳаёти ҷавони деҳотиро куллан тағйир дод… Нозия, духтари яккаву ягона ва эркаи професор Бақозода, дар яке аз бонкҳои шаҳр ифои вазифа мекард. Маъруф ба Нозия маъқул шуд. Онҳо акнун тез – тез бо ҳам мулоқот мекарданд. Вақти холиашонро дар хиёбону гулгаштҳо ва тарабхонаву шабнишиниҳои хоссаи фарзандони ашхоси сарватманд мегузарониданд. Ин духтари шаҳрӣ Маъруфи содаро чунон мафтун кард, ки ҳатто гесӯвони дарози Ҳуснияро ҳам фаромӯш намуду кӯчаҳои серчангу хоки деҳа

ва деворҳои гилинеро, ки аз пушти онҳо қомати зебои Ҳуснияро гоҳ – гоҳ дуздида тамошо мекард. Кунун барои худ олами дигареро кашф намуда буд.

Дар бузургтарин тарабхонаи шаҳр тӯйи арӯсии Нозияву Маъруф, бе ширкати хешовандони домод, бо ҳунарнамоии беҳтарин ҳофизон баргузор шуд…

Ҳусния, ки талабгорони зиёдро ба хотири муҳаббати ба Маъруф доштааш рад карда буд, баъди шунидани тӯйи хонадоршавии маҳбубаш дар миёни замину осмон худро танҳову нодаркор дарёфт. Азоби рӯҳӣ ва хаёлҳои даҳшатнок лаҳзае оромаш намегузоштанд. Дар паси девори кӯҳнаи гилин менишасту ашк мерехт. Охир, ҳамин девори гилин шоҳиди муҳаббаташон, сӯзу созашон ва бо навозиш мӯйҳои марғуладори Ҳуснияро ба кафи даст гирифтани Маъруф буд. Имрӯз девори гилин наметавонад дар ҳасрати ишқи Нозия баробари ӯ ашк бирезад. Ҷудоӣ ва хиёнати Маъруф барои Ҳусния гарон афтод. Дунё дар назараш беранг буд. Ӯ худро дар кӯчаи ноумедӣ дарёфта, шарму ҳаёи духтаронаро як сӯ гузошту ба назди Мурод омад.

– Амакҷон, аҳли деҳа аз муҳаббати ману бародари Шумо – Маъруфҷон огоҳ ҳастанд. Шарманда шудам, сарамро ба куҷо занам, чӣ кор кунам!? – гуфта оби дида кард.

– Ҳусния, хоҳарам, худатро ба даст гир. Ту шарманда нашудаӣ, шарманда додари ман аст, ки ба қавлаш вафо накард. Ором бош, ҳаёт дар пеш аст, саратро хам накун, ту гуноҳе надорӣ. Ӯро чун хоби бад фаромӯш кун. Зиндагӣ худ подош дорад. Бародари ман беақлӣ карда, тиллоро бо мис иваз намуд. Ҳоло ист, садҳо бор ангушти пушаймонӣ мегазад, аммо судаш намекунад, – мегуфт Мурод ҳиҷолатомез Ҳуснияро таскин дода.

Ҳусния сархаму гирён ба хонаашон баргашт…

## МАҲБАС

**«Вақт ҳама чизро мезудояд.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Носирҷон – додари дувуми Мурод ба Донишгоҳи кишоварзӣ дохил шуд.

– Акаҷон, донишгоҳро хатм карда, дар хоҷагиамон раис мешавам, – доим шӯхӣ мекард ӯ. – Ана, баъд фахр карда мегардеду мегӯед: «Бубинед, мардум! Раиси хоҷагӣ – додари ман меояд.»

– Кошкӣ, Носирҷон! Орзу мекардам, ки шумо хонда, соҳиби касбу кор шаведу ман дар пирӣ роҳат кунам ва аз ҳама муҳиммаш, васияти падарамонро ба ҷо биёрам. Охир, ман ваъда дода будам – ку.

Баъди анҷоми соли аввали хониш Носирҷон бо чанд ҳамсабақаш ба деҳа омад. Ҳамон шаб Мурод хоби даҳшатборе дида буд:

*Хонаи падарӣ месӯхту ӯ ба чор тарафи ҳавлии оташгирифта давида, додаронашро меҷӯст. Охир, падар тақдири онҳоро ба ӯ бовар карда буд, васияташ чӣ? Дод мезад, аммо овозашро касе намешунид, худро ба коми оташ зад, охир додаронаш даруни ҳамин хона хоб буданд! Оташ ба домани ҷомааш часпид. Даст сӯи ҳаво бардошта, аз Офаридгор мадад пурсид. Оҳ, Худоё! Борони сахт бориду оташ хомӯш гашт. Аз хоб бо тарс хест..* Арақи хунук баданашро тар карда буд. Бо ҳарос ба атроф дида дӯхта:

– Хайрият, ин ҳама дар хоб будааст, – гуфта, шукр мекард.

Мурод хушбахт буд, ки Носирҷон дӯстонашро ба деҳа овардааст.

– Акаҷон, мо дар донишкада рондани мошинро омӯхтем. Агар шумо иҷозат диҳед, бо мошинатон деҳаро тамошо кунем.

Мурод дилу бедилон калиди мошини боркашро ба до-

дараш дода:

– Хубаш, ман худам шуморо ба тамошо барам, – гуфт.

Аммо Носирҷон аз раъяш нагашту хоҳиш кард ва оқибат розигии бародарро гирифта, ҳамроҳи дӯстонаш барои тамошо мошинро ба сӯи тепае, ки деҳа аз болои он чун дар кафи даст менамуд, ронд. Баъди ду – се соат доду войи мардуми деҳа дили бе ин ҳам ошуфтаи Муродро ошуфтатар кард. Носирҷон беэҳтиётӣ карда, кӯдакеро зер мекунад ва тифл то беморхона нарасида, ҷон медиҳад.

– Таъбири хобам ҳамин будааст, – гуфта, Мурод ҳамон рӯз додар ва дӯстони ӯро ба шаҳр гуселониду гуноҳро ба гардан гирифта, дар паси мизи ҷиноят нишаст…

Дар толори суд касе набуд. Падару модари кӯдаки фавтида: «Насибамон ҳамин будааст, аз гуноҳаш гузаштем. Охир, ӯ ҳам намехост, писари мо нобуд шавад. Дар як деҳа зиндагӣ мекунему ҳар рӯз ба ҳам рӯ ба рӯ меоем,» – гуфта, ҳатто дар мурофиаи судӣ ширкат накарданд. Мурод дар толори суд, дар пушти мизи ҷиноят, эҳсоси танҳоӣ кашид: на додаронашро дар толор медиду на дӯсту ҳамсояҳоро. Бори нахуст бо чашми сар дид, ки дар ин дунё танҳои танҳо аст. Ҳатто ҳангоми сухани охиринро ба ӯ додани раиси суд Мурод аз ҷояш хесту, гӯё ин мурофиа дар нисбати тақдири ӯ нақше надошта бошад, гуфт:

– Ман ба гуноҳам иқрорам ва омодаам, ки аз рӯи фармудаи қонун ҷазо бигирам.

Бо ҳукми суд ӯро ҳафт сол аз озодӣ маҳрум карданд…

Рӯзи аввал Муродро дар ҳуҷраи танҳо нигоҳ доштанд. Ин мудҳиштарин рӯзе буд дар умри кӯтоҳи ӯ, чунки бори нахуст дарк намуд, ки душвортарин ҷазо барои фарзанди Одам танҳоист. Фалсафаи зиндагӣ ҳамин будааст: кас ба қадри зиндагӣ ва озодӣ дар ҳоле мерасад, ки зиндонист ва саломатиро замоне қадр мекунад, ки бемор аст, ба қадри ёри азиз вақте мерасад, ки аз ӯ дур асту заҳри фироқашро нӯш месозад…

Рӯзи дувум ӯро ба ҳуҷраи умумии маҳбас гузарониданд.

* * *

Мурод дар даст болишт ва кӯрпа бо амри нозири маҳбас дар назди даре истод. Нозир дастаи калидҳоро аз ҷайбаш бароварду калиди даркориро ёфта дарро боз намуда, бо овози дағал ба Мурод амр кард:

– Даро!

–Мурод ба ҳуҷра дарун даромада, назди дар рост истод. Ҳуҷраи ҳабсхона нимторику ифлос буду бӯи ғализ дошт. Аз ягона тирезае, ки дар назди шифт ҷойгир буд, шуоҳои дурахшони офтоб ба фарши хона мерехтанд. Ҳашт мардро дид, ки баъзеашон дар бистар дароз кашида буданду баъзеашон нишаста, чашм аз ӯ намекананд.

– Шинос шавед, ин кас Мурод, ҳамроҳи наватон, – гуфт нозир ва дари ҳуҷраро аз берун қулф карда рафт.

Мурод ба чеҳраи ҳар яки онҳо бодиққат назар карда салом дод. Синну соли маҳбусон аз сӣ то ҳафтодсола буд. Мӯйсафеде, ки сари синаи пурмӯй ва дастонашро аксҳои духтар, корд ва офтоб оро медоданд, аз афташ дар ин ҳуҷра ҳоким буд. Бинии тез, рӯйи гулзада, абрӯвони сермӯйи сафед, чашмони фурӯрафтаи нимпӯш, нигоҳи сарду бадхашмона дошт, ҳама бо эҳтиром «Шайх» номаш мебурданду кати хобаш ҳам дар ҷои намоён ҷойгир буд. Ӯ китфонаш ро бо виқор бардошта, бо овози хирросӣ пурсид:

– Ҳа, ҷавони нағз, канӣ, худро шинос кун. Бо чӣ гуноҳ ба маҳбас афтодаӣ?

– Падарҷон, гуноҳе надорам. Ман… – гуфт Мурод, вале суханаш ба поён нарасида, ҳама хандиданд. Мӯйсафед низ хандаи тамасхуромезе карда, «ин ҷо ҳама бегуноҳон ҷамъ омадаем» гуфт ва ба шариконаш рӯ оварда пурсид:

– Салим, ту магар гуноҳе дорӣ?

– Не, Шайх, ман бегуноҳ мебошам.

– Талабшоҳ, ту чӣ?

– Не, Шайх, ман сад фоиз бегуноҳам.

– Қодирбой, ту низ бегуноҳӣ?

– Бале, Шайх, бегуноҳам.

– Дидӣ, меҳмони нав? Дар ин ҷо касе гуноҳ надорад. Ана, ба он ҷо гузар, – ба кате ишора кард, ки дар ифло-

старин гӯшаи ҳуҷра ҷойгир буд.

Мурод чизе нагуфта, ба ҷои нишондодаи ӯ рафту амонат нишаст. Аз рӯзи аввал ҳама корҳои сангин – тоза кардани ташноб, шустани зарфҳо, сару либос ва амсоли инҳоро ба Мурод бор мекарданд. Ӯ ҳам бо сари хам, чизе нагуфта, ҳама фармудаи онҳоро иҷро мекард.

Аз байн як сол гузашт. Мурод низ дигар шуда буд: акнун ӯ на ҷавони ҳалиму меҳрубони гапбардор, балки марди дағал ва ба ҳаққи худ соҳиб буд. Дигар на ҳар кас ӯро маҷбур карда метавонист, ки ташноб шӯяд. Гомҳояш устувор буданд.

Рӯзе маҳбуси навро, ки ҷавони тахминан 25 – сола буда хушқаду қомат ва хеле хушодоб менамуд, ба ҳуҷраи онҳо оварданд. Ҷавон «ман – Маҷнун» гуфта, худро шиносонид ва дар кате, ки чанд рӯз пеш холӣ шуда буд, кӯрпаву болишташро тахт кард. Чун одат Шайх дандонҳои зардашро ғиҷир-ғичир садо медод бинии тезашро чин карда пурсид:

– Мачнун, Лайлӣ канӣ?

Гулдурроси ханда ҳуҷраро пахш кард.

– Бо чӣ гуноҳ ҳабс шудаӣ?

– Падару модарат чикораанд?

– Нишонии хонаатон? …

Маҷнун баягон саволи ӯ ҷавоб надод. Китоберо гирифта, андармони хондан шуд.

Шайх девонавор дод зад:

– Ҳой, олуфта, ман аз кӣ мепурсам!? Чӣ, кӣ будани маро намедонӣ? Агар надонӣ, ҳозир мефаҳмонам!

Ду нафарро ба наздаш хонд. Онҳо низ чун навкарон ба назди Шайх омада арз карданд:

– Гӯш мекунем, Шайх! Амр диҳед, ба ҷо меорем.

– Ин олуфтаро дар наздам ба зону шинонед! – фармуд Шайх.

«Навкарон» бо зӯрӣ Маҷнунро аз болои кат фуроварда, дар назди Шайх ба зону шинонданд. Мурод садди роҳашон гирдида:

– Нарасед! Ҳар кас аз пайи кори худ шавад, – гуфта бори нахуст хилофи амри Шайх амал кард. Якеи «навкарон» –

ро, ки қадпасту хароб буд, Мурод бо як даст аз замин баробари қадаш бардошта, ба девор зер кард. «Навкар» – и бечора бо тамоми овоз дод мезаду пойҳояшро ба ҳар тараф алвонҷ дода:

– Шайх, ҷонамро халос кун! Ӯ маро мекушад, – мегуфт.

Мурод бо нафрат ӯро ба рӯи фарши чиркин партофта, ба Маҷнун ишора кард, ки рафта дар ҷояш бишинад ва ба Шайх рӯ оварда оромона гуфт:

– Аз ҳамин рӯз ба баъд касе ба ӯ даст мерасонад, мекушамаш, – ва аз он ду таҳдидомез пурсид. – Фаҳмидед, шумо, буздилҳо!?

Азбаски Мурод ҷавонмарди қадбаланди чорпаҳлуи боқувват буд, «навкарон» – и Шайх тарсида, ҳар кадом ба ҷойи худ гузаштанд. Шайх, ки аз рафтори Мурод дар ҳарос афтода буд, бо сӯз дарк намуд, ки ба ҳукмронииаш завол омад.

Баъди ду рӯз бори дувум Шайх хост Маҷнунро ба зону шинонад.

– Ҳой, ошиқи Лайлӣ! Канӣ, назди ман омада, афсонаи ишқатро нақл кун, то мо бо рӯймолча ашки сӯзон аз дидаҳо пок кунем.

Ҳама масхараомез механдиданд. Шайх бо чашму абрӯ ба «навкарон» – аш ишорае кард. Онҳо ба наздаш ҳозир шуданд, аммо ҷуръат намекарданд, ки ба Маҷнун даст бирасонанд, чунки Мурод аллакай дар назди Маҷнун рост меистод. Нигоҳаш ҷиддӣ буд ва аз оқибати нек дарак намедод. «Навкарон» дилу бедилон ба ҷойи худ гузашта нишастанд. Шайх дандонҳояшро ғиҷирос занонда, бо чашмони аз косахонаи сараш гӯиё баромада ба «навкарон» – аш менигарист. Онҳо нигоҳашонро аз Шайх гурезонданд. Мурод оромона ба наздаш омада:

– Шайх, ба тақдир тан деҳ. Дигар дар ин ҳуҷра ту фармонравоӣ намекунӣ, фаҳмидӣ!? – гуфту гузашта дар каташ дароз кашид.

Ӯ дар ҳабсхона тартиботи нав ҷорӣ кард. Ҳама гӯшаш мекарданду эҳтиромашро ба ҷо меоварданд. Дар маҳбас ҳама медонистанд, ки ӯ гуноҳи додарро бар дӯши худ ги-

рифта, беҳтарин лаҳзаҳои ҷавониашро дар ҳабсхона бо ашхосе мегузаронад, ки дар берун – дар озодӣ ба онҳо ибрози ҳатто як ҳарферо ҳам ҳайф медонист.

Мурод гоҳе худро маҳкум менамуд: бояд истодагарӣ мекард. Калиди мошинро ба додараш намедод. Ҳамаро аз тақдир медид. Мумкин дар дафтари қисматаш пешакӣ сабт шуда будааст, ки ба ҷои бародар доғи судиро бар дӯш бигирад. Охир, додараш ҷавон аст, агар ҳабс мешуд, ояндааш месӯхт. Ба хотири ҷавонии бародар ва шод кардани рӯҳи падар ин амалро раво дид. Мурод дар маҳбас вақти зиёде дошт, то ки саҳифаҳои китоби кӯҳнаи ҳаёташро саҳифагардонӣ намояд. То ин муддат ӯ ба чӣ ноил шуд? Ба ҷуз тарбияи фарзандони падар кореро барои худ анҷом надод. На соҳиби зану фарзанд шуд, соҳибмаълумот ҳам нашуд, касбу корашро ҳам дуруст наомӯхт ва хонаву дари нав ҳам бунёд накард… Ҳамеша андешаи додаронашро дар сар дошт…

Ӯро барои рафтори намунавӣ пеш аз муҳлат аз маҳбас озод карданд…

## МУЛОҚОТИ САРДИ ДОДАРОН

**«Агар ғам ба сарат ояд, ба атроф нигар ва шукр бигӯй, чунки аз ту дида ғамдортарҳо бисёранд.»**

Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Шаби пеш аз маҳбас озод шудан Мурод додарони азизашро дар хоб дид. Шабҳои фироқи маҳбас дарозу тӯлонӣ буданд. Хобаш чунин буд: *се додар бол кушода, ба ҳаво парвоз карданд. Мурод бошад, аз поён ба осмон нигоҳ карда, бо тамоми қувва медавид. Мехост бол кушояду бо бародарон парвоз кунад, аммо наметавонист. Бо чашмони пурнаму саршор аз яъсу навмедӣ зери дарахте нишаста, дил холӣ кард. Дасти болои китфаш гузоштаи падар ӯро аз хоб бедор сохт…*

Баъди аз маҳбас баромадан Мурод хост, аввал додаро-

нашро хабар бигираду баъди хомӯш намудани дарди фироқи чандсола ба деҳа биравад. Нишонии ҷои кори Маъруфро медонист. Ба дафтари кори додараш даромада, ӯро дар либоси сап – сафеди оҳарӣ диду оғӯш кушода ба сӯяш қадам гузошт.

– Чаро бехабар ба ҷои корам омадед? Ин чӣ сару либос? Маро дар ҳолати ногувор намонед. Охир, ин ҷо деҳа ё маҳбас не, шаҳр аст, – гуфт Маъруф, норозигии хешро аз омадани бародар пинҳон накарда.

Дастони барои оғӯши бародар кушодааш дар ҳаво муаллақ монданд. Ӯ уқоберо мемонд, ки болҳояш кушода аст, вале на пар афшонда метавонад ва на онҳоро ҷамъ карда. Мурод беҷуръатона даст сӯи бародар дароз кард.

Маъруф сард вохӯрӣ намуд. Дафтари кори барҳавои бародар барояш тангу нафасгир шуд. Чизе гулӯяшро буғӣ мекард. Табларза тамоми вуҷудашро фаро гирифт. Кунд – кунд нафас кашид. Ҳастиашро селоби алам пахш кард. Ноҳинҷор шуд, гӯё болои сӯзан истода бошад. Аламашро базӯр фурӯ нишонду барои раҳидан аз ин ҳолати барояш ногувор бо нигоҳи пурсӯз, як навъ имдодталабона, роҳи баромадро ҷуст. Маъруф ин ҳолати бародарро гӯиё фаҳмида буд, ки:

– Ана, дари баромад, – гуфт ва роҳравон хилъати сафедашро кашида, ба рӯи курсие ҳаво дод ва ҳамроҳи акааш берун баромад.

Мурод лаби газидаашро аз зери дандон раҳо карда, аз ҳавои тозаи берун нафаси чуқур кашиду дами дарун кашидаашро берун сар дод. Аз муносибати сарди додар мехост гургвор нӯла бикашад, аммо худро ба даст гирифт. Маъруф акнун гӯё ба худ омада буд, ки додарашро суолборон мекард:

– Ака, тинҷӣ ҳаст? Аз маҳкама нагурехтаед? Охир, шумо бояд як сол пас озод мешудед – ку?

– Барои рафтори намунавӣ маро озод карданд. «Аввал додаронамро хабар гираму баъд ба деҳа баргардам,» – гуфта ба наздат омадам.

– Додаронамро дидед? – пурсид Маъруф ва интизори

ҷавоб нашуда афзуд:

«– Ман хеле серкор ҳастам, бегоҳӣ дар хона вомехӯрем. Ё имрӯз шумо ба қишлоқ меравед?

Суоли охирин чун тир дили Муродро сӯрох кард.

– Касеро надидаам. Аввал ба назди ту омадам, – оҳиста ҷавоб дод Мурод.

– Мабодо агар шаб монед, ана нишонии хонаи ман, – гуфта Маъруф коғазчаеро ба бародараш дароз карду хайрухушро нася гузошта, ба ҷои кораш даромад.

Пеши чашмони Муродро пардаи сиёҳе пӯшонид. Дуде мағзи сарашро тираву тор сохт. Чӣ кор карданашро надониста, ба коғазчаи додаи додараш дида дӯхту дилу бедилон сӯи хонаи ӯ қадам зад. Дари хонаро келини шаҳриаш кушод, симояш мағруру нигоҳаш осмонбӯс буд. Бо нигоҳи назарногирона аз нӯги по то фарқи сари Мурод назар карда, норозиёна:

– Ба Шумо кӣ даркор? – пурсид «шоҳбонуи афсонавӣ»

Мурод аз ин суол хеле ноҳат шуда, беҷуръатона :

– Хонаи Маъруф ҳамин ҷост? гуфт:

– Он кас дар хона нестанд. Агар ба ӯ кор дошта бошед, ба ҷои кораш равед. Ҳама гуна масъалаҳоро дар идорааш ҳал мекунад. Тавба, безор шудем аз ин қишлоқиҳои талбандаи бемаданият. Шабу рӯз корашон омадану рафтан, – гуфт келини шаҳрӣ бо ситеза ва дарро ба рӯи Мурод пӯшид.

Акнун Мурод куҷо рафтан ва чӣ кор карданашро намедонист. Гӯё сатили оби хунукеро ба сараш рехта бошанд, дилаш якбора аз хама сард гардид, аламаш кард, вале ин ҳамаро базӯр рафъ намуду ба ҷои кори Носирҷон, ки баъди хатми донишкада дар яке аз вазоратҳо ифои вазифа мекард, рафт. Аз муҳофизони вазорат додарашро суроғ кард. Баъди чанде Носирҷон ба наздаш омад. Аз мулоқот бо бародаре, ки бо гуноҳи ӯ шаш соли ҳаёташро дар маҳбас сӯзонда буд, заррае хурсандӣ изҳор накарда:

– Ако, биёед, дуртар аз вазорат рафта суҳбат мекунем, – гуфт бо чеҳраи турш ва калон – калон гом ниҳода, аз ҷои кораш дуртар рафту дар сояи дарахте мунтазири Мурод шуд.

Барои Мурод рафтори Носирҷон аҷиб намуд.

– Акаҷон, пеш аз омадан бояд бо телефон ё ягон воситаи дигар огоҳам мекардед. Ба муҳофизони пеши дар худро шиносондед?

– Не, нагуфтам, ки бароям кӣ мешавӣ, фақат ному насабатро пурсидам.

– Нағз кардед, ака! Охир, ман вақти дар ин ҷо ба кор даромадан номи шуморо дар тарҷумаи ҳолам нанавишта будам ва « аз хешовандонам касе суд нашудааст ва дар хориҷа зиндагонӣ намекунад»гуфтам. Агар фаҳманд, ки дурӯғ навиштаам, ба ман гап мерасад.

Мурод фаҳмид, ки додаронаш аз чун ӯ бародар ҳазар мекунанд. Бародари хурдӣ – Анвари донишҷӯйиро дигар нахост ташвиш бидиҳад. Шаҳр барояш аз ҳуҷраи маҳбас ҳам тангтар намуд.

## ХОНАВАЙРОНӢ

**«Ғуломӣ вазнинтар аст аз ҳама бадбахтиҳо».**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Зиндагии Хуршеда бо шавҳари ҳофизаш дер давом накард. Баъди фарзанддор шудан амалҳои ноҷои шавҳар ӯро ғамгин мекард. Агар шикояте кунад, сухани дағал мешунид.

– Хоҳӣ, ана ҳамин хел шавҳар, нахоҳӣ, чор тарафат қибла! – гуфта, ӯро дар хона гирёну нолон мегузошту Ёкуб ҳафтаҳо гум мешуд.

Таънаву маломат ва, вақтҳои охир, муштту лагад задану озор доданҳои Ёқуб тоқатнопазир шуда буд. Ин азобҳо як тараф, хушдоман ва хоҳарони шавҳар ба ҳар кори ӯ эрод гирифта, «қишлоқӣ – да» гуфтану паст заданҳои онҳо ҷони Хуршедаро ба лаб оварда буд.

– Духтари мудири ферма шуда, ақаллан, ҷавоҳироти бриллиант надорад, – мегуфт хоҳари шавҳараш.

– Бриллиант аз куҷо, рахти хобашро бинӣ, мегӯӣ, ки ягон сағирадухтар бошад– е. Ҳама кӯрпаҳояш аз ма-

тоъҳои арзон,– ғур – ғур мекард хушдоманаш.

– Ягон намуди хӯриш, ширинӣ ва кулчақанд пухта наметавонад. Мегӯӣ, ба ҳақиқат, дар ҳамон фермаи падараш калон шудааст, – мегуфт хоҳари хурдӣ.

Хулоса, хонаи шавҳар барояш дӯзахро мемонд. Дили нафареро аз аҳли оила ёфта натавонист. Гӯё ҳама як забона , муқобилаш ҷанг эълон карда бошанд. «Болои сӯхта намакоб» – рӯзе шавҳараш бо раққосае ба хона омада:

– Мо консерти калон дорем, бояд машқ кунем. Ту бо кӯдакат ба мо халал мерасонӣ. То анҷоми  машқ бо модарам мешинӣ, – гуфта, Ёқуб ӯро аз хонаи хоб берун кард.

Хуршеда ба хонаи хоби хушдоманаш гузашту баъди соате барои шавҳар ва меҳмони ӯ чой дам карда, дар лаълии калон мураббо ва кулчақанд гузошта, ба наздашон даромад. Кош намедаромад ва он даҳшатро намедид. Ёқуб ҳамоғӯши раққосааш дар бистари сап – сафеди Хуршеда мехобид!

Ҳамон лаҳза Хуршеда духтарчаашро гирифта, бо ашки шашқатор ба деҳа, ба хонаи падар баргашт.

– Духтарам, бояд тоқат мекардӣ. Охир, «хонаи шӯ арра дорад, арраи шашпарра дорад,» – мегӯянд, панд медод модар духтарашрову бо гӯшаи рӯймоли сафед номаълум ашки чашмонашро пок мекард.

Рӯзи дигар худаш Хуршедаро ба хонаи шавҳар бурду модарвор насиҳаташ кард:

– Духтарам, ҳаёт бозича нест, ки ҳар рӯз ба шавҳар бароӣ. Одамон чӣ мегӯянд? «Духтари фалонӣ бетарбия будааст,» – гуфта,  падаратро шармсори дӯсту душман мегардонанд. Тоқат кун, мо ҳам дар зиндагӣ азобҳои зиёд кашидем. Санги вазнинро об намебарад, духтарам. Худованд мисли гул духтарчаеро насибат гардондааст. Ба хотири фарзанд тоқат кун,  ки ӯ бепадар калон нашавад. Мехоҳӣ, ки духтаратро «сағира» гуфта, дар ҳар қадам паст зананд? Бахти духтаратро фикр кун: «сағирадухтар» гуфта, ба дари хонаат касе хостгорӣ намеояд.

Хуршеда бо сари хам суханони модарро гӯш карда, ба қавли худаш, ба тақдир тан дод. Модар чанде бо ӯ нишасту

ба деҳа баргашт. Бегоҳ Ёқуб бо раққосааш ба хона омада, Хуршедаро диду бо тамасхур қоҳ – қоҳ хандида гуфт:

-- Ҳа, аз хонаи падар ҳам пешат карданд? Ту ба ҳеҷ кас даркор нестӣ. Аз имрӯз ба баъд саратро хам карда, бе нозу-нуз хизмати хонаи маро ба ҷо меорӣ, фаҳмидӣ!? - - ва рақоса-ро ба оғӯш гирифта, бо меҳрубонӣ таклиф кард: – марҳамат, азизакам! Хонаи хоб дар ихтиёри мо, машқ мекунем.

Ҳар ду хандида, ба хонаи хоби Хуршеда даромаданду ӯ дар миёнаи ҳавлӣ, тифл дар даст, ҳайрон монд. Духтар-чааш, гӯиё аз кардаи падар ғамгин шуда бошад, ба гиря да-ромад. Хост кӯдакашро парпеч кунад, аммо ба хонаи хоб даромаданро ба худ раво надид. Охир, кӣ медонад, ки онҳо ба чӣ «машқ» машғуланд? Ба чор тарафи ҳавлӣ нигариста, хушдоманашро дид, ки дар назди хонаи хобаш рост истода, бо хандаи истеҳзоомез ба ӯ нигоҳ мекард. Хуршеда хост духтарашро дар хонаи хоби хушдоман парпеч кунад, аммо хушдоман аз майли ӯ огоҳ шуда, бо қавоқи гирифта дарро ба рӯи келин пӯшид. Ӯ дар даҳлез парпечи таршудаи тиф лашро дигар кард. Намедонист чӣ кор кунад. Дар ҳавлӣ овози Ёқубро шунида, аз тиреза дид, ки шавҳараш бо раққоса аз ҳавлӣ баромаданд. Ӯ тез кӯдакро гирифта, ба ҳуҷраи хобаш даромад. Ба хона гӯё дузд даромада буд: анҷому ашё ҳар сӯ партофта, рахти хоб жулидаву бетартиб, либосҳои шавҳараш ба ҳар сӯ ҳаво дода, ороишоти назди ойина титу пареш, рӯпуши гаҳвораи кӯдакаш дар остонаи дар, зери по, аз ҳуҷра бӯи ғализи сигор, газак ва нӯшокии спиртӣ ба димоғ мерасид.

Хуршеда Нигораи хурдакакро дар гаҳвора хобонду рӯяшро бо кӯрпаи сабук пӯшонда, дару тирезаро кушод, бӯйи ғализ аз ҳуҷрааш берун шавад. Сипас бо таҳаммул ҳуҷраро ба тартиб оварда, либосҳои титу парешро ҷо ба ҷо гузошт. Даме нишаст. «Чаро? Чаро? Ва боз ҳам чарову ба-рои чӣ тақдир маро ба чунин рӯз расонд? Чӣ гуноҳ дорам? Барои чӣ бояд ба чунин таҳқир розӣ шавам? Не, не ва боз ҳам не! Набояд ман ғуломи зиндагӣ бошам. Охир, ман ҳам инсонаму барои худ қадру қимате дорам, бигузор занона ҳам бошад, ғурур дорам, ирода дорам, иродаи шикастнопа-

зир. Ман ғулом нестам!» Ин суханҳоро аз дил гузаронд Хуршеда ва қоматашро рост карда, зиндагии ояндаашро пеши рӯ овард. Медонист, ки дар ин хонадон рӯзи некро нахоҳад дид. Омадани шавҳари беномусашро интизор шуд. Баъди як ҳафта Ёқуб пайдо шуда, Хуршеда он тараф истад, ақаллан ба духтарчааш ҳам нимнигоҳе накарда, ба хонаи хоб даромаду:

– Ман истироҳат кардан мехоҳам, нороҳатам накунед, – гуфта, дарро ба рӯи зану фарзандаш баст.

Хуршеда маҷбур ба ҳуҷра даромада, ба ӯ фаҳмондан хост:

– Ёқуб, агар бо ман зиндагӣ кардан нахоҳӣ, биё, бо нағзӣ аз ҳам ҷудо мешавем. Ман бозича нестам, ки дар ҳар қадам таҳқир намоӣ. Фикри маро накардӣ, ақаллан ҳамин тифли бегуноҳро фаромӯш накун…

– Ҳой қишлоқӣ! Чӣ ин қадар бидир – бидир мекунӣ? Забон баровардӣ ту ҳам!? Рав, чор тарафат қибла! Аз худат ҳам безораму аз кӯдакат ҳам.

Хуршеда на оби дида карду на оҳу нола. Гарчанде вуҷудаш месӯхт, Нигораашро ба бағал гирифта, бо сари баланд тарки хонаи шавҳар намуд, ҳарчанд мехост дод зада бигиряд аз чунин ноадолатӣ, номардӣ, пастфитратӣ ва…

Дар хонаи падар бо тамасхур истиқболаш карданд: ба келинҳои хона омадани ӯ маъқул набуд, ки лаҳзаи мувофиқро ёфта:

– Боз гашта омадӣ? – мепурсиданд киноямез ва қалбашро бо хандаи беҷоашон хуншор мекарданд.

Ба ин ҳама пичингу кинояҳо сарвари хонадон амаки Солеҳ нуқта гузошт. Дар сари дастархон ба писарҳояш рӯ оварда гуфт:

– Аз шумо пинҳон намекунам, фарзандонам. Бароятон дар зиндагӣ чизеро дареғ надоштам, эҳтимол баъзан дар нисбататон сахтиро раво медидам: нагузоштам, ки носкашу сигареткашу бангӣ шавед, барои соҳиби маълумот ва касбу кор шуданатон ҳам талош кардам, соҳиби хонаву дар ва зану фарзанд ҳастед. Фикр мекунам, ки қарзи падариамро дар нисбати шумо ба ҷо овардам. Акнун ху-

датон медонеду дави аспатон, бираведу ҳар кадом аз пайи зиндагии худ шавед. Ман зинда бошам, ҳеҷ гоҳ намемонам, ки занҳоятон бо пичингу киноя дили духтарамро бихарошанд. Худо душмани касро хонавайрон насозад. Маро фаҳмидед, фарзандонам!

Бародарон бо сари хам дар назди падар сукут карданд…

Хуршедаро чанд моҳ боз андешае дар сар омада буд. Мехост бо падараш маслиҳат намояд, вале ҷуръат намекард. Оқибат ба хулосае омаду рӯзе, вақти хӯроки шом, ба падар мақсади дар дил ниҳонашро кушод:

– Отаҷон, хуб медонистед, ки хониши ман дар мактаб бад набуд. Бо фотиҳаи шумо ҳуҷҷатҳоямро ба факултаи байтории Донишгоҳи кишоварзӣ месупорам. Мехоҳам ба мисли шумо ба мардум хидмат намоям.

Амаки Солеҳ бо меҳрубонӣ аз пешонии духтараш бӯсида, ба майли дили ӯ ҳарф зад:

– Ҳаминро аз ту интизор будам, духтарам. Бихон, дар зиндагӣ бахтат омад накард, шояд ба кор дода шуда, ин ҳама азобҳои кашидаро фаромӯш кунӣ. Зиндагӣ фақат аз баҳор иборат нест, тирамоҳи баргрез ва зимистони хунуки барфрез низ дорад. Бо меҳнати ҳалол метавонем ҳама камбудиҳоро паси сар карда, зиндагиамонро ба баҳори гулрез табдил бидиҳем.

Хуршеда бо дуои падар муддати панҷ сол ҳама нозукиҳои касбашро омӯхта, баъди хатми донишгоҳ ба деҳа баргашт. Дар ин чанд сол Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам барҳам хӯрда, хусусигардонии муассисаҳои давлатӣ оғоз ёфта буд. Амаки Солеҳ вақтро аз даст надода, фермаи хоҷагиашонро шахсӣ карду сарварии онро бар дӯши Хуршеда гузошт. Бародаронаш ба шаҳр кӯч баста буданд. Хуршеда бо дастгириву маслиҳати падар аз пайи кор шуд. Донишу таҷрибаи дар мактаби олӣ ҳосилкардааш боиси пешравии кораш гардиданд.

# БАХТИ БОЗОМАДА

**«Муҳаббат ҳамеша ғолиб аст».**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Рӯзе, ки Мурод аз маҳбас баромаду беҳурматии бародаронро дид, дунё барояш торик гашт. Дар киса маблағе надошт, ки бо автобус ё мошине раҳгузар то ба хонаашон биравад. Пиёда азми рафтани деҳа кард. Дар нисфи роҳ «Нива» – и сафеде ӯро гузашту баъди даҳ – понздаҳ метр якбора истод. Мурод ба ронанда нигоҳ карду нафас гӯиё дар гулӯяш дармонд, сараш чарх зад. Вале чанд сония баъд дар дили бечораи аз дунё мондааш насими фораме ба вазидан даромаду ӯро аз нав ба ҳуш овард.

Ронанда дари мошинро кушода, берун баромаду бо табассуми малеҳе чанд қадам ҷониби ӯ гузошт. Тапиши дили Мурод беист зиёд мешуд. Ҳастиаш меларзид. Беихтиёр дасташро болои сина гузошт: мабодо дил аз қафасаш берун нашуда бошад? Дар рӯ ба рӯяш Хуршеда – он моҳи шаби чаҳордаҳ, ки зиёда аз 10- сол боз парастишаш мекарду дӯсташ медошт, олиҳаи зебоӣ ва сабаби ҳастиаш дар ин дунёи саршор аз ноҷавонмардиҳо, бо чеҳраи хандон ва лабҳои аз табассум шукуфта меистод.

– Хуршедаҷон, ин туӣ!? Ман хобам ё бедор? – гуфта Мурод суол медоду ҷавобашро интизор нашуда, беихтиёр аз худаш мепурсид. – Худоё, ман – ку девона нашудаам?

– Бале, ин манам, – бо чеҳраи чун гули лола шукуфон ва ҳамон табассуми азалӣ ӯро истиқбол намуд Хуршеда. – Дер боз ҳамин мулоқотро интизор будам, аммо намедонистам, ки дар чунин рӯзу чунин ҳол, дар ҳамин чорроҳа вомехӯрем.

Аъзои баданаш меларзид. Аз дидани ишқи аввал қалбаш месуруду метапид, мерақсиду аз шодӣ ба ҷилва даромада буд. Дар як лаҳза ҳаёти пур аз дард ва муҳаббате, ки ба Мурод дошт, чун навори филм аз пеши назараш гузашт. Таҳқиреро, ки дар хонаи шавҳар дида буд, шабҳои тӯлонии фироқ ва бедорхобиҳоеро, ки аз ишқи Мурод , пеши рӯ

оварду айёми духтарӣ дар хотираш ба ҷилва даромад.

Хуршеда дар банди хотираҳои ширин чӣ гуна ба назди Мурод омаданашро нафаҳмид. Онҳо тапиши ноҳамвори дили якдигарро гӯё эҳсос менамуданд. Дасту пои Мурод беихтиёр ба ларзиш даромада буд.

– Худоё, шармандаам накун дар ин лаҳзае, ки як умр интизораш будам! Бубахшой нерӯам, то дар пеши маҳбубаам аз по наафтам, – зери лаб хоҳиш мекард аз Офаридгор.

– Мана, инро бигир! Охир, ту ронанда ҳастӣ – ку, касбат ро давом деҳ, – гуфта, Хуршеда калидро ба Мурод доду аз дари дигар ба мошин даромада нишаст.

Мурод чӣ кор карданашро намедонист. Пойҳояш пеш намерафтанд. Садои баланди сигнали мошин, ки Хуршеда зер карда буд, ӯро ба худ овард. Дар пушти чанбараки мошин нишаст. Ҳарду хомӯш буданд. Баъди тахминан 10 – 15 дақиқа Мурод мошинро боздошту сар ба рӯи чанбарак гузошта, чун абри навбаҳор ба ҳоли худ зор – зор гирист. Барои ятим буданаш, барои бадбахт шуданаш, барои беҳурматии фарзандони падар, барои муҳаббати дастнорасаш мегирист.

Хуршеда сачоқи даруни мошинро гирифта, болои майсаву себаргаҳои канори роҳ густурда нишаст. Ӯро бо аламҳояш танҳо гузошт, то дилашро аз ғаму ғусса холӣ бинмояд.

Мурод ҳам чанде баъд мошинро тарк намуда, ба соҳили рӯди на чандон бузурги канори роҳ омада аз оби зулолу хунук нӯшид.  Дасту рӯй шуста, ба назди Хуршеда рафта, нишасту ба он симои азизе, ки солҳо аз пеши назараш, балки аз қалбаш дур намешуд, нигарист. Костагие дар ҳуснаш надид. Ҳамон дилбари моҳрӯ, хушгӯю дилҷӯ, мӯйи мушкноб ва зулфони пурпечутоб ва қомате ҳамсони сарв . Ҳар кадом саргузашти худро дар 15 соли фироқ ба ҳамдигар нақл карданд…

Соате баъд ба деҳа омаданду ба хона надаромада, рост ба ферма рафтанд. Амаки Солеҳ Муродро дида хеле хурсанд шуд: серғайрату ҳалолкор буданашро медонист. «Чунин коргарон дар ферма заруранд,» – аз дил мегуза-

ронд ӯ. Баъди суҳбати самимии тӯлонӣ ва ошно шудан бо ҳолати кор дар ферма Мурод бо Хуршеда ва амаки Солеҳ хайрухуш карда, ба хонааш рафтанӣ буд, ки:

– Муродҷон, о Шумо ба куҷо? Маро боз дар нимароҳ гузошта, фирор карданӣ ҳастед? – гуфт бо хандаи маънидор Хуршеда.

Амаки Солеҳ гӯё суоли духтарашро нашунида бошад:

– Хайр, фарзандонам, Шумо ба хона равед, монда шудагистед. Ҳоло кори ман бисёр, – гуфту ба тарафи молхона, ба назди говдӯшҳо равон шуд.

Мурод Хуршедаро то назди хонаашон бурду калиди мошинро баргардонд ва даст рӯи сина ниҳода, бо тавозуъ гуфт:

– Ташаккур, Хуршеда! Аз ин вӯа баъд кадом вақте ронанда даркор шуд, ман омодаи хидмат ҳастам.

Хуршеда аз ӯ чашм наканда, баъди каме таҳаммул посухаш гардонд:

– Мурод, пиёда нарав. Аз имрӯз ту ҳамчун ронанда ба ман хидмат мекунӣ. Аз рӯзи ҳамин мошинро хариданам орзу мекардам, дар пушти чамбаракаш туро бубинам. Ба хотири он ки нафаре дигар дар барам нашинад, агарчи маъқулам набуд, ронандагиро омӯхтам.

– Хуршедаҷон, барои фикр кардану ба хулосае омадан як рӯз муҳлатам деҳ. Имрӯз бароям кифоя аст ин қадар хушбахтӣ, боз аз шодӣ дилам накафад, – гуфт узромез Мурод ва ба сӯи кулбаи падарӣ равон шуд.

Хонаро холӣ ва сарду хомӯш ёфт. Деворҳои похсагин аз таъсири боду борон рехта буданд. Ҳота пур аз алафҳои бегона, шохаҳои ангури болои хавозаи кӯҳнаи каҷшуда чанд сол боз қайчиро надида буданд, анкабут дару тирезаҳо тор танида. Дар як лаҳза шаби аввали дар маҳбас гузаронида пеши рӯяш ҳувайдо шуд. Чунин хомӯширо бори нахуст дар ҳамон ҷо дида буд. Пас манзили ӯ аз маҳбас чӣ тафовуте дорад? Сараш чарх зад. Дилаш беҳузур шуд. Хост мисли гурги танҳо уллос бикашад.

– Муродҷон, ин туӣ? – гуфтани ҳамсояи девордармиёнаш – амаки Неъматулло ӯро аз банди гарони ан-

дешаҳо раҳонид.

Агарчи солҳо боз якдигарро надида буданд, бисёр самимона бо оғӯши кушода, бо ҳам мулоқот намуданд.

– Аз рӯзи азал ҳамин хел бемуҳаббат ҳастӣ, ҳамсоя. Ҷавобат доданду хабарамон накардӣ, агар дарак меёфтам, келинҳоро мефармудам, хонаву даратро рӯфта тоза мекарданд.

– Мардак, бо Муродҷон ба хонаамон гузаред. Ғизо тайёр, шумо суҳбат карда мешинеду духтарҳо хонаву ҳавлии ҳамсояро ба тартиб меоранд, – ҳамсари амаки Неъматулло – холаи Гулдаста аз пушти девор овоз баланд карду болои суфа курпача партофта, дастархон кушод.

Баъди ним соат, омадани Муродро дарак ёфта, ҳамсояҳо – яке дар даст тарбуз, дигарӣ як лаълӣ мева, севумӣ хурмаи ҷурғот ва чанд нонро дар дастархон печонда дар ҳавлии акаи Неъматулло гирд омаданд. Болои суфа барои онҳо тангӣ мекард. Охир, Муродро аҳли деҳа эҳтиром мекарданд. Касе маҳбас ва солҳои дар он ҷо гузаронидаи Муродро ба ёд намеовард.

Рӯзи дигар, субҳ нодамида, Мурод ба ферма рафт. Амаки Солеҳ чун одати дерин он ҷо буд: шири дӯшидаро бояд ба идораи ширқабулкунии ноҳия мебурд. Муродро бо чеҳраи кушод истиқбол намуда пешниҳод кард:

– Писарам, омадӣ? Хуб кардӣ, биё, ҳамроҳ ба маркази ноҳия рафта, ширро ба дӯкони панирбарорӣ месупорем. Сӯҳбат мекунем, рӯзҳои гузаштаро ба ёд меорем. Чӣ гуфтӣ?

– Хуб шудаст, амакҷон, – гуфта Мурод зарфҳои охирини ширро ба мошин бор карда, дар паҳлӯи амаки Солеҳ нишаст.

Ҳарду дар роҳ, то ноҳия ва дар бозгашт, бо ҳам ба гуфти мардум хуб «дарди дил» намуданд. Вақте ки аз дарвозаи ферма ба дарун даромаданд, амаки Солеҳ аз мошин фуромаду дарро напӯшида, насиҳатомез ба Мурод гуфт:

– Зиндагӣ роҳи ҳамвору мумфарш нест, додарам, шебу фарозҳои зиёд дорад. Мебинам, ки ин солҳо ҳам бароят беасар нагузаштаанд. Одаму оламро шинохтаиву сабақи хубе

ҳам бардоштаӣ. Росташро бигӯ: оянда чӣ мақсад дорӣ? Дар ҳамин ҷо мемонӣ ё ба шаҳр, ба назди додаронат, меравӣ?

Мурод баъди чанде сукут сар бардошту посух гардонид:

– Ба ягон ҷо рафтанӣ нестам, амакҷон. Ҳамон кулбаи вайронаамонро аз нав обод мекунам, ки арвоҳи падару модарамро шод бигардонам. Дар масъалаи кор… Амакҷон, агар шумо розӣ шавед, ҳамроҳатон дар ферма кор кунам, агар…

– Муродҷон! – хитоб кард амаки Солеҳ, – аз ҳамин рӯз ту коргари ферма ҳастӣ, мефаҳмӣ, аз ҳамон субҳи содиқи ба ферма даромаданат коргари ферма будӣ. Бирав, аз пайи корат бишав!

Хуршеда бо лабҳои аз табассум шукуфта онҳоро пеш воз гирифт. Падар ба чеҳраи болидаи духтараш нигариста, гӯё кадом як сирри ниҳонеро барои худ кашф карда бошад, ба ӯ гуфт:

– Духтарам, меҳмонро ба кору бори ферма шинос бикун.

– Кӣ, Мурод меҳмон ? Фермаро аз ман хубтар медонад, ӯ мизбон аст, падар!

Аз байн чанд моҳ гузашт. Рӯзе, баъди анҷоми корҳо, Хуршеда ба назди Мурод омада, рози дер боз дар дил нуҳуфтаашро кушод:

– Мурод, як бор муҳаббатамонро хор кардем, бас будагист. Мехостам ин суханҳоро ту ба ман бигӯӣ, афсӯс, боз ҳам хомӯшиву чизе намегӯӣ…

Мурод аз ин гуфтаҳо лаҳзае худро гум кард, чи гуфтанашро намедонист, вале шарорае дар қалбаш шӯъла заду эҳсоси ҷуръатро дар вуҷудаш бедор сохт. Ба чашми маҳбуби дилаш нигоҳ карда гуфт:

– Хуршеда, ту аз муҳаббати ман огаҳӣ, бо тамоми ҳастӣ дӯстат медорам, тайёрам бароят ҷонамро нисор кунам, аммо… Аммо худро лоиқи ту намедонам. Охир ту роҳбари корхона, соҳиби маълумоти олӣ ҳастӣ. Ман чӣ? Ҳамон подабону ҳамон рonanда, боз доғи судӣ ҳам дорам. Хуршеда…

Гуфтаниҳои зиёд дошт дар қалбаш Мурод, вале ба наздашон омадани амаки Солеҳ ӯро водор намуд, ки суханашро қатъ намояд. Бечуръатии марди дӯстдоштаашро дида, Хуршеда шарму ҳаёи азалиро як сӯ гузошту ба мӯйсафед гуфт:

– Падарҷон, то имрӯз аз хатти кашидаатон набаромадам, ҳарфи баланде ҳам аз шумо нашунидам. Маро бифаҳмед: ману Мурод солҳо боз ҳамдигарро дӯст медорем, акнун бахти худро ёфтам, вале бе ризоят ва фотеҳаи неки шумо худро хушбахт дида наметавонем. Агар… – дигар чӣ гуфтанашро надониста, хомӯшӣ ихтиёр кард.

Падар аз интихоби духтараш қонеъ буд, аммо Мурод дар банди ҳайрат афтода:

– Хуршедаҷон, доғи судии ман. Охир, ман доғи судӣ дорам… – мегуфт аз амаки Солеҳ чашм наканда.

– Писарам, – бечуръатии ӯро бартараф карданӣ шуд амаки Солеҳ, – ҳама бегуноҳиатро медонанд. Медонанд, ки гуноҳи дигаронро ба гардан гирифта будӣ. Маълумоти олӣ надорӣ? Ҳеҷ гап не! Ҳуҷҷатҳоятро ба шуъбаи ғоибонаи донишкадаи олӣ месупориву аз истеҳсолот ҷудо нашуда таҳсил мекунӣ ва соҳиби маълумоти олӣ мешавӣ. Муҳимтар аз ҳамааш – шумо якдигарро дӯст медоред, – ва даст ба фотеҳа бардошт:

– Худованд дари бахту саодатро ба рӯятон бикшояду файзу баракатро дар саратон бирезонад, соҳиби хонаи обод ва фарзандони нек бигардонад шуморо, омин!

Моҳе баъд дар ҳавлии амаки Солеҳ тӯй шуд: Хуршедаву Мурод бо ҳам ақди никоҳ бастанд. Мурод чунин хушбахтиро дар гӯшаи хаёлаш ҳам тассовур намекард. Ба мақсади деринаш расид: Хуршедаи нозанин ҳамсар, ҳамфикру ҳаммаслакаш гардид.

Соле баъд дар ҷои кулбаи гилини падарии Мурод хонаи зебое қомат афрохт…

# ОМАДИ КОРИ БАРОДАР

**«Худфиребӣ бадтарин лаҳзаи умр аст, чунки фиребгар ҳамеша дар рӯ ба рӯи фиребхӯрда меистад.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Носирҷонро баъди хатми донишкада ба Вазорати кишоварзӣ ба кор фиристоданд. Ҳам кор мекард ва ҳам рисолаи илмӣ менавишт. Соле баъд роҳбарияти вазорат ӯро барои такмили дониш ба шаҳри Маскав фиристоданд. Ҳангоми таҳсил бо ҳамсабақи украиниаш – Валентина, ки аз Харков омада буд, шинос шуд. Ҳамдигарро дӯст дош танд. Дар як соли таҳсили якҷоя Носирҷон забонҳои русӣ ва англисиро хеле хуб омӯхт ва бо ҳарду забон озодона ҳарф мезад.

– Валяҷон, бо тамоми ҳастӣ дӯстат медорам, – изҳори муҳаббат намуд боре Носирҷон.

– Носирҷон, магар падару модарат ба ишқи мо монеъ намешаванд? – пурсид аз ӯ Валентина. – Охир, миллату мазҳабамон гуногун, расму русумамон ноошно, бадтар аз ҳама, ман забони шуморо намедонам…

– Азизакам, муҳиммаш якдигарро дӯст медорему мақсаду маромамон як аст. Мегӯянд, ки аз никоҳи миллатҳои гуногун фарзандони зебову оқил ба дунё меоянд. Дар бораи розигии волидайн бошад, ташвиш накаш, падару модари ман бародарам аст. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба ишқи мо монеъ намешавад.

– Туро бо аҳли оилаамон бояд шинос кунам, – гуфт Валентина.

Ҳарду ба Харков рафта, як моҳ меҳмони падару модари Валентина шуданд, Носирҷонро сарзамини зебои Украина мафтун кард. Волидайни Валентина табиб буданд. Носирҷон ба онҳо маъқул шуд. Мардуми Украина мисли тоҷикон либосҳои рангоранг ва расму оини ба худ хос доштанд, ҳамсони тоҷикон чеҳракушоду меҳмоннавоз буданд. Обу ҳавояш ҳам мисли Тоҷикистон буд дар ҳамон рӯзҳо. Баъди сафари Украина Носирҷон ба бародараш

телефон карда, рози дар дил нуҳуфтаашро кушод:

– Акаҷон, Валентина ном духтари украиниро дӯст медорам. Бо ҳам издивоҷ карданӣ ҳастем. Маро дар донишгоҳ ба кор таклиф кардаанд. Худам ҳам мехоҳам дар Маскав кору зиндагӣ кунам, албатта, бо фотеҳаи нек ва розигии шумо. Баъди ду рӯз занг занед. Албатта, телефон кунед, акаҷон.

Мурод дар ин боб маслиҳати Хуршедаро пурсид:

– Агар ҳамдигарро дӯст доранд, фотеҳаи некашон диҳед, – гуфт Хуршеда. – Бигузор хушбахт бошанд.

Мурод беистиҳола, ҳамон рӯз, ба Носирҷон телефон кард:

– Носирҷон, додаракам! Аз интихобат розӣ ҳастам, ба шумо падарвор дуо медиҳам:

-Илоҳо, хушбахт бошед! Фақат бародарон ва зодгоҳатро аз хотир набарор. Фаромӯш накун, ки Ватан барои ҳар як инсон ҳамчун беҳтарин туҳфаи Илоҳӣ азизу муқаддас мебошад.

– Акаҷон, қавл медиҳам, ки ҳеҷ гоҳ бародарон ва Тоҷикистони азизамро фаромӯш намекунам.

Ба Валентина ва Носирҷон барои зист дар хобгоҳи донишкада як ҳуҷраро ҷудо карданд. Дар чашми ҳарду, ки фидоии илм буданд, ин ҳуҷраи танг чун қаср муҳташам менамуд…

## ДӮСТОН ШОДУ ҲАСУДОН ҒАМГИН

**«Хирад маликаи осмону замин аст.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Зиндагии осудаи Мурод ва Хуршеда дер давом накард. Аз рӯзгори хуши онҳо дӯстон шод буданду ҳасудон ғамгин. Собиқ раиси хоҷагӣ Самандар Ализода ва чанде аз атрофиёнаш баъди хусусигардонии амволи хоҷагӣ аз зин фуромада бошанд ҳам, пояшонро аз узангу гирифтан

намехостанд. Пешрафти кор дар фермаи шахсии Хуршеда оромашон намегузошт, паси ҳам ба ҳукумати ноҳия номаҳои беимзо фиристода, кормандони онро сиёҳ мекарданд. Менавиштанд, ки сарварони ферма ҳисобу китоби ниҳонӣ доранду даромади аслии корхонаашонро ба идораи андоз пешниҳод намекунанд, ҳатто менавиштанд, ки дар ферма аз қувваи ноболиғон истифода мебаранд. Моҳе чанд бор нозирон ба ферма омада, соатҳои зиёд кормандонро бо суолҳои бамавриду бемаврид ташвиш медоданд, вале камбуде намеёфтанд.

Бадхоҳон ба ин ҳам қонеъ нашуданд. Бо ҳар роҳ мехос танд барои пешрафти кори Хуршеда монеае эҷод бисозанд. Ҳамон сол баҳор барои чорводорон бисёр мусоид омад. Алаф дар кӯҳу пушта фаровон шуд. Хуршеда тобис тони дароз кормандони фермаро ба алафдаравӣ сафарбар кард, ки барои зимистонгузаронии чорво ғизои зарурировзахира намоянд. Ҳамон шаб, аз чи бошад, ки Мурод хавоси парешоне дошт, хобҳои ҳархела дида бо тарс бедор шуд. Бистараш аз арақ тар буд. «Тавба, дар зимистон ҳам одам арақ мекардааст – да?» – гуфта, ҷомаашро ба сари китф партофта берун баромад. Моҳтобшаб буд. Хонаашон, ки дар баландӣ ҷойгир буд, деҳа чун дар кафи даст ба чашм мерасид. Аз ҷониби ферма, ки тахминан ним фарсах дуртар аз деҳа ҷойгир буд, шӯълаҳои оташ фиғона мезаданду дуди сиёҳ ба фалак мепечид. Саросема ба хона даромада, ҳамсарашро бедор карду либоси гарм пӯшида, мошинашро ба кор даровард. Мардуми деҳ бо оташ дастбагиребон шуда буданд. Яке сатил дар даст медавиду дигарӣ бо бел барфро ба коми оташ ҳаво медод… Субҳ ҳам дамид. Оташро хомӯш карданд. Ҳар кадом ба ҳодиса ба таври худ баҳо медоданд. Яке мегуфт:

– Ин кори ҳасудон аст, иншоаллоҳ, рӯзе ҷазояшонро хоҳанд дид…

Дигаре даст ба гиребон бурда, аз худ мепурсид:

– Тавба, ин мардумро чӣ бало зада бошад? На серро дида метавонанду на гушнаро нон дода…

Севумӣ ба назди Хуршеда омада дилбардориаш ме-

кард:

– Духтарам, зиқ нашав. Мо ҳама аз як авлодем – ку, дастгират мешавем. Ҳа, кумакат мерасонем. Иншоаллоҳ, чорвоятро аз зимистон беталаф мебарорем…

Дар чашмони Хуршеда ашк ҳалқа зад: ашки шодӣ аз дилсӯзӣ ва дар соати мушкил муттакои ӯ гардидани ҳамдеҳаҳояш.

Аз зимистон беталаф баровардани чорво ба Мурод ва Хуршеда гарон афтод. Бо мушкилӣ ва хароҷоти зиёд ҳам бошад, аз фермаҳои ҳамсоя ва соҳибкорони хайрхоҳ, ки захираи бедаашон зиёд буд, ғизои чорворо дарёфт намуданд. «Касеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст ояд» гуфтани бузургон дуруст будааст. Хуршедаву Муродро дар пеш мушкили боз ҳам сангинтаре интизор буд: корхонаи ширқабулкунии ноҳия қабули маҳсулоти фермаи онҳоро манъ кард. Хуршеда чун дид, ки ҳама кӯшишу заҳматҳояш бефоидаанд, рӯзе ба шавҳараш мақсади дар дил доштаашро ошкор намуд:

– Муродҷон, ман ба пойтахт меравам. Солҳои таҳсил дар Донишгоҳи кишоварзӣ, ҳангоми таҷрибаомӯзӣ, медидам, ки дар назди фермаҳо коргоҳҳои хурди панирбарорӣ амал мекунанд. Мо бояд худамон барои рафъи монеаҳо тадбир биандешем, набошад ин монеаро ба осонӣ рафъ карда наметавонем. Ният дорам, ки чунин коргоҳи хурдро дар назди коргоҳамон бикушоем. Агар ба мақсадамон бирасем, боз чанд ҷои кор барои мардуми деҳа муҳайё мешавад.

– Ҳамроҳ меравем, – гуфт Мурод қотеона.

– Не, Муродҷон, – ӯро аз раъяш гардонд Хуршеда ва маслиҳатомез идома дод.

– Ту бояд дар ин ҷо бошӣ. Медонӣ, ки «дӯстон» – и дар камин нишастаамон найрангҳои тозаеро бофта, ба сарамон бор карданианд. Дар ин ҷо будани ту ба ман имкон медиҳад, ки корҳоямро зудтар сомон дода, ба хона баргардам.

Мурод пешниҳоди ҳамсарашро маъқул донист.

Хуршеда дар шаҳр ба ҳамсабақаш, ки сарвари Корхо-

наи маҳсулоти ширӣ буд, мақсади омаданашро баён кард. Директор бо таҳаммул ба нақшаи ҳамсабақаш ошно шуда, дар навбати худ пешниҳод намуд:

– Хуршеда, кори наҷиберо пеш гирифтаӣ. Аҳсант! Дар фермаи шумо коргоҳи хурди истеҳсоли паниру ҳасибро таъсис медиҳем. Чанд нафар бо ҷои кор таъмин мешавад. Фақат мутахассис намерасад. Агар имкон дошта бошиву маблағат бирасад, ба чанде аз ҷавонони деҳа ин касбро меомӯзонем.

Хуршеда бо табъи болида ба деҳа баргашт. Сифату самараи корашон ҳам аз пешина беҳтар шуд. Аз миёни духтарони деҳа чанд нафарро барои омӯхтани нозукиҳои касб ба пойтахт фиристоданду онҳо баъди чанд моҳ ба деҳа баргаштанд, албатта, баъди омӯхтани касб ва андӯхтани таҷриба. сарварии коргоҳро ба ӯҳдаи Санифа – духтари подабони ферма амаки Ғолиб, ки ғоибона дар Донишгоҳи кишоварзӣ таҳсил мекард, гузоштанд. Акнун мардуми деҳа ба ин коргоҳ шир месупориданду дар баҳои он пули накд ё паниру ҳасиб мегирифтанд.

## ХУРШЕДА – НАМОЯНДАИ МАРДУМ

**«Аз ҳама ороишот виҷдони пок асосӣ аст.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Рӯзе, баъди кор, ҳама фаъолонро ба маҷлисгоҳи Шӯрои ҷамоат даъват карданд. Хуршеда ҳам бо чанде аз говдӯшҳои пешқадам дар маҷлис иштирок дошт. Намояндаи ҳукумати ноҳия мақсади ҷамъомадро ба ҳозирон арз намуд:

– Мо бояд аз деҳаи шумо як нафарро ба вакилии маҷлиси намояндагони халқи ноҳия пешбарӣ намоем ва рӯзи интихобот аҳли деҳа ба ҷонибдории ӯ овоз диҳанд. Ҳукумати ноҳия номзадии Самадов Қурбонро, ки сарварии яке аз идораҳои бонуфузи ноҳияро ба уҳда дорад, ба муҳокимаи шумо мегузорад. Шумо бояд ин таклифро дастгирӣ намуда, рӯзи интихобот ба ҷонибдории ӯ якдилона овоз диҳед. Хоҳиш мекунам, Қурбон Самадович, аз ҷо хезед, ки мардум шуморо бишносанд.

Қурбон Самадов бо виқор аз ҷо хеста, ба толор дида дӯхту дар ҷояш нишаст.

– Касе ҷонибдори ин таклиф аст, хоҳиш мекунам, даст бардорад, – гуфт намояндаи ҳукумати нохия.

– Муҳтарам раиси маҷлис, мумкин аст ду сухан гӯям? – аз ҷой хеста, иҷозаи ҳарф задан пурсид собиқадори меҳнат, собиқ сарвари бригадаи пахтакорӣ амаки Сафар.

– Марҳамат, – иҷозат дод раисикунанда ва тангии вақтро баҳона карда илова намуд: – Тезтар фикратонро баён кунед, ҳама монда шудаанд.

– Пешниҳоди ман ҳамин: агар вакил интихоб карданӣ бошед, хуб мешуд, ки номзадии нафареро аз ҳамин деҳа пешниҳод кунем, чунки камбуду норасоии ҳаёти моро беш аз дигарон сокини деҳа медонад ва дар маҷлиси ноҳиявӣ барои рафъи онҳо масъала мегузорад. Ман номзадии духтари деҳаи худамон Хуршедаро пешниҳод ме-

намоям. Ӯ ба маҷлиси ноҳиявии вакилони халқ вакили арзанда аст, чунки Хуршеда дар муддати кӯтоҳ барои аҳли деҳа ҷойҳои нави кор ташкил намуд. Чанд нафарро барои касбомӯзӣ ба пойтахт фиристод. Мардуми деҳа то дирӯз бо азоби алим маҳсулоташро ба маркази ноҳия бурда, бо маблағи ночиз мефурӯхтанд. Имрӯз бемалол маҳсулотамонро дар ҳамин ҷо месупорему маблағи хуб хуб ҳам ба даст меорем. Хоҳиш мекунам: таклифи ман ба овоз монда шавад. Шумо чӣ мегӯед? – пурсид амаки Сафар аз ҳозирин.

Толор ба ҷунбиш даромад. Аз ҳар гӯшаи он овозҳо баланд шуданд: «Рост мегӯяд акаи Сафар!» «Мо тарафдор!» «Мо номзади худро дорем, ба дигарон ниёзманд нестем!» «Номзадии Хуршедаро ба овоз монед!» «Чаро таклифи моро ба эътибор намегиред?» …

Раиси маҷлис дид, ки имкони дигар надорад, ҳозиринро ба хомӯшӣ даъват намуда гуфт:

– Ҳозирини муҳтарам! Таклифҳо гуногун шуданд, барои ҳамин номзадии ҳардуро барои овоздиҳӣ пешниҳод менамоям. Кӣ ҷонибдор!?

Хуршеда дар ҳамон маҷлис ба аҳли толор барои бовариашон изҳори миннатдорӣ намуда гуфта буд:

– Бародарон ва хоҳарони азиз! Ман бароятон аз осмон овардани ситораро ваъда намедиҳам, калӯш ҳам тақсим намекунам. Замоне, ки бо чормағзи пуч кисаи мардумро пур намуда фиребашон медоданд, кайҳо пушти сар шудааст. Агар шумо номзадии маро ба маҷлиси ноҳиявии вакилони халқ пешбарӣ намуда, ба ҷонибдориам овоз диҳед, ҳама қувваю ғайрат, донишу малака ва таҷрибаамро фақат барои ободонии деҳаи азизам ва беҳбуду некӯаҳволии мардуми он сарф мекунам.

Аҳли толор суханони Хуршедаро бо қарсакҳои пурмавҷу тӯлонӣ истиқбол карданд.

То рӯзи интихобот номзад Қурбон Самадов чанд маротиба ба мардуми деҳа дар бошишгоҳҳои саҳрой, ферма ва мактаб вохӯрда ваъда кард, ки агар маро ҷонибдорӣ намоед, ҳама камбудиҳоятонро бартараф мекунам. Дар

деҳа мактаб ва беморхонаи нав месозам, дар фасли зимистон хатти мустақими барқ гузаронда, хонаву кӯчаҳоятонро чароғон мекунам ва ғайраву ғайраҳо... Калӯши зиёдеро ройгон ба занҳо тақсим карданд.

Рӯзи интихобот ҳам фаро расид. Хурду бузурги деҳа бо либосҳои идона ба интихобгоҳҳо омаданд. Бегоҳӣ, баъди анҷоми овоздиҳӣ, қуттиҳоро кушоданд: ба ҷонибдории номзад Қурбон Самадов 10 дар сад ва ба Хуршедаи Солеҳ 90 дар сади интихобкунандагон овоз дода буданд.

Мурод бениҳоят хурсанд буд: охир, мардуми деҳа ба Хуршедаи ӯ бовар карданд. Ӯ вакили маҷлиси ноҳиявии намояндаҳои мардумӣ интихоб шуд. «Аҷоиб, хобам рост баромад,» – аз дил гузаронд Мурод. *Ҳамон шаб хоб дида буд, ки дар боғи калоне ҳамроҳи Хуршеда сабад дар даст мева мечиданд.*

Чанде нагузашта Хуршедаро раиси ҷамоат интихоб карданд. Ӯ ба амали ҳасудону нотавонбинон аҳаммият намедод, шабу рӯз кор мекард. Масъулияташ даҳчанд афзуда буд. Ягон чорабинӣ дар деҳа – тӯй, худоӣ, ҷаноза ё маъракае бе маслиҳати Хуршеда баргузор намешуд. Ин ҳама ба қалби ҳасудон чун нештар кора мекарданд. Ба болои ин ҳаёти хушу гуворои оилавии Муроду Хуршеда рӯҳашонро мешикаст. Онҳо нақшаҳо мекашиданд, ки бо кадом роҳ обрӯи Хуршедаро дар назди шавҳар ва ҳамдеҳагон резонанд. Яке пешниҳод мекард:

– Дар миёни мардум овоза мекунем, ки раисамон сабукпо аст.

– Не, намешавад. Ба ин овоза касе бовар намекунад, чунки ба покдоманиаш шубҳа надоранд, – рад мекард дигаре.

– Мегӯем, ки аз вазифааш суистеъфода мекунад.

– Охир, кӣ бе далел ба чунин туҳмат бовар мекунад? Ӯ масъулиятшинос аст.

– Аз ҳисоби оилааш метавонем ӯро шарманда кунем, дар ин ҳол худаш вазифаро партофта мегурезад...

Дар охир ба хулосае омаданд, ки ба воситаи Аския – ягона дугонаи давраи ҷавонӣ, ҳамсинфу ҳамсояи девордармиёни Хуршеда нақшаашонро амалӣ месозанд...

# АСКИЯ

**«Ҳасуд душмани худ аст,**
**аз бахилӣ хуни худро мехӯрад.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Аския дар хонадони серфарзанд ба дунё омада буд. Падараш – муаллими синфҳои ибтидоӣ Олим Шукуров даҳ фарзанд – панҷ писару панҷ духтар дошт ва бори зиндагии хонадонашро базӯр пеш мебурд. Аския фарзанди шашуми хонадон буд. Вақтҳое ҳам мешуд, ки нони серӣ намеёфтанд, дар боби сару либоси муносиб ҳам танқисӣ мекашид. Ҳамеша гилаомез аз модараш мепурсид: «Барои чӣ ман бояд пироҳани кӯҳнаи апаҳоямро пӯшам?» «Чаро ғизои дӯстдоштаамро хӯрда наметавонам?» «Барои чӣ моро таваллуд кардед, вақте ки бо сару либос ва ғизои дуруст таъминамон карда наметавонед?» ва бисёр чизҳои дигарро фаҳмидан мехост, баъзан ҷанҷол ҳам мекард…

Модар дар посухи суолҳои духтараш оҷиз мемонд. Баъзан аз худ мепурсид: «Чаро Аския ин қадар худхоҳ аст? Бо кадом фазилати хонаводагӣ манфиати худро аз дигарон афзал медонад? Бо маоши ночизи муаллимии падари 12 нонхӯр?» Муаллим Шукурзода пайваста дар дили фарзандонаш эҳсоси одаму одамгарӣ, накӯкориву накӯхоҳӣ, муҳаббат ба якдигар, ватандӯстию соҳибмаърифат буданро бедор кардан мехост. Ҳамеша таъкидашон мекард:

– Фарзандони азизам! Пеш аз ҳама хонед, илму дониш омӯзед, соҳибкасб шавед, дар ҷамъият мартабаи худро дошта бошед.

Насиҳати падарро ҳама қабул доштанд, ба ҷуз Аския. Ӯ баъди шунидани панди падар ҳатман посухе мегардонд, ки ба норозигиаш аз зиндагӣ аён буд:

– Падарҷон, шумо хонда кӣ шудед, ки мо хонем? Магар муаллимӣ касб аст? Ана, Хуршедаро бинед: гули либосро

мепӯшаду мағзи ғизоро мехӯрад. Ман аз вай чӣ камӣ дорам? Ҳеҷ! Фақат падари ман муаллим асту падари ӯ бойтор. Кош тарбиятгари инсон нею тарбиятгари ҳайвонҳо мешудед…

Каломи аз андеша тиҳии фарзанд қалби поку ҳассоси муаллимро ба риққат меоварду ӯро водор менамуд, ки аз худ бипурсад: «Дар тарбияи ин духтар ман чӣ хато содир карда бошам? Охир, дар сари дигар фарзандонам чунин андешаҳои бад нест. Дар рагу пайванди Аския кина ва бухлу ҳасад ҷо гирифтааст. Беҳуда нагуфтаанд бузургон: «Дар боғ ба ҷуз гул хор ҳам мерӯяд.» Наход Аския хорест дар бӯстони бо сад орзуи нек парваридаи ман? Барои тарбияи фарзандонам ҳама нерӯи рӯҳонӣ, таҷрибаи андӯхтаву саводамро сарф кардам. «Насиҳатнома» – и Унсурулмаолии Кайковусро гаштаю баргашта мутолиа намудам, «Достони педагогӣ» – и Макаренкоро борҳо саҳифа гардондам, аммо он нӯшдоруеро, ки барои табобати духтарам Аския лозим аст, наёфтам. Чаро?»

Рӯзҳо мегузаштанду фарзандон ҳам камол меёфтанд, аммо хислату хӯи Аския тағйир намеёфт, бадтар мешуду беҳтар не. Ба Хуршеда, ки дар хонадони падар яккадухтар буд, волидайн ва бародарон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд. Ҳар чи мехост, бечуну чаро иҷро мешуд. Дили софу беғаше дошт. Агар падару модар ва бародарон чизеро барояш тухфа мекарданд, «инаш ҳаққи дугонаам» гуфта, Аскияро бенасиб намемононд. Пешдомани мактабӣ дӯхтанӣ мешуд, албатта, дуто медӯхт: яктоаш аз Аския. Лентаҳои капронии сафед харидан мехост, албатта, ду ҷуфт мехарид: яктоаш барои Аския. Ҳангоми ғизо хӯрдан низ «модарҷон, дугонаам Аскияро ҷеғ зада, ҳамроҳ бихӯрем, чӣ мешавад?" мегуфту бо ризояти мадар ӯро ба сари дастархон мехонд. Ҳамроҳ дарс тайёр мекарданд, ғизо мехӯрданд, ҳамроҳ ба мактаб мерафтанд. Ҳамеша либосҳои нимдошташро «хоҳаронат мепӯшанд» гуфта, ба Аския медод. Ба дугонааш меҳру садоқати беандоза дошт, аммо Аския ба Хуршеда ҳасад мебурду нисбаташ бухлу кинаро раво медид. Ҳар гоҳи аз хонаи онҳо омадан,

албатта, ба сари модараш дод мезаду ҷанҷол мебардошт:

– Ӯро чашми дидан надорам! Чаро ба Хуршеда ҳама чизро Худованд додаасту ба ман садяки онро не?

– Духтарам, кӯрнамак мабош. Охир, Хуршеда ба ту ин қадар меҳрубону дилсӯз аст, пайваста ғамхориат мекунад. Намак хӯрда, дар намакдон туф накун, – насиҳаташ мекард модар, ки аз амалу гуфтори духтараш ҳамеша хавотир буду бори хиҷолат мекашид.

Ҳар ду мактаби миёнаро хатм намуданду бо иродаи падару модар хонадор шуданд. Дар деҳот баобрӯ ба шавҳар баровардани духтари хона муҳимтарин вазифаи волидайн маҳсуб меёбад. Ҳаёти оилавии дугонаҳо низ як навъ сурат гирифт: яке духтарча дар даст, дигарӣ бо ду писар аз шавҳар ҷудо шуда, ба хонаи падар баргаштанд. Аския шукрона мекарду мегуфт: «Чи хуб аст, ки Хуршеда ҳам мисли ман бева шуд. Хайрият – е.» Модар борҳо ӯро насиҳат мекарду мегуфт:

– Наход, духтарам, чунин ҳарфро нисбати беҳтарин дугонаат раво бинӣ? Андешаи бад аз сарат дур нашуд, ки нашуд. Дар муносибат кӯшиш кун, ки ҳеҷ гоҳ дӯстро душман нагардонӣ, баръакс, бикӯш, то душман дӯстат бидорад. Фаромӯш накун, Хуршеда беҳтарин дугонаат аст.

Соле нагузашта Аския бори дувум хонадор шуд. Ба марде, ки шаш фарзанд дошт, ҳамчун зани дувум ба шавҳар баромад. Мард қабл аз маъракаи никоҳ ба ӯ ошкоро гуфт:

– Ба шарте туро ба занӣ мегирам, ки фарзандонатро бо худ ба хонаам наорӣ, онҳо бо падару модарат мемонанд.

Аския талаби шавҳарашро ба ҷо овард ва мард дар маркази ноҳия хонаеро иҷора гирифта, ӯро ба он ҷо бурд. Баъди се моҳи зиндагӣ дузанагии ҳамсарашро шунида, зани аввали мард суроғаи Аскияро ёфта, ӯро дар хонааш хуб латукӯб кард ва қабл аз рафтан таҳдидаш намуд:

– Агар аз шавҳарам ҷудо нашавӣ, фарзандонатро зинда намеёбӣ. Ба бародаронам супориш медиҳам, дар кӯча то мурдан мекӯбанд ҳаромиҳоятро! Агар ҳамин корро наку-

нам, аз пушти падарам набошам!

Бечора Аския, ки таҳдиди палонҷ аҷлашро тира карда буд, зору ҳайрон монд. Чун дид, ки касе ба додаш намерасад, ба ҷои кори шавҳараш рафт. Мард ӯро шунидан нахост, баръакс, барои «густохӣ» – аш:

– Маро дар назди ҳамкоронам шарманда кардӣ, зани беақл! – гуфту дар ҳамон ҷо се талоқаш дод.

Аския бо сари хаму чашми нам ва дили пур аз ғам ба ҳавлии падарӣ, ба назди фарзандон ва келинҳои серҷоғи модар, баргашт.

Хуршеда дубора шавҳар карданро ба гӯшаи хаёл ҳам намеовард. Орзуи дар мактаби олӣ таҳсил кардану соҳибкасб шудан ки дошт, борҳо ба Аския мегуфт:

– Биё, дугонаҷон, хонданро давом медиҳему касбу кореро омӯхта, пеши касе муҳтоҷ намегардем.

– Не, дугона. Мехоҳам зани ягон бизнессмени серсӯм бошаму умрамро серу пур ва бо шодию нишот гузаронам, – мегуфт Аския.

Заҳмат кашида хондан, кор кардан, умуман, бардоштани бори зиндагиро қабул надошт ин зан. Хуршеда солҳои таҳсил дар донишгоҳ, рӯзҳое, ки ба таътил ё хабаргирии падару модараш меомад, албатта, ҳоли дугонаашро аз пайвандон мепурсид.

Аския аз шавҳари сеюмаш писарчае таваллуд кард, аммо тифлашро аз таваллудхона ҳамсар нею боз ҳамон бечора модари муштипараш ба ҳавлии падар овард. Зиндагӣ барояш бисёр сангин буд. Келинҳо «боз гашта омадӣ» гуфта, мазоҳу масхарааш мекарданд. Хуршеда ҳини таътили тобистона ҳоли зори дугонаашро дида, маслиҳатомез ба ӯ гуфт:

– Дугонаҷон, дигар тобу тавони туро дар ин ҳол дидан надорам. Ҳуҷҷатҳоятро тахт кун, худам бурда месупорам ва ҳангоми имтиҳонҳо низ кӯмакат мерасонам. Ҳам кор мекунӣ ва ҳам ғоибона мехонӣ.

– Охир, аз даврони мактабхониамон чанд сол гузаштааст, ман китобро ягон бор ба даст нагирифтаам. Аз ӯҳдаи хондан мебаромада бошам? – мегуфт Аския бо изтироб.

– Бале, мебароӣ, набаромадӣ, ёрӣ мерасонем, – мегуфт

қотеона Хуршеда.

Ҳамин тавр ҳам шуд: Аския ҳуҷҷатҳояшро ба шуъбаи ғоибонаи Донишкадаи омӯзгорӣ супорид. Муаллим Шукурзода, ки аз раъйи пешгирифтаи духтараш бениҳоят хурсанд буд, ба ӯ гуфт:

– Духтарам, кори боақлона кардӣ. Худо хоҳад, дар мактаби деҳаамон кор мекунию бо амал ва ақлу ҳуши худ намегузорӣ, ки фарзандонат рӯи хориро бубинанд. Умри мо ҳам рӯзе ба поён мерасад. Абадӣ соябони саратон шуда наметавонем.

– Падарҷон, ман аз ҳамин омӯзгорӣ сад бор безорам, аз шӯру мағали фарзандони худам ба дод омадаам, боз тарбияи бачаҳои мардум? Айби Хуршеда. Ба ҳолу ҷонам намонда, ҳуҷҷатҳоямро бурда супурд. Хайр, канӣ, дипломро гирем, баъд мебинем. Наход соҳиби ягон вазифа нашавам, – гуфт Аския падарашро лолу ҳайрон гузошта.

Баъди гузашти чанд сол дугонаҳо пайи ҳам мактабҳои олиро хатм карданду Аския дар боғчаи бачаҳо ба кор даромад. Кор маъқулаш набуд. Баъдтар бо қарори Шӯрои ҷамоат ва дастгирии раиси он – Хуршеда ӯ мудири боғчаи бачаҳо таъйин шуд. Вале бо ин ҳама ӯ ботинан ба Хуршеда нафрат дошт. Ба ӯ менигаристу ҳасад вуҷудашро абгор мекард.

Хуршеда, баръакс, ӯро бисёр дӯст медошт. Агар тӯҳфае барои Нодирааш хариданӣ мешуд, албатта, фарзандони дугонаашро фаромӯш намекард. Пеш аз соли нави хониш барои духтараш ва бачаҳои Аския сару либос ва китобу дафтару қалам мехарид. Аскияву фарзандонашро узви хонадони худ медонист.

* * *

Нотавонбинон Аскияро барои беобрӯ кардани Хуршеда истифода бурданд.

– Аския, ту аз Хуршеда чӣ камӣ дорӣ? Маълумотат олӣ, барои чӣ ӯ раис бошаду ту дастнигар – мудири яслӣ? Агар бо мо бошӣ, дере нагузашта курсии раиси ҷамоат насибат мегардад.

Аския бе ягон андешае пешниҳоди ҳасудонро қабул кард.

Аз рӯи одат Хуршеда баъди анҷоми соати корӣ то дер дар дафтари кораш менишаст: корафтодаеро қабул мекард, шикояти нафареро мешунид, нақшаи ояндаи ҷамоати деҳотро тартиб медод… Ана дар ҳамин соатҳо Аския ба Мурод занг мезад. Рӯймолчаашро ба рӯи гӯшӣ мемонд ки аз рӯи овозаш нашиносад

– Акои Мурод, дар хона кӯдакбонӣ карда шиштед – мӣ? Сазои саратон ҳамин, Хуршедаҷонатон дар бағали ким – киҳо айшу ишрат доранду. Латта шумо, – мегуфту қоҳ – қоҳ механдид.

Чунин асабвайронкуниҳо чандин маротиба такрор ёфт. Мурод ба Хуршеда дар ин боб ҳарфе намегуфт, аммо дар кадом як гӯшаи дилаш шубҳа роҳ ёфта буд. Рӯзе амаки Шодмон, собиқ раиси ҷамоат, пеши роҳашро гирифта, гӯё хайрхоҳаш бошад, гуфт:

– Муродҷон, додарам, дилам ба ту месӯзад. Шабу рӯз кор мекунӣ, чи будани роҳатро намедонӣ, ҳамсарат – Хуршеда маҷлисро баҳона карда, кораш ҳар рӯз шаҳрравӣ. Ғофил мабош, шунидам, ки ӯ бо ҷавонмарде муносибати маҳрамона дорад. Инро ба ман шахсе гуфт, ки бо чашми сар Хуршеда ва он мардро дар меҳмонхонаи шаҳр дидааст. «Гӯши соҳиб – кар» – мегӯянд ҳолдонҳо. Аз ин гап ба ҷуз ту ҳама хабардор. Аз пуштат одамон механданд, масхараат мекунанд. Агар ба ман бовар надошта бошӣ, аз дугонаи ҷониаш – Аския пурс.

Мурод бо қаҳр ба амаки Шодмон нигариста роҳашро давом дод, аммо… дил оромаш намегузошт. «Наход ин овоза рост бошад? Не, не! Ҳеҷ гоҳ Хуршеда чунин амалро дар нисбати ман лоиқ намебинад. Охир, мо якдигарро дӯст медоремy хонаи обод дорем. Агар овоза рост бошад – чӣ? Худоё, аз шармандагӣ нигаҳам бидор!» – меандешид пайваста Мурод.

Баъди чанд рӯзи ин сӯҳбат Мурод баҳонаеро пеш оварда, ба ҷои кори Аския рафту баъди изҳори «матлаб» аз ӯ пурсид:

– Аския, хоҳарам, барои чӣ ба хонаи мо дер – дер меоӣ? Аз ман малол – ку нашудаӣ?

– Не, акои Мурод, аз шумо малол нестам, лекин Хур-

шеда он дугонаи пешинаам нест, назараш моро намегирад, дӯстони нав пайдо кардааст, рафтораш низ дигар шудааст. Аз рӯи шунидам,  нисбати шумо низ беҳурматӣ мекардааст. Ҳушёр бошед, акаҷон, «дӯст як бошад, душман ҳазор аст,» – мегӯянд. Боз шармандаи дунёву охират нашавед?

Ин суханҳо чун тир қалби поку саршори муҳаббати Муродро сӯрох карданд, вале посухе надода, бо ӯ оромона хайрухуш кард. Намехост ба хонааш рафтан. Ба чеҳраи Хуршеда чӣ тавр нигоҳ мекунад? Дилу бедилон ба ҳавлиаш даромад. Дар хона касе набуд. Пиёда аз дарвоза берун шуд. Кӯчаҳои танги деҳа гӯиё нафасгираш мекарданд. Ба идораи ҷамоат наздик шуд. Атроф торик. Фақат дафтари кории Хуршеда чароғон буд. Ронанда дар нишастгоҳи қафои мошин мехобид. Ӯ оҳиста ба назди тиреза омада, Хуршедаро саргарми навиштан дид ва ҳама гумону шубҳаашро аз дил дур карду дарро кушода шӯхиомез пурсид:

– Раис, ба кӯмак ниёзманд нестанд?

– Не, ҷонакам, – гуфт бо ханда Хуршеда. – Фардо ҳисоботи маро оид ба фаъолияти ҷамоат дар маҷлиси Шӯрои ноҳия мешунаванд. Маърӯзаамро навиштам. Хуб кардӣ, ки омадӣ. Аз ҳавои тоза нафас кашида, ҳамроҳ ба хона меравем.

Хуршеда аз оринҷи шавҳараш дошта, ғофил аз он ки дар дили ҳамсараш чи гумонҳои бадеро ҳасудон ҷо кардаанд, роҳравон аз кору бори имрӯз анҷомдодааш ба Мурод нақл мекард.

– Муродҷон, амаки Толиб хоҳиш кард, ки барои пӯшондани боми хонааш ёрӣ расонам. Охир, бечора фарзанд надорад. Аз ҳисоби ҷамоат ба он кас чил дона шифер ҷудо кардам. Холаи Муаззама аз келинаш менолад. Як моҳ пеш қаҳр карда, бо ду фарзанд ба хонаи модараш рафтаасту ба шавҳараш гуфтааст, ки аз модарат ҷудо шавӣ, бо ту зиндагӣ мекунам, вагарна не. Бечора оби дида кард. Ягона писар чӣ хел аз модар ҷудо мешавад? Пояш ба лаби гӯр расидааст, охир.

Занони маҳаллаи «Офторӯя» аз духтури деҳа шикоят

карданд. Мегӯянд, ки духтур Орифов доруҳои кӯмаки башардӯстона воридшударо ба ҷои ройгон ба беморон додан пинҳонӣ мефурӯхтааст. Милисаи минтақавиро вазифадор кардам, ки дурустии ин хабарро санҷида, ба Шӯрои ҷамоат пешниҳод намояд. Духтари бобои Шодмон – Зарангез дар олимпиадаи ноҳиявӣ аз забони англисӣ ғолиб баромада, ба олимпиадаи вилоятӣ роҳхат гирифтааст. Масъалаи роҳпулии Зарангез ва устодашро ҳал кардам. Охир, ин барои ҷамоати мо шараф аст…

Хуршеда аз корҳои имрӯз анҷомдодааш қаноатманд буд, аммо ба гӯши Мурод чизе намедаромад. Ноилоҷ домони сабр гирифту аз банди андешаҳо худро раҳониданӣ шуда:

– Рӯзат бисёр бобарор гузашта будааст, – гуфту ба хонаи хоб даромада, либосҳояшро иваз кард, аммо иштиҳо надошт, ки сари дастархон бишинад. Чанде дар роҳаткурсӣ нишаста, аз телевизор барномаеро тамошо кард. Андешаҳои бесарунӯг вуҷудашро ба дард оварда буд.

– Дадаҷонаш, чаро сари дастархон намешинед? Ақаллан, пеш аз хоб мева хӯред. Мабодо – ку бемор нашуда бошед? – аз рафтори шавҳар нигаронӣ мекард Хуршеда…

Мурод як моҳ аз қафои ҳамсараш поид. Чун саги сӯзанхӯрда бетоқат шуда буд. Ҳар гаҳе Хуршеда барои ширкат дар маҷлису иҷлосияҳо ё ягон чорабинӣ ба маркази ноҳия мерафт, аз пушташ соя буд. Туҳмат будани ҳама овозаҳоро фаҳмиду нафаси сабуке кашида, садҳо бор шукр гуфт.

## АШКҲОИ ҶОНСӮЗИ НИГОРА

**«Ҳикмат аз тақдир зӯртар аст.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

– Нигораҷон, духтарам, эҳтиёт кун! Духтари худам, Нигораҷони худам! – дод зад Мурод аз хоб бедор шуда.

Чанде болои бистараш нишаст. Хоби дидааш қалбу рӯҳашро парешон карда буд: *«Яке аз мавзеъҳои берун аз шаҳр. Аҳли оила ба сайри гули лола омада буданд. Беш аз ҳама Нигора хурсандӣ мекард. Падару модар болои гилеме, ки ба рӯи майсаҳо густурда буданд, нишас та, аз накҳати атрогини насими баҳорӣ, таровати нотакрори гулу себаргаҳо ва чаҳ – чаҳи булбулони хушхон ҳаловат мебурданд. Нодира як даста гули лола чида, ба модараш доду:*

*– Ин дафъа, дадаҷон, барои шумо гул мечинам! – гуфта, ба сӯи тепае, ки аз лола сурхӣ мекард, давид.*

*Духтарча саргарми чидани гул морбачаи сиёҳеро, ки аз зери буттаҳо баромада, ба ӯ неш задан мехост, надид. Мурод кулӯхи калонеро бардошта, ба сӯи мор ҳаво дод. Мор аз назар нопадид шуд…»*

– Хайрият, ин даҳшатро дар хоб дидам, – худро таскин дод Мурод ва оҳи сабуке кашида аз ҷой хест. – Илоҳо, оқибаташ ба хайр бошад.

* * *

Ёқуби ҳофиз – шавҳари аввали Хуршеда, ки солҳои охир на мухлис дошту на ҷои кор, бо майхорагӣ рӯз мегузаронд. Касе ӯро ба тӯю маъракааш даъват намекард. Бозораш хунук шуда буд.

Рӯзе Нигора гирякунон аз мактаб баргашту ба падару модараш, ки бо ҳайратаз ҷо ба хеста буданд, нигоҳе накарда, худро болои кат партофт. Қалби нозукаш аз чизе сахт озор дида. Аҳли оила дар ташвиш. Хуршеда ҷои нишасташро намеёфт. «Ба духтарам чӣ шуда бошад? Кадом но-

халаф ӯро малол кардааст?» – мепурсид аз худ. Саросема ба мактаб рафта, аз директор ва роҳбари синфи Нигора сабаб пурсид: бенатиҷа. Ҳамсинфи Нигора, дугонаи ҷониаш – Рухсора, ки аз ҳам соате ҷудоӣ надоштанд, дар назди ҳавлиашон Хуршедаро дида пурсид:

– Холаҷон, медонед, барои чӣ Нигора гирист?

– Не, Рухсораҷони хола. Ту барои чӣ гиря кардани дугонаатро медонӣ? – пурсид Хуршеда.

– Баъди дарс як мардак пеши роҳамонро гирифта, ба Нигора чизе гуфт. Ӯ ба ман нигоҳе ҳам накарду гирякунон ба хонаатон давид…

Хуршеда майна об карда, кӣ будани он мардро фаҳмидан хост.

Ин ҳодиса баъди ду рӯз боз такрор шуд.

– Очаҷон, ман дигар ба мактаб намеравам. Он мардак мегӯяд, ки агар очаат ба ман пул надиҳад, туро бо худ мебарам, – гуфт бо алам Нигора худро ба оғӯши модараш партофта.

– Нигораҷонам, гули хонадонам, кист вай мард?

– Мегӯяд, ки падари ту ҳастам.

Хуршеда фаҳмид, ки сабабгори ашк рехтани духтараш Ёқуб будааст. Бозгашти Муродро интизор нашуда, ба мошин нишаст. Ёқубро дар хонааш масту алас ёфт.

– Ту аз ману духтарам чӣ мехоҳӣ? Охир, ҳамоне нестӣ, ки маро дар вақташ «Ба ман на ту даркор ҳастиву на фарзандат! Дар ҳар тори мӯям як нозанин овезон» – гуфта, аз хонаат пеш карда будӣ, номард!?

– Хуршеда, медонам. Пули бисёр дорӣ. Агар ба ман даҳ ҳазор сум диҳӣ, Нигорaро ба ҳоли худ мемонам, вагарна ба суд медиҳаму духтарамро аз ту кашида мегирам. Ман ҳақ дорам, ки ҳар сари вақт омада фарзандамро бинам, – Ёқуб мақсадашро ошкор намуд.

Хуршеда калид ва ҳуҷҷатҳои мошинро бо нафрат ба сӯи Ёқуб партофта гуфт:

– Ин мошинро бигиру дигар дар ҳаёти ману духтарам пайдо нашав!

Пиёда ба хона баргашту Нигораашро сахт ба оғӯш ка-

шида:

– Ором бош, ҷонакам, ягон кас ҳуқуқ надорад, ки туро аз ман ҷудо кунад, – гуфт ва ашки чашмонашро номаълум бо нӯги рӯймол пок карда, аз ду гули рухсори ӯ бӯсид.

Бегоҳ Хуршеда аз ҳодисаи ба сарашон омада Муродро огоҳ кард. Мурод дуру дароз ба занаш нигоҳ карда, андешамандона гуфт:

– Хобам дуруст баромад...

– Чӣ гуфтед, Муродҷон? Чӣ хел хоб? – пурсид Хуршеда бо изтироб.

– Не, не, ҷонакам, хавотир машав. Ҳамту аз даҳонам баромад, – Мурод ҳамсарашро ором карданӣ шуд, вале қалбашро гургҳо тала мекарданд...

* * *

Ёқуб аз пули муфт ба даст овардааш шод шуда, мошинро ба савдо заду чор моҳ айшу ишрат кард. Рӯзе пагоҳӣ кисаҳояшро холӣ дида, боз дар назди дарвозаи мактаб пеши роҳи Нигораро гирифт. Нигора бо хотири афсурда ин ҳамаро ба модараш расонид:

– Очаҷон, ман аз ҳамсинфонам шарм медорам. Охир, он мард (забонаш намегашт, ки Ёқубро падар бихонад) масту аласт, бо сару либоси ифлос назди мактаб дод зада мегӯяд, ки падари ман асту агар модарат пул надиҳад, бо ман меравӣ.

Хуршеда чи кор карданашро намедонист. Бо Мурод маслиҳат карда, ба шуъбаи корҳои дохилӣ рафтанд. Ёқубро ба мӯҳлати се рӯз ба ҳабс гирифтанду ҷавобаш доданд. Ӯ боз пеши роҳи Нигораро гирифта, мақсадашро таъкид кард. Бечора модар барои раҳоӣ аз ин бало бо падар ва бародаронаш маслиҳат кард. Ба хулосае омаданд, ки Ёқубро дар беморхона хобонда табобат мекунанд. Хароҷоти табобатро Хуршеда ба ӯҳдаи худ гирифт.

# ДИГАР ШУДАНИ КЕЛИНИ ХУДСИТО

**«Ҷиддитарин камбуд ислоҳ накардани камбудиҳои пешин аст.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Зиндагии бародари калонӣ – Маъруф, ки бо як дидан ба духтари эркаи профессор Бақозода ошиқ шуда, ҳаёти деҳаро ба шаҳр ва хонаҳои пастаки падарро ба қасри афсонавӣ, маҳбубаи қишлоқиро ба духтари шаҳрӣ ва мӯйҳои марғуладори Ҳуснияро ба кокулони кӯтоҳу ранг-задаи Нозия иваз кард, вақтҳои охир барояш тоқатнопазир шуда буд. Ҳар гоҳ ба ҳамсараш дар бораи фарзанд сухан оғоз мекард, гӯё шаппотие бар даҳон мехӯрд. Ҳамсараш фиғон бардошта таънааш мезад:

– Ба шумо, қишлоқиҳо, фақат фарзанд таваллуд кунӣ! Ҳоло аз сад гулам яктоаш ҳам нашукуфтааст. Фарзанд гуфта, қомати мавзунамро безеб карданӣ нестам. Хубаш дар боби ҳомила шудану фарзанд ёфтан дигар ҳарферо ба забон набиёр.

Баъди вафоти профессор он биҳишти афсонавӣ ба дӯзах табдил ёфт. Қариб ҳар рӯз дар миёни онҳо ҷангу ҷидол сар мезад.

– Ман корманди бонк, маоши яксолаи ту – номзади илмро дар як рӯз меёбам! – пайваста таъна мезад Маъруфро ҳамсараш.

Чанд ҳафта боз ҳамроҳи дугонаҳояш шабҳангом нишастҳо мегузарониду то саҳар ба хона намеомад. Агар Маъруф бо нишони эътироз чизе гуфтанӣ мешуд, Нозия дари баромадро нишон медоду таънаро барояш дареғ намедошт:

– Ман туи қишлоқиро боре ҳам «ист» гуфта будам? Нахоҳӣ, рав ба ҳамон қишлоқат. Кӯрнамак, падарам хонаву дар, духтар ва вазифаро ҳамту ҳадяат кард, ту бошӣ, дар ҷавоб носипосӣ мекунӣ. Беҳуда нагуфта будаанд: «сад

сол гузарад, бӯи гадоӣ наравад.» Гадобача будӣ, ба арши аъло баровардандат, аммо мафкураат мафкураи ҳамон гадобачаи қишлоқӣ мондааст.

Маъруф, ки ба хотири ҳамин «афсона» ва зиндагӣ дар чунин «олами афсонавӣ» беш аз 10 сол ба деҳа намерафт, бародари бузургашро, ки баъди чандин соли фироқ аз ҳабсхона баромада, бо умед ба коргоҳаш омада буд, хуш истиқбол накард, бо додаронаш ҳам рафтуомад надошт, акнун чӣ кор карданашро намедонист. Дар ҳамин соати барояш сангин ба хотир овард суханони додари хурдиаш – Анварро, ки амали ноҷавонмардонаи онҳоро нисбати акаашон Мурод, баъди аз маҳбас баромаданаш, гуфта буд: «аз рафтори шумо шарм мекунам, бародарони азиз! Ман ҳаққи шуморо насиҳат кардан надорам, лекин бо кадом рӯ дар ҳаққи нафаре, ки барои одам шудани мо ҳаёташро қурбон кард, се зан аз пушти мо аз хонааш рафтанд, гунохи туро, Носир, бар гардан гирифта, шаш сол аз озодӣ маҳрум шуд, чунин номардиро раво дидед? Хурд будам, вале медидам, ки акаамон молу ҳолашро фурӯхта шуморо хононд. Кам ҳам бошад, бо дасти ҳаққу ҳамсоя, шиносу ношинос ба шумо ғизо мефиристод. Ба ҷои бо гулдаста пешвоз гирифтан, ақаллан, дар хонаатон як рӯз меҳмондориаш ҳам накардед. Ҳайфи шумо! Шумо куҷою акаи Муродам куҷо? Ба нохуни пояш баробар намешавед!»

– Худоё, сарамро ба куҷо занам!? Ба деҳа баргардам, бародар қабулам мекарда бошад? Охир, ман духтур, номзади илм, наход дар деҳа ба мардум манфиатам нарасад? – мепурсид бо сӯз аз худ Маъруф, вале посухе гирифта наметавонист.

Як моҳи охир дар дафтари кораш мехобид. Рӯзи истироҳат хост ба деҳа, ба аёдати акааш Мурод биравад, калиди мошинро наёфт. Ҳамсараш онро ҳам аз ӯ пинҳон карда буд. Дар истгоҳи шаҳрӣ мошинеро киро карда, роҳи зодгоҳашро пеш гирифт. Ба деҳа нарасида, дар наздикии қабристон, бо ронанда ҳисобӣ кард. Дар миёни қабрҳои қариб якхела хеле гашту бо мушкилӣ қабри па-

дарашро ёфт: хайрият, бародараш Мурод санги ёдгорие-ро дар вопасин манзили дунёии мӯйсафеди падарашон гузошта будааст.

– Падарҷон, бубахш маро, муддати даҳ сол манзили туро зиёрат накардам. Бояд ман санги ёдгор мемондам, аммо ақлам аз серкорӣ бошад ё аз беҳавсалагӣ ба ин на-расид. Падарҷон, бародарам ба мо хубиҳои зиёд кард, ҳа-ёти оилавии худро қурбонамон сохт, аммо мани беақл ӯро хафа кардам, ранҷондамаш. Намедонам мебахшида бошад?

Алами чандсола гулӯгираш кард. Беихтиёр ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд. Хуб дилашро холӣ карду ба сӯи деҳа, ки аз болои тепа чун дар кафи даст намоён буд, нигарист. Ана хонаи падар, хонаи Ҳуснияино, ана макта-бе, ки дар он таълим гирифта буд, ана чанори бузурги назди чойхона. Дар ин 10 соли ба зодгоҳ наомаданаш сохтмонҳои нав – мактаб, бинои ҷамоат ва касалхона намуди деҳаро дигар карда буданд.

Маъруф оҳиста – оҳиста аз тепа фуромада, ба сӯи деҳа қадам зад. Дар назди идораи ҷамоат бо Хуршеда рӯ ба рӯ омад.

– Маъруфҷон, бародари азизам! Ман хобам ё бедор, наход ин ту бошӣ? – Хуршеда ӯро гарму ҷӯшон истиқбол намуду дари мошинро кушода, «бишин, ба хона меравем» гуфт.

– Муаллима, аввал ба ферма рафта, акои Муродро ха-бар кунем? – пурсид ронанда.

– Бисёр хуб мешавад, – розӣ шуд Хуршеда.

Мулоқоти бародарон дар ферма бисёр самимӣ сурат гирифт. Аз чашмони ҳардуяшон ашки шодӣ мерехт. Бегоҳ Мурод чорво кушта, хешу табор ва ҳамсояҳоро ба хона-аш даъват кард. Бо фахр ба ҳамсояҳо дар бораи бародари табибаш нақл мекард. Баъди рафтани меҳмонҳо Хуршеда дар пеши бародарон чои кабуди талхро гузошту:

– Шумо гуфтании зиёде доштагистед, суҳбат кунед, – гуфта,ба хонаи дигар гузашт.

Бародарон бонги хурӯсро шунида, аз дамидани субҳи

содиқ воқиф гаштанд. Гуфтаниҳояшон ҳанӯз ҳам зиёд буд, вале…

Хуршеда дастархон кушода, бародаронро ба субҳона даъват карду худ ба кор рафт. Баъди ноштто Маъруф аз бародараш фотеҳаи бозгашт пурсид:

– Акаҷон, бо ризояти шумо аз пайи корам шавам…

– Додари ширин, охир ман аз дидори ту сер нашудаам. Биё, боз як – ду рӯзи дигар меҳмонам бош. Дигар бародаронро низ даъват мекунем. Орзуи падарамон шуморо сарҷамъ дидан буд.

– Акаҷон, дафъаи дигар онҳоро бо худ меорам. Агар Шумо розӣ бошед, янгаамро ба шаҳр мебараму дар яке аз бемористонҳои беҳтарин табобат мекунам. Таваллуди фарзанд зиндагии ширинатонро боз ҳам ширинтар хоҳад кард.

– Дар ин бора бо худи ӯ маслиҳат бояд кард, додарҷон, – гуфт Мурод ва ҳар ду ба ҷамоат рафтанд.

Пешниҳоди бародаронро Хуршеда бо хушнудӣ пазируфта, барои аз ҳисоби худ рухсатии бемузд гирифтан ба ҳукумати ноҳия ариза навишт. Баъди гирифтани ризояти раиси ноҳия Мурод онҳоро то шаҳр гусел карду ба деҳа баргашт. Охир, ӯро корҳои зиёде дар пеш буданд. Хуршеда ҷиддӣ ба табобат машғул буд. Маъруф низ, ба истилоҳ, шабу рӯз аз назди янгааш дур намерафт. Аз беҳтарин духтурҳои занона маслиҳат мепурсид.

Мардуми ноогоҳ ин амали ӯро мувофиқ ба диду фаҳмиши худ баҳо медоданд. Нозия, ҳамсари Маъруф, низ аз кадом як дугонааш шунид, ки гӯё шавҳараш зани зебоеро табобат мекардаасту шабу рӯз аз назди ӯ дур намешудааст. Рашк бонуи эркаро беқарор кард:

– Аз ман зеботарашро ёфта бошад ин қишлоқӣ? – гуфта ба бемористон омад. Хуршедаро дар ҳуҷраи беморӣ дида, вуҷудашро ларза фаро гирифт, арақи хунук пешониашро тар кард:

– Дар ҳақиқат зани зебову дилрабое будааст, – аз дил гузаронид Нозия, – аммо синну солаш аз ман калон. Муранд ин мардҳо, агар дӯст доранд, на ба синну сол нигоҳ

мекунанду на ба боигарӣ. Беҳуда намегӯянд мардум: «болинам замин бошаду ёрам нозанин.»

Нозия зери лаб ғур – ғуркунон дар даҳлез қадам мезад, лекин ҷуръаташ намерасид, ки ба назди Хуршеда дарояд. Ҳамшираи шафқат ба Хуршеда кӣ будани Нозияро оҳистаяк фаҳмонд. Ӯ аз ҷояш хеста, бо меҳрубонӣ Нозияро ба наздаш хонд:

– Хоҳарам, дароед. Ба Шумо гуфтаниҳои зиёде дорам.

Хуршеда, ки зане буд боақл ва аз пастиву баландиҳои зиндагӣ огоҳ, оромона ба келин кӣ буданашро фаҳмонд ва ҳар ду дуру дароз суҳбат карданд. Баъди мулоқот бо Хуршеда Нозия ба зиндагӣ бо чашми дигар менигаристагӣ шуд, рафтору гуфтор ва хислаташ тағйир ёфт. Боре ӯ беҷуръатона, ки то имрӯз чунин муносибат барояш хос набуд, ба ҳамсараш рӯ овард:

– Маъруфҷон, агар розӣ бошед, ман ҳам дар бемористон бо апаам Хуршеда табобат бигирам. Охир, ин ҳавлии калон ро давуғеҷи кӯдакон боз ҳам зеботар хоҳад кард…

Чунин хоҳиш гӯши Маъруфро ба мисли мусиқии фораму дилнавозе навозиш кард:

– Албатта, азизам, ман ҳамин рӯз супориш медиҳам, ки дар ҳуҷраи янгаам як кати дигар монанд. Ба табобат машғул мешавем.

## ХУШХАБАР

**«Ҳикмат шоҳи замину осмон аст.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Рӯзҳо мегузаштанду зиндагии Хуршеда ва Мурод рӯз ба рӯз беҳтару осудатар мешуд. Рӯзе ғайриинтизори онҳо гурӯҳи калони тафтишгарон ба коргоҳашон омада, ҳама ҳуҷҷатҳои ферма ва сехҳоро такурӯ карданд. Хуршеда аз онҳо мақсади тафтишро ҷӯё шуд. Онҳо фаҳмонданд, ки аризаи шикоятии роҳбари Комбинати шири ноҳия ба Идораи андоз ворид шудааст. Дар ариза хабар медоданд,

ки гӯё Хуршеда мизоҷони корхонаи онҳоро ба тарафи худ ҷалб намуда, андози даромадро намесупоридааст.

Баъди санҷиши дурӯза аъзои комиссия ягон қонунвайронкуниро дар амали Хуршеда наёфта, бахшиш пурсиданду рафтанд. Хуршеда баъди рафтани меҳмонҳои ноҳонда худро бад ҳис кард. Мурод ӯро ба бемористони ноҳиявӣ бурд. Духтур – Садаф Толибовна баъди муоина ба назди Мурод баромада, ӯро ғамгину маъюс диду дилбардориаш кард:

– Ако, ғамгин нашавед. Ҳолати ҳамсаратон он қадар бад нест. Хоҳиш мекунам, ӯро аз ташвишҳои нодаркор дур созед, чунки ҳомиладор аст…

– Чӣ гуфтед, духтурҷон, бори дигар такрор кунед! – дод зад Мурод сухани духтурро бурида. Ӯ намедонист шодиашро чӣ хел баён кунад. Қатраҳои ашк беихтиёр аз чашмонаш шорида, ду бари рӯяшро тар карданд. Бахт ба рӯяш механдид. – Раҳмат, духтурҷон! Ман Хуршедаамро болои дастонам мегардонам! – гуфту хандону шукуфон ба назди ҳамсараш даромад.

Хуршеда гӯё гуноҳе карда бошад, Муродро дидан баробар сарашро хам кард.

– Азизам, Хуршедаҷон! Ин хабарро кайҳо интизорам, аммо хоҳишамро ошкор гуфта наметавонистам. Худоё, сад бор шукр, ҳазор бор шукр! – гуфту ҳамсарашро аз болои кати беморхона бардошта, ба сӯи дар равон шуд.

– Муродҷон, ту чӣ кор мекунӣ? Шарм дор, дидагиҳо чӣ мегӯянд? – Хуршеда худро базӯр аз дастони Мурод раҳо кард.

Дар ин лаҳзаҳо дили Мурод месуруду метапид, мерақсиду ҷилваҳо дошт. Нозия низ баробари онҳо шодӣ мекард. Чанд рӯз баъд ҳарду хушбахт ба деҳа баргаштанд.

– Хуршедаҷон, аз ҳамин рӯз эътиборан аз корҳои фермаву сехҳо ту озод. Ҳамаашро худам ба уҳда мегирам, фақат худат ва фарзандамонро эҳтиёт кун. Барои ман саломатии шумо аз ҳама афзалтар меистад.

Дар ҳавлӣ Нигора ба пешвозашон баромад. Мурод, ки аз хурсандӣ чи кор карданашро намедонист, ӯро болои сар

бардошта, чарх занонд ва аз нав ба замин монда, бо меҳрубонӣ гуфт:

– Духтарам, ҷону дилам, модарат ба ту додарча ва барои ман писар таваллуд мекунад. Тез рафта писари ҳамсояамон Шодмонро даъват кун. Як гӯсфандро кушта, ба ҳамсояҳо хомталош кунем.

Ва худаш ҳам саросема тағйири либос карда, ба сӯи оғил рафт.

## МУБОРИЗАИ АҚЛУ НАФС

**«Ба ту ҳасад бурдан беҳтар аз он аст,**
**ки ба ту раҳмашон меояд.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Фасли баҳор. Дар деҳа ҳама ба ҷашни Наврӯз омодагӣ мегирифтанд. Мурод ҳама корҳоро ба уҳдаи худ гирифта бошад ҳам, Хуршеда дар хона бекор нишаста наметавонист. Тез – тез ба ферма ва сехҳо рафта, корҳоро назорат мекард. Азбаски аксари кормандонаш занону духтарон буданд, дар рӯзҳои ҷашн аз ӯ рухсат пурсида, барои дӯзондани куртаҳои идонаи худ ба маркази ноҳия мерафтанд. Фикри наве дар сари Хуршеда пайдо шуд: кушодани сехи дӯзандагӣ дар деҳа. Бо маслиҳат ва розигии раиси ноҳия бинои кӯҳнаи назди идораи ҷамоатро, ки солҳо бекор мехобид, ба иҷора гирифта, бо тарҳи замонавӣ таъмир кард. Аз маркази ноҳия чевари чирадаст Зеборо ҳамчун омӯзгор ба кор қабул карду яке аз ҳуҷраҳои биноро ба ихтиёраш гузошт. Бист духтар, ки аз ҳунари чеварӣ камубеш хабар доштанд, барои омӯхтани нозукиҳои пеша ба ӯ шогирд шуданд. Дар муддати се моҳ онҳо аллакай мустақилона аз ӯҳдаи дӯхтани курта, шим ва пардаҳои ҳозиразамон мебароманд. Хуршеда ба ин ҳам қаноат накарда, даҳ духтари дигарро ба шаҳри Душанбе, барои боз ҳам хубтар омӯхтан ва сайқал додани ҳунари дӯзандагӣ, фиристод. Онҳо се моҳ аз чеварони номӣ ҳунар омӯхта, ба деҳа баргаштанд. Кор

дар сехи дӯзандагӣ авҷ гирифт. Мизоҷон дигар ба шаҳр намерафтанд, дар деҳаи худ соҳиби куртаҳои шинам ва шиму камзӯлча мешуданд.

* * *

Мурод аз хурсандӣ, ки фарзанддор мешавад, намедонист чи гуна Хуршедаро парастиш кунад. Ӯро аз ҳама кори хона ва берун озод карда буд.

– Ту, ҷонакам, акнун фақат дам мегирию барои ман шоҳписар ба дунё меорӣ.

– Агар духтар шавад чӣ? – мегуфт Хуршеда.

– Ман қурбони ҳам писар, ҳам духтар ва ҳам модари онҳо мешавам, – мегуфт Мурод.

Мурод, ки ҳама корҳоро бар дӯши худ гирифта буд, тез – тез аз корубори сеххои дӯзандагӣ, консервбарорӣ ва ферма хабар мегирифт. Ҳар гоҳе ба сехи дӯзандагӣ меомад, Зебо – сардори сех бо ишваю карашмаи хунук ба ӯ наздик шуда, бо пурсишҳои даркору нодаркор ӯро ба гап мегирифт. Ӯ зане буд қадпасту сабзинаи мӯйдароз ва басо сергап. Мӯяшро майда мебофту вақти роҳ гаштан кӯшиш мекард, ки онҳо ба ҳар тараф алвонҷ хӯранд, ҳаракаташ низ ба раққосаҳои тӯйгард монанд буд.

Мурод рӯзҳои аввал ба Зебои сиёҳак аҳаммият намедод, аммо рафта – рафта онҳо ба якдигар унс гирифтанд. Мегӯянд, ки «шайтон барандаи роҳ аст.» Рӯзе бегоҳӣ, баъди анҷоми корҳои ферма, Мурод азми ба хона рафтан дошт. Зебо пеши роҳашро гирифта хоҳиш кард, ки ба ҳуҷраи ӯ дарояд.

– Мурод – ако, нафаҳмидам, ба чӣ сабабе дарзмоли барқиам кор намекунад. Охир, барои дӯзандаҳо ин асбоби даркорӣ мебошад. Як медидед.

Мурод дилу бедилон ба ҳуҷраи Зебо наздик шуду:

– Беҳтараш рафта устои барқро мефиристам, – гуфта, аз роҳаш гаштанӣ буд, ки Зебо аз дасташ гирифта, ишвакунон пурсид:

– Муродҷон, шумо аз ман метарсед?

– Не, барои чӣ метарсидаам? – пурсид Мурод ва аз

роҳаш гашта ба ҳуҷра даромад.

Ҳуҷра хеле хурд буд: ягона кат ними онро банд мекард.

– Шумо дар болои кат бишинед, ман ҳозир, – гуфт Зебо ва ба даҳлез баромада, дақиқае баъд дар даст дарзмол баргашту дар паҳлуи Мурод нишаст. Кати кӯҳна бо нишастани Зебо ғиҷиросзанон ба нолиш даромад. Аз наздик нишастани Зебо Мурод каме бетоқат шуда пурсид:

– Дар хона ягон асбоб доред, то ман дарзмолатонро дуруст кунам, – ва акнун аз ҷояш хестанӣ буд, ки Зебо дасташро болои зонувони Мурод гузошта гуфт:

– Ҳеҷ хел асбоб лозим нест. Ман, ки дигар роҳи ба шумо наздик шуданро наёфтам, дарзмолро баҳона кардам. Муродҷон, аз рӯзи аввали вохӯрданамон дар дилам муҳаббати шумо ҷой гирифтааст. Бе шумо нафас гирифта наметавонам. Медонам, ки оила доред ва маҳз ҳамсари шумо ба ман кор доданду маош. Аммо чӣ кор кунам ба он ишқе, муҳаббате, ки дар дилам туғён дорад? Шуморо дӯст медорам. Ҳаёт бароям бе шумо ҳеҷ аст. Мисли моҳие, ки бе об зиндагӣ карда наметавонад, ман низ ҳаётамро бе шумо тасаввур намекунам. Намехоҳам боиси хонавайрониатон шавам, фақат муҳаббати маро рад накунед. Аз дур ҳам бошад, дидани рӯи шумо бароям басанда аст.

Мурод илоҷи сухан гуфтан надошт. Ӯ лолу ҳайрон дар хонаи торик, дар бистари Зебо, нишаста, чӣ гуфтанашро намедонист. Чеҳраи Зебои сиёҳак аз бисёр молидани сафедӣ ба назар каб – кабуд менамуд. Зару зевари зиёдеро бар гардану ангуштон ва гӯшаш овехта, пешакӣ ба мулоқот бо Мурод омода шуда буд. Дастонаш чун мор дар гардани Мурод печиданд. Тапиши дил ва нафаскашии нолишомез сари Муродро чарх занонданд ва ӯ худро ба ихтиёри Зебо дод. Ҳаракатҳои бешармонаи зан дилашро ба туғён оварданд. Чунин бешармиро бори аввал медид. Ҳамсараш Хуршеда ҳамеша боиффат буд. Онҳо баъди шарти хонадорӣ ба ҷо овардан, гӯё гуноҳе карда бошанд, ба рӯи якдигар нигоҳ намекарданд. Метавонистанд бе сухан суҳбат кунанд, бо нигоҳ ҳамдигарро ба оғӯш бикашанд, зару зевар, мушку анбар ва қасру гавҳар барояшон заррае

қимат надоштанд, одамгарӣ, шарму ҳаё ва одобро аз ҳама боло медонистанд, аммо имрӯз дар дафтари умри Мурод саҳифаи наве кушода шуд. Ба хонааш баргашт. Хуршеда хобида буд. Ба ҳаммом даромада, бо оби хунук оббозӣ кард. Ба худ лаънат мехонду мегуфт:

– Ин чӣ кори кардаам буд? Охир, ман кӣ будаму кӣ шудам? Бахту давлатам, сари баланду хонаи ободам ҳамсарам – Хуршедаи нозанинам ҳаст. Не, не! Ҳеҷ гоҳ ба ӯ хиёнат намекунам!

Ларзиши бадан водораш намуд, ки аз ҳаммом баромада, ба хонаи хобашон равад. Чанд дақиқа дар болои сари Хуршеда бо сари хам истод. Ҷуръат намекард, ки ба бистари ҳамсараш наздик шавад. Амонатак дар поёни пои ӯ нишаст. Хуршеда, гӯё инро ҳис карда бошад, аз хоб бедор шуда гуфт:

– Омадед, ҷонакам? Узр, хобам бурдааст, ҳозир хӯрокро гарм мекунам.

Аз ҷояш хестанӣ буд, ки Мурод:

– Нороҳат машав, азизам, хеле бевақт шудааст. Маро бубахш барои дер омаданам, – нагузошт, ки ӯ аз ҷо бихезад.

*Шаб Мурод хоб дид, ки Зебо бо либосҳои арӯсӣ ҳавлии Муродро мерӯбаду баланд – баланд хандида, ӯро низ бо хасу хасрӯбаҳо аз ҳавлӣ бароварда, дар партовгаҳ мепартояд.*

Бо тарс аз хоб бедор шуд. Бистараш аз арақ тар шуда буд. Аз худ таъбири хобашро пурсон шуд.

– Худоё, оқибати хобам чӣ бошад?

Бегоҳи рӯзи дигар, баъди анҷоми корҳои фермаю сеххо, Мурод беихтиёр ба сӯи ҳуҷраи Зебо қадам зад. Мерафту бо худ дар талош буд: «Ман набояд ин корро бикунам!» Муборизаи ақлу нафс дар ботини ӯ басо тезутунд мегузашт. Ақл мегуфт:

– Тавба кун, ба роҳи бад марав! Хуршедаи нозанин, боақлу покдоманатро ба Зебои шаттоҳу беҳаё, кажрафтори ради маъракa иваз накун.

Нафс мегуфт:

– Маишати яклаҳзаинаатро аз даст мадеҳ. Ту мард

ҳастӣ. Зан ҳамеша гуноҳи мардро мебахшад, чунки ӯ зан – синаи раҳм аст.

Мурод дари хонаи Зеборо кушода, ба дарун даромад. Ин кор як моҳ давом кард. «Офтобро ба доман пӯшонида намешавад,» – мегӯянд мардум. Ин хабари шум ба гӯши Хуршеда низ расид. Бовар накард. Такрор ба такрор мегуфт:

– Не, не! Ҳеҷ гоҳ Мурод ба чунин амали паст даст намезанад. Охир, мо барои расидан ба чунин рӯзҳои нек чӣ азобҳое накашидем, аз имтиҳони зиндагӣ гузаштем, рӯзҳои башумор мондаанд то фарзанддор шуданамон. Не, бояд худам бубинам, бо чашмони сарам бубинам.

Беқарор шуда буд, дар ҳавлӣ бо изтироб қадам мезад. Ҳеҷ не, ки аз аспи ҷаҳл фурояд. Нохост тифлаки батнаш ба ҷунбиш даромад.

– Худоё, ман чӣ кор карда истодаам!? Тифламро бесаранҷом намудам, – гуфт Хуршеда ва бо меҳр даст ба рӯи шикамаш монду ба хона даромад.

Ғизои шомро тайёр карда, дастархон оросту шавҳарашро интизор шуд, аммо аз ӯ дараке набуд. Аз нав беқарор шуд. Рӯймоли шоли калонашро ба китфаш партофта, ба оинаи барқад, ки дар даҳлез меистод, нигарист. «Ҳомилагӣ ба ҳусни зан ҳусн зам мекунад,» – гуфтани мардум дуруст будааст. Аз оина ба ӯ зане менигарист, ки қадду қомати зебо, чашмони бодомӣ, рухсораҳо арғувонӣ, нӯги мижгонҳои дарозаш ба абрӯвони пайванди мафтункунандааш мерасид, даври лабони ғунчааш табассуми ба худаш зебанда дошта, гесӯвони шабрангаш аз зери рӯймолча мисли амвоҷи сиёҳи баҳр як тарафи рӯяшро, мегӯӣ, оро медоданд, пеши бараш, ки бар асари ҳомилагӣ баландтар шуда буд, ӯро зеботар нишон медод, аммо нигоҳи чашмонаш ғамолуд буданд. Каме дар ҳамин ҳолат ба оина нигаристу аз ҳусну ҷамоли худододаш шукр гуфт, аммо овозаи шунидааш ба хотираш омаду андешаҳои мағшушу сарбаста домангираш шуданд, нигоҳи чашмонаш аз ғам ба қаҳр табдил ёфт, дил дар қафаси синааш ба изтироб омад, сояи шубҳа беқарораш карду аз хона бурунаш сохт. Оташи рашк вуҷудашро месӯзонд.

Кӯчаи деҳа беодам ва торик буд. Оромии дилгир дар кӯчаҳои деҳа ҳукмронӣ мекард. Ба осмон нигарист: на моҳ буду на ситора, ки каме ҳам бошад, пеши пояшро равшан кунанд. Дилашро пардаи ғафси сиёҳӣ пӯшида буд. Андешаҳои мағшуш ӯро ба ҷангали раҳгуме ҳидоят мекарданд. Ба ягона ҷӯйборе, ки аз миёни деҳа мегузашт, наздик шуд. Хониши дилбазану якмароми қурбоқаҳо хомӯширо халалдор мекард. Ба назди ҳуҷраи Зебо омада, аз ягона тирезаи хурдакак, ки ба тарафи кӯча кушода мешуд, ба дарун нигарист: Мурод ва Зебо якдигарро ба оғӯш гирифта мехобиданд. Кош намедид. Мехост аз он хонаи ҳаром худро дур созад, аммо пойҳояш ба ӯ итоат намекарданд. Худро на дар замин медиду на дар само. Борони сел ба боридан оғозид. Селоба кӯчаю ҷӯйборҳоро пур карда, хасу хаспораҳои ифлосро пешандоз мекард. Ба гумони Хуршеда шавҳараш ва ҳамон зани фоҳиша – Зебо ҳамин хасҳоеанд, ки рӯ – рӯи об мераванд. Баъди якчанд қадам ҳолаташ бад шуду дар кӯчаи торик аз ҳуш рафт.

Ронандаи мошини роҳгузаре дар равшании чароғи мошин тани занеро дида, ӯро ба беморхона овард. Дар беморхона Хуршедаро шинохтанд. Ӯ пеш аз муҳлат мубталои дарди кӯдак шуда, хуни зиёдеро талаф дода буд. Инро шунида, падару бародаронаш ва Мурод ба беморхона омаданд. Вазъи саломатии Хуршеда хеле бад буд. Мубориза барои зинда мондани модар ё кӯдак мерафт. Хуршеда хоҳиш кард:

– Кӯдакамро зинда бигиред, ман дигар зистан намехоҳам.

Падару бародарони Хуршеда ва Мурод хоҳиш карданд, ки бояд модар ҳам зинда бимонад. Мурод телефонӣ додараш Маъруфро аз ҳодиса огоҳ намуд. Маъруф фавран бо як гурӯҳ духтурони таҷрибадор ба бемористон омада, модару кӯдакро аз марг наҷот доданд.

Ба дунё омадан ва тавлиди кӯдаки навзод маънои онро дорад, ки Офаридгор ба ин восита меҳру муҳаббатро байни зану шавҳар зиёд намуда, насли одамиро поянда мегардонад ва тухми вафодориро дар рӯи замин мекорад. Шахсе, ки

ба ин тӯҳфаи Офаридгор шукр намегӯяд, ради маърака хоҳад шуд. Мурод хост даромада писарашро бубинад, аммо ба ӯ ҷавоби рад доданд. Субҳи содиқ дар назараш ба шаби тор табдил ёфт. Айби худаш, ба чунин кори паст даст заданаш аз рӯи ақл набуд. Саги сӯзанхӯрдаеро мемонд. Акнун дар миёни Муроду Хуршеда девори ба чашм ноаёне қад кашида буд.

Аз таваллудхона Хуршедаро падари пир ва бародаронаш бо гулу гулдастаҳо баровარданд. Мурод ҷуръати ба онҳо наздик шудан надошт. На танҳо ба таваллудхона, балки ба фермаву сехҳо, ба ҳама ҷое, ки Хуршеда қадам мемонд, рафта наметавонист. Мардум инро дида мегуфтанд: «Ба ин хонадони хушбахт чашм расид. Илоҳо, оқибаташро ба хайр бигардон»…

Аз миён рӯзҳо, ҳафтаҳо ва моҳҳо сипарӣ шуданд. Мурод аз он бахте, ки насибаш гашта буд, маҳрум шуда, дар ин замину замон, дар хонаву кӯча худро шахси нодаркор ҳисоб мекард. Айби худаш: бахти дар панҷаву оғӯш будаашро нигоҳ дошта натавонист. Фикри худро нобуд кардан садҳо бор ба сараш меомад. Бо кадом роҳ худкушӣ карданро фикр мекард. Дарди фироқро таҳаммул карда наметавонист. Барояш ба кӯча баромадан душвор буд, ба хаёлаш ҳама ба ҳоли ӯ механдиданд, тамасхураш мекунанд, тири маломат ба сӯяш мефиканананд. Аз ғами бисёр ба майнӯшӣ дода шуд. Шабу рӯз масту аласт дар кунҷи хона мехобид. Аз танҳоӣ дилаш ба риққат меомад, беовоз мегирист. Оҳанги хазине ҳамеша дар гӯшаш садо медод: гӯё тақдири талхи ӯро месуруд. Фазои хона нафасгираш мекард. Гоҳ хунук мехӯрду гоҳ оташ мегирифт. Мехост мисли гург нӯла бикашад. Охир, барои чӣ дод нагӯяд, нӯла накашад? Зиндагии ширине дошт, чанде пеш аз ин ҳавлӣ навои шӯхи мусиқӣ ба дилҳо сурур мебахшиду хандаи баланд гувоҳи хушбахтии ин хонадон буд. Баъди ошомидани ғизои шом Хуршеда ҳамеша дар чойники зебо чои кабуд дам мекарду болояшро бо рӯпӯши махсуси гулдӯзӣ мепӯшонид, дар зарфи махсус мураббо, дар лаъличае кулчақанд мемонду дар назди шавҳар гузошта мегуфт:

– Дадои Нигора, шумо шириниро нағз мебинед, болои роҳаткурсӣ нишаста, бо мураббо чой нӯшед, ман баъзе корҳои хонагӣ дорам, – ва Муродро бо телевизор танҳо гузошта, аз пайи дигар корҳо мешуд. Нигора бошад, давида ба бағалаш медаромаду баъди чанде эркагӣ кардан ба назди модараш мерафт. Барои Мурод ширинтарин лаҳзаҳо дақиқаҳои бо Нигора бозӣ карданаш буд. Нигора бо нози кӯдакона ба болои китфи Мурод мебаромаду аз гӯшҳояш дошта амр медод:

– Дадаҷон, чун асп шиҳа кашед!

Мурод шиҳа кашида, дар рӯи фарши хона чорпо мешуд ва Нигора дар китф ба назди Хуршеда рафта мепурсид:

– Очаш, ба асп савор шуданӣ нестӣ? Ҳозир мову Нигора бол кушода парвоз мекунем.

– Очаҷон, биё бо мо, очаҷон, биё! – хоҳиш мекард Нигора…

Мурод ин лаҳзаҳои ширинро ба ёд оварда, худро дар миёни дӯзаху биҳишт медид, дидори маҳбубааш ба рӯяш дарҳои биҳиштро мекушоду дурӣ аз ӯ чун оташи дӯзах ҳастиашро месӯзонид. Бо асабҳои харошёфтаву рӯзгори вайрон яккаву танҳо монда буд. Ба худ мегуфт: «Бахт, ки баргардад, аспи тозӣ хар гардад.» Ва ҳар замон ба само нигариста, дасти ниёиш ҷониби Офаридгор дароз мекарду мепурсид:

– Эй Худои меҳрубон! Инсон дар ҳаёт як бор хато мекунад. Бубахш маро, садҳо бор илтиҷо мекунам, саги даргоҳат мешавам. Хуршедаамро аз ман ҷудо накун. Бе ӯ мемирам. Охир, магар инсон бе об, бе офтоб, бе ҳаво зиста метавонад? Не. Ман низ бе фариштаи умрам – Хуршеда зиста наметавонам, Худоё! Ӯ барои ман ҳама аст. Он чашмае, ки мову Хуршеда аз он об менӯшидем, хушк гашт, ҳатто чашма ба фироқи мо тоб наовард. Дар боғу ҳавлиам фасли тобистон барф борид, умеду орзуҳоям зери жола монд.

Чашмонашро мепӯшиду ба Хуршеда муроҷиат мекард: «Азизам, мухаббати ман дар нисбати ту ҳар лаҳза зиёдтар

мешавад. Дили ман садпора шудааст. Баргард, азизам, баргард! Девонавор дӯстат медорам. Ҳар шаб дар борои ту фикр мекунам, мисли он ситораҳое, ки аз осмон канда мешаванду меафтанд ва аз худ изи сӯзони дарду ғам мемонанд. Мехоҳам тамоми соатҳои дунё аз гардиш бимонанд ва дар ҷаҳон ман бошаму ту. Ту накҳати ширинтарин меваҳои биҳиштӣ, насими гармаку форами субҳгоҳонӣ, булбули ширингуфторӣ, қатраи мавҷи баҳр ва сабзаҳои хушбӯи майсазоронӣ, Хуршеда. Девонавор дӯстат медорам! Агар ба ман умри безаволро бе ту ваъда кунанд, ман як лаҳзаи бо ту буданро интихоб менамоям, Хуршедаҷонам!

Дар куҷое хонда будам, ки ду шахс дунёро тақсим мекардаанд. Ман ҳам мехоҳам бо ту дунёро тақсим кунам, Хуршедаҷон: баҳр аз ту, мавҷҳо аз ман, осмон аз ту, ситораҳо аз ман, хуршед аз ту, анвораш аз ман, гул аз ту, накҳаташ аз ман, булбул аз ту, хонишаш аз ман. Биё, ҳамаи дунё аз ту, ту аз ман!»

Мурод чашм мекушоду тавба мекард ва аз дил мегузаронид: «Мабодо девона нашуда бошам? Чӣ мегӯям, ба кӣ мегӯям! Эй Худои меҳрубон, хурсанд кун ҷони маро…»

## УЗРИ БАДТАР АЗ ГУНОҲ

**«Дӯстатро дар танҳоӣ накӯҳиш**
**куну дар ҷомеа ситоиш.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Нисфи рӯз, ҳаво хеле гарм буд. Одатан дар ин лаҳзаҳо кӯдакон ба болои дарахтон баромада, дар сояи баргҳои он мева мехӯрданд ё ба наҳр даромада оббозӣ мекарданд. Дар қатори дигар бачаҳо писари Аския – Меъроҷ низ ба болои туте баромада бо шавқ меваи онро нӯши ҷон мекард. Ҳақорати бачаҳо маҷбураш кард, ки ба поён дида бидӯзад. Дид, ки додарашро писари ҳамсоя мезанад. Аз болои дарахт таҳдидаш кард:

– Ҳой касофат, аз бародари ман дур шав! Набошад, мефурояму балота мебинӣ…

Аммо бачаҳо ба якдигар часпида, ҳеҷ не ки ҷудо шаванд. Меъроҷ саросема аз болои дарахт фуромаданӣ буд, ки почаи шимаш дар шохаи шикаста дармонду башаст аз болои дарахт ба замин афтид. Кӯдакон доду войкунон давида ба боғчаи бачаҳо рафтанду Аскияро аз ин нохӯшӣ огоҳ карданд. Аския тозону попечон ба ҷои ҳодиса омада, писарашро, ки аз дард нолиш мекард, дар иҳотаи ҳамдеҳагон ёфт. Мошини роҳгузареро дошта, ӯро ба бемористони ноҳия овард. Баъди муоина духтури ҷарроҳ изтироби худро аз Аския пинҳон накард:

– Хоҳарам, писаратон ҷароҳати вазнин бардоштааст. Сутунмуҳрааш осеб дидааст. Агар фавран ҷарроҳӣ накунем, оянда эҳтимол роҳ гашта натавонад. Барои ҷарроҳӣ маблағ лозим…

– Духтурҷон, ман кӯшиш мекунам, маблағи даркориро меёбам. Шумо писарамро ба ҷарроҳӣ омода кунед! – гуфту саросема ба назди падараш рафт.

– Дадаҷон, Меъроҷ аз болои дарахт афтида, сутунмуҳрааш осеб дидааст. Барои ҷарроҳӣ маблағи калон лозим. Умедам ба шумо… – гуфт гирякунон.

– Духтарам, тамоми ҳаёт ман коре кардам, ки базӯр ба пӯшондану хӯрондани оила басанда буд. 12 нонхӯр будед. «Ба додаи Худо набояд ношукрӣ кард,» – мегуфт модарат ва як сол пас мезоид. Он солҳо дар бораи танзими оила гап набуд. Аз куҷо пул дорам, духтарам?! – гуфт падар сарашро хам карда.

Аския ба назди бародаронаш рафт: аз онҳо низ бӯи умед нашуд. Ба хотираш амаки Самандар расид. «Охир, барои беобрӯ кардани Хуршеда маро истифода карда буданд – ку? Бояд дастамро бигиранд!» – аз дил гузаронд Аския ва ба ҷониби ҳавлии онҳо давид.

– Ако, дар вақтҳои даркорӣ дар корҳои пастатон маро истифода бурдед, дугонаи бегуноҳамро туҳмат кардам, хонавайронаш сохтам. Хоҳиш мекунам: писарамро наҷот диҳед!

Самандар ӯро шунидан нахост: дарашро ба рӯяш пӯшид. Аския аз ҳама ҷавоби рад шунида, бо сари хаму чашми пурнам ва дили саршори ғам ба беморхона баргаш та хост ба духтур бигӯяд, ки маблағи даркориро наёфт. Ба дафтари кори духтур даромада, Хуршедаро дид, ки дар кадом масъалае бо ӯ маслиҳат мекард.

– Аския, барои чӣ маро аз ин нохӯшии ба сарат омада огоҳ накардӣ? Нигора аз кӯдакони кӯча шунида, ба ман гуфт. Дугонаҷон, ташвиш накаш, ман маблағи ҷарроҳиро ёфта медиҳам, – гуфт Хуршеда.

Аския чӣ гуфтанашро намедонист: лол монда буд. Дар як лаҳза он ҳама бадбинию туҳмату корҳои пасти нисбат ба Хуршеда раво дидааш чун навори филм аз пеши назараш гузаштанд. Қатраҳои калони ашкро, ки аз ду бари рӯяш мерехтанд, нигоҳ дошта наметавонист. Бо чашмони гирёну овози ларзон дар пеши пои Хуршеда ба зону зад:

– Хуршеда, бубахш маро. Мани ноодами рӯсиёҳ дар ҳаққат суханони носазо гуфтам. Туҳматат кардам…

– Аския, канӣ, аз ҷоят бихез! Чӣ хел суханони носазо, кадом туҳмат? Вақти ин гапҳо нест, писаратро бояд наҷот диҳем, – Аскияро бо меҳр аз замин хезонд Хуршеда ва нафаси сабуке кашида, маблағи заруриро ба духтур доду аз беморхона баромад.

Ӯ аз ҳама аъмоли бади дугонааш хабар надошт. Охир, Мурод ҳам ба ӯ чизе нагуфта буд. Фақат ҳис мекард, ки муносибати Аския дар нисбати ӯ тағйир ёфтааст: гоҳи рӯ ба рӯ омадан чашмонашро аз ӯ мегурезонад…

Ҷарроҳӣ хуб гузашт, баъди як ҳафта Аския ба назди Хуршеда омада, бо оби дида ҳама ҳодисаи шударо ба ӯ нақл кард. Хуршеда бо даҳшат суханони Аскияро бо гӯши худ мешуниду бовар намекард.

– Чаро? Барои кадом рафторам? Барои хубиҳоям? Барои эҳтирому дӯстдориҳоям? Охир, фарзандҳоятро чун фарзанди худ дӯст медорам. Таъна намекунам, лекин маҷбур соҳиби маълумоти олӣ кардамат, вазифаат додам. Сӣ сол девордармиён зиндагӣ кардем, дугонаҳои ҷонӣ будем. Як пиёла об бе ту аз гулӯям намегузашт. Наход

қадри он нотавонбинон аз ман дида бароят болотар будааст. Ба чанд сӯм маро фурӯхтӣ? Пул лозим буд? Мегуфтӣ, ҳамон маблағро худам ба ту медодам, – алам дар гулӯяш печид. – Ҳайфи ту! Сад ҳайф!

Аския бо сари хам мегиристу узр мепурсид. Узри бадтар аз гуноҳ. Бисёр суолҳои Хуршеда беҷавоб монданд. Дилаш ба шавҳараш месӯхт. Ин қадар бадгӯиҳоро шунида, боре ҳам ба Хуршеда садо баланд накард, ҳарфи ноҷоеро дар нисбаташ раво надид.

– Аския, хоҳиш мекунам, дигар ба чашмам нанамо, – гуфт оҳиста Хуршеда рӯяшро аз дугонааш гардонда.

– Хуршедаҷон, мехоҳам як ҳодисаи дигарро низ ба ту нақл кунам, баъд ба рӯям туф карда, аз хонаат ҳам биронием, ҳақ дорӣ. Вақте ки корҳоям омад намекарду ҳаёти оилавиам вайрон буд, маслиҳатам доданд, ба як табиби ҷодугар, ки дар маркази ноҳия зиндагӣ мекард, муроҷиат намоям. Рӯзи чоршанбе ба назди ҳамон ҷодугар рафтам. Банд буд. Дар айвони хона мунтазир шудам. Аз дарун овози гиряолуди шинос ба гӯшам расид, ки аз табиб хоҳиш мекард:

– Домулло, кӯмакам намоед. Шавҳарам Мурод аз ман дилхунук шудааст. Хоҳиш мекунам, дилгармӣ кунед. Бо Хуршеда ном зан муносибати маҳрамона дорад. Мехоҳад маро бо се кӯдак аз хона пеш кунад. Домуллоҷон, барои бахтам ҳар чизе мехоҳед, медиҳам, фақат аз ҳамон Хуршеда дур шавад. Ягон тӯмори дилхунукӣ ё, худатон медонед, коре кунед, ки шавҳарам аз он зан рӯ бигардонад.

Ман номи ту ва язнаам – Муродро шунида ҳайрон мондам. Ин зан кӣ бошад? Овозаш шинос! Мулло ба ӯ амр дод:

– Духтарам, албатта, ба ту кӯмак мерасонам. Ин занҳои сабукпо чандин оиларо вайрон карда, оби дидаи ту барин занҳои бечораро мерезонанду кӯдакони бисёреро дар ба дар мекунанд. Ту ба ман бояд хоки қабри кӯҳна, аз чорроҳа сангу хасу чӯб, як қуттӣ сӯзан, саргини рӯзи ҷумъагии саг, пашми сагу пишак ва хук, қулфу калид биёрӣ. Ана, мебинӣ, ки шавҳарат Мурод бо он зани хонавайронкун – Хуршеда мисли саг бо пишак муносибат ме-

кунад. Агар тавонӣ, як акси Хуршедаро ҳам биёр.

– Ана, домулоҷон, донистагӣ барин акси он касофатро бо худ овардаам, – шунида шуд овози зан.

– Дуо карда, 40 дона сӯзанро ба рӯяш мезанам. Аз сад ҷонаш якеаш ҳам намемонад. На танҳо аз шавҳари ту, балки аз ин дунё реҳлат мекунад. Ман пӯстакро бо ҷорӯб ҷанг меандозам. Қудрати фавқулода дорам, – худситоӣ мекард ҷодугар.

Овози занро шинохтам: ӯ Зебо, ҳамоне буд, ки чун ман худат одамаш карда будӣ.

– Ин аз нӯги хамир фатир. Ангуштарини тилоии давраи Союз, – гуфта Зебо бо табиб хайрухуш кард. Дар айвон маро дида каме ҳиҷолат кашида гуфт: – Апаи Аския, шуморо дар берун мунтазир мешавам.

Ман ба назди ҷодугар даромада, барои кушоиши корҳоям тӯмор гирифта баромадам. Дар кӯча Зебо интизорам буд.

– Апаи Аския, хоҳиш мекунам: чизеро, ки дар ин ҷо шунидед, ба касе нагӯед. Хидмататона мекунам, куртаҳоятона бепул медӯзам. Ҷон апаҷон! Ин сир миёни худамон бимонад.

– Зебо, як чизро нафаҳмидам. Барои чӣ «Мурод шавҳари ман» гуфтӣ? – пурсидам аз ӯ.

– Агар ҳамин хел намегуфтам, ҷодугар дилхунукӣ намекард, – гуфта, Зебо бори дигар хомӯш монданамро хоҳиш карду тез аз наздам дур шуд. – Хуршедаҷон, мани рӯсиёҳ ҳамаи инро бо гӯшҳоям шунида, бо чашмонам дидаму ба ту нагуфтам. Ту аз акои Мурод хафа машав, вайро бо усули муллогӣ дар нисбати ту дилхунук, кару гунгу кӯр кардаанд, – гуфт Аския.

– Аския, ту ба ҳамин сафсатаҳои муллою ҷодугарон бовар дорӣ? Ман бовар намекунам ва ба онҳо нафратам меояд! – хитоб кард Хуршеда.

Баъди ҳазорҳо маротиба таъзим кардану узр пурсидан Аския Хуршедаро дар банди андешаҳо фиганда бирафт.

Ҳар гоҳе дилаш аз ғаму андеша пур мешуд, Хуршеда ба хонаи муаллимааш – Бахтинисо Ҳошимова мерафт. Имрӯз

ҳам роҳи хонаи ӯро пеш гирифт.

– Шамолҳои куҷо паронд, духтарам? Канӣ, ба хона даро! – истиқбол намуд ӯро муаллима хушҳолона ва аз рухсораҳои чун гули анораш бӯсида, ба хона даровараданӣ шуд, вале Хуршеда суфаи таги тутро, ки гирдашро гулҳои зебо иҳота карда буданд, нишон дода гуфт:

– Муаллимаҷон, биёед болои ҳамин сӯфа, дар ҳавои тоза мешинем.

– Келинҷон, меҳмон омад! Кӯрпача барореД, – ҷеғ зад муаллима ба хона нигоҳ карда. Нигоҳи пурмеҳраш Хуршедаро аз сар то по навозиш мекард.

– Духтари худам, шогирди худам, аз муваффақиятҳоят сарам ба осмон мерасад. Канӣ, гап зан, набераҷаи ман чӣ хел? Барои чӣ ӯро наовардӣ? Духтарам, ман гунаҳгор. Охир, то чили кӯдак набарояд, пай меафтад, чашм мерасад, гуфтанӣ гапҳо аст. Барои ҳамин хабарат нагирифтам.

– Муаллимаҷон, дилам пур шуду ба наздатон омадам. Дигар ба касе бовар намекунам. Дӯстони ҷонӣ хиёнатам карданд. Наход насиби ман дар зиндагӣ мардҳои хиёнаткор бошанд. Рози диламро ба касе гуфта наметавонам, касе ҳам ҷуръат карда, аз ман чизе намепурсад. Хонаам вайрон мешавад.

– Духтарам, баъзе овозаҳо ба гӯши ман ҳам расиданд. Хабари шум тез паҳн мешавад. Инсон дар ҳаёташ як бор хато мекунад. Дағал карда гӯям, «хар» мешавад. Охир, инсон шири хомхӯрда аст. Шайтон барандаи роҳ мегӯянд. Беҳуда Одаму Момоҳавворо аз биҳишт пеш накарда буданд. Бузургии инсон гуноҳи дигаронро бахшида тавонистан аст. Ҳол он ки Мурод барои ту «дигар» набуд, нест ва ҳаргиз нахоҳад шуд. Ӯ баҳри ту ҷонашро нисор мекунад. Бо ин қадар азобу уқубат ду дилдода якҷоя шудед. Ба шумо чашм расид. «Чашми бад сангро сӯрох мекунад,» – мегӯянд одамони доно. Духтарам, ғурури нодаркоратро як тараф гузору Муродро бубахш. Хубиҳояшро ба хотир биёр. Духтарат Нигораро мисли фарзанди худ дӯст медорад. Ба ҳама аъмоли ҳасудон тоқат кард, боре ба ту ҳарфи ноҷое назад. Душманонатро хурсанд накун, духтарам. Хонадон гулистонро монад, гул

бошад, ҳаргиз бе хор намешавад. Аз рӯи шунидам Мурод гӯшанишиниро ихтиёр намуда, қасд аз шароб мегирифтааст. Агар ҳамин амалаш идома ёбад, дар ҳақиқат, Муродро аз даст медиҳӣ. Мард иродаи қавӣ надорад. Аз ноомади кор дарҳол мешиканад. Охир, ӯ туро дӯст медорад. Духтарам, насиҳати модаронаамро ҳеҷ гоҳ аз ту дареғ надошта будам, имрӯз ҳам аз ту хоҳиш мекунам: Бубахш шавҳаратро...

Хуршеда аз назди муаллима бо қалби орому таскинёфта баромад. Гӯё бол дошта бошад, роҳ намегашт, балки парвоз мекард.

– Мебахшам, бахшидамаш! – мегуфт бо хотири болида. Чӣ хел ба ҳавлӣ расиданашро нафаҳмид.

## ФАЗОИ НООРОМИ КИШВАР

**«Волотарин ҳикмат фарқ кардани**
**некӣ аз бадӣ мебошад.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Оташи ҷанги бародаркуши кишвар, ки дар солҳои муқовимати шаҳрвандӣ шуъла зада буд, боиси нооромии ҳаёти мардуми пойтахти Ватанамон гардид. Анвар – бародари хурдии Мурод бо ҳамсабақонаш миёни майдонҳои «Озодӣ» ва «Шаҳидон» рафтуомад карда, мақсади ин ҳама ҷангу ҷидолро дуруст намефаҳмиданд. Дар натиҷа хуни ноҳақ рехта шуд. Ин нооромиҳо на танҳо дар пойтахт, балки дар дигар ноҳияҳо низ доман густурд. Мардум аз амали ашхосе, ки на барои тинҷиву амонӣ, балки барои бесомонии кишвар гурӯҳҳои махсус ташкил намуда, дар байни мардуми маҳаллоти гуногуни Тоҷикистони азиз низоъ меандохтанду кишварро ғорат мекарданд, муқобилонашонро «вовчик» – у «юрчик» гуфта таҳқир менамуданду бе ягон тафтиш ва ҳукми суд маҳкуми марг месохтанд, ба дод омада буд.

Анвар ва ҳамсабақаш Латофат ду сол боз бо ҳам риштаи дӯстӣ баста буданд, оҳиста – оҳиста он ба мухаб-

бати самимӣ табдил ёфт. Онҳо берун аз дарс нақшаҳо кашида, ояндаи худро тарҳрезӣ мекарданд. Аз ин нақшаҳо дили ҷавонон месуруду метапиду мерақсид.

– Латофатҷон, дар назди зебогии ту моҳтоб шарм карда, дар пушти абрҳои ғафс пинҳон мешавад. Аз ту як нафас ҷудо будан бароям баробари марг аст. Дар курси охирин ман ба хонаи шумо хостгор мефиристам. Донишкадаро хатм накарда тӯй мекунем, мехоҳам ҳамсабақҳоямон шарики хурсандиамон бошанд. Бо карнаю сурнай туро аз Раштонзамин ба Хатлон мебарам. Мехоҳам бародарам Муродро шод кунам. Ду бародари калонӣ арӯсҳои худро ба деҳа набурданд. Ман, албатта, мебарам.

– Анварҷон, агар падару модари ман розӣ нашаванд – чӣ? – хандида мегуфт Латофат.

– Розӣ нашаванд, дуздида мебарам. Ту – ку, розӣ ҳастӣ?

– Албатта, розӣ ҳастам. Падару модарам ҳам хушбахтии маро мехоҳанд. Розӣ мешаванд.

– Латофатҷон, беҳтараш, дар ҳамин бесомониҳо ту ба деҳа биравӣ. Мо бо ҳамкурсон нияти ба Сибир сафар кардан дорем, – мегуфт Анвар ба дӯстдоштааш.

Чанд рӯз баъд ӯ маҳбубаашро дар мошини ҳамдеҳааш савор карда, ба хонаи падару модараш фиристоду андаке ором шуд. Мурод, ки аз вазъияти пойтахт дар хавотир буд, ба бародараш Анвар телефонӣ занг зада, аз ҳодисаҳои пойтахт изҳори нигаронӣ мекард:

– Анварҷон, додари азизам, мабодо ба ягон гурӯҳ ҳамроҳ нашавӣ, хонданатро дону халос. Бегоҳ ба кӯча набаро. Тавонӣ, ба деҳа биё. Аз ту бисёр дар ташвиш ҳастам.

– Акаҷон, дар ҳақиқат, вазъият хуб нест, нисфи шаб ба коргоҳи нон меравему соатҳо дар навбати нон меистем. Бозору кӯчаҳо холӣ, мағозаю ошхонаҳо дарбаста, автобусу таксиҳо кор намекунанд, фақат дар майдонҳои «Озодӣ» ва «Шаҳидон» одамони зиёде гирд омада, бо микрофон ҳамаро ба ҷиҳод даъват мекунанд. Барои чӣ? Номаълум. Мардум сарсону парешон. Табъи хира ва чеҳраи ғамгину тира доранд. Агар шумо розӣ бошед, мо, як гурӯҳ ҳамсабақон, то ором шудани вазъият ба Русия, ба Сибир, меравем: марди-

корӣ мекунем. Чанд нафар донишҷӯёни курсҳои болоӣ, ки се моҳ пеш ба он ҷо рафта буданд, аллакай, ба хонаҳояшон маблағ фиристоданд.

– Додаракам, азизи дилу ҷонам, хонданат чӣ мешавад? Охир, мегӯянд, ки «мардикор бой намешавад, хокистар лой». Ба ту мардикорӣ чӣ лозим? Агар ба маблаге ниёз дош та бошӣ, бигӯ, худам ба ту мефиристам. Дар мулки бегона худатро азоб надеҳ. Як сол баъд маълумоти олӣ мегирӣ, кор мекунӣ, хостагиат иҷро мешавад. Бори дигар фикр кун, додарам. Вазифаи ту имрӯз хондан, хондан ва фақат хондан аст.

– Насиб бошад, сиҳату саломат баргаштем, хонданро давом медиҳам, – гуфт Анвар.

Мурод бо дили нохоҳам раъйи бародарашро қабул кард.

## ГУНОҲИ ДИГАРИ АСКИЯ ВА БАХШИДАНИ ХУРШЕДА ӮРО

**«Фарқ кардани некию бадӣ хиради олист.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Муаллим Олим Шукуров, падари Аския, асо дар даст лангида – лангида ба ҳавлии Хуршеда даромада, амонатак дар лаби суфаи таги хавозаи ангур нишаст ва бо дастрӯймол арақи пешониашро пок намуда фарёд кард:

– Духтарам Хуршеда, дар хона ҳастӣ!

– Биёед, муаллимҷон! Шамолҳои куҷо шуморо ба хонаи мо оварданд? – Хуршеда бо чеҳраи шукуфон аз хона баромада, муаллимашро истиқбол намуд. – Барои чӣ дар ин ҷо нишастед? Марҳамат, ба хона дароед.

– Не, духтарам, дар хамин ҷо гапамро мегӯяму аз пайи корҳои дигарам мешавам.

– Ҳозир, муаллим, – гуфт Хуршеда ва ба Нигора дастур дод. – Духтарам, тез чойи кабуд дам карда, дастархон биёр, – ва ба муаллим рӯ оварда гуфт: – Ана, акнун ман

шуморо гӯш мекунам.

– Хуршедаҷон, духтарам… – гуфт муаллим ва суханашро ба поён нарасонда, бо алам, мисли кӯдак, ба гиря даромад.

– Муаллимҷон, ором шавед, худатонро ба даст гиред, – гуфт Хуршеда ва як пиёла чойи кабудро ба ӯ дароз кард.

– Хуршедаҷон, мебахшӣ. Ҳар вақт мушкиле ба дӯшам биафтад, туро ташвиш медиҳам. Ду ҳафта боз аз Аския хабаре нест. Вақтҳои охир бо ашхоси шубҳанок рафтуомад дошт. Бо мошинҳои хориҷӣ омада мебурдандаш. Дар дасташ ҳам каме маблағ пайдо шуда буд. Агар пурсам, ки инҳо кистанд? Ҷавоб медод: «одамони хайрхоҳ». Пеш аз сафари навбатиаш ба хона даромада гуфт:

– Падарҷон, ба наздикӣ ман соҳиби пули калон мешаваму дар шаҳр хона харида, фарзандонамро дар мактабҳои нағз ба хондан медиҳам. Дар ҳаёт ман чизе надидам, бигузор онҳо бубинанд. Ҳамагӣ як сафар ба давлати ҳамсоя мекунам, баъд ҳамааш нағз мешавад…

– Духтарам, пули калон осон ба даст намеояд. Дӯстонат низ ба ман маъқул нестанд, ким- чӣ хел шубҳаноканд. Ба ягон гурӯҳи бад ҳамроҳ нашуда бошӣ? Умри ҷавонатро боз насӯзонӣ? Нимтаи нон роҳати ҷон, духтарам, – гуфта дар бало мондам.

– Падарҷон, ҳамин лексияҳоят ба ҷонам заданд. Ту дар ин дунё ба ҷуз панду насиҳат чӣ чизи дигар медонӣ? Як умр омӯзгор будӣ, ақаллан, рӯзи ба нафақа баромадан бо як раҳматнома қадрат карданд? Не! Дигар беҳуда вақтамро нагиру панду андарз нахон, падар! – гуфта, аз хона рафт. Ана, ду ҳафта боз аз ӯ дараке нест. Ба шаҳр рафтам, дӯстони шубҳанокашро ҳам ёфтам. Бо ман ҳатто гап задан нахостанд. Хоҳишу илтиҷо кардам, ки духтарамро ёфта диҳанд. Охир, ду тифли ноболиғи ӯро кӣ саробон мешавад? Ман пир шудаам, аз уҳдаи тарбияи онҳо баромада наметавонам, бародаронаш зиндагии худро ба зӯр пеш мебаранд. Муносибати Аския бо бародарон ҳам хуб набуд. Онҳо худи ӯро дидан намехостанд, бори тарбияти фарзандонашро то куҷо мебардоранд? Намедонам сарам-

ро дар пирӣ ба кадом гӯр халонам. Ҳамин пагоҳӣ ду нафаре аз ҳамон дӯстонаш ба хонаамон омаданду:

– Духтарат Аския бо бори вазнин дар фурудгоҳи шаҳри Маскав ба даст афтодааст. Ту, мӯйсафед, духтаратро кофта, ба назди мо наё. Аския аз мо маблағи калоне қарздор аст ва тамоми умр кор ҳам кунад, онро гардонда наметавонад. Агар мабодо дар ягон ҷой нишонӣ ё номи моро ба забон биорӣ, аз сад ҷонат яктоаш ҳам амон намеёбад, набераҳоятро дигар зинда намебинӣ. Фаҳмидӣ? – гуфта сахт таҳдидам намуданд.

Хуршедаҷон, чӣ кор кунам? Поям ба лаби гӯр расидааст. Медонам, ки Аския ба ту бадиҳои зиёде кардааст. Ту низ аз ӯ малол ҳастӣ. Фарзандони Аскияро тарбия карда наметавонам. Агар дастамро бигирӣ, онҳоро ба ягон сағирхона бурда месупорам, – гуфт мӯйсафед ашкашро бо рӯймолчаи ғиҷимшудаи чиркинаш поккунон.

Дар як нафас ҳама аъмоли бади Аския – бадгӯӣ, туҳмат, дурӯғ, буғзу кина ва ҳасад бурданҳояш аз пеши назари Хуршеда чун навори синамо гузаштанд, аммо Хуршеда бе дудилагӣ гуфт:

– Муаллими азиз, беҳуда ташвиш накашед. Худам тарбияи фарзандони Аскияро ба уҳда мегирам. Охир, ӯ барои ман мисли фарзанди падар азиз аст. Хайр, ба гапи ҳар кас даромада, туҳматам кард. Ман ба дил намегирам. Аз падар насиҳате дар хотираам нақш баста: «ҳаволаи бад ба Худо». Ду фарзанд доштам, чорто мешаванд. Бо ҷону дил, баробари фарзандони худам, тарбияташон мекунам.

Муаллим ашки беихтиёр аз чашмонаш ҷоришударо пок намуду бори дигар ба одамгарӣ ва фазилати ин зан офарин хонд.

# МАРДИКОРӢ

**«Ба Худо эҳтиром, ба волидайн – ифтихор.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000 – сола»

Анвар бо рафиқонаш рӯзҳои аввали мардикорӣ азоби зиёде кашиданд. Кор ва ҷои истиқомат надоштанд. Чанд вақт дар як таҳхона шабро рӯз мекарданд. Бахташон хандиду ҷавонмарди тоҷик – Латиф, ки даҳ сол қабл бо зану фарзандонаш аз Тоҷикистон омада, муқими Сибир шуда буд, онҳоро ба кор қабул кард. Ӯ дар ташкилоти хусусии сохтмониаш тоҷикписаронро ба кор қабул мекарду бригадаҳо ташкил намуда, хонаҳои зебо месохт. Анвар ва рафиқонаш аз нозукиҳои касби бинокорӣ огоҳӣ надошта бошанд ҳам, кӯшиш мекарданд, ки супориши сардори бригада – Ҷалолро иҷро намоянд. Баъди се моҳи заҳматҳои шабонрӯзӣ Ҷалол ҳаққи хизмат гуфта, маблағи ночизеро ба онҳо дод. Ин амали ӯ боиси сар задани ҳисси норозигии аъзои бригада гардид.

– О, бародар, каме инсоф кунед, охир!

– Наход аз хонаву дар, ёру диёр дур афтода, аз ҳамшаҳри худ беинсофӣ бубинем?

– Акаи Ҷалол, агар ҳамин рафторро зодаи ягон миллати дигар мекард, хафа намешудем. Охир, шумо худатон нағз огоҳ ҳастед, ки мо бо чӣ мушкилиҳо то ба ин ҷо расидаем. То ҳанӯз ҳамон қарзеро, ки барои роҳ гирифта будем, барнагардондаем. Ин маблағи ночизе, ки шумо додед, нисфи роҳпулиамон мебошад, – мегуфтанд .

– Хоҳед, ҳамин, нахоҳед, чор тарафатон қибла. Ин рӯзҳо садҳо тоҷикписарон кор кофта, ба назди ман меоянд. Шукр кунед, ки аз азоби таҳхона халос шудед, – гуфт Ҷалол.

Ҷавонони мардикорон боз дар кӯча монданд. Онҳо ҳар субҳидам бо умед ба бозор шитоб мекарданд: ҳар кадомашон дар дил орзуе доштанд. Яке мехост, хонае дошта

бошаду дар зери кӯрпаи гарм бароҳат хобида, шабашро рӯз кунад. Дигаре орзу мекард, ки дар сари дастархони модар нишаста, шикамсерӣ қурутоб хӯрад. Севумӣ хаёлан худро дар китобхонаи гарми донишкада машғули мутолиаи китобҳо медид…

Онҳо дар бозор бо тоҷикписаре вохӯрданд, ки барои дарахт буридан дар ҷангалҳои Сибир гурӯҳ ташкил мекард. Ҳама номҳояшонро ба ин гурӯҳ сабт карда, омодаи сафар шуданд.

Фасли зимистон. Ҳаво хеле сард буд. Дар ҷангалҳои Сибир барф беист мебориду меборид. Анвар ва ҳамроҳонаш ба иқлими сарди ин сарзамин мутобиқ шуда наметавонистанд. Дар хонаи сайёри оҳанин, ки ду ҳуҷрачаи танг дошт, 15 тоҷикписар иқомат мекарданд. Бегоҳӣ ҳама ҷамъ омада, ба бухории чӯянӣ беист кундачаҳои майдакарда мепартофтанд, қарс – қурс сӯхтани ҳезум ба дилҳо фараҳ мебахшид, аммо хоначаи оҳанини онҳо ҳеҷ не ки гарм шавад.

Анвар низ баъди кори вазнини рӯзона дар назди бухорӣ нишаста, дастонашро гарм мекард. Ӯ ҳамеша хомӯш буд. Ба суҳбати дигарон ҳамроҳ намешуд. Ба суолҳои онҳо кӯтоҳакак «ҳа» ё «не» гуфта посух мегардонд. Аъзои баданаш дарақ – дарақ меларзид. Пешониашро арақи сард пахш кард. Дар назди бухорӣ хобаш бурд. Ҳамроҳонаш болояшро бо кӯрпаи нимдоште пӯшониданд. Деҳаашонро дар хоб дид: «Зодгоҳаш дар мавзеи хушманзарае воқеъ гардида буд. Аз як тараф тепаҳои сарсабз саф ороста буданду аз тарафи дигар рӯди Панҷ бо оби мусаффои худ пахтазори деҳаро сероб мекард. Маликаи фаслҳо – Баҳори нозанин ин диёрро ба макони афсонавие табдил дода буд. Тепаҳо аз майсаву себарга ва гули лола чунон моҳирона оро ёфта буданд, ки бинанда аз дидани онҳо беихтиёр ба ваҷд омада фикр мекард, ки мусаввире бо рангҳои гуногун нақши чаканро болои он тепаҳо кашидааст. Шир – шири ҷӯйчаҳое, ки аз рӯди Панҷ ба тавассути онҳо об ба дашту даман ҷорӣ мешуд, ба дили кас ҳаловат мебахшид. Аз боғи хурмо ва токзори деҳа хониши парандагон ба гӯш мерасид. *Анвар дар миёни боғ падарашро*

*диду давида наздаш рафт ва чун даврони кӯдакӣ дастони нозукашро ба гардани ӯ ҳалқавор печонда хоҳиш намуд:*

*– Отаҷон, маро бо худ бубаред.*

*Онҳо аз дасти якдигар гирифта, ба сӯи офтобшин раҳсипор гаштанд…*

Анвар ду ҳафта аз ҷой хеста натавонист. Таби баланд ва ларзиши бадан абгораш карда буд. Аз тирезаи хурди вагони оҳанин ба берун нигоҳ кард. Ба ҷуз сафедии барф чизеро намедид. Ғуввоси шамол ба гӯшаш мерасиду халос. Мегуфтӣ, ки гургҳои дунё гирди вагони онҳо ҷамъ шуда, якбора уллос мекашиданд. Хоби шаб дидаашро ба хотир оварду табассуме гирди лабони парсингбастааш ҳалқа зад. Аз дил гузаронд: «кош дар Ватан мебудаму аз он гулҳо чида, ба Латофат ҳадя мекардам. Охир, мо чӣ орзуҳои ширине дар дил мепарваридем. Наход қисмат номардӣ кунад? Ман барқасди қисмати номард бояд зинда бимонаму Латофатамро хушбахт бисозам!»

Дар ҷангалҳои Сибир ёфтани духтур кори осон набуд. Рафиқони Анвар аз торафт бад шудани вазъи саломатии ӯ ба ташвиш афтоданд. Чана ва чанд саг ёфта, Анварро ба бемористони наздиктарин бурданд, аммо, алаккай, дер шуда буд. Нишонии бародараш Носирро аз ҷайбаш ёфта, ба ӯ телефон карданд. Носир рӯзи дуюм омаду ҷасади беҷони бародарашро ба оғӯш кашида, бо тамоми овоз ба гиря даромад.

Бачаҳо ҳамаи маблағи дар даст доштаашонро ба Носир доданд, ки барои ба Ватан бурдани ҷисми беҷони Анвар мушкилӣ накашад. Носир телефон карда, Маъруфро аз фавти бародарашон огоҳ кард. Маъруф ҳамон рӯз ҳамроҳи ҳамсараш ба деҳа рафтанд, вале намедонист чӣ гуна Муродро аз марги ҷигарбандашон огаҳ бисозад. Мурод онҳоро бо хурсандӣ истиқбол намуд:

– Биё, додари азиз, биё! Шамоли куҷо шуморо ба ин тарафҳо овард? Мани бесоҳиброо ёд карда омадед, ташаккур. Ҳозир аз пода як гӯсфандро меораму сар бурида ош меандозем ва бегоҳ ҳамсояҳоро даъват мекунем.

Зуд меҳмонҳоро ба хона даровармду дар тараддуди

меҳмондории бародараш афтод. Вале Маъруф:

– Акаҷон, ташвиш накашед. Бародарам Носир низ меояд. Ӯро интизор мешавем. Ана, келинатон ягон хӯроки сабук тайёр мекунад, – гуфта, ба ҳавлӣ баромаду номаълум ашки чашмонашро пок кард.

«Овоза ё хабари шум тез паҳн мешавад,» – мегӯянд мардуми дунёдида. Хуршеда низ ин хабарро шунида, писарчаашро парпеч карду «дар чунин рӯзи сахт вазифаи ман дар назди шавҳар будану ба ӯ нерӯ бахшидан аст,» – гуфта, ба хонааш баргашт.

Мурод дар остонаи дар Хуршедаро дида, сараш аз шодӣ ба осмон расиду ба бародараш хитоб кард:

– Маъруфҷон, дар пою қадами худату келинам садқа! Ба шарофати шумо бахти гумшудаам баргашт, писарам ба хонаи падараш омад, ба хонаам баҳор омаду дар зимистон гулҳо шукуфтанд.

Ӯ аз шодӣ мегиристу Хуршедаву бародараш аз ғам. Рӯзи дувуми омадани Маъруф Носир ва Валентина ҷасади беҷони Анварро ба деҳа оварданд. Чанд дақиқа қабл аз майитро ба ҳавлӣ даровардан Муродро ҳам аз марги додараш огоҳ карда буданд. Ӯ сарашро ба сутуни долон зада, бо овози баланд мегирист.

– Оҳ, бародари ба ҷону дил баробарам! Бародари дар ғарибӣ ҷон додаам, додараки бенишонам! Охир, ман ба падар ваъда дода будам, ки шуморо эҳтиёт мекунам. Ба ваъдаам вафо накардам! Кош Офаридгор ба ҷои ту ҷони маро мегирифт – е. Бародари ормониам, пеш аз марг чӣ гуфтӣ? Ташнаву гушна будӣ, магар об хостӣ? Барои чӣ маро партофта рафтӣ? Вой, додаракам! Охир, ту зеби мурдан надоштӣ? Дилат ба ман насӯхт? Оҳ, додарам, ҷон, додарам, вой, додарам! Хоҳиш мекунам, чашмонатро кушову бубин, ки хонаи хомӯши падарат чӣ хел сермеҳмон шудааст, ҳама барои дидани додараки роҳдурам омадаанд. Вой, додарам, ҷон, додарам!..

Мурод мурдаи Анварро оғӯш мекарду мегирист. Фарёд мезаду наҳва мекашид:

– Маро ҳам ҳамроҳаш бареду зери хок кунед,  ки дигар

набинам ин ҳавлии холиро! Метарсам аз танҳо мондан…

Бо асабҳои парешону дили ҳайрон Мурод рӯй ба само оварда, дасти ниёиш бардошт, аммо чашми осмон як қатра ашке надошт, ки барояш бигиряд. Хешу табор таскинаш медоданд:

– Шукр гӯй, Мурод, қаҳри Худоро наёр.

– Худатро ба даст бигир, бародар.

– Тавба кун, шукри бародарони боқимонда бикун.

– Шукр, сад бор шукр! Охир, Анвари ман зеби мурдан надошт, – гуфт Мурод бо ҳарду даст аз гиребонаш гирифта.

Ҳамсабақҳои Анвар хабари шумро шунида, ба ҷаноза омаданд. Мурод ҳар кадоми онҳоро ба оғӯш кашида, «аз шумо бӯи додарам меояд!» мегуфту талх мегирист…

Баъди марги додараш Мурод якбора тағйир ёфт. Ҳамеша ба нуқтае чашм медӯхту беовоз мегирист. Қафаси синааш месӯхт. Чашм мепӯшиду Анвари хурдакакро медид, ки пайваста аз бародарон ҷудо будан намехост. Ба мактаб мерафт. Бо омадани пода бузу гӯсфандҳоро ҷо ба ҷо мекард. Агар духтари зебоеро медид, албатта, орзу мекард, ки ӯро барои додаракаш Анвар хостгорӣ мекунад. Ӯро дар тахти шоҳӣ, рӯзи никоҳ, дар пушти чодар, медид…

Баъди се рӯзи Анварро ба хок супурдан мошини сабукраве дар назди хонаи Мурод истоду аз он ду зану ду мард, либоси мотам дар тан, ба ҳавлӣ даромаданд.

– Анварҷон, ту бевафо будаӣ! Чаро ба ваъдаат вафо накардӣ? Охир, ту маро бо сурнаю карнай ба ҳавлии падарат оварданӣ будӣ – ку! Чаро ба ман дурӯғ гуфтӣ, Анварҷонам!!! – гӯён Латофат бо овози баланд нола мекард.

– Худатро ба даст бигир, духтарам. Насиб набудааст. Қисмат… – мегуфт модари Латофат гириста ва аз дасти духтараш гирифта. Ҳарду дар суфаи калони зери дарахти тут нишастанд. Ҳамаи аҳли оила ба назди меҳмонҳои ношинос омаданд.

– Хуш омадед, меҳмонони азиз! Узр мепурсам барои шуморо нашинохтанам, – гӯён Мурод меҳмонҳоро ба хона таклиф кард.

– Мо ҳарду бародарони Латофат ҳастему ин кас мода-

ри мо, – гуфт яке аз мардҳо.

– Латофат ва Анварҷон ҳар ду ҳамсабақ буданд, ҳамдигарро дӯст медоштанд. Хабари шум тез паҳн мешудааст. Баъди ин ҳодиса ҳамсабақҳояш аз Сибир ба Латофат занг зада, хабари марги Анварҷонро мерасонанд. Се рӯз боз духтарам чун девонаҳо, вой дод гуфта, ба худ намеояд. Худро куштанӣ шуд. Аз наздаш як дақиқа дур шуда наметавонем. Ӯ моро бисёр ба ташвиш овардааст. Бо бародаронаш маслиҳат карда, ба хулосае омадем, ки омада, дуою фотеҳа хонем, шояд Латофат ба худ биёяду ба тақдир тан бидиҳад, – мегуфт модар, гиряашро пинҳон карда натавониста: Ашк рухсораҳояшро мешӯст…

Хуршеда аз ҷояш хеста, ба назди Латофат омаду бо меҳр ӯро ба бағал кашид: оғӯшаш бӯйи дард дошт:

– Хоҳари азизам, зиндагӣ пастиву баландӣ, афтидану хестан ва дигар санҷишҳои сахт дорад. Қисмат туро бис ёр ҷавон аз имтиҳонаш гузаронид. Иродаат бояд шикастноразир бошад. Худо хоҳад, ин рӯзҳои сиёҳ ҳам мегузаранд, поёни шаби сиёҳ сафед аст, – гуфта, Латофатро таскин медоду худ ҳам ашкашро пинҳон накарда мегирист.

Ҳамон рӯз, бегоҳӣ, гӯсфандеро кушта, маъракаи себегоҳинаи Анварро дар шоҳидии дӯстон, ҳамсояҳо ва пайвандону наздикон гузарониданд. Латофат низ аламашро фурӯ бурда, ба аҳли хона дар густудану ғундоштани дастархон ёрӣ расонд. Ҳолати ӯро дида, модари муштипараш каме ором шуд. Баъди гузаронидани маърака Латофат бо модару бародаронаш бо аҳли хонаводаи Анвар хайру манзур намуданд.

Хуршеда бошад, «аз хонаи мо сиёҳ наравед, саратона сафед кунам,» – гуфта, барои ҳарду бародарон курта ва барои Латофату модараш либосу рӯймол печонда, дар бағоҷи мошин гузошт.

Баъди як ҳафтаи ба хок супоридани Анвар хешу табор хайрухуш карда, ба хонаҳои худ рафтанд. Мурод ба бародаронаш Маъруфу Носир нигоҳ карда:

– Чор бародар будем, акнун се нафар мондем, – гуфта,

боз оби дида кард.

Хуршеда, ки тоби шунидани гиряи ҳамсарашро надошт, аз ҷояш хеста, ба назди гаҳвора омад ва тифлашро аз он кушода парпеч карду:

– Муродҷон, шумо се нафар нестед. Ана, Анварҷон! – гуфта, бори аввал фарзандашро ба дасти Мурод дод.

Мурод писараш Анварро рӯи даст бардошта, бо меҳр бӯсид. Аз ӯ накҳати додаракаш Анвар меомад…

***Поёни қисми аввал***

# ЧОРДОДАРОН

*Раман*

## ҚИСМИ ДУЮМ

## МАРОСИМИ АҚИҚА

**«Хайр кардан савоб аст.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000- сола»

Мурод бо дастони ларзон тифлро бардошта, дар гӯшаш азон хонд ва бо овози баланд, то ҳама шунаванд, гуфт:

–Писари азизам, номи ту Анвар! Илоҳо, давоми умри бародарам Анвар бошӣ. Анваре, ки аз дунё чизе надида, онро падруд гуфт. Номзади нозанинаш гирёну наздикон нолон монданд. Кош аз ӯ фарзанде мемонд, аммо афсӯс… Писаракам, дар ҳаёт мисли ман беҷуръат мабош. Охир, ман меҳри падарро надида будам. Ба хотири васияти падарандар ва ором будани арвоҳаш ҷаҳд кардам, ки бародаронам соҳиби маълумот ва касбе бишаванд. Худам бесавод мондам. Бесаводӣ инсонро кӯр мекардааст. Барои ҳамин дар миёнсолӣ донишҷӯй гашта, таҳсил карда истодаам. Худо хоҳад, имсол донишкадаро хатм менамоям. Фарзанди азиз, кӯшиш мекунам, ки ту ҳам дар мактабҳои беҳтарин хонда соҳибмаълумот шавӣ. Ба қадри муҳаббатам нарасидам. Беҷуръатӣ кулфати зиёдеро ба сарам бор кард. Гуноҳе азим кардам, ки хиёнаташ меномаанд. Агар модарат маро бубахшад ҳам, худам худро намебахшам, Офаридгорам маро намебахшад.…

Тифл беқарорӣ мекард. Гурусна шуда буд. Лабҳояш синаи модарро меҷустанд. Магар аз каломи падар дилаш танг шуд, ки ба гиря даромад. Охир, мегӯянд- ку: «тифл

гап зада натавонад ҳам, ҳарфи бадро аз нек фарқ мекунад».

Хуршеда гиряи тифлашро шунида, ба хона даромад ва дар остона нишаста, ӯро ба оғӯшаш гирифт. Анвари хурдакак дар бағали гарму нарми модар хомӯш шуд. Фақат садои макидани ӯ ба гӯш мерасиду халос. Амаки Солеҳ-падари Хуршеда ба Мурод рӯ оварда гуфт:

– Мурод писарам, мехоҳам дар ҳузури бародаронат маросими ақиқаро гузаронем. Охир, дар ҳафтрӯзагиаш кӯдак бояд ном дошта бошад. Чанд бор Хуршедаро аз ин боб огоҳ карда будам. Розӣ нашуд: «тифл падар дорад,»-гуфт. Каме дер шуда бошад ҳам, пагоҳ ин маъракаро мегузаронем. Шояд бо гузаронидани ин маърака хонадонат аз ғаму андӯҳ раҳо ёбад.

Аҳли нишаст ин таклифро хуб пазируфтанд. Валентина аз Носирҷон маънои дар гӯши кӯдак хондани чизе ва чӣ будани ақиқаро пурсид.

–Валяҷон, мо, тоҷикон, расму русум ва оинҳои гуногун дорем. Баъди ҳафт рӯзи таваллуд шудани кӯдак падар ё бобо бо овози паст азон хонда, номашро мегузоранд. Ақиқа маросими мардумист ва дар ҳузури хешу табор гузаронида мешавад. Гӯсфандеро куштаа, ҳамон рӯз мӯи сари навзодро метарошанду ба вазни ӯ хайр менамоянд. Даъвати дӯстони дуру наздик ва ҳамсоягон ба маросими ақиқа шарт нест. Рӯзи дафн низ дар гӯши маит азон мехонанд, аммо бо овози баланд. Дидӣ, Валяҷон, азон ҳам ба гӯши навзод ва ҳам ба гӯши маит хонда мешавад. То ҳолати азон гуфтан маит ба фавташ бовар намекунад, вақте ки садои баланди азонро шунид, гӯшҳояш кар мешаванд ва бовар мекунад, ки мурдааст.

–Аҷоиб, ман дар Тоҷикистон барои худам бисёр чизҳоро кашф кардам. Шумо расму оинҳои гуногун ва аҷоиб доштаед!- гуфт Валентина.

# ҚИСМАТИ ТАЛХИ ҲУСНИЯ

**«Ҳикмат аз тақдир зӯртар аст.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000- сола»

Чанд рӯзи дар хонаи бародар будан Маъруф бо меҳр ба девори гилине, ки ҳавлиашонро аз ҳавлии Ҳусния ҷудо мекард, менигарист. Оқибат тоқаташ тоқ шуду аз Мурод дар бораи Ҳусния пурсид.

Мурод ба додараш дуру дароз нигоҳ карда посухаш гардонид:

– Маъруфҷон, ҳаёти Ҳуснияро сӯзондию боз аз ҳолаш мепурсӣ? Охир, ин ҷо деҳа аст, мардумаш дар бораи ҳамдигар ҳама чизро медонанд. Бадномаш кардӣ. Баъди хонадор шуданат ягон ҷавон ба ӯ хостгорӣ накард. Бечора пирдухтар шуд. Падараш мурд. Дар ҳавлии калон бо модараш танҳо монданд. Ростӣ, чанд марди занмурда хостанд ӯро ба занӣ бигиранд, Ҳусния розӣ нашуд. Коллеҷи тиббиро хатм намуд, дар беморхонаи деҳа кор мекунад. Додарҷон, аз ту хоҳиш мекунам, бори дигар ӯро бадном накун. Мебинам, аз рӯзи аввали омаданат чашматро аз хонаи ҳамсоя намеканӣ. Модараш бемор аст. Бечора духтар шабу рӯз дар беморхона аст, рӯз кор мекунаду шабро болои сари модараш мегузаронад. Ҳусния аз ман хоҳиш кард, ки ҳавлиашонро бихарам. Бо он пул модарашро ҷарроҳӣ кардан мехостааст. Охир, ҳавлиашонро ман бихарам, баъди табобат онҳо ба куҷо мераванд? Гуфтам, ки хонаро намехарам, аммо маблағ ёфта кӯмакаш мерасонам. Розӣ нашуд. Бисёр зани баномус аст.

–Акаҷон, ман дӯсташ медоштам, нисбаташ кори баде накардаам, дасташро надоштаам. Охир, барои чӣ ӯро беҳуда бадном мекунанд?

–Додараки азизам, боз мегӯям, ки ин ҷо деҳа аст. Худо накунаду ягон гуноҳатро бинанд, шармандаи ду дунё мекунандат.

– Акаҷон, магар дӯст доштан гуноҳ аст. Барои ишқи покамонро пеши по задан ӯ не, ман гунаҳкорам. Эҳтимол барои ҳамин амалам Офаридгор ҷазоямро додаст. Ҳамеша дар хонаам ҷангу ҷанҷол. Як рӯз оромӣ надорам. Хайрият, шабу рӯз кор мекунам. Агар ҳамин корам набошад, аз фикру андешаи зиёд кайҳо девона мешудам.

–Додарам, ту аз куҷо донӣ ҳоли бечора Ҳуснияро. Чи азобҳоеро аз сар нагузаронид, ба чӣ балоҳое гирифтор нашуд. Ба мушкилоти зиндагӣ ва гапу калочаи мардум нигоҳ накарда, писарчаашро калон мекунад. Агар майли шунидан дошта бошӣ, қисмати шӯри духтари ҳамсояро ба ту нақл мекунам.

–Мехоҳам, акаҷон, нақл кунед!– хоҳиш кард Маъруф чун кӯдаке, ки интизори афсонаи бибӣ аст, дар назди бародараш чорзону зада.

Мурод аз додараш чашм наканда, баъди андешае чанд оғоз кард:

– Ҳусния баъди ишқи бебарораш аз оламу одам дилаш монд. Хостгорҳоро пайи ҳам рад намуда, модарашро ғамгин мекард. Дар деҳа духтарҳои синнашон аз 25- сола болоро «пирдухтар» мегӯянд. Ба ҷуз мардҳои солдидаву занмурда касе хостгорашон намешавад.

–Духтарам, синнам ба ҷое расидааст, хоҳиш мекунам: барои ба шавҳар баромадан розӣ шав. Агар бимирам, дар ҳавлии калон танҳо мемонӣ,-мегуфт пайваста холаи Басонат бо нӯги рӯймол оби дидагонашро тоза карда.

Оби дидаи модари пирашро дида, рӯзе Ҳусния ба модараш гуфт:

–Модарҷон, ман розӣ. Хостгори навбатӣ касе набошад, бароям дигар фарқ надорад, ба ӯ хонадор мешавам.

Писари мулло Фозил- Сайдалишоҳ дар деҳа мироб буд. Фарзанд надошт, ду маротиба хонадор шуда буд, бебарор: ҳар ду зан баъди ду- се моҳ бо сабаби номаълум хонаашро тарк карданд. Ӯ ба хонаи холаи Басонат хостгор фиристод. Хола розигии духтарашро пурсид.

–Модарҷон, гуфтам-ку, бароям дигар фарқ надорад.

Ман розӣ. Фақат як илтимос дорам: тӯй накунед. Як табақ нон ба ҳамсояҳо диҳед, кифоя.

Ҳуснияро баъди маъракаи одӣ, ки онро оши худоӣ ҳам гуфта намешуд, дар никоҳи Сайдалишоҳ даровардa, ба хонаи мулло Фозил гусел намуданд. Мулло дар рӯзи аввали ба ҳавлиаш по гузоштани келин ӯро ба наздаш хонда гуфт:

– Суханамро бодиққат гӯш кун. Аз ҷинси мард ту фақат бо ман ва шавҳарат ҳуқуқи сухан гуфтан дорӣ. Бо дигарон суҳбат карданат гуноҳ аст. Ту ҳуқуқи бозор ва мағоза рафтан надорӣ. Ба хонаи модарат бошад, дар вақти зарурат, он ҳам дар ҳудуди ним соат меравӣ. Шукр, хонаи мо обод аст: чор сар гов,10 гӯсфанд, 15 буз ва зиёда аз 50 мурғ дорем. Онҳоро нигоҳубин мекунӣ. Шири ду гови дӯшоро пухтану ҷурғот хобондан низ  дар зиммаи туст. Аз ҳама муҳиммаш, гапи хона, асрори он бояд аз ҳамин чор девор берун набарояд. Даму нафасам зӯр аст, агар касе малолам кунад, дуояш мекунам. Рӯсиёҳу радди маърака ва бадбахт мешавад. Ҷорубро бо пустак ҷанг меандозам. Чоршанбею ҷумъа, ки рӯзҳои меҳмонқабулкуниам мебошанд, туро дар ҳавлӣ набинам. Ё дар назди гову мол бош, ё андаруни хона. Фаҳмидӣ?

Ҳусния бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Ин гуфтаҳоро шавҳараш, ки дар назди падараш даст рӯи сина ниҳода рост меистод, тасдиқ менамуд.

Зиндагии сангини Ҳусния дар ин хонадон оғоз ёфт. Мулло Фозил дар деҳа одами омад буд. Касе гузаштаи ӯро намедонист. «Ман дар мадрасаҳои Самарқанду Бухоро таҳсили илм намудаам,» гуфта, худашро таъриф мекард. Ду сол пеш ҳамсараш- кампири Бибирайҳон фавтида буд. Бечора кампир дар маъракаи ҳамсояҳо ҳаққи иштирок кардан надошт. Бемориаш як сол тӯл кашид. Чанд маротиба Сайдалишоҳ ба падараш:

–Дадаҷон, ҳоли модарам хуб нест. Розӣ бошед, ба беморхона мебарамаш, - гуфта дар бало монда буд.

–Ту, писарам, кори худатро кун. Дасти ашхоси номаҳрам ба тани модарат набояд расад. Чӣ, қиёматамонро сӯзонидан мехоҳӣ? Не! Ҳеҷ гоҳ! Мурад ҳам, бо обрӯи

муҳаммадӣ дар болои дукони худамон пок бимирад,- мегуфт мулло Фозил ва таклифи писарашро рад мекард.

Ҳусния ҳар рӯз барвақт, соати 5- и субҳ аз хоб хеста, нисфи шаб, баъди анҷом додани ҳама корҳои хона, ба хонаи хобаш медаромад. Сайдалишоҳро ки дӯст намедошт, худро ба ҳар кор андармон карда, баъди хоб бурдани шавҳараш оҳиста ба ҷогаҳ медаромад...

Рӯзҳои чоршанбе ва ҷумъа дар остонаи дари мулло Фозил мардум навбат мепоид. Яке тӯмори чашм мегирифту дуюмӣ тӯмори кушоиши кор, сеюми шавҳарашро дилгармӣ мекард, чорумӣ пеши кори касеро банд меандохт ва ғайраву ғайраҳо. Ҳуҷраи қабули мулло Фозил дар назди дарвоза буд ва таххона дошт. Рӯзе Ҳусния ба таххона, ки аз берун роҳ дошт, даромада, мехост барои пухтани ғизо пиёзу картошка бигирад. Мулло Фозил «меҳмон»- и навбатиашро ба ҳузур қабул карда буд. Ҳусния суҳбати онҳоро шунида, беихтиёр шоҳиди фисқу фуҷури хусураш шуд. «Худоё, гӯшамро кар кун, то чунин ҳарфҳои ифлосро нашунавам,»- гуфта, ноаён аз таххона баромада ошхона рафт. Аз қаҳру ғазаб ва тарс аъзои баданаш меларзид. Сайдалишоҳ бо тааҷҷуб ба ҳамсараш менигарист, вале чизе намегуфт. Мироб ки буд, як шаб дар хона буду шаби дигар дар саргаҳи об навбатдор. Ҳар гоҳи ба кор рафтанаш гаштаву баргашта таъкид мекард:

– Ҳуснияҷон, дари ҳуҷраи хобро, албатта, қуфл карда, баъд хоб кун. Касе набошад, шаб даратро накушо. Фаҳмидӣ?

* * *

Ҳафтаву моҳҳо сипарӣ шуданд. Рӯзе Ҳусния аз сари субҳ худро бад ҳис кард, вале ба бемориаш эътибор надода, аз пайи кору бори хона шуд. Дар танаш мадоре намонда буд. Дар ошхона беҳуш шуд. Сайдалишоҳ, ки акнун ба кор баромаданӣ буд, ӯро бардошта ба ҳуҷраи хобашон овард ва изтиробомез пурсид:

– Ҳуснияҷон, ба ту чӣ шуд? Маро тарсондӣ, куҷоят дард мекунад?

– Намедонам дилам суст шуду сарам чарх зад. Илтимос, модарамро даъват кун, биёяд.

Сайдалишоҳ бачаи ҳамсояро ба хонаи хушдоманаш фиристод. Холаи Басонат шитобон ба ҳавлии мулло Фозил омада, гирякунон аз духтараш пурсид:

– Ҳуснияҷон, нури дидагонам, ба ту чӣ шуд!? Сайдалишоҳ, писарам! То ба шавҳар баромаданаша сари духтарам дардро надида буд. Росташро гӯй, чӣ ҳодиса шуд? Мабодо ҷангу ҷанҷол карда, духтарамро назада бошӣ?

– Не, холаҷон, барои чӣ мезадаам? Охир ӯ гуноҳе содир накардааст.

– Писарам, биё, ба беморхона мебаремаш. Бубин, рангу рӯяш кандагӣ, қуввати аз ҷой хестан надорад,- гирякунон хоҳиш кард модар.

– Агар падарам розӣ шаванд,- гуфт нобоварона Сайдалишоҳ.

Дар ҳамин вақт мулло Фозил дари ҳуҷраи хоби писаршро кушода, ба дарун қадам ниҳод. Ӯ ҳарфи охирини фарзандашро шунида буд:

– Чӣ гап, чӣ ҳодиса? Барои чӣ ман огоҳ нестам, кадом беморхона? Дар хонаи ман касе ҳаққи хӯҷаинӣ кардан надорад!

Ҳусния ӯро дида, базӯр аз ҷояш хестанӣ шуд. Сараш луч буду мӯи дарозу сип-сиёҳи марғуладораш дар болои бистари оҳарии сафед паҳну парешон.

– Тавба, шармандагӣ! Бо сари луч келин дар ҳузури хусур нишастааст- е!- гиребонашро дошта, мулло Фозил бо қаҳру ғазаб аз ҳуҷраи хоби келин баромад ва ба хонаи қабули мизоҷонаш даромада, дар болои кӯрпача дароз кашид. Мӯйҳои парешони келин аз пеши назараш дур намешуданд. «Тавба, ин чӣ ҳусну ҷамол буд, ки ман дидам,»- аз дил гузаронид мулло Фозил.

– Падарҷон, мумкин,– иҷозати вуруд пурсида, ба ҳуҷра даромадани Сайдалишоҳ ӯро аз банди хаёлот раҳонид.- Ҳоли келинатон хуб нест, ба духтур барем?- беҷуръатона пурсид писар.

– Не, худат рафта духтури занонаро ба хона биёр!- амр кард норозиёна мулло Фозил.

Сайдалишоҳ тозон ба ҳуҷраи хобаш даромада:

–Ҳуснияҷон, падарам розӣ шуданд, ман ҳозир духтур меорам,-гуфт ва ҳавлиро тарк намуда ба беморхона рафт.

Баъди муоина духтур- Санифамоҳ бо табассуми малеҳ ба холаи Басонат рӯ оварда шодиёна пурсид:

– Холаҷон, ташвиш накашед, Худо хоҳад, бибӣ мешавед.

Сайдалишоҳ, ки дар даҳлез муоинаи духтурро интизор буд, саросема ба ҳуҷра даромада хитоб кард:

– Апаи Санифамоҳ, чӣ гуфтед!?

– Ҳа, додар, Худо хоҳад, ба наздикӣ падар мешавӣ.

– Худованд аз кулли файзу баракаташ бениёзат бигардонад, Санифамоҳ! Дастонат дардро набинанд,– дуо дод духтурро холаи Басонат бо нӯги рӯймоли сафед ашкашро пок карда.

Сайдалишоҳ бо чеҳраи аз шодӣ шукуфон ба бистари Ҳусния наздик шуда:

– Ҳуснияҷон, маро хушбахттарин марди дунё кардӣ. Агар ин тифл сиҳату саломат таваллуд шавад, дар болои дастон мегардонамат!- гуфт ва бо рӯҳи болида давида ба ҳавлӣ баромад ва аз мулло Фозил, ки дар болои суфаи таги тут нишаста тасбеҳ мегардонд, муждагонӣ пурсид:

– Падарҷон, падарҷон! Ман, ман ҳам мисли шумо ба наздикӣ падар мешавам!

– Худо хоҳад гӯй, иншоаллоҳ гӯй, писарам,- таъкидаш намуд мулло Фозил ва солорона аз ҷой хеста, ба берун баромад.

Сайдалишоҳ тоқат накарда, боз ба ҳуҷрае, ки Ҳусния мехобид, даромад.

– Сайдалишоҳ, писарам. Ба ҳамсарат оромӣ лозим, корҳои вазнин накунад, бисёртар дар ҳавои тоза бигардад, сабзавот ва мевагӣ биошомад. Ана, акнун маро то хонаам гусел кун,- гуфт Санифамоҳи духтур.

– Хуб шудааст, апаҷон! То хонаатон бурда мерасонам ва чи хидмате бифармоед, иҷро мекунам. Охир он хушхабареро, ки ба ман расонидед, дер боз интизор будам.

* * *

Рӯзҳо пайи ҳам мегузаштанд. Ҳар гоҳи ба кор рафтани Сайдалишоҳ ҳамсараш як навъ илтиҷоомез аз ӯ хоҳиш мекард:

– Сайдалишоҳ, ба ягон кори рӯзона гузаред. Ман дар хона танҳо метарсам. Падаратон ба ман бад- бад нигоҳ мекунанд.

– Ҳусния, худат кори маро медонӣ. Мироб ҳастам, бояд як шабу як рӯз дар саргаҳи об бошам. Чанд бор аз бригадир- амаки Ашӯр хоҳиш кардам, ки ба дигар кор гузаронад, розӣ нашуд. Пагоҳ баъди кор бо наздаш рафта, як бори дигар хоҳиш мекунам, шояд розӣ шавад,-гуфт Сайдалишоҳ бо Ҳусния хайрухуш карда ба кор рафт.

Шаб. Ҳусния баъди ба сомон расонидани корҳои хона ба ҳуҷраи хобаш даромада, дарро аз дарун басту болои ҷогаҳ дароз кашид. Монда шуда бошад ҳам, дар чашмонаш хоб набуд. Аз як паҳлу ба паҳлуи дигар гашта, рӯзгори гузаштаашро ба хотир овард. Муҳаббати Маъруф, орзуҳои наҷибе, ки дар дил мепарвариданд, хиёнатеро, ки Маъруф дар нисбаташ раво дид. Як карашмаи духтари шаҳриро аз ӯ боло донист. Муҳаббати покашонро пеши по зад. «Ҳамин ҳозир Маъруф ба чӣ кор машғул бошад? Худоё, тавба кардам, гуноҳамро бубахш. Охир, дар никоҳи дигар мард ҳастаму хиёнаткореро аз дил бурун карда наметавонам. Тавба кардам, Худоё! Бубахш мани беақлро,»- аз дил гузаронид Ҳусния. Маҷбур чашмонашро пӯшид. Ногоҳ аз даҳлез қадамзании касе шунида шуд. Ҳусния аз тарс ҳатто нафас намекашид. Оҳиста хеста, дар болои ҷогаҳ нишаст. Хост дод гӯяд. Дар ҳамин ҳолат тифли дар батнаш буда ҷунбид. «Ман бояд фикри фарзандамро кунам,»- аз дил гузаронид Ҳусния бо рӯймоли калони шол китфашро пӯшонид.

Аз роғи дар бо асбобе занҷирро кушода, ба хона марде даромад. Ҳусния, ки аллакай дар назди тиреза меистод, дар равшании моҳтоб Ҳусния нафари ба ҳуҷра воридшударо шинохт. Ӯ хусураш мулло Фозил буд. Ҳусния бо чолокии ғайричашмдошт худро аз тиреза берун андохт

ва то ҷон дошт сӯи хонаи модар давид. Нафасгириаш душ вор мешуд. Тез-тез ба қафо нигоҳ мекард, то мабодо ӯро дунболагирӣ накунад. Не, касе таъқибаш намекард. Ба ҳавлиашон расиду дар таҳлука афтод. «Дар нисфи шаб омаданамро ба модарам чӣ хел фаҳмонам?»- мепурсид аз худ. Оқибат ҷуръаташ боло гирифту оҳиста дарвозаро кӯфт.

– Кист он ҷо?- пурсид холаи Басонат аз пушти дарвоза.

– Манам, очаҷон, ман,- гуфт гирякунон Ҳусния модарашро ба оғӯш гирифта.

– Ба ту чӣ шуд, духтарам? Чаро дар ин бевақтӣ танҳо омадӣ? Ба шавҳар ё хусурат ягон ҳодиса шуд?- саволборонаш кард холаи Басонат

– Очаҷон, ягон чиз напурсед. Биёед, тезтар ба хона дароем, то касе маро дар ин ҳол набинад.

Ҳарду ба хона даромаданд.

– Очаҷон, хоб дорам,- гуфт Ҳусния ва ба бистари модараш даромада, кӯрпаро болои сар кашид.

Холаи Басонат фаҳмид, ки ҳодисае баде духтарашро ба изтироб овардааст. Чизе напурсид. Барои худ ҷогаҳ андохта, бо чашми кушода субҳро истиқбол кард. Ҳусния то тулӯи офтоб бистарашро тарк накард. Шаъшааи нурҳои заррини хуршед водораш намуд, ки бистарашро ғундошта, ба ҳавлӣ барояд. Модар косаи ширчойро ба рӯи дастархон гузошта, суоломез ба духтараш нигарист. Ҳусния нигоҳашро аз ӯ мегурезонд. Модари рамузфаҳм хомӯширо авло донист.

Сайдалишоҳ субҳидам ҳавлии норӯфтаву бистари холии ҳамсарашро дида, аз падараш пурсид:

– Падарҷон, Ҳусния куҷост? Келинатонро дар ҳавлӣ намебинам? Бемор- ку нашудааст?

Мулло Фозил, гӯё чизе нашуда бошад, орому ботамкин посух гардонид:

– Писарам, зан зани ту, барои чӣ дар куҷо буданашро аз ман мепурсӣ? Дирӯз, баъди рафтани ту, ӯ низ аз хона баромада рафт. Ақаллан нагуфт, ки куҷо меравад. Писарам, ту аз зан рӯзӣ надоштаӣ. Сеюмаш ҳам дайду баро-

мад. Ин занҳои ҷавон фақат кӯчагардиро дӯст медоранд. Агар писари ман бошӣ, занатро дигар суроғ накун.

– Падарҷон, Шумо чиҳо мегӯед? Чӣ хел суроғ накунам!? Охир, мо ба наздикӣ соҳиби фарзанд мешавем. Ҳозир ман ба хонаи модараш рафта, буду шуди гапро мефаҳмам,- гуфт Сайдалишоҳ.

– Писарам, агар ҳамон зани дайдуро ба хона биёрӣ, оқат мекунам!- дод зад мулло Фозил.

Сайдалишоҳ бори нахуст амри падарашро ба ҷо наоварда, аз ҳавлӣ баромад. Ӯ қадам намезад, балки медавид сӯи хонаи хушдоманаш. Шитобон ба ҳавлӣ даромада, аз хушдоманаш, ки дар назди ошхона меистод, пурсид:

– Хола, Ҳусния дар ҳамин ҷост?

Холаи Басонат ба сӯи ҳуҷраи хоб ишора кард.

Сайдалишоҳ ба хона даромада, бо изтироб аз Ҳусния, ки овози шавҳарашро шунида аз ҷояш хеста буд, пурсид:

– Ҳуснияҷон, ба ту чӣ шуд? Саломатиат хуб аст? Барои чӣ гап назада омадӣ? Вазъияти кӯдак чӣ хел аст?

– Ором шав, Сайдалишоҳ, бишин,- гуфт Ҳусния оромона ва ҳама ҳодисаро ба ӯ нақл карду дар фарҷоми сухан таъкидаш намуд.- Ин суханҳо миёни ману ту мемонанд, ман ҳатто ба модарам ягон гап нагуфтаам, аммо дигар ба он хона барнамегардам.

Барои Сайдалишоҳ шунидани ин ҳарфҳо гарон афтод. Ӯ чизе нагуфта, бо сари хам ба хонаашон рафт. Шамоли сахт вазида, хоки кӯчаро ба осмон мебаровард. Аз хона бе ягон ҷангу ҷанҷол рафтани занҳои якум ва дуюмаш шубҳанок буд, аммо падар нагузошт, ки рафта онҳоро ба хона баргардонад. «Оқат мекунам!» гуфта буд. Сайдалишоҳ он вақт амри падарашро ба ҷо овард, аммо Ҳусния тамоман дигар аст, ӯ дар батнаш фарзанди Сайдалишоҳро бардошта мегардад. Азбаски занҳои аввал аз дигар деҳот буданд, гапашон набаромад. «Шояд бечораҳо худ ва хусурашонро шарманда кардан нахостанд. «Сари кафида таги тоқӣ,» гуфта хомӯшию хонавайрониро авло донистанд. Охир, Ҳусния ҳам гуфт-ку, ба касе, ҳатто ба модараш сир бой надодааст, аммо ман медонам-ку?»- ан-

дешакунон Сайдалишоҳ чи тавр ба хона расиданашро нафаҳмид. Дарро кушод, вале ба дарун даромада натавонист. Чӣ тавр ба рӯи падараш нигоҳ мекунад? Рафтори падар амалест паст, ҳарром, фаҳш ва …

– Не, не, ҳеҷ гоҳ рӯям ба рӯяш нарасад! Худоё, илтиҷо мекунам, дар ду олам намехоҳам аз як ҳаво бо ӯ нафас бикашам.

Сайдалишоҳ роҳашро дигар кард. Рафт сӯи наҳр. Сӯи он обҳое, ки қудрати шустани ҳамаро доранд. Дар соҳили наҳри пуроб нишаст. Оби софи аз кӯҳсорон ҷорӣ имрӯз пурталотум буд. Ҳар рӯз ором буд, аммо имрӯз…

– Барои чӣ одамон аз оби соф менӯшанду боз ҳароманд?- аз худ пурсид Сайдалишоҳ.- Аз ҳаром зистану ҳар субҳ рӯи чунин падарро дидан мурдан беҳтар аст. Бигузор бимирам …- гуфт ва худро ба наҳр партофт. Амвоҷи об Сайдалишоҳро ба оғӯш гирифт. Ӯ худро ба ихтиёри оби софу оби пок дод.

- Худовандо, гуноҳамро бубахш. Медонам, ки худкушӣ гуноҳи азим аст, аммо даюс будан аз он бадтар. Алвидоъ, ҳамсари поку биҳиштиам! Алвидоъ, фарзанди ба дунё наомадаам! Алвидоъ, рӯзи равшану дунёи ҳазорранг!

Мавҷҳо бо шаст сар ба сангҳои соҳил мезаданд. Садои пурдаҳшате хомӯшии атрофро халалдор мекард. Об аз ҳаррӯза дида пурталотумтар, рангаш ҳам сафед нею сурху хокӣ буд. Магар оби пок ба чунин қурбонӣ тоқат накард, ки гӯиё фиғон бардошта мегуфт: «Охир, ман ҳама гуноҳҳои шуморо шуста наметавонам. Маро ба ҳоли худ гузоред, нопокам насозед!» Обе, ки ҳамсони осмони нилгун поку мусаффо буд, дар як дам сиёҳ гардид…

* * *

Ҳусния баъди рафтани Сайдалишоҳ беқарор гашт. Худро бахшида наметавонист:

– Кори хуб накардам. Бояд ба шавҳарам намегуфтам. Мабодо рафта, бо падар дастбагиребон шавад. Охир, чӣ хел намегуфтам? Сабаби аз хонаашон гурехтанамро чӣ тавр ба ӯ мефаҳмондам? Худоё, боз ин муллои ҷодугар бо

ягон тухмати ногаҳон шармандаам накунад? Ин ҳолро ба кӣ гӯям? Кӣ дастгирам мешуда бошад?

Ҳусния бо қалбу рӯҳи беқарор аз ҷояш хеста, ба хонаи ҳамсоя гузашт. Мурод бо аҳли оила дар болои суфа нишаста чой менӯшиданд.

– Апаи Хуршеда, халал нарасондам?-гуфт Ҳусния ба суфа наздик шуда.

– Марҳамат, хоҳарам! Шамоли куҷо паррондд?- гуфт Хуршеда аз ҷой хеста, бо чеҳраи шукуфон ӯро истиқбол намуд.

– Апаҷон, ман ба акаи Мурод гап дорам,- гуфт Ҳусния сарашро набардошта.

Мурод ҳолати Ҳуснияро дида фаҳмид, ки ҳодисаи нохӯше рух додааст:

– Биё, хоҳарҷон, чӣ ҳодиса шуд? Рангат кандагӣ? Марҳамат, ба боло гузашта бишин.

Хуршеда Анварро аз дасти Мурод гирифта, бо лафзи кӯдакона гуфт:

– Дадаҷон, ман алла мекунам,- ва ба хона даромад.

– Акои Мурод, ман намедонам чи тавр он даҳшати ба сарам омадаро ба шумо нақл кунам. Шармам меояд,- оғоз намуд Ҳусния.

- Ба шумо барои он рози дил мекунам, ки мабодо хусурам дар ҳаққам тухмат накунад. Аз ин ҳодиса касе огоҳ нест, овоза нашавад гуфта, ҳатто ба модарам нақл накардаам. Аз ин роз фақат шавҳарам огоҳ аст. Аз ӯ пинҳон карда натавонистам. Ба гуфтан гуфтаму пушаймон шудам. Хоҳиш мекунам, шумо низ ба касе нагӯед, лекин барои рӯзи мабодо донистанатон хуб аст.

Ҳусния ҳодисаи шударо гирёну нолон ба Мурод нақл кард. Мурод аз қаҳру ғазаб намедонист бо кадом сухан Ҳуснияро таскин диҳад.

– Лаънатӣ, худозада, ҷодугари мурдор, рӯсиёҳи ду олам, марг ба ту барин мулло!- мегуфт Мурод аз ҷо хеста, дар гирди суфа қадам мезад. Баъди чанд дақиқа ба Ҳусния рӯ оварда таскинаш дод.- Хоҳарам, ту ором бош, ман худам бо шавҳарат гап мезанам. Бечора Сайдалишоҳ…

Рӯзи дигар ҷасади Сайдалишоҳро сокинони деҳаи поёноб аз соҳил ёфтанд. Ҳусния аз шунидани ин хабари шум ба фиғон омад:

– Модарҷон, чӣ кор кунам, сарамро ба кадом гур занам? Охир, ман фарзандамро чӣ тавр калон мекунам? Ба ҷанозаи шавҳарам бо кадом рӯ меравам?

Холаи Басонат бо нӯги рӯймол ашки чашмонашро пок намуд ва аз сандуқаш як либос матоъро бароварда гуфт:

– Духтарам, худатро ба даст гир. Насибу қисмат ҳамин будааст. Хез, либоси мотам ба бар кун. Имрӯз ҷои ту болои сари маит мебошад. Рӯҳашро наранҷон, Сайдалишоҳ ҷавони хубе буд. Илоҳо ҷояш ҷаннат шавад! Беаҳаммиятӣ карда ба об афтидааст. Ин матоъро ба болои маит мепартоем, духтарам.

Модару духтар гирёну нолон ба ҳавлии мулло Фозил даромаданд. Дар он ҷо гӯиё ҳама мардуми деҳа ҳозир шуда буданд. Ҳусния бо овози баланд нола мекард:

– Хонаи нимколаам, Сайдалишоҳ, бахти баргаштаам, Сайдалишоҳ! Моро ба кӣ партофта рафтӣ, Сайдалишоҳ… Орзу мекардӣ, ки фарзандамонро мехононӣ, соҳибмаълумоту соҳибкасб мекунӣ. Чаро аҳдатро шикаста, маро танҳо мондӣ? Бевафо будаӣ, Сайдалишоҳ!..

Вақте ки тобути Сайдалишоҳро ҳамдеҳагон бардошта, аз ҳавлӣ баромаданӣ шуданд, Мурод ба назди Ҳусния омада таъкидаш кард:

– Хез, духтарам, хез. Дастатро ба пояи тобут бирасон, то ҳама бидонанд, ки ту дар батн аз Сайдалишоҳ тифле дорӣ. Пагоҳ дар нисбатат ягон гапи ноҳақ нагӯянд.

Ҳусния бо ашки шашқатор дастаи тобути Сайдалишоҳро дошта гуфт:

– Дидор дар қиёмат, Сайдалишоҳ!

Ҳамдеҳагон дасти ба даст тобути Сайдалишоҳро ба манзили хомӯшон бурданд. Мурод ҳамроҳи чанд мӯйсафед баъди ба хок супоридан ба ҳавлии мулло Фозил омада, ба арвоҳи маит сураеро аз Қуръони маҷид қироат намуданд. Ҳини аз ҳавлӣ баромадан Ҳусния ба наздаш омада хоҳиш кард:

– Акаи Мурод, мехоҳам дар ҳузури Шумо аз ин ҳавлӣ бароям,– ва қабл аз ҳавлиро тарк намудан ба модараш рӯ оварда гуфт.- Рафтем, очаҷон!

Холаи Басонат, ки аз асли воқеа огоҳ набуд, хиҷолатмандона, хомӯшу сархам ба кӯча баромад. Баъди рафтани онҳо мулло Фозил бо овози баланд хитоб кард:

– Тавба, тавба! Охирзамон шудааст, мардум. Рафтори келинамро дидед? Ба хотири оромии рӯҳи шавҳар ақаллан сол напоид-е, тавба!

– Мулло Фозил, ман аз ҳама амали ту дар ин хона огоҳ ҳастам, дар нисбати келинат ягон сухани носазоро раво мабин, фаҳмидӣ!? Агар ҳарфе аз даҳонат берун шавад, шармандаи ду дунё мекунамат,- Мурод қаҳролуд ин суханҳоро гуфта, аз ҳавлӣ берун шуд.

Ҳозирин, ки аз таҳдиди Мурод дар ҳайрат афтода буданд, пайи ҳам ба хонаҳояшон рафтанд ва мулло Фозил дар ҳавлии калон танҳо монд. Мувофиқи расму оини ҳамсоядорӣ баъди маитро ба хок супоридан ҳамсояҳо муддати се рӯз ба азохона ғизо оварда, бо аҳли хонадон ва хешу табори марҳум ҳамдард буданашонро ифшо мекарданд ва ба эшон сабри ҷамил орзу менамуданд. Ба ҳавлии мулло Фозил дар ин чанд рӯз касе надаромад. Баъди як ҳафтаи марги писараш мулло Фозил кӯчу бандашро бардошта деҳаро тарк намуд. Касе нафаҳмид, ки муллои ҷодугар аз куҷо омада буд ва ба куҷо рафт...

Маъруф қиссаи пурдарди рӯзгори Ҳуснияро аз бародараш шунида, саросема роҳи беморхонаи деҳаро пеш гирифт ва баланд шудани фишори хунашро баҳона карда, ба ҳузури сардухтур даромад. Сардухтур баъди муоина ба ӯ гуфт:

– Маъруф, фишоратон муътадил аст. Сарсониҳои рӯзҳои охир шуморо монда кардаанд. Каме дам бигиред, ҳамааш хуб мешавад.

Оҳиста тақ-тақ задани дар ҳардуро водор намуд, ки рӯ ба он тараф бигардонанд.

– Духтур, мумкин дароям?- иҷозаи воруд пурсид Ҳусния ва қадаме ба дафтари кори сардухтур ниҳода, Маъруфро диду:- Мебахшед,- гуфта аз он берун шуд.

Маъруф аз сардухтур дар боби саломатии ҳолаи Басонат пурсида хоҳиш намуд, ки барои бо Ҳусния суҳбат кардан имконаш бидиҳад. Сардухтур Ҳуснияро наздаш хонда гуфт:

– Духтарам, саломатии модарат хуб нест. Аз духтури шаҳрӣ, мутахассиси ин соҳа маслиҳат пурсиданӣ будам. Хуб шуд, ки худат омадӣ. Вазъи модаратро ба ин кас бифаҳмон, ман аз ҳоли беморон воқиф гардида, баъди чанд дақиқа бармегардам.

Баъди чанде хомӯшӣ Маъруф ба Ҳусния рӯ оварда илтиҷоомез хоҳиш кард:

– Ҳуснияҷон, ман дар наздат шармандаву гунаҳкорам. Ягон об он гуноҳи маро шуста наметавонад ба ҷуз худам. Биё, модаратро ба шаҳр мебарем. Барои табобати он кас ҳама имконииятамро истифода менамоям.

Ҳусния, ки саломатии модар бароях аз давлати дунё боло меистод, пешниҳоди Маъруфро қабул кард. Баъди ҳафтае бо ҳам будан бародарон бо Мурод хайрухуш карда, аз пайи кори худ шуданд. Маъруф қабл аз бозгашт бо Ҳусния қавл дод, ки модарашро дар ҳамин ду- се рӯз ҳатман ба беморхонаи шаҳр мегузаронад. Рӯзе Ҳусния ба ҳавлии Мурод омада, аз Хуршеда маслиҳат пурсид:

– Апаҷон, модарамро барои ҷарроҳӣ ба беморхонаи шаҳрӣ мебарам, писарам- Нодирҷон танҳо мемонад. Бо ӯ чӣ кор карданамро намедонам, ягон маслиҳат медодед.

– Маслиҳат ҳамин: Нодирҷон дар хонаи мо бо фарзандонам мемонад. Рӯзҳо ба боғча мебарем, шабҳо дар назди худам меистад.

Ҳусния аз шодӣ оби дидагонашро боздошта натавонист. Ҳам механдиду ҳам мегирист. Лаҳзае баъд худро ба даст гирифта гуфт:

– Баракати Илоҳӣ насибатон бигардад, апаҷон, асло камиро набинед. Доимо дастгири мо ҳастед. Некиҳоятонро кай мегардонда бошам?

Хуршеда модарвор ӯро ба оғӯш кашиду бо меҳр аз пешониаш бӯсида бовараш кунонд:

– Ин тавр нагӯй, Ҳусния. Дар умри кӯтоҳат азоби зиёд

кашидӣ, ақаллан мо дастгири ҳамдигар бошем. Ғами бачаатро нахӯр. Бирав, аз пайи табобати модар- давлати безаволи сарат бош.

Ҳусния модари беморашро ба шаҳр овард. Маъруф онҳоро истиқбол намуда, дар бемохонае, ки худаш сарварӣ мекард, хобонид. Барои маслиҳат беҳтарин мутахассисонро даъват намуда, ба хулосае омаданд, ки ягона роҳи табобат ҷарроҳӣ аст.

Ҳусния, ки худ ҳамшираи тиб буд, бекор наменишаст: ба табибон кумак мерасонд. Инро дида Маъруф рӯзе ба ӯ пешниҳод намуд:

– Ҳусния, дар шуъбаи ҷарроҳии беморхона ҷои холии кор аст. Агар хоҳиш дошта бошӣ, расман ба кор қабулат мекунам. Ҳам модаратро нигоҳубин мекунӣ, ҳам кор ва ҳам маблағе ба даст меорӣ.

– Аз уҳдааш мебаромада бошам? Ба ҳар ҳол ин ҷо шаҳр, талабот дигар будагист?- изҳори нигаронӣ намуд Ҳусния

– Талабот дар ҳама ҷо як хел аст, албатта, аз уҳдаи кори ҳаррӯзаат мебароӣ,- ӯро бовар кунонд Маъруф.

Акнун Ҳусния рӯз дар шуъбаи ҷарроҳӣ кор мекарду шаб аз модараш дур намешуд. Ҳафтае нагузашта холаи Басонатро ҷарроҳӣ карданд ва саломатии бемор рӯ ба беҳӣ ниҳод. Маъруф аз серкорӣ қариб роҳи хонаашро фаромӯш карда буд. Аниқтараш намехост аз Ҳусния дур бошад. Рӯзе чанд маротиба ба шуъбаи ҷарроҳӣ даромада, аз ҳоли модару духтар бохабар мешуд. Ба хона наомадани шавҳараш дар дили ҳамсараш Нозия эҳсоси шубҳаро бедор кард. «Ба ӯ чӣ шуда бошад?»- аз худ мепурсид Нозия. Тоқаташ тоқ шуду ба дугонааш–Лайло, ки дар ҳамон беморхона кор мекард, телефон карда пурсид:

– Дугонаҷон, ба шефатон чӣ шудааст? Шабу рӯз дар беморхона аст, аз ҳоли мо хабар намегирад.

– Ҳа, дугона, худам телефон карда гуфтанӣ будам. Аз қишлоқ як кампирро оварда, дар ҳуҷраи беҳтарин хобондаасту шабу рӯз худаш назорат мекунад. Вай кампир Ҳусния ном духтаре дорад. Ӯро ба кор қабул кард. Бо

омадани онҳо шефамон тағйир ёфтааст. Ҳамеша шод, ҳалим, меҳрубон. Тамоман одами дигар. Дугонаҷон, ин ҷо чи гапе ҳаст. Ин гапҳоро аз ман нашунидӣ. Боз дар бало намонам. Хайр, дугонаҷон, то дидор!- хабар дод Лайло ва дар дили Нозия оташ андохта гӯширо ба ҷояш гузошт.

Нозия баъди шунидани ин хабар аз дил гузаронд: «Тавба, ин мардак девона шудааст магар?»

Бегоҳӣ, баъди шом, Маъруф телефон карда ба ҳамсараш хабар дод:

– Маро мунтазир нашав, бемори вазнин дорам.

Нозия либосҳои зебояшро ба бар кард ва бо зару зевар худро оро дода, ба беморхона рафт. Духтури навбатдор ӯро дида, бо чеҳраи кушод:

– Салом, янга! Хуш омадед,- гӯён пазирои намуд.

Нозия ба ӯ эътиборе надода, рост ба дафтари кори Маъруф рафт. Дар кушода буду ҳуҷра холӣ. Чанде интизор шуд ва аз навбатдор пурсид:

– Шефатон дар куҷо?

– Дар назди бемор, ҳозир меоянд.

Маъруф дар роҳрави беморхона ҳамсарашро дида пурсид:

– Ҳа, Нозия, тинҷӣ-мӣ? Ман бо телефон «Бемори вазнин дорам,»-гуфта хабар дода будам-ку.

Ҳар ду ба дафтари кори Маъруф даромаданд. Нозия бо қавоқҳои гирифта дод зад:

– Ман медонам бемори вазнин доштанатро! Ҳамон кампир ва духтарашро мегӯӣ? Ин қишлоқиҳои бӯгин ин қадар дилатро бурданд, ки ду ҳафта боз, ҳатто рӯзҳои истироҳат ҳам, ба хона намеоӣ?

– Нозия, гапро зиёд накун! Барои ту бӯгин бошанд, барои ман хушбӯянд. Рав, ба хона, баъд гап мезанем.

– Не, ба хона намеравам. Ҳозир рафта, ҳардуяшонро аз ин ҷо дафъ мекунам!

Нозия бо қаҳр аз дафтари кор баромаданӣ буд, ки Маъруф пеши роҳашро гирифту хилъати сафедашро аз тан кашида гуфт:

– Нозия, аз ҳад нагузарон. Боз мегӯям: ба хона баргард! Биё, ман туро гусел мекунам.

– Не, ба гусели ту ниёз надорам. Ман ба он ду нафар гуфтании зиёд дорам. Аввал онҳоро дида, ҳамаро ба рӯяшон мегӯям, ана баъд ба хона меравам.

– Нозия, обрӯи маро дар назди ҳамкорон резондан мехоҳӣ?

– Обрӯ! Кадом обрӯ? Қишлоқӣ будӣ, қишлоқӣ мондӣ. Беҳуда нагуфта будаанд: «Сад сол гузарад, бӯи гадоӣ наравад.» Кӣ буданатро фаромӯш кардӣ? Падари ман туро одам кард. Кӯрнамак! Садқаи нону намак ва хонаву дар шавӣ, қишлоқӣ!

– Нозия, бас! Хонаву дар ва ҷоҳу ҷалоли падарат ба дилам зад. Ҳамааш аз они худат. Дигар ман ба он қасри афсонавии гӯрмонандат барнамегардам, фаҳмидӣ!?-бо қаҳр гуфт Маъруф, дар ҳолате ки аъзои баданаш аз ғазаб меларзид.

Нозия каме сукут карду бо таҳдид пурсид:

– Ба хотири ҳамон қишлоқиҳо маро аз дафтари коре, ки падарам ба ту бахшида буд, пеш мекунӣ?

– Ин дафтари кори падари ту нест, диданат намехоҳам, тоқатам тоқ шуд! Пагоҳ ба ЗАГС рафта ҷудо мешавем. Ҳозир ба хонаат бирав, ҳавои ҳуҷра вазнин шудааст,-гуфт Маъруф аз нав хилъати сафедашро ба бар карда.

– Ҳоло бо собуни ман ҷомашӯӣ накардаӣ. Фаҳмидӣ? Рӯзи сафедро барои ту ва қишлоқиҳои овардаат сиёҳ накунам, номамро дигар мекунам!– таҳдид кард Нозия …

* * *

Нозия азоби бехобӣ мекашид. Ба айвони шишакорӣ баромад. Ақрабаки соати деворӣ 3- и шабро нишон медод. Ҳазору як роҳи қасосгириро аз сар гузаронид.

– Кӯрнамак, носипос, қишлоқӣ, намакамро хӯрда, дар намакдон туф кардӣ, нокас! Ҳоло ист! Мани нозанинро ба ҳамон қишлоқии ношуд иваз намудӣ? Чӣ будиву кӣ шудӣ?

Аз шиддати қаҳру ғазаб чи кор карданашро надониста, ба дугонааш- Лайло телефон кард:

– Дугонаҷон, ҳолам хуб нест, ту духтур ҳастӣ, ба ман доруеро тавсия бидеҳ, то ки аз бехобӣ раҳоям созад.

– Нозия, чӣ шудаст ба ту? Маъруф куҷост, ки аз ман дору мепурсӣ?- пурсид Лайло.

– Фардо, дугонаҷон, фардо ҳамаашро мегӯям, ҳоло ба маслиҳат ниёзманд ҳастам.

Пас аз иҷрои дастури дугонааш Нозияро хоб бурд. Падарашро хоб дид. Профессор савори ароба ба ҳавлӣ даромада, ҳама чизи арзишманд, аз ҷумла китобҳояшро бо худ гирифту ба Нозия дида дӯхт ва бо қаҳр баромада рафт. Нозия бо тарс аз хоб бедор шуд. Баданашро араќи хунук пахш карда буд. Дарақ-дарақ меларзид. Ҳуҷраҳоро аз назар гузаронид. Ягон чиз беҷо нашуда буд.

– Худоё, чи хоби даҳшатборе буд? Чаро падар чунин рафтор кард? Таъбири хобам чӣ бошад?

То субҳ хобаш набурд. Аз аспи ҷаҳл ҳеҷ не, ки бифароянд. Рӯзи дигар бо дугонааш Лайло вохӯрда, нақшаи қасос ро кашиданд.

## ҶАРРОҲӢ ДАР МАСКАВ ВА МУЛОҚОТ БО АСКИЯ

**«Агар хоҳӣ, ки дунё дигар шавад, худатро дигар кун.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000- сола»

Ҳодисаҳои вақтҳои охир рӯйдода беасар намонданд. Мурод ба касалии қалб гирифтор шуд. Ҳолаташ ташвишовар буд. Духтурҳо тавсия доданд, ки қалб ниёз ба ҷарроҳӣ дорад. Хуршеда баъди маслиҳат бо бародарони Мурод ба хулосае омад, ки ӯро ба Маскав бурда ҷарроҳӣ кунанд. Маъруф ҳуҷҷатҳои лозимаро тахт намуд. Носирҷон ва Валентина омодагии худро барои қабул ва пазироии бемор баён намуданд.

Хуршеда ҳамроҳи Мурод ба Маскав парвоз кард. Ҷарроҳӣ хуб гузашт ва баъди як ҳафта Муродро аз беморхона ҷавоб доданд. Бегоҳ дар хонаи Носир ҳини суҳбат Хуршеда ба ҳамсараш рӯ оварда хоҳиш кард:

– Муродҷон, агар розӣ бошӣ, қабл аз бозгашт як ҳоли Аскияи маҳбусро мепурсидем. Рӯзҳои дар беморхона табобат гирифтанат суроғаашро аниқ кардам. Ҳамагӣ дусоата роҳ будааст. Валентина ба воситаи шиносҳояш иҷозати аёдатро гирифт. Аския дар маҳбас ва дар ғарибӣ моро дида чӣ қадар хурсанд хоҳад шуд.

Маслиҳат пухт, рӯзи дигар, субхидам Муроду Хуршеда аз мағоза барои Аския сару либоси гарм ва ғизоӣ харида, роҳи маҳбасро пеш гирифтанд. Хуршеда аз шодии дидори дӯст дар куртааш намегунҷид:

– Муродҷон, аҷаб кори савобе мекунем-а? Аския хурсанд хоҳад шуд. Ба фарзандонаш гӯем, ки модаратонро хабар гирифтем, чи қадар хурсанд мешаванд.

Ба маҳбас ҳам омаданд. Навбатдор низомиеро ба онҳо роҳбалад кард. Ӯ ҷавоне буд қадбаланди зардина ва ҳалиму меҳрубон, чашмонаш ҳам каб- кабуд ҳамранги осмони диёраш.

– Хуршеда, муносибати ин низомӣ ҳайронам кард. Наход дар маҳбас ба чунин чеҳра рӯ ба рӯ бигардӣ?- гуфт Мурод ва лаҳзае солҳои дар маҳбас буданашро ба хотир оварда идома дод.- -Тавба, тавба, Худо нишон надиҳад!

– Барои чӣ тавба мекунӣ? Ба фикрат дар маҳбас одамони хуб кор намекунанд?- пурсид Хуршеда.

– Не, Хуршедаҷон, маро нафаҳмидӣ. Маҳбасӣ будани худамро ба ёд овардаму тавба кардам,-- гуфт Мурод.

Дар ҳамин лаҳза зани фарбеҳи синакалон, чашмтангу қадпасти низомипӯш Аскияро ба ҳуҷраи аёдат даровард у норозиёна ба меҳмонон нигоҳ карда гуфт:

– Ба шумо барои мулоқот бист дақиқа вақт дода мешавад. Ман паси дар меистам.

– Аскияҷон!– хитоб кард Хуршеда ба дугонааш ва бо огӯши шодӣ кушода ба пешвози ӯ қадам зад.

Аския бошад, бо ҷаҳл ба ҳар ду нигариста, бо нафрати ошкоро дод зад:

– Шумо барои сӯзондани ман омадаед? Ба шумо нафрат дорам. Сабабгори ҳама бадбахтиҳои ман ту ҳастӣ, Хуршеда, мефаҳмӣ, ту, танҳо ту! Хоҳиши диданатро

надорам. Бори дигар аз ман боло буданатро нишон додан мехоҳӣ? Маро дар пастӣ дида, ҳаловат мебарӣ- ҳа!? Аз хурдӣ ба ту нафрат доштам. Чаро, чаро ту соҳиби ҳама чиз ҳастию ман дастнигари ту баринҳо, чаро!? Дар мактаб ту баҳои панҷ мегирифтию ман мурда-мурда баҳои се. Дуямон маълумоти олӣ доштему ту раис, ман бошам саис.Чӣ, фикр мекунӣ, ки фарзандонамро ба тарбияат гирифта, маро шод кардаӣ? Не! Ту бо ин амалат мехоҳӣ дар миёни мардум меҳрубону баобрӯ бошӣ. Медонам, онҳоро барои хидмати хонаат тарбият мекунӣ. Ману фарзандонам муҳтоҷи ту нестем. Онҳоро ба ятимхона супор. Миннататро шунидан намехоҳам. Як умр маро таъна зада, «фарзандонатро калон кардам» мегӯӣ. Чаро ҳама туро дӯст медоранду маро наҳ мезананд? Ҳатто падарам аз хурдӣ фақат туро барои ман намуна нишон медод. «Одобро аз Хуршеда омӯз. Мисли Хуршеда аълохон шав. Чаро рафторат ба Хуршеда монанд нест?» гуфта таъкидам мекард. Боз дар номааш туро дуо дода, «хока гирад, зар гардад» гуфтааст. Чаро ба ман чунин дуо намедиҳад? Магар ҷодугар ҳастию ҳамаро, ҳатто Муродро дар банди сеҳр гирифтор кардаӣ? Охир, ман Муродро дӯст медоштам. Ин кӯри муҳаббати ту ақаллан як бор сӯям чун мард нигоҳ накард. Ҳардуятонро бад мебинам. Гум шавед аз назарам!

Тоқати ҳузури инҳоро надорам, маро ба ҷои хобам баред!—рӯ гардонд ба сӯи дари ҳамон ҳоло даромадааш

Аския бо нафрати ошкоро ба онҳо дида дӯхта, ҳуҷраи аёдатро тарк намуд. Хуршеда ва Мурод чӣ гуфтанашонро надониста, ба ҳамдигар нигоҳ мекарданд. Лаҳзае баъд Хуршеда худро ба даст гирифта гуфт:

– Муродҷон, рафтем аз ин ҷо,- ва онҳо тарки маҳбас намуданд. Ҳамон ҷавони қадбаланди зардина то назди дарвоза онҳоро гусел намуда гуфт:

– Хуш омадед, боз барои хабар гирифтан биёед.

– Хайр, ҷавони хуб, саломат бошед,-- бо овози ларзон посухаш гардонид Хуршеда.

Аския ба ҳуҷраи маҳбас бо хотири парешон баргашт.

Аъзои баданаш меларзид. Дар як ҷо тоқати нишастан надошт. Дар ҳуҷраи хурд ин тарафу он тараф бехудона қадам мезад. Зане, ки «роҳбарӣ»- и ҳуҷраро ба ухда дошт, аз ӯ пурсид:

– Чӣ шуд ба ту, чашмсиёҳак? Мисли девона худро аз як кунҷ ба кунҷи дигар мезанӣ. Ором шав, набошад супориш медиҳам, оромат мекунанд. Беҳтараш савғотиҳоро кушо. Канӣ, бинем ҳиммати ҳамшаҳрҳоятро.

– Ба ман лозим нест савғои овардаи онҳо, ба ахлот партоедашон!- дод зад Аския пушт ба дигарон гардонда, якпаҳлу дар болои каташ дароз кашид. Баъди чанде фиқ-фиқи гиряи ӯ шунида шуд.

Рафтор ва муносибати бади Аския ҳар рӯз ба сараш як балоеро бор мекард. Ӯ аз ҳаёт норозӣ буд, ба қисмати талхаш тан дода наметавонист. Дар муносибат бо дигарон бисёр дағал буд, барои ҳамин ҳама ӯро бад медиданд. Зане, ки аз 70 соли умр 10 солашро дар маҳбас гузаронида буд, боре насиҳатомез ба ӯ гуфт:

– Духтарам, «сухани ширин морро аз сӯрохаш баровардааст,»- мегӯянд. Дар муносибат бо дигарон меҳрубон бош. Агар умр бевафоият накунад, солҳои зиёд дар маҳбас хоҳӣ зист, чунки гуноҳи нобахшиданӣ содир кардаӣ...

– Кампир, аввал сари кали худатро табобат бикун, ман муҳтоҷи насиҳатат нестам. Бо сухани ширин морро аз сӯрох мебарорӣ ё аждаҳорро, ман кор надорам ва бо чун ту аҷузаҳо гап задан намехоҳам!- дағалона сухани ӯро бурида, нисбаташ беҳурматиро раво дид Аския.

Тоқати «раис»- и толор, ки тартибот ба ӯ вобаста буд, тоқ шуда супориш дод:

– Ба ӯ одоб биомӯзед, занҳо!

Ду зан Аскияро кашола карда аз кати хоб ба замин ҳаво доданд. Ду нафари дигар ба онҳо ҳамроҳ шуда, лагадкӯбаш карданд. Аскияи дар хун оғушта то бахшиш напурсид, занҳо оромаш нагузоштанд. Нисфирӯзӣ, ҳини хӯроки чошт, ба суоли назоратчӣ– зани фарбеҳу қадпасти низомипӯш кӯтоҳакак «афтидам» гуфта ҷавоб дод…

## ҚАСОСИ НОЗИЯ

**«Вазнинтарини ҷиноятҳо бераҳмист.»**
Аз «Дурдонаҳои 1000- сола»

Нозия баъди мулоқот бо Лайло роҳи аз Маъруф қасос гирифтанро меҷӯст. Лайло бошад, барои ба мақсади деринаш расидан (вазифаи сардухтурро орзу мекард) хабарҳои росту дурӯғро ба Нозия расонида, ба оташи рашки ӯ равған мерехт ва аз кардааш шод буд.

– Нозия, дугонаҷон, ман ҳамеша бо ту ҳастам. Фақат ишорае бароям кифоя аст, ки кӯмакат бирасонам. Охир, дӯстонро дар чунин рӯзҳои вазнин мешиносанд. Ба Маъруф нафрат дорам. Туи нозанинро ба як қишлоқӣ-гови гӯсоладор иваз карданашро ҳаргиз намебахшам. Ту зеби шоҳзода ҳастӣ.

Ин суханҳо ба Нозия болу пар мебахшиданд ва азми ӯро қасос гирифтан аз Маъруф ва Ҳусния даҳчанд қавитар месохтанд…

* * *

Баъди ба ифоқа омадани сиҳҳатии холаи Басонат рӯзе Ҳусния ба дафтари кори Маъруф даромада беҷуръатона гуфт:

– Ман аз замин то осмон аз шумо миннатдорам, саломатии модарам хуб шудааст. Мехоҳам бо модар ба деҳа баргардам. Нодирҷонамро ёд кардаам.

– Ҳусния, дер боз бо ту ҷиддӣ суҳбат карданиам Ман дар зиндагӣ як бор гумроҳ шудам, басанда аст, дуюм бора туро аз даст доданӣ нестам. Хонаеро иҷора гирифта, ҳама шароитҳоро фароҳам овардаам, модарро ба он ҷо мебарем. Нодирҷонро ҳам аз деҳа оварда, ба фарзандӣ қабул мекунам…

– Маъруф, чӣ гуфта истодаед!? Ҳамсаратон Нозия чи?-саросема аз ҷой хеста, сухани ӯро бурид Ҳусния.

– Хоҳиш мекунам, дар ҷоят шин ва ҳарфамро то охир

гӯш кун. Ману Нозия солҳои зиёд якдигарро намефаҳмидем. Ҷавон будам. Бо ӯ хонадор шуда, хато кардам ва то имрӯз азобашро мекашам. Ҷавони деҳотӣ ба шаҳр омада, гӯиё барои худ ҷаҳони нав кушодам. Ҳамаро, деҳа, бародарон ва муҳаббати чун обҳои чашмасорон софу покизаамро фаромӯш кардам. Нафаҳмидам, ки Нозия гули боғе будааст, ки бароям ҳамаи ин солҳо накҳате надошт. Бояд хатоямро ислоҳ намоям. То имрӯз муҳаббати ту дар дилам аланга мезанад. Ба кӯмаки ту ниёз дорам. Бори дигар мегӯям, Нодирҷонро чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекунам. Розӣ шав, ҳозир модарро ба хонаи иҷора мебараму ризояташонро мегирам,--гуфт қотеона Маъруф.

Ҳусния ҳайрону шитобон дафтари кори сардухтурро тарк намуда, ба назди модараш рафт ва ӯро аз мақсади Маъруф огоҳ намуд. Рӯзи дигар холаи Басонатро аз беморхона ҷавоб дода, ба хонаи иҷора оварданд. Ӯ даст ба дуо бардошта гуфт:

– Писарам, Маъруфҷон! Хока гирӣ, зар гардад, дастони шифокорат ҳеҷ гоҳ озор наёбанд, ба туфайли ту умри дубора дидам. Барака ёбӣ, писарам. Акнун бигӯ, ба хонаи кӣ омадаему соҳибони хона дар куҷоянд? Ба деҳа кай бармегардем? Набера ва ҳамсояҳоямро ёд кардаам.

– Холаҷон, ин ҷо хонаи шумост. Мехоҳам хатои ҷавониамро ислоҳ намуда, бо ризоят ва дуои неки Шумо бо ишқи аввали худ- Ҳусния оила барпо кунам. Нодирҷонро ҳам ба ин ҷо оварда, ҳамроҳ зиндагӣ мекунем.

Холаи Басонат бо ҳайрат ба духтараш дида дӯхт. Ҳусния чизе нагуфт.

– Писарам, охир ту зан дорӣ. Сабабгори бадбахтии дигарон шудан ва ашки ӯро резондан гуноҳ аст, гуноҳе азим!

– Холаҷон, хулосаи ман қатъист. Аризаи ҷудошавиро навиштаам, фақат розигии Нозияро гирифтан лозим. Азбаски фарзанд надорем ва даъвои чизу чора намекунам, суд бояд хоҳишамро дар муҳлати кӯтоҳтарин иҷро намояд,-- ӯро бовар кунонд Маъруф.

Ҳусния ба шунидааш бовар намекард. «Наход ин

ҳамаро дар бедорӣ мешунавам?»- мепурсид аз худ. Вале хости Худованд чунон будааст, ки Маъруф орзу мекард. Бо хоҳиши маҳбуби дилаш рӯзи дигар Ҳусния писарашро ба шаҳр овард. Холаи Басонат, ки қалбаш аз дидори набера ва хушбахтии духтараш фараҳшор буд, ҳар саҳар Ҳуснияро ба кор гусел мекарду бегоҳ пешвоз мегирифт. Рӯзе Ҳусния бо меҳр модарашро ба оғӯш гирифта, гӯё аз ӯ иҷозат мепурсида бошад, гуфт:

– Модарҷон, Нодирҷонро ба боғчаи бачагони назди беморхона супоридан мехоҳам. Бо ҳамсолонаш бозӣ мекунад, аз тарбияи мураббияҳо баҳра мебардорад, ту ҳам каме осуда мешавӣ. Охир, нигоҳубини кӯдак бароят сангин аст, модарҷон.

– Духтарам, дар нигоҳубини Нодирҷон мушкилие надорам, аммо барои машғулиятҳо гӯӣ, ман розӣ. Бигузор ба зиндагии шаҳр аз хурдӣ одат кунад.

* * *

Маъруф, ки шабҳоро дар дафтари кораш рӯз мекард, соати панҷи саҳар падараш- амаки Раҳимро хоб дида, бо тарс бедор шуд. Арақи пешониашро бо рӯймолча пок карду рафта дасту рӯяшро бо оби хунук шуст. «Худоё, барои чӣ падар ба хобам даромад? Магар аз рафтори ман норозӣ аст? Охир, ӯ то зинда буд боре ба ман гапи сахт нагуфт, аммо дар хоб…» Ба берун баромад, насими форам рӯяшро навозиш мекард. Дарбон- амакиТолиб ба наздаш омада пурсид:

– Ҳа, писарам, чаро барвақт аз хоб хестӣ? Бемори вазнин дорӣ- чӣ?

– Не, падар, бемори вазнин надорам. Мӯйсафеди падарамро дар хоб дидам. Бо химчаи тар ду бор ба пуштам зад. Бисёр хавотир шудам. Наход бо ягон амали бад рӯҳи мӯйсафедро ранҷонда бошам- а, падар?

– Писарам, хоби хуб дидаӣ. Таъбири хобат нек аст: химча рамзи тавоноиву бурдборӣ мебошад. Хавотир мабош, падар ба ту қувват бахшидааст.

Маъруф аз шунидани гуфтаҳои амаки Толиб ором

шуда, ба дафтари кораш баргашт.

* * *

Даъватномаи суд дар даст Нозия бо хавоси парешон ба дугонааш Лайло занг зада хоҳиш намуд, ки ҳарчи зудтар ба наздаш биояд:

– Нозия, чӣ шуд, чаро овозат меларзад? Бемор-ку нестӣ?

– Не, не, бемор нестам, бо ту барои ҳалли масъалае маслиҳат карданӣ ҳастам. Илтимос, зуд ба хона биё.

– Ҳозир наметавонам, нисфирӯзӣ ягон бало карда, албатта, туро мебинам. Язнаамро медонӣ-ку: «Интизоми меҳнатро вайрон кардед», гуфта, боз аз кор пеш накунад.

– Майлаш, интизор мешавам,--гуфт Нозия.

Аз ғояти қаҳру ғазаб чӣ кор карданашро намедонист. Нисфирӯзӣ Лайло саросема ба хонааш омаду ӯро дар ин ҳол дида пурсид:

– Ба ту чӣ шуд, дугонаҷон? Чаро ранги рӯят кандагӣ?

Нозия даъватномаи судро бо қаҳр ба дасти Лайло дода, домони шикоятро кушод:

– Ана, рафтори шефат! Ин қишлоқӣ шарм накарда, ба суд барои ҷудо шудан ариза навиштааст. Пагоҳ мурофиа баргузор мешудааст. Иҷрочии суд ба ман фаҳмонд, ки шавҳарат аз бахри хонаву дар, мошин ва дигар амвол гузаштааст. Фарзанд надоред, ки суд ба шумо барои хулосаи дуруст омадан мухлат бидиҳад. Дугонаҷон, чӣ кор кунам, чӣ маслиҳатам медиҳӣ?

– Охир, дугонаҷон, ким- кайҳо худат ҳаминро интизор будӣ-ку? Худоро шукр, хонаву дар, амволи рӯзгоратро тақсим намекунанд- ку! Фарзанд надорӣ, ки фикри бепадар ба воя расонданаш ранҷурат бисозад,-- таскинаш доданӣ шуд Лайло.

– Дуруст мегӯӣ, худам аз ин духтурчаи бадзоти қишлоқӣ ҷудо шуданӣ будам, вале алҳол гап дигар аст. Намехоҳам ӯ ба дилдодааш бирасад, намехоҳам! Не, то ҳаёташро талх насозам, ором намешавам. Охир, ӯ аз ман рӯй гардонд, мефаҳмӣ, ӯ!? Ин бароям даҳшат аст, мефаҳмӣ, даҳшат! Ин

«қиш»- и қишлоқиро агар хоки замин накунам, номам Нозия-не. Дугонаҷон, биё, фардо ҳар ду ба суд меравем. Охир, ман танҳо чӣ хел ба толори мурофиа медароям?

– Шакке надошта бош. Дар чунин ҳолат танҳоят намегузорам, дугонаҷон. Аз сардухтур мепурсам, агар иҷозат бидиҳад, ҳатман худро дар паҳлуят мегирам. Мо дугонаҳои ҷонием- ку?

– Мурад сардухтурат!-- гуфт бо нафрат Нозия.

* * *

Толори мурофиаи суд. Дар толор Маъруф, Нозия ва дугонааш Лайло. Судя бо тамкини ба худаш хос ҳуҷҷатҳои заруриро аз назар гузаронда, аз Маъруф пурсид:

– Маъруф Раҳимзода, бори дигар аз шумо мепурсам, раъятон оид ба масъалаи аз ҳамсаратон ҷудо шудан қатъист? Шояд ба шумо вақт диҳем, оштӣ мешавед.

– Не, муҳтарам судя. Дигар як соат тоқати бо ҳамсарам зиндагӣ кардан надорам!

«Як соат тоқати бо ҳамсарам зиндагӣ кардан надорам!»- гуфтани Маъруф чун корди тез ба дили Нозия расиду ӯ бо қаҳру ғазаб аз ҷо хеста:

– Ман соат не, як дақиқа бо ин қишлоқӣ аз ҳавои ин толор нафас гирифтан намехоҳам!- гуфта толорро тарк кард.

Лайло ҳам саросема аз пушти дугонааш давида ба берун баромад. Эҳсоси нафрат вуҷуди Нозияро фаро гирифта буд. Дарақ-дарақ меларзид.

– Дугонаҷон, худатро ба даст гир. Мебинӣ, ки пушаймон шуда чанд рӯз пас худаш ба наздат хазида меояд,- таскин доданӣ мешуд Лайло дугонаашро.

Ҳоли Нозия торафт бад мешуд. Ранги рӯяш сап-сафед канд. Калиди мошин дар дасташ меларзид. Лайло вазъи бади ӯро дида таклиф кард:

– Калиди мошинатро ба ман деҳ, дугонаҷон. Бо чунин ҳолати рӯҳӣ дар пушти чанбараки мошин нишастанат хуб нест. Бидеҳ калидро, худам то хона мебарамат.

– Не, ба хона рафтан намехоҳам, дар чунин танҳоӣ ди-

лам мекафад. Биё, ба ягон тарабхона меравем, ки ин соати умрро ба коми фаромӯшӣ бисупорем.

– Нозияҷон, ман ду соат ҷавоб пурсида будам, ҳозир ба беморхона меравам у бегоҳ ҳатман ба наздат меоям. Зиқ нашав, майлаш?-- гуфта Лайло мошинро ба кор даровард ва ҳар ду ба хонаи Нозия омада, муддате бо ҳам нишастанду Лайло дугонаашро танҳо монда, рафт. Бегоҳ аз рӯи ваъда ба аёдаташ омада, ӯро масту аласт ёфт…

* * *

Баъди ҳалномаи судро шунидан Маъруф аз толори суд баромада, ба осмон нигарист ва озод нафас кашида гуфт:

– Падарҷон, рӯҳатон ба ман мадад кард. Сад бор шукр, ҳазор бор шукр!- ва бо ҳисси қаноатмандӣ ба беморхона шитофт.

Аз миён чанд ҳафта гузашт. Маъруф борҳо азм кард, ки бо холаи Басонат масъалаи издивоҷашро бо Ҳусния маслиҳат намояд, вале ҷуръаташ намерасид. Рӯзе, баъди кор, ба хонаи иҷорагирифтааш омад. Ҳусния дар хона набуд: навбатдори ҷои кор буд. Дарро ба рӯяш холаи Басонат кушода, бо чеҳраи шукуфон пешвозаш гирифт. Маъруф фурсатро мувофиқ дид:

– Холаҷон, аз Шумо дасту дили духтаратонро мепурсам. Ӯро дӯст медорам ва муҳаббатам ҳам нисбаташ ҳеҷ гоҳ коста нашуда аст. Нодирҷонро ба фарзандӣ қабул карда, чун ҷигарбанди худ дӯст медорам. Фотеҳаи некатонро мепурсам, холаҷон. Илтимос, хоҳишамро рад накунед.

– Писарам, Маъруфҷон, ман ҳам хушбахтии духтарамро орзу мекунам. Фотиҳаи некро бароятон ҳаргиз дареғ намедорам. Медонам, медонам, ки Ҳусния ҳам туро дӯст медорад. Маро ҳам бо розигии Худованд ту аз марг наҷот додӣ-ку?! Дасти шифобахшат асло дардро набинад,-- шодиашро пинҳон накарда, даст ба дуо бардошт холаи Басонат ва ба ҳарду бахту иқбол, хонаи тинҷу ободхоста таъкид намуд.- Писарам Маъруфҷон, розигӣ ва фотиҳаи неки бародарат Муродро ҳам бигир, ӯ барои ту ва Но-

сирҷон ба ҷои падар аст. Боре бе ризояти ӯ хонадор шуда будӣ. Чӣ натиҷа дод?

– Холаҷон, ман дар ин масъала бо бародарам телефонӣ суҳбат доштам, он кас розӣ. Янгаам Хуршеда аз ин қарори ман хеле шод шуданд ва моро ба деҳа даъват карданд. Фардо шанбе аст, ҳамроҳ ба деҳа рафта, рӯҳи гузаштагон ро бо чанд табақ нон шод мекунем ва маросими никоҳро ҳам мегузаронем. Бигузор ҳама бидонанд, ки ману Ҳусния риштаи умрамонро то вопасин нафас бо ҳам пайвастаем,-- бо камоли мамнуният посух гардонид Маъруф...

Рӯзи шанбе. Ҳавлии Мурод серодам буд. Соҳибхона бо ҳамсояаш- акаи Неъматулло гӯсфандеро кушта, дар болои суфа дилу ҷигарашро реза мекарданд. Хуршеда ба занҳои ҳамсоя фармуд, ки як табақ нони чапотӣ ва як табақ кулча пазанд. Аз муаллимааш Бахтинисо Ҷалилова хоҳиш намуд:

– Муаллимаҷон, фотеҳа диҳед, ки хурсандӣ болои хурсандӣ шавад. Ба дастархон нигоҳ кунед, бигиред.

Занҳо назди танӯр гирд омада буданд. Ҳама дар тараддуд: яке оташ меафрӯхт, дигаре нон рост мекард, саюмӣ ба кулчаҳо устокорона гул мечид. Аз ҳар боб ҳарф мезаданд, аз шӯхии ҳамдигар лаззат бурда, бо завқ механдиданд.

– Ҳой занҳои маст, оҳистатар хандед намешавад? – гуфт муаллима.

– Муаллимаҷон, доим ба мо, занҳо, эрод мегиред. Ана, мардҳо ҳам баланд-баланд хандида истодаанд-ку,- гуфт зани мудири мағозаи деҳа Оростамоҳ.

– Шарму ҳаё зевари зан аст,- посух гардонид муаллима ва гӯиё ҳангоми дарс бошад, байти Мирзо Бедилро ифоданок қироат кард:

*Аз ҳаё нагзар, ки дар номусгоҳи эътибор*
*Шарм мардонро виқор асту занонро зевар аст.*

Оростамоҳи шӯхтабиату ҳозирҷавоб ҳам хомӯш наистод:

– Муаллимаҷон, як байти ба ҳамин монандро, ки айёми мактабхонамон омӯхта будед, ҳеҷ фаромӯш карда наметавонам.

– Ку бихон, Оростамоҳ. Кадом буд, аз они кӣ?- хоҳиш кард муаллима Ҷалилова.

Оростамоҳ пас аз каме андеша, гӯё замони мактабхониашро ба хотир оварду дар назди муаллимааш рост истода, хонд:

*Гарчи гул дар нозукӣ машҳур дар баҳру бар аст,*
*Хотири шарму ҳаё аз барги гул нозуктар аст.*

– Э офарин, Оростамоҳ! Қоил кардӣ, духтарам, аҳсан!- гуфт хандида муаллима.

– Муаллимаҷон, раиса гуфтанд, ки меҳмонҳо аз пойтахт меоянд, кулчаҳои ширмол пазед. Аниқ кардем, ки меҳмони олиқадри мо Ҳуснияҷони худамон будааст. Барои Ҳусния омодаем, ки се шабонарӯз дам нагирифмта, гирди танӯр сӯхтаю пухта кулча пазем. Охир, ӯ ба қадри ҳама мерасид. Шабу рӯз дар хидмати мову фарзандонамон буд. Дастони шифобахшаш дардро набинанд,- гуфт холаи Арабгул.

– Рост мегӯӣ, ҳамсояҷон, Ҳусния ба ҳама ҳурмату дӯстдорӣ меарзад,-- ба суҳбат ҳамроҳ шуд кампири Сайфура.- Омадани ӯро шунида хостам, ки дар чапотипазӣ дастёрӣ намоям. Дастам бемадор шуда бошад ҳам, дар болои рафида зуволаро тунук карда метавонам.

Мурод аз шӯхии занҳо ба ваҷд омада, дар ҳоле ки ханда дар лабонаш гул мекард, аз муаллима хоҳиш кард:

– Муаллимаҷон, бигузор ҳамсояҳо бихандандy шӯхӣ кунанд. Ин дару девор дер боз хандаю шӯхиро нашунидаасту надидааст.

«Илоҳо, чашм нарасад. Охир, фарзанди падар, додараки меҳрубонам-Маъруфҷон бо ҳамсараш ба ҳавлии падарӣ меояд. Мехоҳад аз ман фотеҳаи нек бигирад. Магар ман хушбахтии ӯро намехоҳам? Албатта, мехоҳам! Кош Носирҷону завҷааш ҳам меомаданд. Афсӯс ки роҳ дур аст,»- аз дил гузаронд Мурод.

– Акаи Мурод, каллаю почаро чӣ кор кунам?- гуфтани Неъматулло ӯро аз банди андешаҳо раҳонид.

– Каллаю поча? Онҳоро ба хона бар, завҷаат дангичағизои дӯстдоштаи маро пухта, бенасибамон намемондагист,- гуфт Мурод.

Неъматулло каллаю почаро дар пӯсти гӯсфанд печонида ба хонааш бурд.

– Омаданд, омаданд!-- Нидои шодиомези бачаҳо ҳамаро саросема кард.

– Нигораҷон, пояндозро биёр!- фармуд муаллима ва худ бо вуҷуди пиронсолӣ, мисли ҷавонзан чобук аз курсӣ хеста, ҷониби айвон шитофт.

Мошин назди дарвоза истоду аз он Маъруф, холаи Басонат, Ҳусния ва Нодирҷон берун шуданд. Маъруф ба холаи Басонат нигариста, бо эҳтиром хоҳиш кард:

– Холаҷон, аввал шумо ба ҳавлӣ қадами муборакатонро гузоред.

– Бисмиллоҳи раҳмони раҳим, қадам расад, бало нарасад!- гуфта холаи Басонат ба ҳавлии Мурод қадам ниҳод.- Оҳ, ҳамсояҳои қадрдонам, ҳамсояҳои ба ҷону дил баробарам,- мегуфт холаи Басонат ва ашкишоди шашқатори чашмонашро бо гӯшаи рӯймоли калони сафедаш тоза мекарду ҳар кадомро бо меҳр ба оғӯш кашида мебусид.

– Хайрият, дар вақташ расида омадам,- гуфт Хуршеда ба истиқболи холаи Басонат оғӯши меҳрашро кушода. Ӯ ҳозиракак аз мошин фуромада буд.

– Ҳой, занҳо, бозор кардед-ку! Меҳмонҳои олиқадрро дида, ҳуши ҳамаатон рафт? Кулчаҳоро аз танур кӣ мекананд? Агар як кулча сӯзад, балотона мебинед!- гуфт муаллима аз рухсораҳои суп- сурхи Ҳусния, ки дар як тараф шармида меистод, гарм-гарм бӯсида.- Хуш омадӣ, духтарам Ҳуснияҷон, хуш омадӣ, дугонаи азизам Басонат!

Баъди пазироии самимӣ муаллима пеш даромада, меҳмонҳоро ба хона бурд, ки дастархони пур аз нозу неъматро барояшон ороста буданд. Маъруф холаи Басонат ва Ҳуснияро то меҳмонхона гусел карда, худ ба сӯи бародараш шитофт. Мурод, ки аз гӯшае ба даву ғеҷи за-

нон бо ҳавас менигарист, бародарашро ба оғӯши меҳраш кашида гуфт:

– Бародари азизам, ба ҳавлии падарӣ хуш омадӣ! Фикр мекунам, ки дар ин лаҳзаҳо рӯҳи падарамон болои ҳавлӣ дар парвоз асту бо мо шодӣ дорад. Биё, ба хона дароем, ки аз дидорат сер шавам, додарҷон. Ин рӯзро- қадами муборакиарӯсатро ба ин ҳавлӣ дер боз интизор будам, додарҷон.

Маъруф дар назди занони ҳамсоя лаҳзае истода, ҳолпурсиашон кард ва холаи Сайфураро дар миёншон дида гуфт:

– Салом, холаҷон! Саломатиатон хуб аст? Ҳамсинфи ман- Содирхон чӣ ҳол дорад? Лаззати дасти Шумо то ҳол аз даҳонам нарафтааст. Дар танаффуси калон ҳамроҳи Содирхон давида ба хонаатон мерафтем. Тезакобе, ки бо нони чапотии гарм бароямон тайёр мекардед, болаззаттарин ғизо буд. Ҳамон тезакобро агар ҳозир дар пешам мегузоштед, холаҷон, сарам ба осмон мерасид.

Кампири Сайфура базӯр аз ҷо хесту остинҳои кушоду дарози барзадаашро поён фуровард ва аз пешонии Маъруф бӯсида посух гардонид:

– Тезакоб гап дорад, бачам. Бароятон имрӯз гӯштбирёну оши палав тайёр кардаанд.

– Холаҷон, гӯштбирёну оши палав дар ҳама ҷо ҳаст, аммо мазаи тезакоберо, ки шумо аз нони гарми чапотӣ ва пудинаю шибиту райҳону гашничу қаланфури тез тайёр мекардед, ягон ҷо дар даҳонам ҳис накард.

Кампири Сайфура аз таърифи Маъруф ба ваҷд омаду ба ҳотаи Мурод даромада, ба чидани кабудӣ оғозид. Занҳо чолокии кампирро дида, шӯхиомез мегуфтанд:

– Холаҷон, дар ҷавониатон ин қадар чаққон набудед-ку?

Дигарӣ илова мекард:

– Холаҷон, беҳуда ташвиш кашидед, худамон кабудиро чида медодем, охир.

–Агар духтури калони шаҳр, Маъруфҷон, маро ҳам чунин таъриф мекард, ба осмон парвоз карда, барояш аз он ҷо кабудӣ ёфта меовардам.

Кампири Сайфура ҳам ҳазлу шӯхии ҳамсояҳоро шуни-

да хомӯш намеистод:

– Занҳои сергап, шумо чӣ мефаҳмед. Гуфтаҳои Маъруфҷон маро ба гузашта, ба даврони ҷавониам бурданд. Тасаввур кардам, ки бачазанаки 28- солааму Маъруфҷон ҳамроҳи Содирхон ҳангоми танаффуси калон саросема ба хонаам омадаанд. Беҳуда намегӯянд: «як ҳарфи хуб одамро ба осмон мебарораду як ҳарфи бад зери заминаш мекунад.» Акнун дидед, ки Маъруфҷони мо ҳам беморро бо сухани нек табобат мекардааст.

Чанд дақиқа баъд як бандча кабудӣ дар даст кампири Сайфура аз ҳота баромада, онро дар оби шаффофи ҷӯйчае, ки аз миёни ҳавлии Мурод мегузашт, шуст ва ба ҳамсояҳояш рӯ оварда гуфт:

– Дидед, алошақшаққаҳо, чидани кабудӣ ҳам ҳунар аст. Ман кабудиро барои тезакоб ҷудо мекунам. Кабудии пиршудаю зардшуда тароваташро мисли ман гум мекунад. Барои тезакоб намешавад, аммо атолаи тӯппа, биринҷоба ва омочро бомаза мегардонад,- ва кабудиҳоро майда реза карда, дар табақи чӯбин бо андак намак омехт ва бо санги махсус, ки Хуршеда шакароб тайёр мекард, майда кӯфт. Сипас, як пиёла оби ҷӯшомадаи хунуккардашударо ба кабудиҳои кӯбида ҳамроҳ карду ду қаланфури сабзро ба он партофта, ба занҳо фармуд:

– Канӣ, ду чапотии нав аз танур кандаатонро биёред, то ки Маъруфҷон кайф карда тезакоб хӯрад.

Кампир ҳис кард, ки маҷолаш то ба назди занҳо рафтан намерасад, вале сир бой намедод. Оростамоҳ, ки ба чи ҳол афтодани ӯро эҳсос мекард, шӯхиомез дилбардориаш намуд:

– Холаи Сайфура, он накҳати тезакобатон на як шаҳриҳо, мо- деҳотиҳоро ҳам маст кард. Бовар дорам, ки акои Маъруф баъди онро хӯрдан ҳатман шуморо ба шаҳр бурда, пӯсти рӯятонро ҷарроҳӣ мекунанд ва моҳе нагузашта, мисли духтари катта ба деҳа бармегардед.

Хандаи занҳо ҳавлиро ба ларза даровард. Кампири Сайфура базӯр аз болои суфа хеста, даст паси пушт ҷониби дарвоза қадамзанон гуфт:

– Оҳ, занҳои беадабе, одама дар ҳиҷолат мемонед-да.

Мардум беҳуда нагуфта будааст, ки «хар маст шаваду зан не». Бас кунед шӯхиро, айб аст. Ман рафта, мӯйсафедамро хабар мегирам.

– Холаҷон, як дам истед, дасти холӣ аз хона набароед. Мӯйсафедатон ба маърака омада наметавонад, як дами гарм пухта, ҳамроҳ тановул кунед,- гуфт Хуршеда аз дастархони нонпазҳо чор нони чапотӣ, чанд кулча ва аз даҳлез чор-панҷ бурда гӯштро ба халтачаи селофанӣ андохта ба дасташ дод ва то кӯча гуселаш кард.

– Барака ёбӣ, духтарам, доим меҳрубониамон мекунӣ. Хубиҳоятро гардонда наметавонем. Худо нигаҳбону мададгорат бошад!

– Оростамоҳ, барои чӣ булбулакат намехонад?- пурсид муаллима баъди аз дарвоза берун шудани кампири Сайфура.

– Муаллимаҷон, дар хиҷолатам. Холаи Сайфураро бо шӯхии беҷои худ наранҷонда бошам?

– Не, кампир аҳли фаҳм аст, чаро хафа мешудааст? Аз мӯйсафедаш хавотир ки ҳаст, ба хонааш рафт,- ӯро дилпур намуд муаллима.

Шомгоҳон мӯйсафедони маҳалла дар хонаи Мурод ҷамъ шуда, баъди ғизо бо қироати оёти Қуръони карим рӯҳи гузаштагонро шод намуданд ва дар ҳузури аҳли хонадон ва пайвандон маросими никоҳи Маъруф ва Ҳуснияро гузарониданд. Хуршеда ду либос атласро назди холаи Басонат ва Ҳусния гузошта, аз ангушташ ангуштарини тилоеро, ки нигини хурди сурх дошт, бароварда ба Ҳусния дод ва орзуяшро иброз намуд:

– Ҳуснияҷон, расм аст, ки дар рӯзи никоҳ хушдоман ба келинаш тиловорӣ ҳадя мекунад. Ин ангуштаринро ба ту дода орзу мекунам, ки як умр маҳбуби ҳамдигар бошед, аз хонаатон ҳамеша садои хандаи тифл ба гӯш бирасад ва аз дастархонатон бӯи нону кулча.

Таманниёти Хуршедаро шунида, Мурод ҳам сурурашро пинҳон накарда гуфт:

– Ман ҳам ба навхонадорон туҳфае дорам, аниқтараш, ба набераам Нодирҷон тайлоқчаи дусолро мебахшам, дар

тӯйи хатнааш лозим мешавад.

Холаи Басонат ашки чашмонашро пок карда, даст ба дуо бардошт:

– Фарзандони азизам, Муродҷон ва Хуршеда, яка гиред, сад гардад, ҳамеша сарбаланд ва хонаобод бошед. Худованд ҳамеша дар паноҳи исмати худаш нигоҳатон бидорад. Омин!

Рӯзи истироҳат, баъди пешин, навхонадорон Маъруфу Ҳусния ва холаи Басонату Нодирҷон роҳи Душанберо пеш гирифтанд. Холаи Басонат ҳини хайрухуш бо ҳамсояҳояш оби дидагонашро нигоҳ дошта натавонист:

– Ҳамсояҳои қадрдону азизам, нону намакатонро пиҳил кунед. Дидор то қиёмат.

Олуфтамоҳ боз тоқат накарда таскинаш дод:

– Холаҷон, гӯиё маротибаи охир ҳамдигарро медида бошем. Охир, аз деҳа то Душанбе яксоата роҳ. Мебинӣ, ки ҳафтае нагузашта, боз дида ба дидор мерасад.

Муаллима Бахтиниссо ҳам гуфтаҳои Олуфтамоҳро тақвият бахшид:

– Басонат, чаро беҳуда ҳам худ ва ҳам дигаронро хафа мекунӣ? Ин Олуфтамоҳи сергапаки мо дар ҳаёташ як гапи маъқул гуфт. Мебинӣ, ки як ҳафта пас дар деҳа тӯй мешаваду шуморо даъват мекунанд. Боз дидор мебинем. Беҳуда ашк марез, хосияташ хуб нест. Холаи Сайфура, ба меҳмонҳо як дуои сафар деҳ.

Кампири Сайфура қомати хамидаашро каме рост карду:

– Фарзандонам, роҳатон сафед, сафаратон бехатар ва Хоҷаи Хизр раҳбаратон бошад,- гуфта панҷаҳои шахшули серожангашро ба рӯй кашид.

Мошин ба роҳ даромад. Ҳамсояҳо то нопадид шудани он аз пушташ дастафшонӣ карданд. Кампири Сайфура ғур- ғуркунон гуфт:

– Омадани меҳмон шодӣ асту рафтанаш ғусса,- ва бо қомати хамида асозанон ба хонааш рафт.

* * *

Маъруф ва Ҳусния баъди аз деҳа баргаштан ба хонаи бахт рафта, қонунӣ ақди никоҳ бастанд. Ҳусния хушбахт буд. То ҳанӯз бовар намекард, ки ҳама даҳшати дар хонаи мулло Фозил аз сар гузаронидааш хотима ёфтаст. Ҳар пагоҳӣ зану шавҳар Нодирро то боғча гусел карда, худ ба кор мешитофтанд. Холаи Басонат бошад, ба кори хона машғул шуда, аз бахти ягона фарзандаш меболид. Такрор ба такрор аз дил мегузаронид: «Худо дар паноҳи худ нигоҳашон бидорад.»

Рӯзе телефон баланд садо доду холаи Басонат гӯширо бардошта, овози занеро шунид, ки мегуфт:

– Ҳой, ҷалоҷинкампир! Шодию сурур аз саратон монд. Набераатонро аз боғча дуздиданд. Дар он дунё бо ӯ вомехӯред.

Гӯшҳои холаи Басонат кару чашмонаш гӯиё кӯр шуданд. Аъзои баданаш ба ларза даромад. Зани содаи рустоӣ ба ин суханҳо бовар кард. Хост ба Ҳусния телефон кунад, чашмонаш рақами телефонро намедиданд. Бошитоб ба кӯча баромада, ба беморхона рафтанӣ шуд. Бадхоҳе, ки телефон карда буд, ба мақсадаш расид. Бечора холаи Басонат ҳини роҳро гузаштан қурбони садамаи мошин гардид.

Маъруф дар дафтари кор нишаста, дар варақаҳои беморӣ ҳолати сиҳҳатии мизоҷонро сабт мекард. Аз шуъбаи қабули беморон хабар доданд, ки занеро дар ҳолати вазнин ба беморхона овардаанд. Ӯ ба садамаи нақлиётӣ дуҷор шудааст,. Маъруф супориш дод, таъҷилан ҳуҷраи ҷарроҳиро омода бисозанд. Гаҳи ба ҳуҷраи ҷарроҳӣ даромадан овози хеле шинос ба гӯшаш расид, ки батакрор мегуфт:

– Нодирҷонро дуздиданд, ӯро наҷот диҳед. Нодирҷон, Нодирҷон… писаракам…

Маъруф бемори дар хун оғуштаро шинохта, бо овози ларзон пурсид.

– Холаҷон, чӣ ҳодиса шуд?

Холаи Басонат базӯр, канда- канда ӯро аз асли воқеа хабардор карду худ чашмонашро абадӣ пӯшид. Маъруф дар ҳоли ҳайронӣ чи кор карданашро намедонист. Ба

Ҳусния чӣ тавр ин хабари шумро бирасонад? Охир, бо чӣ мушкилот қалбашро чаррохӣ карданд. Чӣ қадар аз бахти фарзандаш шодӣ мекард, бечора кампир. Кадом аблаҳи номусулмон чунин хабари шумро ба кампир расонида бошад. Нодир ба ёдаш расиду ба дафтари кораш даромада, ба боғча телефон кард. Мураббия ҷавоб дод, ки вақти хоби кӯдакон аст ва Нодир низ ба ягон ҷо нарафта, бароҳат хоб кардааст. Маъруф оҳи чуқур кашида, «хайрият» гуфту аз дафтари кор баромада, дар роҳрав бо Ҳусния рӯ ба рӯ омад. Ӯро касе аллакай аз ҳодиса огоҳ карда будааст, ки гирёну нолон аз ҳамсараш пурсид:

– Маъруф, чӣ шудааст? Модарҷонам чӣ ҳол доранд? Барои чӣ нагузоштанд, ки аз ҳолаш хабардор шавам?

– Ҳусния, азизам, худро ба даст бигир,- гуфт Маъруф ва ба ӯ ҳодисаи шударо нақл кард.

Ҳусния зор- зор гирист. Маъруф телефонӣ аз бародараш- Мурод маслиҳат пурсид. Қарор доданд, ки маитро ба деҳа мебаранд...

Деҳа. Ҳавлии Мурод пур аз одам буд. Ҳама ба коре банд буданд. Занҳо дар сар рӯймоли сафед кафан пора мекарданд. Мардҳо дар беруну даруни ҳавлӣ гирд омада, бо ҳам суҳбат доштанд. Мошини «Ёрии таъҷилӣ» ва аз паси вай се мошини сабукрав назди дарвозаи Мурод истоданд. Аз мошини «Ёрии таъҷилӣ» Ҳусния дар сар рӯймоли сафед, рӯканону мӯканон «Вой очам, ҷон очам, барои чӣ маро партофта рафтӣ, очам!..»- гӯён берун шуд. Дар мошинҳои дигар ёру дӯстони Маъруф менишастанд. Занҳо сари овози Ҳуснияро гирифта, яке «холамой», дигаре «момамой», сеюмӣ «ҳамсояи қадрдонам» гуфта мегиристанд.

Хуршеда аз Бахтиниссо Ҷалилова хоҳиш кард, ки сарварии маъракаи занҳоро ба ӯҳда бигирад. Муаллима аз пайи иҷрои супориш шуд: занҳои нав омадаро ба назди маит даровардa, онҳоеро, ки пештар омада буданд, дар айвон ва ё ҳуҷраҳои дигар ҷобаҷо мекард. Ҳар зан, албатта, нахуст номи холаи Басонатро бо ҳурмату эҳтиром ба забон оварда нола мекард ва баъд нафаре аз пайван-

донашро ба ёд оварда мегирист. Расм чунин аст: шахси ғамдор барои дарди дилашро сабук кардан ба азохона мерафту дилашро аз ғаму андӯҳ холӣ мекард.

Кампири Сайфура низ ҳамроҳи мӯйсафедаш, ки базӯр роҳ мегашт, ба ҳавлӣ даромад. Мӯйсафедро болои суфа шинонданду кампир ба хонае рафт, ки маитро гузош та буданд. Муаллима Бахтиниссо ӯро ба хона даровард. Кампири Сайфура бо овози баланд нола кард:

– Оҳ, дугонаи ба ҷону дил баробарам! Магар маргатро пешакӣ медонистӣ, ки рӯзи рафтан аз ҳама пиҳил пурсидӣ? Хубиҳои туву духтарат Ҳуснияро мардуми деҳ асло фаромӯш намекунад, дугонаҷон! Мӯйсафедам, ки як сол боз бистарашро тарк намесохт, аз ман хоҳиш кард, ки ба ин ҷо биёрамаш, ки бо ту алвидоъ бигӯяд. Бисёр эҳтиромат мекард. Ӯро овардам, дугонаҷон! Вой, дугонаҷон, ҷон дугонаҷон, сад ҳайф, дугонаҷон!..

Мардон тобути холаи Басонатро дасти ба даст бардош та, турнақатор роҳи водии хомӯшонро пеш гирифтанд. Баробари аз ҳавлӣ баровардани маит занҳо тибқи фармудаи оини ҳамсоядорӣ барои онҳое, ки аз роҳи дур ба ҷаноза омада буданд, аз хонаҳояшон нону дар табақҳо хӯрок оварданд. Муаллима Бахтиниссо ба Олуфтамоҳ, ки табақҳоро шуста ба соҳибонашон медод, таъкид кард:

– Духтарам, табақро бе барги сабз ба соҳибаш надеҳ, ки аз мурдахона сиёҳ наравад.

Олуфтамоҳ оҳиста аз муаллима пурсид:

– Муаллимаҷон, барои чӣ барги сабз?

– Олуфтамоҳ, ту ҷавон ҳастию бисёр расму оинамонро намедонӣ, модарат ба ту серҷоғиро ёд додаасту таомули мардума, не . То се рӯз дар ин хона ғизо пухтан мумкин нест, гӯё ин ҳавлӣ дар се рӯз ҳавзи хун то ба зону мерасад. Барои ҳамин дар серӯзагии маит маъракаи «дег сафед кардан»- ро мегузаронанд. Касе шароит дошта бошад, ягон буз ё гӯсфанд мекушад, надоштагиҳо ягон намуди ғизо, мисол ширбиринҷ пухта, бо хонадон ва ҳамсояҳои наздик тановул мекунанд. Фаҳмидӣ?

– Бале, муаллимаҷон,- ҷавоб дод Олуфтамоҳ...

Маъруф бо маслиҳати бародараш Мурод қарор дод, ки Ҳусния ҳафтае дар деҳа мемонаду ӯ ба шаҳр бармегардад. Чун ба хонааш даромад, нахуст охирин занги вурудро аз телефон дар дафтарчааш сабт намуд ва гӯширо бардошта, ба он рақам занг зад. Гӯширо Нозия бардошт.

– Нозия, тоқатам тоқ шуд, ҳар кор ҳад дорад. Ту зани бенангу номус ва ҷоҳил будаӣ. Ҷиноятат нобахшиданист. Ҳарзагӯии ту боиси марги зани бечорае шуд. Барои ин амалат дар назди қонун ҷавоб хоҳӣ гуфт!- ӯро хабардор кард Маъруф ва гӯширо дар ҷояш гузошт.

Нозия дар ҷои исташ шах шуда, чӣ гуфтанашро намедонист…

## РАШКИ НИГОРА БА ДОДАРЧААШ АНВАР

**«Ҳар кас созандаи сарнавишти худаш мебошад.»**
Аз «Дурдонаҳои ҳазорсола»

Маъракаҳои ҳафт ва чили холаи Басонатро дар деҳа гузаронида, ҳама аз паси кори худ шуданд. Нигора аз падару модар ранҷида буд. Гумон мекард, ки барои онҳо ба ҷуз додарчааш Анвар касе вуҷуд надорад. Бо ӯ бозӣ мекунанд, ба лаҳни кӯдакон ҳарф мезананду қабл аз хоб афсонаҳои дӯстдоштааш- «Бузаки ҷингилапо» ва «Калак»- ро тӯҳфааш месозанд. Нигора худро танҳо эҳсос мекард. «Чаро падару модарам танҳо Анварро дӯст медоранд? Магар ман дар ин хона бегона ҳастам? Ё меҳрашон ба ман кам шудаасту маро дӯст намедоранд? Агар падару модарам аз ҳам ҷудо намешуданд, ман дӯстдори ҳарду мешудам!» Ин суол пайваста нороҳаташ мекарду қалби кӯчакашро саршори ғаму ғусса мегардонд. Ана, имрӯз ҳам гиристу чанд дона ашк дар авроқи китоби дарсӣ чакид. Чашмҳояш дигар ҳарфҳоро намедиданд. Беихтиёр бо овози паст гирист. Хуршеда, ки дар айвон либос дарзмол мекард, хавотиромез ба ҳуҷра даромаду чун ӯро гирён дид, бо меҳр ба оғӯшаш гирифта пурсид:

– Чӣ шуд, ҷонаки ман, ягон ҷоят дард мекунад?

Аз навозиши модар алами Нигора боло гирифту бо овози баланд ба гиря даромад. Мурод, ки дар ҳуҷраи шафат бо Анвар ширингӯӣ мекард, гиряи духтарашро шунида, хавотир шуд ва саросема ба наздашон омада пурсид:

– Нигораҷон, духтарам, барои чӣ гиря мекунӣ? Сарат дард мекунад ё аз мо барои чизе ранҷидаӣ?

– Шумо маро дӯст намедоред. Ҳушу ёдатон фақат ба Анвар. Ман ба назди падари худам меравам,- гуфт бо алам Нигора худро аз оғӯши модар дур карда, ба хонаи дарун даромад ва ба пӯшидани либосҳояш машғул шуд.

Мурод ва Хуршеда аз ҳайрат маҷоли ҳарферо ба забон овардан надоштанд. Эътирози Нигора зарбаи сахте барои Хуршеда буд. Мадори рост истодан ки надошт, беихтиёр ба замин нишаст. Мурод пиёлаи оби хунукро ба Хуршеда дод, то бинӯшад ва худ ба хонаи дарун даромада, духтарашро дилбардорӣ намуд:

– Нигораҷон, духтарам, ту чиҳо мегӯӣ? Ману модарат туро бештар аз ҷон дӯст медорем. Пою қадами ту ба ин ҳавлӣ хурсандӣ овард. Охир, додарат Анварҷон ҳанӯз ширхора аст ва бубин, туро чӣ хел дӯст медорад.

Амали Нигора бачаҳои Аскияро ҳам ба гирдоби яъсу ҳайрат фиганд. Меъроҷ, ки ба сол аз Нигора бузургтар буд, ба назди ӯ омада:

– Нигораҷон, ба ту чӣ шуд? Ин чӣ кори кардаат? Шукр бигӯ, ки падару модар болои сарат парвонаанд. Ба мо нигар: падару модар дорем, вале зиндаятим ҳастем, онҳоро намебинем. Суроғамон намекунанд. Падару модари ту ба мо, бегонаҳо, ин қадар меҳрубону дилсӯз ҳастанд. Нози беҳуда мекунӣ. Магар ба чунин волидайни меҳрубон носипосӣ кардан гуноҳ нест? Нигораҷон, ба ту ҳасад мебарам. Кош рӯзе модари мо ба дидани ману додаракам меомад. Охир, мо ӯро ёд кардаем, ҷинояткор бошад ҳам, бароямон модар аст,-- гуфт ва ашки чашмонашро бо пушти даст тоза карда, давида ба берун баромад.

Нигора каломи аз дарду алам саршори Меъроҷро шу-

нида ба худ омад. Ба модараш нигарист, ки ба як нуқта назар карда, аз ҷояш намеҷунбид, падар бо ӯ саргардон, Анвар бошад, бо тамоми овоз дод зада мегирист.

Мурод аз пешонии Нигора бӯсиду:

– Ҷони ширини падар, меҳрубонаки ман, барои духтарчаи нозпарвардамон- Нигораҷонро фаромӯш кардан моро бубахш,-- гуфт ва ба Хуршеда рӯ оварда идома дод:- Очаҷонаш, маслиҳат ҳамин. Аз ҳамин соат ман бо духтарам Нигора, писаронам Меъроҷу Сироҷ дарс тайёр мекунам, ту бошӣ, бо Анварҷон бозӣ мекунӣ. Фаҳмидӣ?

Аз ин маслиҳат ҳама хушҳолона хандиданд. Хуршеда оҳиста «хайрият» гуфта, гиребонашро дошт ва ба ҳавлӣ баромада, Меъроҷро, ки болои суфа амонат менишаст, модарвор ба оғӯш гирифта гуфт:

– Писарам, аз ту миннатдорам,- ва дасташро ба китфи ӯ гузошта пурсид.- Кӣ модаратро ҷинояткор гуфт? Бофтаи кадом бадсириштест? Модарат дар мусофират мебошад. Имрӯз бисёриҳо дур аз ватан барои ризқу рӯзӣ саргардонанд. Модари ту ҳам. Мебинӣ, ки рӯзе дарро кушода медарояд.

Меъроҷ худро ба ӯ ҷафс намуда, басо ҷиддӣ, ки хоси бачаҳои синну соли ӯ нест, дарди дил кард:

– Апаҷон, ман ҳамаашро медонам, зани тағоям ба ман ҳақиқати ҳолро гуфт. Модарам ҷинояти вазнин содир карда, дар маҳбас афтодааст. Чӣ, модари мо дил надорад? Наход моро ёд накунад? Охир, мо гуноҳе надорем-ку. Ақаллан нома навишта, аз ҳоламон огоҳ мешуд. Агар нишониаш мебуд, худам ба ӯ мактуб навишта мегуфтам, ки дар Тоҷикистон ду дил ба хотири ӯ метапад ва дар орзуи дидани модар шабзиндадорӣ мекунанд. Маро бубахшед, апаҷон! Дар хонаи шумо аз чизе камӣ надорем, аммо хумори модари номеҳрубон азиятам медиҳад. Додаракам хурд аст, аммо ман ҳама чизро мефаҳмам. Дирӯз ҷӯраам Мубориз маро таъна карда, «сағираи бесоҳиб» гуфт. Сахт аламам кард.

Хуршеда, ки ӯро хуб мефаҳмид, чӣ гуфтанашро надониста, оҳе кашид бо сӯз ва насиҳатомез ба ӯ гуфт:

– Писарам, Меъроҷ, фикрҳои бадро аз сар дур кун. Вазифаи ту имрӯз танҳо бо баҳои аъло таҳсил кардан аст. То зинда ҳастам, шумо хор нахоҳед шуд. Рӯзе ҳамаашро мефаҳмӣ. Ба беҳудагӯии мардум аҳаммият мадеҳ, писарам.

– Модарҷон, Меъроҷ! Шумо, аз мо гурехта, чӣ нақша мекашед?- пурсид Нигора ба ҳавлӣ баромада.- Биёед ба хона, шуморо падарам интизоранд.

– Писарам, дасту рӯятро бо оби хунук шӯй, сабук мешавӣ,- дастураш дод Хуршеда.

Меъроҷ дасту рӯяшро бо оби софи ҷӯйча, ки аз миёни ҳавлӣ мегузашт, шусту ба назди Хуршеда омада, ӯро ба оғӯш кашид. Хуршеда ҳис кард, ки Меъроҷ модарашро ёд кардааст. Ашк дар чашмонаш ҳалқа зад, аммо ӯ намехост онро касе бубинад...

* * *

Ҳафтаву моҳ ва солҳо сипарӣ шуданд. Рӯзе Хуршеда аз кор баргашта, ба Мурод рӯ оварда шодиёна пурсид:

– Бародари калонӣ, росташро гӯй, хушхабари маро бо туҳфаи арзандае қадр мекунӣ ё не?- ва рӯзномаеро, ки дар он акси Носирҷон сабт шуда буд, ба дасташ дод.

Мурод ба ин тарафу он тараф нигоҳ карда, айнакашро наёфт. Аз Анвар хоҳиш кард:

– Айнакамро ёфта бидеҳ, писар.

– Айнак болои саратон-ку,- гуфт Анвар ва ба падараш наздик шуда пурсид.- Ин акси кӣ, падарҷон? Ба шумо бисёр монанд аст.

Мурод ба суоли писараш ҷавоб нагуфт. Шишаҳои айнакашро бо рӯймолча тоза карда, ба чашм гузошт ва ба рӯзнома чашм давонда, баъди мутолиаи мақолае, ки акси зикршуда ба он дахл дошт, беихтиёр хитоб кард:

– Офарин, додаракам, аҳсан! Кош падарамон зинда мебуданду бо чунин фарзанд ифтихор мекарданд.- ва ба писараш рӯ оварда гуфт.- Ин акси амакат Носирҷон аст! Ӯро акнун дар тамоми дунё мешиносанд.

Мақола дар бораи дастоварди нодири илмии олими

тоҷик Носирҷон Раҳимов дар шаҳри Маскав маълумот медод.

– Ҳамин пагоҳӣ шумо «падарамро хоб дидам» гуфта будед. Ана, таъбири хобатон, мардак,- гуфт Хуршеда аз хона баромада.- Шодиёнаро кай медиҳед?

Занги телефон баланд шуд. Мурод гӯширо бардошт:

– Ҳа, Маъруфҷон, сиҳату саломат ҳастӣ, келинам Ҳуснiябону чӣ ҳол дорад, Ҳасанҷону Ҳусейнҷон саломатанд? Бале, бале, янгаат Хуршеда рӯзномаро овард, хондам, шод шудам. Барномаи телевизионӣ? Кадом канал? Ҳозир, ҳозир… Анварҷон, дар телевизион дар бораи амакат Носирҷон барнома рафта истодааст, тезтар ёб канали даркориро, писарам!

Мурод аз ҳаяҷон намедонист, чӣ кор кунад. Гоҳ аз ҷояш мехесту гоҳ менишаст. Акси бародар дар экран намудор гашт. Мухбир- духтараки ҷавон бо Носир суҳбатро ба охир расонида гуфт:

– Дар ҳамин ҷо намоиши мо ба охир расид. Суҳбате доштем бо профессор Носир Раҳимов роҷеъ ба кашфиёти нодирашон дар соҳаи энергетика. Хуш бошед, бинандагони гиромӣ.

– Чаро барвақттар ин қуттиро ба кор надаровардед?- пурсид Мурод ва аз писараш хоҳиш кард.- Анварҷон, маро ба Маскав пайваст кун. Амакатро табрик менамоям.

– Ҳой, бародари профессор! Саломатии шумо ба мо даркор, бо ин дили дардманд ин қадар ҳаёҳӯй накунед. Имрӯз шанбе, донишҷӯҳоямон Нигора ва Меъроҷ ба роҳ баромадаанд. Хезед, ягон мурғи марҷонро кушта ба ман диҳед,-- гуфт Хуршеда ба ҳоли шавҳараш хандида.

## МЕЪРОҶ ВА НИГОРА

**«Касе ки домоди хуб дорад, гӯё ки соҳиби писар низ шудааст, аммо домод бад бошад, гӯё духта рашро гум кардааст.»**

Аз «Дурдонаҳои 1000- сола»

Меъроҷ ҳар шаб ба модараш мактуб менавишт, аммо баъди хондан онро даронда мепартофт. Ҳар пагоҳӣ ҳамсабақҳояш авроқи ғиҷиму даридаро дида, ба ҳоли ӯ дилашон месӯхт, аммо чизе намепурсиданд. Ӯву Нигора дер боз ҳамдигарро дӯст медоштанд, вале дар ин боб ба касе сир намекушоданд. Охир, ҳама онҳоро акаю хоҳар медонистанд. Нигора ҳар рӯз талаб мекард:

– Навис, дуои модаратро бигир. «Модар розӣ, Худо розӣ»,- мегӯянд. Бе дуои неки модарат мо хушбахт намешавем.

– Наметавонам, дастам пеш намеравад. Дар бист сол на меҳрашро дидаам, на насиҳаташро шунидаам. Барои чӣ дуо бигирам?

– Ин хел нагӯй, Меъроҷ, ӯ модарат аст, туро ба дунё овардааст. Ҳар кас дар ҳаёт хато мекунад. То ӯро набахшӣ, ману ту хушбахтиро намебинем.

– Нигораҷон, чаро аз падару модари худат ёд намекунӣ? Охир, онҳо барои ман ҳам падару модаранд. Агар розӣ бошӣ, ба муаллима Бахтиниссо Ҷалилова ҳамаашро арз мекунам.

– Девона шудаӣ!? Баъди ин ман чӣ хел ба рӯи падару модарам нигоҳ мекунам? Охир, ту бояд як соли дигар бихонӣ, ман бошам, акнун донишҷӯи соли дуюм ҳастам. Дар бораи кадом тӯй гап мезанем? Илтимос, як соли дигар тоқат кун,- хоҳиш мекард Нигора.

– Не, ҳамкурсҳо парешон нашуда, тӯй кардан мехоҳам,- гапашро такрор мекард Меъроҷ...

* * *

Таътили зимистонаи донишҷӯён оғоз ёфт. Меъроҷ ба деҳа баргашта, тибқи маслиҳати пешакӣ роҳи хонаи муаллима Бахтиниссо Ҷалиловаро пеш гирифт. Пайвандон Нигораро танҳо дида суолборон карданд:

– Барои чӣ танҳоӣ? Меъроҷ куҷост? Чаро қаблан хабар надодӣ, пешвозат мегирифтем.

– Ҳамроҳи Меъроҷ омадам, коре зарур доштааст, ҳозир меояд,- онҳоро ором кард Нигора, аммо худ дар андеша буд. «Худоё, шармандаам накун! Муҳаббати моро падару модар мепазиранд ё не? Агар розӣ нашаванд-чӣ? Меъроҷ низ дер кард. Куҷо шуда бошад. Шояд муаллима ӯро шунидан нахостааст?»- аз дил мегузаронд духтар. Тоқати нишастан надошт. Дар ҳуҷра менишаст, лекин хаёлан дар кимкуҷо сайр мекард. Меъроҷ ҳам ба ҳавлӣ даромада, бо оғӯши боз ба истиқболи Мурод рафт. Хуршеда аз даҳлез ӯро дида:

– Сахт хавотирам кардӣ, писарам,- гӯён ба пешвозаш баромаду аз пешониаш бӯсида, ба сари дастархон даъваташ намуд.

Меъроҷ нигоҳашро аз Нигора мегурезонд. Бечора духтар бо изтироб аз худ мепурсид ва ба Офаридгор илтиҷо мекард: «Чаро ӯ нигоҳашро аз ман мегурезонад? Худоё, ишқи моро дар паноҳат нигоҳ дор!»

– Канӣ, азизонам, дастҳоро шуста, ба дастархон наздик шавед! Ғизои болаззате бароятон пухтам. Агар эҳтиёт накунед, ангуштҳоятонро фурӯ мебаред,- хитоб кард Хуршеда ва ҳама даъваташро пазируфтанд. Меъроҷ сарашро набардошта хӯрок мехӯрд. Аз гулӯи Нигора бошад, об намегузашт.

–Духтарам, чизе намехӯрӣ, дар роҳ монда шудӣ, беморку нашудаӣ?

– Не, модарҷон, иштиҳоям банд, дилам чизе намехоҳад, рафта дароз мекашам,- гуфт Нигора аз сари дастархон хеста.

Ғизои шомро тановул карда, дастархонро ғундоштанд ва ҳар кас ба коре банд шуд.

– Духтарам Хуршеда, дар хона ҳастӣ?- садо баланд кард муаллима Бахтиниссо ҳамроҳи набераaш ба ҳавлӣ даромада.

– Биёед, муаллимаҷон, биёед!- бо чеҳраи кушод ва табассуми самимӣ ӯро истиқбол намуд Хуршеда.- Дар ин бевақтӣ, муаллимаҷон, шамоли куҷо шуморо ба ҳавлии факиронаи мо овард?

– Хавотир нашав, духтарам, омадани Нигораҷонро шунида хостам табрикат намоям.

– Хуб кардед, муаллимаҷон! Шаб дароз, чақ-чақ карда мешинем,- гуфт Хуршеда ва барои дастархон густурдан ба даҳлез даромад.

– Духтарам, ташвиш накаш, як чойи кабуди талх дам кунӣ, кифоя,- гуфт муаллима.

Нигора овози муаллимаро шунида, вонамуд кард, ки хоб аст, Меъроҷ бошад, гӯё дар пӯсташ кайк даромада бошад, беқарор шуд. Мурод овози муаллимаро шунида, ба истиқболаш баромад:

– Хуш омадед, муаллимаҷон! Марҳамат, ба ҳуҷра.

– Не, писарам, дар ҳавои тоза суҳбат карда мешинем.

Бахтиниссо аз чӣ оғоз кардани суҳбатро фикр мекард. Ягон вақт дар чунин ҳолат намонда буд. Ба Меъроҷ «ман аз уҳдаи ҳалли ин масъалаи ҷиддӣ баромада метавониста бошам?»-гуфта хоҳишашро рад карданӣ буд, вале гардани каҷ ва бепадару модар будани ӯро пеши рӯ оварда, «хайр, писарам, як бало мекунам. Дар кори хайр ҳама малоик мададгор мешавад,»- ба гардан гирифт ӯ, аммо ҳозир чӣ гуфтанашро намедонист.

– Як пиёла чой, муаллимаҷон,- гуфт Хуршеда ӯро аз банди андеша раҳонида.

– Ташаккур, духтарам,- гуфт муаллима ва пиёлаи чойро гирифта идома дод.- Хуршедаҷон, ман ба хостгорӣ омадаам. Шумо моле доред, хушхарид, ман харидораш ҳастам. Дар боғатон Нигораҷон ном гулеро парвардаед, булбуле дорам, ки ба ин гул ошиқ аст. Агар розӣ бошед...

– Муаллимаҷон, шӯхӣ накунед,- пеши сухани ӯро гирифт Хуршеда.- Нигораҷон кӯдак аст, баъд кӣ будани ҷавонро мо намедонем. Шӯхӣ ҳам ба эбаш, муаллимаҷон.

– Он ҷавон, он ҷавон ном дорад, Меъроҷ …

– Чӣ- й- й, Меъроҷ!?- Рангу рӯи Хуршеда сап-сафед канд.

Муаллима ӯро дар ин ҳол дида, пиёлаи чойро ҷонибаш дароз кард. Хуршеда базӯр пиёлаи чойро гирифта, то охир нӯшиду як лаҳза чашмонашро пӯшида гуфт:

– Муаллима, мурдани одам ҳам осон будааст, қариб талхакаф шуда будам. Ҳеҷ боварам намеояд, ки байни ин ду ягон ҳиссиёте бошад. Охир, онҳо чун акаю хоҳар калон шудаанд. Мардум чӣ мегӯяд? Ҳама чизро интизор будам, аммо инро не. Худоҷон, шармандаам накун!

– Хуршеда, духтарам! Аз кадом шармандагӣ гап мезанӣ? Ду ҷавон ҳамдигарро дӯст доштаанд. Чӣ, дӯст доштан гуноҳ аст? Агар ин суханҳоро ягон зани бесавод мегуфт, ҳайрон намешудам. Бечора Меъроҷ ба кӣ мурочиат карданашро надониста, наздам омаду рози дилашро пешам ифшо намуд. Агар ба тағоҳояш мегуфт, эҳтимол кор ранги дигар мегирифт...

– Муаллима, медонед, ки Аския ба ин кор ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ намешавад. Ку, аз Мурод пурсем. Аз шумо хоҳиш мекунам, бо ӯ худатон гап занед...

Мурод муаллимаро бодиққат шунида, аз ҳамсараш пурсид:

– Занакҷон, ту аз муносибати онҳо дарак доштӣ?

– Акнун мешунавам, бисёр дар ташвиш ҳастам. Одамон чӣ мегӯянд?

– Ба одамон чӣ кор дорӣ? Онҳо ягон рафтори бад накардаанд- ку? Магар ду ҷавон ҳаққи якдигарро дӯст доштан надоранд? Доранд! Дар давраи таътили тобистона тӯй мекунем. Бародаронамро даъват мекунем. Носирҷон ҳам бо аҳли оилааш омаданӣ буд. Беҳтарин кор мешавад. Муаллима, дуои хайр аз Шумо!- гуфт Мурод.

– Муродҷон, писарам, ҳамеша бо мардон маслиҳат кардан осонтар аст, ин раиса қариб маро талхакаф карда

буд,- изҳори хушнидӣ намуд муаллима ва даст ба дуо кушод.- Илоҳо, ин ду ҷавон хушбахт, номбардори падару модар ва дастгири пиру барно шаванд. Дар ҷамъият мавкеъ пайдо карда, ба халқу меҳан хизмат кунанд. Омин!

Хуршеда аз сандуқ як рӯймоли калони сафед бароварда гуфт:

– Муаллимаҷон, саратонро сафед кунам. Охир, Шумо ба хостгорӣ омадаед, сиёҳ наравед.

– Ана, ин корат ба ман маъқул аст, духтарам, расми хуби тоҷиконро гум макунаш ҳамин-дия,- хушгӯӣ кард муал лима. Ҳама хандиданд.

Муаллимаро гусел намуданду Мурод дар лаби суфа нишаста, ба Хуршеда гуфт:

– Занакҷон, туро намедонам, аммо ман хурсанд. Нигораву Меъроҷ ҷуфти муносибанд. Интихоби онҳо табъи дили ман аст.

– Хонданашон чӣ мешавад? Охир Нигора боз се соли дигар бояд бихонад. Кӯдакдор шаванд-чӣ?- пурсид Хуршеда ташвишомез.

– Ғоибона таҳсил мекунанд. Баъд, ману ту барои чӣ ҳастем? Кӯмак мерасонем, момаи Хуршеда,– гуфт Мурод бо завқ хандида.

Хуршедаро то субҳ хоб набурд. Аз як паҳлӯ ба дигар паҳлӯ мегашт. Сад фикр ноҳинҷораш мекард. Аскияро ба ёд овард. «Саҳар мактубаш менависам. Не, не, ӯ ба ин издиоҷ розӣ намешавад. Чӣ бояд кард?»- мепурсид аз худ.

– Занакҷон, барои чӣ худатро беҳуда азоб медиҳӣ? Кори баде нашудааст-ку? Хоб кун! Фардо кор,- оромаш мекард Мурод...

Рӯзи дигар, баъди маҷлис, Хуршеда қаламу коғаз гирифта, ба Аския мактуб навишт.

*«Ассалому алайкум, азизам Аския! Манам дуогӯи ту Хуршеда! Зиндагӣ пастию баландӣ ва санҷишу имтиҳони зиёде дорад ва мо, хоҳем- нахохем, онҳоро аз сар мегузаронем. Мехоҳам ба ту хабари хушеро бирасонам. Фарзандонамон Нигора ва Меъроч ба якдигар дил бохтаанд. Онҳо ҷуфти муносибанд. Ману Мурод, бо ризояти Худованд,*

*маъракаи арӯсиашонро бо тамоми расму оин ва талаби рӯз мегузаронем, аммо дар ин рӯзи хурсандӣ дуои модаронаи ту ба фарзандат беҳтарин тӯҳфа хоҳад шуд. Хоҳиш мекунам, ба писарат бинавис, келинатро табрик бигӯ ва ба онҳо дуои модарона бидеҳ.*

*Бо саломy эҳтиром ва меҳри беандоза дугона ва хоҳарат Хуршеда.»*

Хуршеда лифофаро ба ронандааш дода хоҳиш кард, ки маркази ноҳия рафтан баробар, аз шуъбаи алоқа мактубро таъҷилан бифиристад ва худ оҳи чуқуре кашида, гӯё бори гаронеро аз китф раҳо карда бошад, сабук нафас кашид.

Бист рӯз гузашт. Дарсҳо ҳам ба охир расиданд. Таътили тобистона. Рӯзи тӯй муайян шуд. Ин тӯйро аз ҳама зиёд Мурод интизор буд, чунки бародаронаш бояд ҷамъ мешуданд. Ҳафтае пештар Носирҷон, Валентина ва писарашон- Анвар, ки Алёша номаш мегирифтанд, ба ҳавлии падарӣ қадам монданд. Маъруфу Ҳусния ҳам рухсатии меҳнатӣ гирифта, бо фарзандонашон Анвар ва Ҳасанҷону Ҳусейнҷон ба деҳа омаданд. Як рӯз пеш аз тӯй Латофат-- номзади додари ғурамаргашон- Анвар меҳмони Мурод шуда, ҷавонеро, ки бо худ оварда буд, ба ӯ ва аҳли хонадон шиносонд:

– Шинос шавед: писари ман Анвар.

Мурод ҷавонро самимона ба оғӯш кашида, бо пушти даст ашки ба бари рӯяш шоридаро пок карду гуфт:

– Гармии оғӯши додарамро дар ту эҳсос кардам, Анварҷон!

Рӯзе қабл аз тӯй ҳавлии Мурод серодам буд. Занҳо нону кулча мепухтанд, мардҳо чорво кушта, барои оши палав сабзӣ реза мекарданд. Духтарҳо ҷиҳози арӯсро омода месохтанд, дӯстони шоҳ ҳавлиро барои базм тайёр мекарданд. Хулоса, ҳама серкор буданд. Мурод ба ин тараддуд нигариста, амаки Раҳимро ба ёд овард ва аз дил гузаронид: «Агар падарам зинда мебуданд ба писарону набераҳояш нигариста, аҷаб хушҳол мегаштанд.»

Нигоҳаш ин дам ба оби зулоли ҷӯйча расид, ки аз пу-

робӣ роҳашро дигар намуда, ҳавлиро лой мекард. Писарашро, ки каме дуртар бо дӯстонаш машғули кор буд, ҷеғ зад:

– Анварҷон!

–Лаббай!- гӯён чор Анвар- Анвари писари Маъруф, Анвари писари Носирҷон, Анвари писари Латофат, Анвари писари худаш ба наздаш давида омаданд. Мурод аз хурсандӣ чи гуфтанашро намедонист. Ӯ шод буд аз он ки номи додараш-Анвар то имрӯз зинда аст.

Хуршеда ҳама хешу таборро ба болои суфа даъват кард. Суфа барояшон тангӣ мекард. Оилаи тифоқ ҳама ҷамъ буданд: насиҳати падар амалӣ гашта буд. Муроди аз умри гузашта ва кори кардааш қонеъ хурсандиашро намедонист, чӣ тавр ифшо намояд. Дар ҳамин лаҳзаи пурфараҳ хаткашон ба ҳавлӣ даромада, ба назди Хуршеда омад ва номаеро ҷонибаш дароз карда гуфт:

– Раиса, ба шумо номаи таъҷилӣ.

Хуршеда мактубро гирифта барои кушоданаш ҷуръат намекард. Мурод ба наздаш омада пурсид:

– Занакҷон, чӣ шуд? Чаро меларзӣ? Мактуб аз кӣ? Худатро ба даст бигир.

Нома аз Аския буд. Хуршеда ба ҳуҷра даромада номаро кушод. Аския навишта буд:

*«Салом, Хуршеда! Мактубатро гирифтам. Барои фарзандонамон шод шудам. Агар тавонӣ, маро бубахш. Дар нисбатат бисёр ноҳақ будам. Туро гунаҳкори ҳамаи бадбахтиҳоям медонистам, дар асл чунин набуд. Аз ман хоҳиш кардаӣ, ки ба писарам нависам. Натавонистам. Охир, чӣ ҳам менавиштам? Ман барои онҳо чӣ кардаам? Фарзандонамро ба ту ва туро ба Худо месупорам!*

*Дугонаи пургуноҳат Аския.»*

Мурод дар даст як пиёла оби хунук ба ҳуҷра даромад. Хуршеда ашки чашмонашро тоза карда, мактубро ба Мурод доданӣ шуд.

– Хуршеда, шарт аст ин номаро хондани ман?

– Бале, Муродҷон! Ба маслиҳати ту ниёз дорам.

Мурод бодиққат мактубро хонда, ба ҳамсараш мас-

лиҳат дод:

– Агар маслиҳати маро донистан хоҳӣ, дар рӯзи хурсандии фарзандон онҳоро ғамгин накун. Ин мактуб вуҷуд надорад, тамом. Ба назди меҳмонҳо мебароем.

Зану шавҳар бо хотири болида ва чеҳраи хандон ба назди меҳмонҳо баромаданд.

– Пагоҳ тӯй!- ба онҳо рӯ оварда сухан оғоз кард Хуршеда.- Ҳама аҳли оила бо ҳам меҳмонҳо, рафиқони домод ва дугонаҳои арӯсро қабул намуда хидмат мекунем. Вазифаҳо тақсим шудагӣ. Ҳамаамон ба кадом кор машғул шуданамонро медонем. Охир, мо оилаи намунавием-ку!

***Поён***

# ҚИССА,
# ҲИКОЯ ВА МАСАЛҲО

## ПУШАЙМОНӢ

*Қисса*

Посе аз шаб гузашта буд. Ба ғайр аз шир–шири ҷӯйчаи назди хавлӣ садое атрофро халалдор намекард. Санавбар оҳиста аз ҷойгаҳ бархоста, кӯрпаи болои фарзандонашро дуруст пушонду ба берун баромад. Болои кати таги долон амонат нишаста, ба осмон назар кард. Дар чеҳраи аз ғуссаю ғам коҳидаю афсурдааш, аз таровату латофат ва малоҳату нафосате, ки пеш дошт, асаре намондаву худ шабаҳеро мемонд, ки базӯр роҳ мегашту сухан мегуфт.

Осмон низ чун Санавбар ғамгин буд, ки на ситорагонашро нишон медоду на моҳашро. Аз ҳавои форам нафаси амиқ кашида, боз ба осмон назар кард. Ҷо–ҷо ситораҳоеро дид, ки аз паси абрҳои сиёҳ хира намудор буданд.

Дар байни ситораҳо ситораи худро чуст. Аммо…

Вақте ки дар хонаи падар бо апаҳояш болои кати ҳавлӣ рахти хоб меандохтанд, то хобашон бурдан аз осмон ҳар кас ситораеро интихоб мекард, бо якдигар ба ҳазлу шӯхӣ мешуданд. Аз ҳама ситораи дурахшонро Санавбар пайдо карда, ба ӯ рози ҷавонӣ мегуфт. Чи лаҳзаҳои ширину гуворо буданд он лаҳзаҳо! Дур аз ташвишу нобасомониҳои зиндагӣ.

Санавбар қатъӣ қарор дод: пагоҳӣ мехезаду ба хусуру хушдоман мақсадашро баён месозад. Розӣ шаванд хуб, агар не, ихтиёрашон…

***

Санавбар баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба коллеҷи тибӣ супорида, имтиҳонҳои қабулро бомуваффақият супорид. Донишҷӯ шуд. Орзу дошт таҳсилашро дар до-

нишгоҳи тиб давом диҳаду духтур шавад, аммо тангии рӯзгор барои ба шаҳр рафта хондан имкон надод. Баъди марги падар модар онҳоро танҳо калон кард. Худо ба ҳамсояашон – амаки Мирзо Кабиров баракат диҳад, ки холаи Савриро наздаш хонда, дар беморхона ҷои кор дод. Онҳо дар ҳамсоягӣ – девордармиён зиндагонӣ мекарданд. Доимо таъкид мекард, ки одам, хоҳ зан бошад, хоҳ мард, бояд дониш бигирад ё ягон касберо биомӯзад.

– Ҳамсояҷон, агар маълумот медоштед, фаррош нею ҳамшираи шафқат мешудед. Дар чунин рӯзҳои вазнин аробаи зиндагиро кашидан ба шумо мушкил намешуд— мегуфт ӯ.-- Охир, ҳоло ҳатто оилахои мардинадор базӯр зиндагиро саришта мекунанд. Барои ҳамин гапи маро гиред, монед, ки Санавбар ба мактаби олӣ рафта хонад. Соҳиби касб шавад. Ҳар гоҳе дар маҷлиси падару модарони мактаб иштирок намоям, муаллимон, роҳбари синф ва директори мактаб одобу ахлоқ ва донишомӯзии Санавбарро таъриф мекунанд. Ба писарам Зафарҷон доимо Санавбарро мисол меорам, ки бояд мисли ӯ бихонӣ.

Зафар – писари сардухтури беморхонаи деҳа ва Санавбар ҳамсинф буданд ва дар ҳамсоягӣ зиндагонӣ мекарданд. Дар азхудкунии фанҳо мусобиқа доштанд. Дар саволу ҷавобе, ки муаллимон ташкил мекарданд, Санавбар бартарӣ нишон медод. Фанҳои химия, биология ва забони русиро бештар мехонданд, чунки падар ба онҳо фаҳмонида буд, ки ин фанҳо барои ба донишгоҳи тиб дохил шудан бештар лозиманд. Онҳо аз муаллима Екатерина Димитровна дарси иловагӣ мегирифтанд. Баъди дарс ба хонаи муаллима рафта, дар корҳои рӯзгор ба он кас ёрӣ мерасониданд ва соате сабақ гирифта, ҳарду ба хона бармегаштанд.

Екатерина Дмитровнаро на танҳо дар мактаб, балки дар тамоми деҳа дӯст медоштанд ва ҳурматашро ба ҷо меоварданд. Ин духтараки русро муҳаббати тоҷикписар Наим аз Ростови лаби Дон ба Тоҷикистони биҳиштосо оварда буд. (Наим он ҷо хидмати сарбозӣ карда буд) Екатерина бо расму русуми тоҷикӣ ошно гашта, ду писараш-

ро бо духтарони деҳа хонадор карду онҳоро хононд, яке духтур ва дигаре мисли хушдоманаш дар мактаби деҳа муаллима аст.

Екатерина Димитровна ба тоҷикӣ хуб суҳбат мекунад. Зани ҳалиму меҳрубон, вале дарсро сахтгирона мебарад, ягон калима ба забони тоҷикӣ намегӯяд.

Қобилият ва кӯшиши Санавбарро дида, мегуфт:

– Санавбарҷон, ту албатта, хонданро давом деҳ, ғуломи зиндагӣ нашав, дар миёни чор девор худатро хор накун. Агар маълумот дошта бошию ба атрофиён дасти ёрӣ дароз кунӣ, соҳибэҳтиром мегардӣ. Қадрат мекунанд. Бе ҳунару бе маълумоту бе касб сархам, гапшунав мешавӣ.

Аз ин суханони пандомези муаллимаи азизаш Санавбар рӯҳу илҳом мегирифт. Бо Зафарҷон ҳарду қарор доданд, ки ба Донишгоҳи тиб дохил гардида духтур мешаванд, ба деҳа баргашта хизмати ҳамдеҳагонро ба ҷо меоранд.

– Ман пойҳои дардманди очаҷонамро табобат мекунам,– орзу мекард Санавбар.

– Ман ба ҷои падарам сардухтур мешавам,–ҳазл мекард Зафарҷон.- Охир, он кас пир шудаанд, ман ки донишгоҳро хатм кардам, бояд он кас истироҳат кунанд.

Рӯзе ки Зафарҷон ҳамроҳи падар барои супоридани ҳуҷҷатҳояш ба шаҳр раҳсипор гашт, Санавбар ба ҳавлии ҳамсоя ва ҳамсинфаш даромада,бо ӯ хайрухуш кардан хост.

– Санавбар, бори дигар фикр кун, биё, якҷоя ба пойтахт равем, донишатро ҳайф накун охир, дониши ту аз ман ҳам болотар аст.

– Зафарҷон, ту медонӣ, ки ин хоҳиши ҷонии ман аст, аммо афсӯс…Ту ҳамаашро медонӣ, дасти норасо, баъд модарам…

Санавбар то поёни деҳа Зафар ва падари ӯ Мирзо Кабировро гусел кард. То омадани автобус мунтазир шуд. Зафар ва падараш ба автобус нишастанд. Автобус ҳаракат карда, аз назар ғоиб шуд. Санавбар ҳамоно дар болои тепа аз қафои онҳо нигоҳ мекард. Ғамгину сархам ба хо-

наашон баргашт. Холаи Саврӣ ҳолати духтарашро дида, чизе нагуфт, хомӯширо авло донист.

Пагохӣ Санавбар чун ҳамеша аз хоб барвақт бархоста, ҳавлӣ рӯфт, модар ягона гови дар бисоташон доштаро, аз ҳавлӣ берун бароварда, ба подаи деҳа ҳай кард. Дар сари кӯча бо ҳамсояашон холаи Зебӣ дучор омада, ҳоли ҳам пурсиданд.

– Ҳамсоя, мегӯянд, ки дина Санавбар аз паси бачаи Мирзои духтур сарлучу пойлуч гиря карда, то поёни деҳа рафтааст? Тавба…Эхтиёт кун, духтари бепадар шармандаат накунад!

Холаи Саврӣ қаҳролуд ба холаи Зебии серҷоғ нигоҳ карду чизе нагуфта ба хавлӣ баргашт. Холаи Саврӣ ба ҳавлӣ даромада буд, ки:

– Очаҷон, чой дам кардам, ширбат ҳам тайёр,– гуфта Санавбар докаи сап–сафеди рӯи дастархонро кушода, модарашро болои суфа ба наҳорӣ хонд.

Модар бо меҳр сари духтарашро силакунон гуфт:

– Барака ёбӣ, духтарам, – ва пиёлаи чойро ба даст гирифта давом дод:– Бисёр ғам нахӯр, духтури калон нашудӣ, духтури хурд мешавӣ, ана дар маркази ноҳия коллеҷи тиб кушода мешудааст. Даромада хон, ҳамшираи шафқат мешавӣ. Дар пешаки худам маълумот мегирӣ, соҳиби касб мешавӣ. Ман ҳам хотирам осуда. Аз гапу гапчаҳои бемаънӣ метарсам, духтарам.

Санавбар аз рухсори модар бӯсид:

– Рахмат модарҷон, ман ҳеҷ гоҳ рафторе намекунам, ки боиси малоли хотири шумо шавад. Бо обрӯ хонда табиб мешаваму пойҳои шуморо табобат мекунам.

Санавбар ҳуҷҷатҳояшро ба коллечи тиб супорида, донишҷӯ шуд. Орзу дошт, ки баъд дар донишгоҳи тиб хонад. Аммо орзуҳо орзу монданд, амалӣ нашуданд. Ба ҳамаи ин Содиқ зомин шуд.

Содиқ ва Санавбар дар ҳамсоягӣ зиндагонӣ мекарданд. Содиқ баъди адои хизмати аскарӣ ҷавони кадбаланди хеле зебо шуда буд. Ҳар рӯз пеши роҳи Санавбарро

гирифта гап мепартофт:

– Санавбар, ин қадар духтари зебо шудай. Қаду қоматат мафтуну чашмони шаҳлоят маҷнунам карданд. Чӣ кор кунам, ки ба ман нимнигоҳе кунӣ?

Санавбар тамоман фикри шавҳар кардан надошт. Ба гаппаронию суханпардозиҳои Содиқ аҳамият надода, роҳашро давом медод.

Содиқ дид, ки бо ин роҳ дили духтарро ёфтан мушкил дилашро ба падару модараш кушод. Падару модар аз интихоби писарашон бисёр хушҳол шуданд, чунки оилаи Санавбарино дар деҳа ҳамчун оилаи хуб шинохта мешуд.

Волидайни Содиқ – амаки Усмон ва холаи Собира ба хонаи Санавбарино дастархон бардошта хостгорӣ рафтанд.

– Ҳамсояҷон, мо бо хоҳиши писарамон Содиқ ба хонаи шумо омадем, –гуфта амаки Усмон сухан оғоз кард.– Содиқҷон духтари шуморо писандидааст. Интихоби ӯ ба мо ҳам маъқул шуд. Агар шумо розӣ бошед, мо тайёрии тӯйро бинем.

– Хуш омадед, ҳамсояҷон, хушбахт падару модаре, ки ба хонаашон хостгорҳо меоянд. Шумо медонед, ки ман панҷ фарзандро бе падар калон кардам, рахматӣ падарашон орзуву ҳаваси фарзандонашро надида, бо ин дунё падруд гуфт. Ҳама падару модар орзу дорад, ки фарзандаш хушбахт шавад, ҷуфти муносиб ёбад, дар зиндагӣ азоб накашад. Агар духтарам розӣ бошад, ман зид нестам, –гуфта бо духтараш маслиҳат карданро лозим донист.

Хостгорҳо аз хонаи Санавбарино бо табъи болида баромаданд.

Модари Санавбар духтарашро наздаш хонда, бо ӯ дар бораи меҳмонҳои омада, гап кушод:

– Духтарам, ин меҳмонҳо хостгорҳои ту буданд. Содиқ дар пеши мо калон шуд, бачаи боодоб аст, ана хизмати аскариро хам адо карда омад. Агар ту розӣ бошӣ, тӯй кунем. Тарбия кардани духтари бе падар душвор аст, духтарам, мехоҳам бо обрӯ ва тӯю тамошо туро хонадор кунам.Чӣ гуфтӣ, духтарам?

– Модарҷон, ҳоло ман нияти шавҳар кардан надорам, мехоҳам хонда, духтур шаваму шуморо, ки тез–тез бемор мешавед, табобат кунам. Шавҳар кардан ба ҳеҷ куҷо намегурезад. Охир, Содиқ ягон маълумот ё касбу ҳунар надорад. Пагоҳ зиндагии оилавиро чӣ хел пеш мебарад?–гуфт бо сари хам.

Хостгорҳо рӯздармиён омада, Савриро ба ҷону ҳолаш намемонданд. Хешу табор ҳам ба миёна даромада, «духтари қадрасро дар хона чӣ манъ мекунӣ?»– гуфта холаи Савриро насиҳат мекарданд.

Оқибат холаи Саврӣ бо Санавбар ҷиддӣ гап зада, хоҳишу илтиҷо ва талаб кард, ки ба тӯй розӣ шавад.

–Модарҷон, ман ба шарте розигиамро медиҳам, ки ба хондани ман монеъ нашаванд.

Қудоҳо ба шарти келин розӣ шуданд.

–Бигузор хонад, ман барои кору бори хона ду келин дорам,– гуфта холаи Собира розӣ шуд.

Масъала пухт, тарафҳо ба тӯй тайёрӣ медиданд. Калоншавандаҳои деҳа камхарҷу батанзим гузаронидани тӯйро ба амаки Усмон маслиҳат дода бошанд ҳам, ӯ боз кори худро кард.

–Тӯй тӯйи ман, барои обрӯи писарам ва худам тӯе мекунам, ки мардум ангушти ҳайрат газанд,–-гуфта дар масҷиди деҳа ба ҳама рӯзи тӯйро эълон кард.

Се шабу се рӯз мардуми деҳа, хешу табори дуру наздик, рафиқони домод тӯйхӯрӣ карданд.

Санавбар баъди як ҳафтаи тӯй барвақт аз хоб бархоста, пас аз анҷоми корҳои ҳавлӣ либосҳояшро пӯшиду барои ба дарс рафтан омодагӣ гирифт. Азбаски Содиқ аз хоб нахеста буд, ба хушдоманаш муроҷиат кард:

–Холаҷон, ман ба дарс рафтам, - ва ба сӯи дарвоза равона шуд.

–Келин, аз шавҳарат пурсидӣ, ки ба хондан рафта истодаӣ?– гуфта ба хонаи хоби Содиқ ишора кард.

–Не, холаҷон, он кас хоб.

–Хоб бошад, то бедор шуданаш мунтазир шав, охир. Содиқ шавҳарат, аз ӯ напурсида, ту ҳуқуқи аз ҳавлӣ ба-

ромадан надорӣ,–гуфта холаи Собира ба хонаи хоби худ даромад.

Санавбар дар байни ҳавлӣ ҳайрон монд. Аз роҳаш баргашта, ба хона даромад. Ба соати деворӣ нигарист, ки ба дарсаш дер шуда истодааст. Шавҳарашро бедор карда, мақсадашро баён кард.

–Ман барои он зан нагирифтаам, ки дар кӯчаҳо худро зебу зинат дода, равуо кунад. Хонда шудӣ, шин дар хона! – гуфт Содиқ ва рӯяшро ба тарафи девор гардонида хоб кард.

Тамоми рӯз Санавбар бо хавоси парешон буд. «Охир, ваъдаи онҳо чӣ шуд? Барои чӣ маро фиреб доданд? О, ман танҳо бо он шарт ба тӯй розӣ шуда будам, ки хонданамро давом медиҳам. Пас хоҳиши ман барои ӯ ҳеҷ аст?»

Ин саволҳои беҷавоб дилашро торик карданд. Зарбаҳои сахти қалб майли шикастани хонаи дилро доштанд. Кадом қуввае буд, ки ӯро базӯр нигоҳ дошт. Худдорӣ кард. Соатҳои даҳи рӯз шавҳараш аз хоб бархост. Санавбар бо табъи хира назди Содиқ дастархон кушод.

–Чӣ қошу қавоқат овезон, мисли абри сиёҳ дар хавлӣ гаштаӣ? Ё мехоҳӣ, тезтар аз хавлӣ баромада, бо ҳамкурсон сайругашт кунӣ? Ё ягон кас туро дар назди мактабат интизор? Барои чӣ ҷавоб намедиҳӣ?

Санавбар чунин муомилаи дурушт ва суханони дағалро мунтазир набуд. Дар ҳафтаи аввали зиндагӣ шунидани ин суханҳои носазо барои ӯ даҳшат буд. Ӯ аз шавҳар меҳру муҳаббат, навозиш, сухани ширинро интизор буд. Аз шунидани ҳарфи муҳаббат ба осмонҳо, ба шамсу қамар парвоз карданӣ буд.

Духтар ин лаҳза чун гули пажмурдаи берангу бӯйи баргҳояш афсурдаю хушкида мехост фиғон занад. Дод гӯяд. Ӯ давида ба хонаи хобаш даромаду худро болои рахти хоб партофта ашк рехт. Қатраҳои ашки шӯр аз рухсораҳои гулгун ба лабонаш шориданд. Ӯ шӯриро чашида, аз ҷояш якбора бархост. Қатраҳои ашк ба домонаш рехтанд. Ӯ ба андеша рафт: ана, барои чӣ духтарон ва занонро шӯрдоман мегуфтаанд.

Не, ӯ ҳеҷ гоҳ шӯрдоман шуданӣ нест. Ҳамаашро ба мо-

дар гуфта, пагоҳ ба дарс меравад, мехонад, духтур мешавад…

Бегоҳӣ модараш аввалин бор баъди тӯй дар як табақи калон оши палав бардошта ба дидорбинии духтараш омад. Санавбар аз дидани модараш шод шуда, бо шитоб дастархони модарро аз дасташ гирифт.

– Биё, қудоҷон, биё,- гуфта холаи Собира меҳмонро ба хона хонд.

– Не, қудоҷон, болои суфа мешинем, ин ҷо ҳаво тоза, баъд ман вақти зиёд ҳам надорам, дар хона кор бисёр, – гуфта холаи Саврӣ серкориро баҳона кард.-- Санавбарро бисёр ёд кардам. Ҳеҷ гоҳ аз наздам дур нашуда буд. Чизе гумкардагӣ барин дар ҳавлӣ гаранг–гаранг мегардам, бе падар калон карда, бо обрӯ тӯй кардани духтар ҳам дар ин замона ба ҳар кас насиб намегардад,–- холаи Саврӣ бо гӯшаи рӯймоли калони сафедаш ашки чашмонашро пок кард.

Санавбар шукргӯйии модарро дида, нахост ӯро ғамгин кунад. Охир, модари зор бо чӣ азобҳо, танҳо, онҳоро калон кард. Азбаски зани кадбону, ҳунарманд ва чевар буд, дар тамоми маъракаҳои деҳа ӯро ба ёрӣ мебурданд. Дар тӯйҳо нону санбӯса мепухт, куртаю кӯрпаю болиштҳои арӯсон, ҷома ва тоқии домодҳоро медӯхт. Он чизеро, ки барои ҳаққи хизмат лоиқаш медонистанд, ба хона оварда, панҷ фарзандашро хор шудан намемонд. Бегоҳиҳо дар касалхонаи деҳа фаррошӣ мекард. Баъзан аз он ҷо низ луқмае ба фарзандонаш меовард.

Санавбар ҳар гоҳе барои ёрӣ ба модар беморхона мерафт, занони хилъатсафедро дида, ҳавасаш меомад. Ӯ низ мехост мисли онҳо бошад…

– Писарам, Содиқҷон, берун баро, холаат омадааст,– гуфта холаи Собира писарашро ҷеғ зад.

Аз хона Содиқ баромада, тарафи холаи Саврӣ нигоҳи сарду босалобате карда гуфт:

– Хола, нағз ҳастӣ ?– ва аз ҳавлӣ берун шуд.

Дар ҳавлӣ як лаҳза хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Аз ин

вохӯрии хунуки писараш холаи Собира низ ҳиҷолатомез ба холаи Саврӣ:

– Қудоҷон, ҷавонӣ – дия,– гуфта рафтори писарашро баҳо дод.

Дили захмини Санавбарро рафтори шавҳараш якбора ба дард овард. Ин лаҳзаҳо ӯ ором буд, аммо дар сар чӣ хаёле ва дар дил чӣ шӯре дошт. Ба ҳоли модар дилаш сӯхт, вале хомӯширо авло донист.

Баъди як моҳ Содиқ барои кор ба Русия рахти сафар баст. Карзе, ки падар барои тӯяш гирифта буд, бо фоизҳояш дучанд шуд. Содиқ, ки на касб дошту на маълумот, то ба он рӯз бекор дар хона нишаста, аз падар таънаю маломат мешунид:

– Занҳо барин дар хона нашин, рафта кор карда, қарзҳоро деҳ. Як нонхӯр будед, дуто шудед,– мегуфт амаки Усмон.

Рӯзи рафтан Содиқ ба Санавбар рӯ оварда гуфт:

– То омадани ман ба хонаи модарат намеравӣ! Фаҳмидӣ?

Баъди рафтани Содиқ ҳоли Санавбар бад шуду хуб не. Се хоҳаршӯяш баҳонаҳое пеш оварда, бо ӯ ҷангу ҷанҷол мекарданд. Келинҳои калон низ «мо хуб хидмат кардем, акнун келини ҷавон кунад» гуфта, ҳама кори хонаро ба дӯши Санавбар партофтанд. Муносибати хушдоман низ хуб набуд.

– Барои ту шуда писарам дар ба дари мулки бегона қарзҳои тӯятонро канда гаштааст,– гуфта таъна мезад.

Санавбар дар оила пештар аз ҳама бармехост. То бархос тани аҳли оила ҳавлӣ мерӯфт, гову молро саришта мекард. Шири дӯшидаашро пухта, гову молро аз ҳавлӣ бароварда, ба подаи деҳа меронд. Дар рӯи суфа хон густурда, барои ноништа чизе тайёр карда бошад, дар рӯи он мегузошт ва болои онро бо докаи сафед, то хестани аҳли хонадон, пӯшонда мемонд. Ба ҳота даромада, зироатро хишова мекард. Шири дӯшидаашро аз дег бардошта ҷурғот мехобонд ва ба деги калон об пур карда, барои шустани либосҳои аҳли оила сари тағора менишаст.

Рӯзе хушдоманаш –холаи Собира аз хоб барвақттар бархоста дид, ки Санавбар хасу хошоки ҳавлиро сӯи берун мерӯбад.

– Ҳой келин, чӣ кор мекунӣ, ҳама баракати хонаамро берун партофтанӣ–чӣ? – гӯён эрод гирифт.

Рӯзи дигар Санавбар рӯбучинро аз дарвозаи ҳавлӣ сар кард.

Хушдоман чашмонашро молида – молида аз хонаи хоб баромад ва ба кори Санавбар боз эрод гирифт.

– Тавба, ин келин чӣ кор карданашро намедонад, ҳама хасрӯбаҳоро сӯи ҳавлӣ мерӯбад- е. Ту магар дар оғил калон шудаӣ? Модарат ба ту кору бори зиндагиро нафаҳмондааст?

Санавбар дар миёни ҳавлӣ мисли ҳайкал рост меистод. Чӣ кор карданашро намедонист. Охир, дирӯз «баракати хонаамро ба берун бароварданӣ» гуфта, гап шунида буду имрӯз…

Хомӯширо авло дониста, хасрӯбаҳоро дар байни ҳавлӣ ҷамъ оварду ба тағораи калон бардошта, аз ҳавлӣ берун шуд,  ки ба поёни деҳа бурда партояд. Дар кӯчаи беодами деҳа Санавбар аз ҳавои субҳидам нафаси озоди чуқуре кашида, тағораро болои сар бардошт, сӯи партовгоҳ қадам монд. Худ ба худ саволҳои зиёди беҷавоб медод. «Худоё, чунин муносибат то кай давом меёбад? Шавҳараш кай бармегардад? Орзую ҳавасҳои дар дил доштааш чӣ мешаванд? Магар ғунчаи орзуяш ношукуфта хазон хоҳад шуд? Худоё, қувватам деҳ,  ҳамаи инро паси сар кунам, сабур бошам.»

Дар назди партовгоҳ ба дуриҳо назар кард. Шуълаҳои офтоб, ки нав аз паси тепа намоён шуда буданд, бо дурахши худ чашмони Санавбарро хира мекарданд. Ӯ ба худ омада, аз дил гузаронид: «Худоё, агар касе маро дар назди партовгоҳ бад- ин сон лолу ҳайрон бинад, ба ҳолам хандиданаш мумкин.» Ва зуд ба сӯи ҳавлиашон қадам монд.

Санавбар баъди як моҳи рафтани шавҳар аз иштиҳо монд, чизе аз гулӯяш намегузашт, дилбеҳузурӣ азобаш медод, сараш чарх зада, чанд бор дар ҳавлӣ беҳуш шуд. Дух-

тур чеғ заданд. Ҳомила будааст.

Санавбар ҳам шод буду ҳам не. Шод аз он ки модар мешавад, ғамгин аз он, ки танҳост. Рӯзҳо, моҳҳо гузаштанд, аз Содиқ дараке набуд. Гоҳ–гоҳ телефонӣ гап мезад. Фақат як чиз мепурсид : «Ба хонаи модарат рафтӣ?»

Санавбарро дарди кӯдак гирифт, ба модараш хабар доданд. Ба хотири Саврӣ–хола, ки дар беморхона кор мекард ва дар ҷои кор ҳурмат дошт, ҳама гирди сари Санавбар парвона буданд. Ӯ шоҳписаре таваллуд кард, ба чор кило вазн.

Ба Содиқ хабар доданд, ӯ серкориро баҳона карда наомад. Аммо ба писараш ном монд-- Ҷовид.

Рӯзе, ки Санавбарро аз беморхона ҷавоб медоданд, модар хоҳиши ӯро пурсид:

– Духтарам, одатан баъди таваллуди фарзанди нахустин ба хонаи модар мераванд. Ту чӣ фикр дорӣ?

– Не, модарҷон, ман ба хонаи худам меравам. Мабодо Содиқ шунавад, малол шуданаш мумкин,– гӯён Санавбар ҳурмати шавҳарро авло донист.

Аз байн як моҳ гузашт. Фасли тирамоҳ буд. Дар саҳроҳои колхозӣ пахта шукуфта буд. Аз ҳар хона як ё дунафарӣ бояд ба чидани пахта бароянд. Нигоҳи аҳли хонадон ба Санавбар дӯхта шуд. Ӯ фаҳмид. Ҳар пагоҳӣ фарзанди ширмакашро монда, ба саҳро мерафт. Гарми рӯз дар ҳавои тасфон аз саҳро болои сараш як дарза алафро барои говҳо бардошта ба хона меоварду саросема кӯдакашро мемаконд. Баъди ду ҳафтаи пахтачинӣ кӯдак бемор шуд. Духтурон муайян карданд, ки кӯдак аз шири тасфони модар бемор шудааст. Санавбарро бо Ҷовидаш дар беморхона хобонданд. Ба хабаргирии ӯ ва фарзандаш фақат модари муштипараш меомаду халос.

Шабҳои бехобӣ ба хаёлҳо ғӯта зада, такдири зан–модарро фикр мекард. «Вақте ки сиҳату саломат ҳастӣ ба шавҳар ва хешу табори ӯ даркорӣ, аммо бемор ки шудӣ, бояд табобатро, албатта, модар кунад», вале лаҳзае баъд «агар падари кӯдак дар ин ҷо мешуд, эҳтимол кор ранги дигар мегирифт» гуфта худро таскин медод.

Санавбарро баъди ду ҳафтаи бемордорӣ аз касалхона рухсат карданд. Рост ба хонаи худаш рафт. Хушдоман ва хоҳарони шавҳар пичингомез; «аз истироҳат омадӣ?» гуфта киноя заданд.

Рӯзи дуюми аз беморхона баромаданаш Содиқ низ аз Русия баргашт. Бегоҳӣ аҳли хонадон ба ғизои шом тайёрӣ медиданд, ки Содиқ аз дарвоза даромад. Ин лаҳза Санавбар гов медӯшид. Овози шавҳарашро шунида, аъзои баданаш ларзид. Ӯ мулоқоташононро тамоман дигар хел тасаввур мекард. Охир, онҳо бо ҳам ҳамагӣ як моҳ зиндагӣ карда буданд. Санавбар ташнаеро мемонд, дарунсӯз, ташнаи шавҳар, ташнаи меҳру муҳаббати ӯ, навозиши ӯ. Аз ин ташнагӣ як соли дароз ҷигараш сӯхт. Аз он чашмае, ки нӯш кардан мехост, ҳамагӣ як моҳ нӯшида буду халос. Ӯ ҳам лоиқи навозиш, лоиқи меҳрубонӣ, лоиқи парастиш аст. Ӯ зан аст, аз барги гул нозуктар, аз обҳои чашмасорон шаффофтар, як сухану рафтори хуб ӯро метавонад ба осмонҳо барад ва як сухани бад ба заминаш бизанад.

Сатили ширро бо дока пӯшонда, овезон карду дастҳояшро шуст ва ба меҳмонхона, ки Содиқ ва аҳли оила он ҷо буданд, наздик шуд. Дар ҳаяҷон буд, ҳаяҷон вуҷудшро фаро гирифта буд, дилаш аз фараҳ мехост аз деворҳои танги сина берун барояд. Ин интизор тӯлонитар аз интизори яксолааш намуд. Ӯ беихтиёр ба ойинае, ки дар даҳлез буд, назар кард. Аз ёд бурда буд охирин бор кай ба ойина нигоҳ карданашро. Аз ойина ба ӯ зани офтобхӯрдае бо чашмони ғамолуд нигоҳ мекард. Дастаки дари меҳмонхонаро дошту ҷуръат накард, ки онро бикушояд. Ба қафо баргашту дар ҷояш шах шуд.

Овози ханда ва баланд–баланд гап задани аҳли хонадон, ки якдигарро гӯш накарда, ҳар кадом мехост ба Содиқ чизе гӯяд, тифли дар гаҳвораи ӯро бедор кард. Ҷовид бо садои баланд гирист.

– Келин, кучҷоӣ, бачаат бедор шуд,– гуфтани хушдоман ӯро ҳушёр кард. Хайрият, тифлакаш гиристу ӯ ба ёди аҳли хонадон расид.

Санавбар ба хона даромада, оҳиста «ассалом» гуфт. Ба

назди гаҳвора рафта, писарашрро аз гаҳвора кушод.

Содиқ, ки дар бари боло нишаста буд, назди гаҳвора омада, писарашро ба даст гирифт. Ҷовид хомӯш шуд. Дар ин лаҳза ҳамаи аҳли оила хомӯш буданд.

– Ин писари ман паҳлавон шудааст–кӯ!– гуфта Содиқ ба ҷои худ гузашта нишаст ва ба бачааш дида духт.

– Тавба, – гуфт амаки Усмон, – бачаҳои охирзамон шарму ҳаё надоранд. Мо то бачаҳоямон роҳгардон шуда, худашон ба бағаламон надароянд, шарм мекардем, ки онҳоро ба бағал гирем. Замона дигар шудааст.

Ин суханони падар Содиқро дар хиҷолат мононданд магар, ки ӯ писарашро ба холаи Собира дароз кард. Кӯдак гуё чизеро фаҳмида бошад, боз ба гиря оғоз кард. Ғаш мекард. Хушдоман каме бо кӯдак андармон шуда, ӯро навозиш кардан мехост, аммо кӯдак беист мегирист.

– Келин, гир бачата, – гуфта кӯдакро ба Санавбар, ки дар назди гаҳвора шах шуда меистод, дароз кард. Санавбар Ҷовидро гирифта, ба хонаи хоби худ гузашт. Ҷовид баъди шир макидан ором шуда хоб рафт.

Аз омадани Содиқ ҳамсояҳо бохабар шуда, ба дидорбинии ӯ омаданд. То як поси шаб чароғи меҳмонхона фурӯзон буд. Баъди рафтани меҳмонҳо Санавбар ба шустани дегу табақ ва дигар зарфҳо машғул шуд. Баъд ба ҳаммом даромада, шустушӯ карду либосҳои тоза пӯшид ва ба хонаи хоб даромад. Содиқ хоб буд.

«Аз роҳ монда шуда омадааст,» аз дил гузаронид Санавбар.

Пагоҳӣ Содиқ аз ҷомадони сафарӣ як ҷуфт курта ва шими кӯдакона бароварда, ба Санавбар дароз кард.

– Мумкин барои Ҷовид калонтар бошад, хайр, баъд мепӯшонӣ,– гуфта буд, ки модару хоҳарон, келинҳо ва падараш, ки интизори ҳадя будаанд, « Чӣ овардӣ?» – гӯён пурсон шуданд.

– Ягон чиз наовардаам. Базӯр нисфи пули қарзамро овардаму халос –гуфтани Содиқ аҳли хонаводаро бедимоғ кард.

Содиқ барои гапро ба дигар тараф бурдан аз Санавбар

сабаби ба беморхона афтоданашро пурсон шуд.

– Духтур гуфтанд, ки аз саҳро гармогарм омада, кӯдак ро макондаӣ, сабаби бемории кӯдак ҳамин аст,– посух гардонда дар бало монд.

– Моро дар пеши шавҳарат гунаҳгор карданӣ ҳастӣ? Мо туро ба кори саҳро маҷбуран фиристодаем?– гуфта амаки Усмон бадқаҳрона аз хона баромада, ба тарафи оғил рафт.

– «Ду ҳафта кор накарда, бо баҳонаи бемории бачааш истироҳат кард. Ақаллан як моҳ кор мекард, ки аз хоҷагӣ чанд ҷӯяк гирифта пая мечиндем, аловӣ мешуд,»- гӯён хушдоман ҳам ғур–гуркунон сӯи катаки мурғҳо рафт.

Фазои носолиме дар хона ҳукмрон шуд.

– Мебахшед, ман касеро гунаҳкор карданӣ набудам,– гуфтани Санавбарро касе шунидан нахост. Содиқ ҳам аз ҳавлӣ баромада рафт.

Хоҳарони Содиқ аз набудани бародар истифода бурда, «Соҳибдор шудааст, хабаркаш,»- гӯён ба янгаашон хеле пичингу киноя заданд.

Санавбар шири навдӯшидаашро ба деги калон рехта, пухт ва аз пайи дигар корҳо шуд, то ки шир каме хунук шавад ва онро ҷурғот хобонад.

Хоҳари калонии Содиқ – Моҳира аз набудани Санавбар истифода бурда, бо оташков хокистарҳои таги дег ро чунон сахт кофт, ки гарди хокистар болои шири навпухтаро сип–сиёҳ кард.

Баъди лаҳзае хушдоман ба сари дег омаду қиёмат гардон шуд дар сари Санавбари бечора. Чӣ кор карданашро намедонист. Аламҳои пешину имрӯз чун чашмасорони кӯҳистон дар як мижа задан аз чашмонаш берун омаданд. Абри ғаму андӯҳи яксола, ки дар дилаш ҷамъ шуда буд, борони ашк овард. Санавбар дигар қудрати нигоҳ доштани онро надошт. Доманаш пур аз ашки шӯр гашт. Ҳамон ибора боз ба ёдаш омад: «Шӯрдоман.»

Гиряи Ҷовид ӯро водор сохт, ки ҳама корро партофта, назди ӯ равад ва ягона таскини дил – гаҳвораи ӯро ҷунбонда, оҳиста бо овози паст аллаи сӯзони модарро хо-

над, то каме ҳам бошад, дилаш холӣ шавад.

Бегоҳӣ аҳли оила боз сари як дастархон ҷамъ омаданд.

– Писарам, наход дар як сол маблағи даркориро наёфта бошӣ- а? Охир, бо ин қарзҳои зормонда чӣ кор мекунем?– гуфтани падари хонадон писараш Содиқро хашмолуд кард.

– Ота, ташвиш накашед, ман билети бозгаштанамро ҳам пешакӣ харида мондам. Баъди ду рӯз бармегардам. Қарзи мондагиро меканам. Шумо фикр мекунед, ки дар кӯчаҳои Русия пул пошидаанду мо бо ҷорӯб онро мегундорем? Не, пулёбӣ он ҷо ҳам душвор. Сарамонро ба ҳазор дар зада, шабу рӯз меҳнат мекунем, агар ба корфармои баинсоф афтӣ, пул мегирӣ, набошад беинсофаш ҳисобӣ накарда калӯшҳоятро паси анҷоми кор пеш мемонад. Бо онҳо дар мулки бегона ҷангу ҷидол карда намешавад.

Пеши чашмони Санавбарро сиёҳӣ фаро гирифт. Дили бечораи ӯ аз шунидани ин суханҳо фиғон мекарду фиғон, фиғони бесадо… Санавбарро дар таги долон дил танг шуд, ба саҳни ҳавлӣ баромада, болои суфа нишаста, ба осмон назар кард. Як қатра борони гарм ба рӯяш зад. Ҳаво меборид. Осмон низ мегирист, чун Санавбар. Ҳарду гиристанд. Гиряи Санавбар аз гиряи осмон фарқ дошт. Гиряи осмон ба гулу бутта ва майсаву себаргаҳо тароват медод, каналҳо пуроб, замин хосилхез мешуд. Аммо гиряи шӯри Санавбар ба касе ва чизе лозим набуд, факат шорида доманашро шӯр мекарду бас.

Дардовар он буд, ки шавҳари номеҳрубонаш боз тарки хонаву дар, зану фарзанд мекунад ва ба ҳамаи ин боз Санавбари бечораро «барои тӯйи ту мо карздор шудем» гуфта гунаҳкор медонистанд.

Ҳама ин суханони падарро фаромӯш карда буданд: «Барои обрӯи худ ва писарам тӯйи бодабдаба мекунам», ҳатто ба суханони вакили деҳа, ки гуфта буд: «Тӯйро камхарҷ гузаронед» гӯш надод. Имрӯз гунаҳгор – келин.

Ду рӯз мисли як мижа задан гузашту рафт. Вақти гусел боз чашмони шаҳлою ғамангези Санавбар пуроб буданд.

Содиқ вақти гусел, ақаллан, Ҷовидашро ба даст нагире

рифт. Аз падар шарм кард. Магар фарзанди худро навозиш кардан айбе дорад? Дод аз дасти хурофот! Дақиқтараш, ин хурофот ҳам нест, бефарҳангист…

Баъди шаш моҳ Содиқ пули боқимондаи қарзро фиристод. Хонавода ҳама хурсанд буданд. Ба ғайр аз Санавбар. Санавбаре, ки роҳи шавҳарро мепоид ва дар батнаш фарзанди дуюмаш меҷунбид.

Ҳаёти Санавбар якранг мегузашт. Пагоҳӣ барвақт хестан, гову молро сариштa кардан, дӯшидан, ширро пухта ҷурғот хобондан, хонаву дарро рӯфта, ба тартиб овардан, либосҳои аҳли хонадонро шустан, қитъаеро, ки колхоз ба онҳо ҷудо карда буд, хишова намудан ва дарзаи алаф болои сар бардошта ба хона овардан. Ин кори ҳаррӯзаи Санавбар буд. Фақат як машғулият беш аз ҳама ба ӯ писанд меомад: Ҷовидро дар гаҳвора баста алла гуфтан. Танҳо ба тавассути аллагӯӣ ӯ метавонист дилашро холӣ, чашмони пуробашро хушк кунад. Келинҳои калонӣ як–як бо шавҳарҳои худ аз ҳавлӣ баромада рафтанд. Соҳиби хонаву дари худ шуданд.

Санавбар фарзанди дуюмро низ таваллуд кард, аммо аз Содиқ дарак набуд.

Содиқ баъди боқимондаи пулро фиристодан на занг мезаду на маблағе мефиристод.

Амаки Усмон ба Содиқ телефон карда, аз писарчадор шуданаш хабар расонд. Дар овози Содиқ ягон хурсандие ҳис накард.

– Содиқҷон, ба писарат чӣ ном монем? – пурсид.

– Худатон медонед, ота – гуфту серкориашро баҳона карда, гӯширо монд.

Санавбар баъди таваллуди фарзанди дуюм боз ба хонаи холии шавҳар баргашт. Рӯзҳо, моҳҳо, сол гузашт. Санавбар интизор, интизори шавҳаре, ки меҳрубониашро ҳам надида буд…

Аз рафтани Содиқ се сол гузашта бошад ҳам, аз ӯ дараке набуд.

Рӯзе пагоҳӣ амаки Усмон ба келин рӯ оварда гуфт:

– Духтарам, зиндагӣ душвор шуда истодааст. Як кас будӣ, се кас шудед. Аз шавҳарат ягон кӯмаке нест, аз кори

колхоз ҳам ба ғайр аз пая, маблағе ба даст намеорӣ, нафақаи ночизи мо як халта гандум намешавад, ба касалхонаи хочагӣ даромада кор кун, зиндагиро пеш бурдан даркор.

Санавбар ба модараш мурочиат кард, модар назди сардухтур даромад, ки ба чои ӯ духтараш кор кунад. Сардухтур розӣ шуд.

Санавбар пагоҳии барвақт ва бегоҳиҳо омада, ҳучраи беморонро шуста ба тартиб медаровард. Бар илова ҳамаи кори хона бар дӯши ӯ монда буд. Хоҳарони шавҳарашро низ як–як ба шавҳар доданд. Дар ҳавлӣ хусуру хушдомани пир ва Санавбар бо ду кӯдакаш монда буданд. Ягона коргар Санавбар буд, ки маоши ночизашро намедонист, чӣ хел барои рӯзгор сарф кунад.

Аз Содиқ ҳамоно дараке набуд…

Ҳар гоҳе Санавбар ба кор мерафт, духтуронро дида, орзуяш пеши назар меомад, ки агар Содиқ монеъ намешуд, ӯ низ имрӯз либоси сафеди духтурӣ дар бар, фарш намешусту беморонро табобат мекард. Чӣ тақдири талхе ! Ақаллан, шавҳараш дар наздаш мебуд. Охир, аз ӯ на хат ҳасту на хабар.

Рӯзе бегоҳӣ аҳли хонадон хӯроки шом мехӯрданд, ки писарамаки Содиқ – Неққадам аз дар даромад:

– Ассалом, амакчон! -гуфт

Бо дидани Неққадам, ки хонаашон дар ҳамсоядеҳ буд, аҳли хонадон хеле шод шуданд, чунки ӯ як ҳафта пеш аз Русия омада буд.

Падару модари пир мехостанд аз писарашон хабараке шунаванд. Аъзои бадани Санавбарро низ ларзае фаро гирифт. Ӯ низ мехост маълумоте дар бораи шавҳараш дошта бошад. Аммо Неққадам аз ину он сухан мегуфту дар бораи Содиқ хомӯш буд.

– Неққадамчон, аз Содиқ гап зан, ки талхаам мекафад. Охир, ӯ соли панчум аст, ки аз худ хабаре намедиҳад. Бечора келин бо ду фарзанд роҳи ӯро мепояд, пои мо ҳам ба лаби гӯр расидааст,– гуфта амаки Усмон оби дида кард. Холаи Собира ҳам ашк рехт.

Неккадам аз Санавбар хоҳиш кард:

– Янгаҷон, бисёр ташна шудам, як оби хунук меовардед.

Санавбари рамузфаҳм фаҳмид, ки меҳмон хабаре овардаасту набояд Санавбар онро шунавад. Ӯ аз хона берун шуд.

Дар ҳақиқат, Неккадам хабаре расонд, ки пиру кампир онро мунтазир набуданд.

Содиқ бори дуюми ба Русия сафар карданаш, дар яке аз ноҳияҳои назди Маскав, дар як сохтмон коргари одӣ шуд. Корфармоҳо тоҷикписаронро, ки кори ҳалол мекарданду наменӯшиданд, меписандиданд, аммо мардикорон ба кӯча баромада наметавонистанд. Зуд ба дасти кормандони ҳифзи ҳуқуқ афтода, ҷазо мегирифтанду. Киса холӣ мешуд. Барои аз ин ҳолат баромадан ба онҳо лозим буд, ки қайди давлати Русияро дошта бошанд. Содиқ низ хост роҳе ёфта, қайди он кишварро дошта бошад. Ба ӯ маслиҳат доданд, ки «агар ба ягон зани рус хонадор шавӣ, ин масъала ҳал мешавад». Ӯ дар фикри ёфтани зан шуд. Дар корхонае, ки ӯ ҳамчун сохтмончӣ кор мекард, сармуҳосиб зане буд, аз Содиқ тахминан понздаҳ сол калонтар. Донистани забони русӣ, ки онро каме дар хизмати аскарӣ аз худ карда буд, ба ӯ ёрӣ расонд. Содиқ ба мақсад расид. Валентина розӣ шуд, ки ӯро дар хонаи худ ҷой диҳад.

– Се моҳ якҷоя зиндагонӣ мекунем, агар ба ман маъқул шавӣ, аз қайди никоҳ мегузарем.

Содиқи ташнаи муҳаббат, ки ҳамагӣ як моҳ ширинии ҳаётро чашида буд, бо тамоми нозукиҳо Валентинаи аз худ понздаҳ сол калонро навозишу дӯстдорӣ мекард, канда–канда суханҳои зебо ёфта, ӯро таърифу тавсиф менамуд. Ба осонӣ дили занро ёфт.

Ӯ худро муҷаррад муаррифӣ кард, чунки бо Санавбар расман акди никоҳ набаста буду ҷои қайд дар ҳуҷҷатҳояш холӣ .

Маблағи коркардаи Содиқро ҳар моҳ Валентина гирифта, ба ҳардуяшон беҳтарин либосҳо мехарид, ки ҳангоми ҳармоҳи Содиқ , Валентина дар хиҷолат намонад.

Се моҳи «давраи омӯзиш» гузашт. Валентина бо Со-

дик расман зану шӯй шуданд. Дар яке аз тарабхонаҳои беҳтарини шаҳр тӯяшонро гузарониданд. Дугонаҳои арӯс, ки чун ӯ калонсол буданд, ба ҷавони қадбаланди зебо нигариста, ба Валентина ҳасад мебурданд. Баъди тӯй Валентина аз Содиқ пурсид:

– Азизам, моҳи асалро дар куҷо мегузаронем?

Содиқ аз ин пурсиш чизе нафаҳмид. Ӯ хомӯш буд. Валентина ба ӯ фаҳмонд.

– Худат медонӣ, ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон мешавад – оҳиста гуфт Содик.

– Ана, ҳамин хел, азизам, ҳама вақт ҳар чизе ки ман гӯям, ҳамон мешавад – гуфта Валентина омодагии сафарро дид. Ба шиносҳо телефон карда, ду чипта ба шаҳри Париж хост. Онҳо моҳи асалро дар шаҳри зеботарини ҷаҳон – Париж гузарониданд.

Содиқ моҳи асали худро бо Санавбар ба ёд овард. Ягон ширинии асалро дар он як моҳ надид. Ба ҷойи ин ҳар бегоҳ таҳқиру танбеҳ ва таънаҳои талхи падар – «мисли занак дар хона бекор мешинӣ? Рафта пул кор карда биё, қарзҳоро диҳем»–ро мешунид. Мехост он моҳ ва моҳҳои дигари ҳаёташро фаромӯш кунад. Ҳамин хел ҳам шуд. Ба ӯ Валентина дари дунёи дигареро кушод. Дар ин дунё ду кас буданд. Валентина ва Содиқ. Онҳо намехостанд, ба дунёи худ каси дигарро роҳ диҳанд. Агар ягон бор Содиқ аз падару модар лаб во кунад, Валентина мегуфт:

– Вазифаи падару модар ба балоғат расондан, тарбия кардан аст. Баъд, ҷавон бояд роҳи худ, ақидаи худро дошта бошад, ба ӯ касе бояд кордор нашавад. Ҳар кас бояд барои худ зиндагӣ кунад, на барои хешу табор, падару модар ва дигарон.

Агар ин суханҳоро Содиқ дар Тоҷикистон мешунид, ҳеҷ гоҳ розӣ шуда наметавонист. Аз худ не, аз дигарон шарм мекард, ки ҷавони биступаҷсола хонуми чилсолаеро ба занӣ гирифтаасту падару модари пирро партофта, бо занаш айшу ишрат карда гаштааст. Тарбия ва муҳит одамро дигар мекардаанд. Ақаллан, ба ёд наовард, ки зан ва ду шоҳписар дорад, аҳволи онҳо чӣ мешавад? Бо равон

кардани пули карз вазифаашро адошуда ҳисобид .

Неккадам пеш аз ба Ватан омадан назди Содиқ рафта буд.

– Ба падару модарат ва ҳамсарат чӣ бигӯям?

– Ҳеҷ чиз, ман қарзамро дар пеши падару модар адо кардам. Зиндагии ширинро дар ин ҷо дидам, Санавбар чӣ хеле ки лозим донад, ҳамон хел рафтор кунад.

– Писаронат чӣ?

Содиқ хомӯш буд…

Санавбар косае оби хунук овард.

Ҳама сархаму хомӯш буданд, ӯ чизе напурсида, ба хонаи дигар гузашт. Назди фарзандонаш рафт, назди он тифлакони бегуноҳ, ки дидори падар, навозишҳои ӯро надида буданд. Дар ин дунё Санавбар ба ғайр аз ду писар чизе ва касе надорад, писаронаш ҳам ба ҷуз модар нозбардоре надоранд.

Меҳмон рафт, Санавбар он рӯз ва рӯзҳои дигар аз хусуру хушдоман чизе напурсид. Зиндагӣ якранг мегузашт. Рӯзе сардухтури касалхона ба Санавбар гуфт:

– Духтарам, имсол дар ноҳияамон филиали коллеҷи тиб кушода мешудааст, ту коргари хуб ҳастӣ, шароитат бошад, даромада хон, охир, аз рӯи гуфти модарат, орзуи духтур шудан доштаӣ.

Ин хабар зиндагии Санавбарро дигар кард.

***

Санавбар ба шаби дарози бехобӣ нигоҳ накарда, субҳдам барвақт хеста, баъди анҷоми кору бор ба хусуру хушдоман рӯ овард:

– Дар маркази ноҳияамон филиали коллеҷи тиб кушода мешудааст. Ман ният дорам, он ҷо таҳсил карда, соҳиби касби дӯстдоштаам шавам. Садҳо бор пушаймонам аз он ки баъди тӯй хонданро тарк намудам. Имрӯз фаррош нею табиб мешудам. Зиндагиамон дигар мебуд. Агар шумо розӣ мешудед ва ба нигоҳубини фарзандонам ёрӣ мерасондед, хеле хуб мебуд. Вагарна, ман маҷбур

ҳастам, ки хонаи шуморо тарк карда, ба назди модарам биравам, он кас бо ҷону дил ба ман дар тарбияи фарзандон ёрӣ хоҳанд расонд.

Аз шунидани чунин суханони келин, ки хеле қатъӣ садо доданд, хусуру хушдоман дар ҳайрат монданд. Амаки Усмон каме фикр карда гуфт:

– Духтарам, мо- кампиру муйсафедро ба кӣ партофта меравӣ? Охир, аз Содиқ дарак нест. Дигар писарон хона ҷудо карда, ҳар кадомаш аз пайи рӯзгори худ. Дасти мову домони ту, духтарам!

Холаи Собира бо овози баланд гиря кард:

– Санавбарҷон, мо туро духтар хондаем. Ба ҳама азобҳои ҷудоӣ ва беэътиноӣ, ки дар хонаи мо дидӣ, мо ҳам гунахкорем. Бубахш моро, лекин партофта нарав, кӯдаконатро гул барин худам калон мекунам. Рав, хон, духтур шав.

Санавбар дар ин лаҳзаҳо худро хеле хушбахт меҳисобид. Баъди хонадор шуданаш аввалин маротиба исрор карда, суханашро гуфт ва ҷавоби мусбат гирифт. Лаҳзае худро озод ҳис кард. Қалби ранҷураш лабрези шодӣ гардид, оҳи сабуке кашид. Лабони кайҳо табассумро фаромӯшкардааш моили табассум шуд.

Китобҳои даркориро ёфта хонд. Охир, ӯ ҳафт сол пеш мактаби миёнаро хатм карда буд, шояд бисёр чизҳо фаромӯш шуда бошад?

Орзую ҳавас ва иродаи матин ӯро донишҷӯ кард. Донишҷӯи бехтарин шуд. Ӯ таҷрибаи зиндагӣ ва корӣ дошт, имтиҳони душвори зиндагиро низ паси сар карда буд. Хусуру хушдоман низ ба ӯ ёрӣ мерасониданд, писаронаш низ дастёр шуда буданд. Баъзе корҳои сабукро онҳо уҳда мекарданд.

Боз шабҳои бехобӣ сар шуданд. Вале ин шабҳои бехобӣ аз он шабхо фарқ доштанд… Ӯ мехонд, азхуд мекард, бо ҳавасҳои зиёд ҳар як мавзуъро меомӯхт, бисёр чизҳоро дар беморхона ёд гирифта буд. Дар ин бехобиҳо гоҳе фикраш ба дуриҳо парвоз мекард. Шавҳари номеҳрубону бевафо ва сангдилашро ба ёд меовард. Ӯ чӣ

гунох̣ дорад? Хайр, ҳаёти мисли гул нозуки ӯ хазон шуд, охир, ду шоҳписари ӯ чӣ гуноҳ доранд? Меҳри падарӣ, навозиш ва сухани ширине аз ӯ нашуниданд? Писари хурдиаш – Ҷаҳонгир ҳатто рӯи падарро надидааст.

Ашки чашмонашро бо гӯшаи рӯймол пок карда, суханони падаронаи сардухтур- «Духтарам, сабур бош, барои ба мақсад расидан иродаи мустаҳкам доштан лозим» гуфтани ӯ ба ёдаш омаду худро таскин дод. Китобро варақ гардонид…

Рӯзҳо мегузаштанд. Санавбар мехонд, ки ба мақсадаш бирасад. Ҷовид ҳафтсола шуд. Санавбар тайёрии ба мактаб рафтани ӯро медид. Амаки Усмон барои фаҳмидани ҳуҷҷатҳои лозим аз дасти наберааш гирифта, ба мактаб рафт. Муаллимаи синфҳои ибтидоӣ рӯйхати ҳуҷҷатҳоро ба дасти амаки Усмон дод. Онҳо бояд кӯдакро бурда расм гиранд, аз духтур гузаронанд, аммо кӯдак ҳуҷҷати аз ҳама асосӣ– шаҳодатнома надошт. Амаки Усмон барои гирифтани шаҳодатнома ба ҷамоати деҳа рафт. Дар он ҷо ба ӯ гуфтанд, ки писараш бо келинаш қайди никоҳ надоранд, аз ҳамин сабаб наберааш номи падарро гирифта наметавонад, бо номи модар ба кайд гирифта мешавад. Аз чунин ранг гирифтани масъала амаки Усмон хеле ғамгин гашта, сархам ба хона баргашт.

Бегохӣ ин масъаларо амаки Усмон ба келин гуфт. Ба ду рухсора ҷорӣ шуда ашки шӯр дона–дона ба домани Санавбар чакид.

– Амакҷон, наход як умр ман шӯрдоман бошам? Фарзандони ман, падарашон зинда бошад ҳам, дар қатори бепадарон ҳуҷҷат мегиранд. Охир, ман ин фарзандонро аз кӯча наёфтаам–ку? Онхо ҳаромӣ нестанд! Чаро ман бояд ҳамчун модари танҳо ҳуҷҷат бигирам? Ба гиряи Санавбар холаи Собира ва писарони Санавбар ҳамроҳ шуданд. Амаки Усмон асояшро гирифта, ба таги долон баромад. Болои суфа нишаста, ба худ, ба расму оини нодаркор, ба писараш лаънатҳо гуфт.

Санавбар ин ҳолро дида, як пиёла об оварда, ба хусураш дароз карду қатъӣ гуфт:

– Амакҷон, зиқ нашавед, то шумо ҳастед, мо худро сағиру бепадар намегӯем, азоби рӯҳӣ накашед. Ман, ки оянда духтур мешавам, медонам, ки ин ғамҳо касро бемор мекунанд. Дигар ин масъала дар хонаи мо набояд садо дихад. Ман ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳам, ки шӯрдоман бошам. Ба фарзандони худ ҳам падар мешавам, ҳам модар. Барои ин фақат дуои неки шумо басанда аст, рӯзе падарашон ба худ меояду суроғи фарзандонаш мекунад,–гуфта Санавбар лаби домонашро афшонда афзуд:– Ман дигар шӯрдоман нестам, бале, шӯрдоман нестам.

Суханони қатъии келин ҳамаро рӯҳбаланд кард. Ҳаёт идома ёфт. Ҷовидро низ бо гулу гулдаста бибию бобо ва модараш ба мактаб бурданд.

Аз ҳавлии хомӯшу бесадои амаки Усмон боз садои ханда, оҳанги шӯхи мусиқӣ мебаромад.

* * *

Рӯзе амаки Усмонро ҳамсояи духтураш ба нони ҳамсоягӣ даъват кард. Мӯйсафед аз хонаи Мирзо Кабиров баргашта, дар лаби суфа нишаст ва оҳи пурдарде кашид. Холаи Собира аз вазъияти мӯйсафедаш нигаронӣ карда:

– Мӯйсафед, чӣ шуд ба шумо? –гуфта дар паҳлуи амаки Усмон нишаст.

– Эх кампир, дар зиндагӣ мо хатои зиёде карда будаем. Ба хонаи Мирзо Кабиров рафта, ба зиндагӣ, ба тарбияи фарзандони ӯ нигариста, ҳавасам омад. Ду писару ду духтар ҳама соҳиби маълумоти олӣ, касбу ҳунар, иззату эҳтиром. Фарзандон падару модарашонро болои дидаҳо бардошта гаштаанд. Аз даҳ фарзанди беномус як баномусаш беҳтар будааст. Ана, фарзандашон – Зафарҷон низ мактаби олии тибро хатм карда омадааст, бо дипломи аъло. Даъваташ карданд, ки дар донишгоҳ монда кор кунад, розӣ нашудааст, «Падару модарам пир, ба онҳо дастёр лозим» гуфта, ба деҳа ба кор омадааст. Писарони ту ку, кампир?

Холаи Собира ашки чашмонашро бо лаби докааш пок кард:

– Ба захми кас намакоб мепошед–да! – гуфта аз назди мӯйсафед оҳиста бархоста, ба хонаи хоб даромад.

Санавбар пагоҳӣ баъди анҷоми корҳои рӯзгор ба мактабаш шитофт. Дар роҳ бо ҳамсинфаш Зафар вохӯрд, ки ба беморхонаи деҳа ба кор мешитобид.

– Санавбар, ба чашмонам бовар намекунам, ин туӣ?– гуфта Зафар ба Санавбар наздик шуд. Зафар аз хурсандӣ ва ҳаяҷон бо ҳамсинфи собиқаш чӣ гуна мулоқот карданашро намедонист. Дилаш мехост, дӯсти давраи кӯдакиашро ба оғӯш бигирад, аммо расму русуми шарқӣ ва «чашмони ғайбатчиҳо ин манзарарo набинанд» гуфта, расмӣ вохӯрӣ карданд. Ҳарду шод буданд. Дилҳо аз фараҳ лабрез, ҳарду дар ҳаячон…

– Зафарҷон, аз диданат бисёр шод шудам, аммо хеле саросемаам, ба мактаб дер намонам, –гуфта Санавбар аз назди Зафар дур шуд.

Зафар дар миёни кӯча лолу ҳайрон шах шуд :

– Санавбар ба ту чӣ шуд? – аз дунболи ӯ садо кард, аммо Санавбар, гӯё ӯро нашунида бошад, роҳашро давом дод.

Зафар ба беморхона хеле маъюс омад. Падар --

– ҳа, писарам, рӯзи якӯми коратн пурсид ин қадар табъат хира? --гӯё

Зафар вохӯриашро бо Санавбар ба падар гуфта дод.

Мирзо Кабиров он тағйиротеро, ки дар муддати ҳафт сол дар ҳаёти Санавбар шуда буд, ба писараш гуфт. Зафар аз ин нақл бештар ғамгин гашт. Ӯ аз дил гузаронид: «Дар муддате, ки ман таҳсил мекардам, бечора Санавбар чӣ азобҳоеро аз сар гузаронидааст. Шавҳар кардан, соҳиби ду фарзанд шудан, ҳафт сол аз шавҳар зиндаҷудо будан. Чунин таҳқирро ба худ раво дидан. Барои чӣ, барои кӣ?

Барои Зафар рафтори Санавбар, пуртоқатии ӯ як муам мои сарбаста буд…То бегоҳ дасташ ба ягон кор пеш нарафт. Аз падар хоҳиш кард, ки ӯро барвақттар аз кор ҷавоб диҳад.

Зафар аз беморхона баромада, аз болои тепа ба истгоҳи автобус, ба роҳ чашм дӯхт. Аз дур автобус намоён шуд. Дили ӯро ҳаячоне фаро гирифт. Аз автобус дар қатори панҷ–шаш нафар ҳамдеҳагон Санавбар низ берун шуд.

Санавбар Зафарро дида, сарашро хам карда, гузашта рафтанӣ буд, ки Зафар ба ӯ муроҷиат кард:

– Санавбар, хоҳиш мекунам, ба ман лаҳзае гӯш деҳ.

Санавбар бо андешаи он ки диққати атрофиёнро ба худ ҷалб накунад, лаҳзае дар назди Зафар таваққуф намуда гуфт:

– Зафарҷон, хоҳиш мекунам, гапатро тезтар гӯй, маро хусуру хушдоман ва ду писарам интизоранд.

– Санавбар, ту ба ман чизе нагӯй, ман ҳамаашро аз падарам фаҳмидам. Як чизро донистан мехоҳам: ҳамаи ин қурбонӣ ба хотири кист?

– Зафарҷон, фаҳмидани ин чиз барои ту бисёр душвор аст. Ин тақдири бад ва шӯрдомании мо, занон, мебошад.

– Ту чиҳо мегӯӣ, Санавбар? Охир, мову ту дар асри бис ту як зиндагӣ мекунем. Кӣ ин калимаро бофта баровардааст? То имрӯз агар шӯрдоман будӣ, аз имрӯз ба баъд ман ба рӯи ту дунёи дигарро мекушоям. Фақат ту ба ман бовар кун. Аз он рӯзе шунидам, ки ту шавҳар кардаӣ, гумон доштам, ки хушбахтӣ ва худро маҷбур мекардам, ки фаромӯшат кунам. Баъди нақли падар хақиқати ҳол бароям кушода шуд. Ман фаҳмидам, ки аз ҷон зиёдтар дӯстат медорам, Санавбарҷон.

Аз шунидани ин суханони самимӣ дили пурҷароҳати Санавбар ба дард омад. Ашки сӯзон ба ду бари рухсорааш ҷорӣ шуда, боз доманашро шӯр кард.

– Зафарҷон, хоҳиш мекунам, ба ҷароҳати дилам намак напош. Ман лоиқи чунин суханони зебои ту нестам. Ё маро масхара карданиӣ? Туи ҷавони муҷаррад ба зани соҳиби ду фарзанд арзи муҳаббат карда истодаӣ? Мардум чӣ мегӯянд?

– Бале, ман ба ту арзи муҳаббат мекунам. Маро ба мардум ва мардумро ба ман чӣ кор? Агар хоҳӣ, худи

ҳамин бегоҳ падарам ба хонаатон хостгорӣ мераванд.

– Зафарҷон, чиҳо мегӯӣ, кадом хона, чӣ хел хостгорӣ. Магар назди хусуру хушдоманам хостгор мефиристӣ? Хоҳиш мекунам, дигар пеши роҳамро нагир.

Санавбар ашкашро пок карда, тез – тез қадамзанон аз Зафар дур шуд.

Бо рафтани Санавбар абри сиёҳе болои деҳаро торик кард. Дили Зафар низ тип – торик шуд. Шамоли пур аз чангу хок хасрӯбаҳоро ба болои деҳа пош дод. Борони сахт ба боридан сар кард. Зафар, ки то охирин риштаи либосҳояш тар шуда буд, ноилоҷ ба тарафи деҳа қадам гузошт…

Ҳолати Зафар боиси нигаронии падар гардид. Мирзо Кабиров медонист, ки чӣ эҳсосе дар дили писараш туғён мезанад. Ӯ худро на дар хона ором нигоҳ дошта метавонист на дар ҷои кор.

Санавбар аз вохӯрӣ бо Зафар мегурехт. Дер давом кардани ин ҳолат номумкин буд. Рӯзе Мирзо Кабиров ба Зафар муроҷиат кард:

–Писарам, шояд ба шаҳр бармегардӣ? Ту донишкадаро бо дипломи аъло хатм кардаӣ, хуб мешуд, таҳсилатро дар ординатура давом диҳӣ.

– Падарҷон, шумо мехоҳед ман аз Санавбар дур бошам? Не, мо як бор аз якдигар дур шудему чӣ балоҳое ба сари ӯ наомаданд. Намехоҳам, ки ӯ дубора бадбахт шавад. Мехоҳам ӯро хушбахт гардонам. Падарҷон, шумо дар ин кор ба ман ёрӣ расонед.

Мирзо Кабиров ба фикр фурӯ рафт. Мардум чӣ мегӯянд? Охир, Санавбар ду кӯдак дорад. Илова бар ин, дар хонаи хусуру хушдоман аст. Дар шаҳри калон одамон якдигарро намешиносанд. Охир дар ин деҳаи хурд ҳама якдигарро мешиносанд. «Сардухтури деҳа аз уҳдаи келин кардани духтари хона набаромада, ба писараш бевазани дуфарзанддорро дод» мегӯянд. Бало ба паси ин гапҳо! Охир, онҳо аз бачагӣ якдигарро дӯст медоштанд! Хаёлан ба ҳазор кӯчаи сарбаста даромаду баромад Кабиров.

– Зафарҷон, бегоҳӣ ман назди хусуру хушдомани Са-

навбар меравам. Ба онҳо ҳама гапро мефаҳмонам. Агар маслиҳати маро гӯш кунед, ҳарду бо Санавбар ба шаҳр меравед. Ӯ хонданашро дар он ҷо давом хоҳад дод. Дар бораи фарзандон фикр накунед, мо намемонем,ки онҳо хор шаванд. Асосаш ҳамин, ки шумо хушбахт бошед.

Бегоҳӣ Мирзо Кабиров назди хусуру хушдомани Санавбар рафта, хақиқати ҳолро ба онҳо фаҳмонд. Пиру кампир аз шунидани ин сухан дар ҳайрат монда тавба мекарданд.

– Ҳамсоя, барои духтар омадани хостгорҳоро дида ва шунида будем, аммо барои келин ин ҳодисаи гапношунид мебошад. Тавба, ҳазорон бор тавба кардам…Бигузор, ин масъаларо худи Санавбар ҳал кунад. Ӯ ба ҳар хулосае ояд, мо розӣ. Мо ҳам мусулмонем, ҳеч гоҳ ба худ гуноҳ харида, умри ҷавони ӯро хазон карданӣ нестем, – гуфта буд, амаки Усмон, ки Санавбар аз дарвоза даромада:

– Доктор, биёед, хуш омадед!

– Духтарам, биё, ба хостгорҳоят худат посух бигардон, –гуфта холаи Собира ашки чашмонашро поккунон ба тарафи оғил рафт.

Санавбар ҳайрон буд, ки ба падари Зафар чӣ ҷавоб диҳад.

Амаки Усмон ҳама гапро ба ӯ гуфт. Санавбар сархам лаҳзае хомӯш монду баъд ба сухан даромад:

– Муҳтарам Мирзо Кабиров, ман ва аҳли оилаамон аз шумо хеле миннатдорем, ёрии шумо ба аҳли оилаи мо, ба фарзандони ман, модари ман хеле калон аст. Маҳз насиҳатҳои шумо, роҳбаладии шумо маро ҳушёр кард. Пос надоштани ин хубиҳо аз тарафи мо носипосӣ хоҳад буд. Дар бораи пешниҳоди имрӯзаатон гуфтаниам, ки ман лоиқи писари шумо нестам. Мо аз хурдӣ якҷо калон шудем, ба якдигар самимият ва меҳру муҳаббат низ дорем. Лекин ин маънои онро надорад, ки ман фарзандонамро ятим, дастнигари падарандар кунам, онҳоро мардум «сағира» ном баранд. Душвор ҳам бошад, гурба барин газида–газида, онҳоро худам калон мекунам. Охир, модари мо баъди фавти падарамон шавҳар накард, агар-

чи хеле ҷавон буд. Тақдири мо чунин будааст. Ин шӯрдоманӣ аз азал насиби зани Шарқ аст. Илова ба ҳамаи ин, ман умедворам, ки рӯзе падарашон меояду сари фарзандонашро сила мекунад.

– Духтарам, – сухан оғоз кард Мирзо Кабиров, – бори дигар боакл, бофарҳанг буданатро исбот кардӣ. Маро бубахш, ман ҳам мисли ту барои хотири фарзандам ба ин даргоҳ омадам. Сӯхтани ӯро дида, дари шуморо кӯфтам.

– Доктор, агар тавонед, Зафарҷонро барои кор ба хориҷа фиристед. Ҳозир дар кишварҳои дигар ба духтурон талабот торафт зиёд шуда истодааст. Агар ӯ равад, барои ман ҳам хуб мешавад. Ҳар рӯз ӯро дида, ман низ азоби рӯҳӣ мекашам...

***

Ҳаёти Содиқ дар кишвари ҳамсоя бо ҳамсараш Валентина хушу хурсандона мегузашт. Дар муддати ҳафт сол дур аз диёр Содиқ ғоибона донишгоҳи олиро хатм кард. Меъмор шуд. Валентина кори идораи сохтмониро тарк карда, корхонаи хусусӣ кушод, зану шавҳар ба сохтмон машғул шуданд. Ҳар сол истироҳаташонро дар киш варҳои пешрафтаи дунё мегузарониданд. Содиқ орзу ҳам карда наметавонист, ки чунин бахт насибаш мегардад. Даромадашон хеле зиёд буд. Валентина қарор дод, ки аз даромадашон барои ятимону бепарасторон биное созад ва оянда ҳамаи хароҷоти он ятимхонаро ба уҳдаи худ бигирад. Таклиф аз тарафи шаҳрдорон хуш пазируфта шуд ва онҳо дар як муддати кӯтоҳ сохтмони биноро ба охир расонида, ба истифода супориданд.

Рӯзи ба истифода додани бино маъракаи калоне ороста, шаҳрдорон, рӯзноманигорон, кормандони телевизион, радио ва худи кӯдакони ятимро дар назди он гирд оварданд.

Мири шаҳр ба Валентина ва Содиқ миннатдории бепоён изҳор намуда, суханро ба Валентина дод.

– Ҳозирини муҳтарам, ману шавҳарам қарор додем, аз даромаде, ки худ дорем, ба ятимон дасти ёрӣ дароз карда,

хонае созем ва оянда барои ба воя расонидани онҳо саҳмгузор бошем. Ин ятимхона барои панчоҳ кӯдак сохта шудааст. Ману шавҳарам кӯдаконро дӯст медорем, аммо Худованд ба мо фарзанд надодааст. Кӯшиш мекунем, ки ин бачаҳо бепадару модар будани худро ҳис накунанд. Шавҳари ман доимо ин шеърро қироат мекунад:

*Ҳар кӣ хандонад ятими хастаро,*
*Боз ёбад ҷаннати дарбастаро.*

Суханронии Валентинаро ҳозирин бо кафкӯбӣ истиқбол карданд. Кӯдакони ятим ба ӯ гулдастаҳо доданд. Писараки ҷингиламӯи сабзинае ба Содиқ гулдастае бахшид. Тамоми бадани Содиқ дар ин лаҳза ларзид. Охир, Ҷовиди ӯ низ чун ин писарча ятим аст. Хаёлаш ба Ваташ – Тоҷикистони офтобрӯя парвоз кард. Аз пеши назараш падару модари пир, арӯси нозанинаш, ду тифлаке, ки якеашро як бор ба даст гирифтаасту дигариро умуман надидааст, ҷилвагар гаштанд. Сараш чарх зад. Дилаш беҳузур шуд.

Валентина дигар шудани авзои шавҳарашро дида, парешон аз ӯ пурсон шуд:

– Саша, ба ту чӣ шуд? (Ӯ шавҳарашро чунин ном мебурд).

– Ҳеч,– гӯён Содиқ аз маърака дур шуд.

Валентина низ аз маърака берун рафта, ба ронандааш фармон дод:

– Мошинро фаъол кун, ба касалхона меравем.

– Не. Валяҷон, беҳтараш, ба хона равем, – хоҳиш кард Содиқ.

– Сашаҷон, имрӯз рӯзи ғайриодӣ буд, монда шудӣ? Истироҳат кун, ҳамааш мегузарад,– гӯён Валентина ӯро дар кат хобонда, зуд як пиёла об овард ва барои иваз кардани либосҳояш ба хонаи хоб даромад.

– Валяҷон, ман дар назди ту, дар назди падару модар ва пайвандонам гунаҳкорам. Хоҳиш мекунам, гапамро бодиққат гӯш кун ва агар тавонӣ, бубахш.

Содиқ аз Валентина чизеро пинҳон надошта, аввалин бор ҳаёташро нақл кард.

Валентина ба суханони Содиқ бодиққат гӯш дода гуфт:

– Саша, ин доди Илоҳист ба ивази хубие, ки имрӯз дар ҳаққи ятимон кардаем ва подоши Худованд аст, ки ту ҳақиқати рӯзгоратро ба ман нақл кардӣ. Агар аз аввал ҳамаашро ба ман мегуфтӣ, бо ту ҳеҷ гоҳ издивоҷ намекардам. Магар ман метавонистам сабабгори ятим мондани ду тифли бегуноҳ ва бева мондани як ҷавонзан шавам? Ҳеҷ гоҳ! Тайёр шав. Худи пагоҳ ба Ватанат – Тоҷикистон меравӣ.

Содиқ сархам менишаст. Дар назди ду зани бегуноҳ гуноҳи азиме кард. Дили ҳардуро шикаста буд. Ба Ватан баргардад, Санавбар ӯро мебахшида бошад? Аз рӯи шунидаш, Санавбар аз он духтараки сархам, фармонбардор ба зани оқилаву доно ва ба суханаш устувор табдил ёфтааст. Фарзандонаш чӣ? Онҳо чунин падарро қабул мекарда бошанд?

Ин саволҳо ба мағзи устухонаш чун корд халида, маҷруҳаш карданд. Чунон маҷруҳ, ки табобаташ душвор хоҳад буд...

* * *

Санавбар аз дарс омада, аҳли оиларо хеле шод дарёфт. Холаи Собира ҳавлиро рӯфтаву об пошида, дар болои суфа кӯрпачаҳои нав густурда буд. Писаронаш Ҷовид ва Ҷаҳонгир худро ба оғӯши модар партофта, аз рухсораҳояш бӯсиданду ба кӯча давида рафтанд. Амаки Усмон ҷелаки беқасаберо, ки фақат дар маъракаҳо мепӯшид, ба бар карда, асо дар даст лаби суфа амонат нишаста буд.

– Омадӣ, духтарам, даромада каме дам бигир, ғизои хеле болаззат пухта истодаам, ҳозир тайёр мешавад, амакат ду хурӯсро кушта дод, –гуфт холаи Собира Санавбарро дидан баробар ва ба сӯи аловхона рафт.

Санавбар байни ҳавлӣ ҳайратзада каме истоду сӯи амаки Усмон нигоҳ карда, чизе пурсиданӣ буд, ки мӯйсафед:

– Духтарам, ба намоз дер накунам, – гӯён аз ҳавлӣ баромада, сӯи масҷиди деҳа равон шуд.

Санавбар тағйири либос накарда, ба назди хушдоманаш рафт.

– Хола, дар хонаамон чӣ гап, ҳама шоду масрур, шумо чизеро аз ман пинҳон мекунед?

– Духтарам, Илоҳо доим ҳамин хел шоду масрур бошем. Сад бор шукр, дар ҳавлии мо ҳам хурсандӣ мешудааст. Неккадам омада буд. Хушхабар овард, духтарам. Содиқ аз Душанбе телефон карда гуфтааст, ки баъди ду соат ба деҳа мерасидааст. Доимӣ меомадааст, духтарам, доимӣ…

Санавбар чӣ кор карданашро надонист. Сараш чарх зад.

– Хола, ман имрӯз дар беморхона навбатдорам,– гӯён аз хавлӣ баромад (Дар як ҳафта се бор дар беморхонаи деҳа навбатдорӣ мекард, аммо имрӯз ӯ навбатдор набуд).

Холаи Собира ҳамаашро фаҳмид. Охир, баъди ҳафт соли ҷудоӣ, бевафоӣ, беэътиноӣ дили бечора келинаш реш–реш шуда буд, ӯ низ инсон аст, зан аст, модар аст.

– Худоё, ба келинам қуввате деҳ, ки хашму ғазаб ва ғурурро як тараф монда, шавҳарашро бубахшад. Ба хотири фарзандонаш бубахшад. Худоё, илтиҷо мекунам, тавалло дорам…

Бегоҳӣ ҳавлии амаки Усмон пур аз хешу табор, ҳамсояҳо буданд. Содиқ ба ин тарафу он тараф нигоҳ карда, Санавбарро дар хавлӣ надид. Ба хонаҳо низ даромада баромад, он ҷо низ аз Санавбар дараке набуд. Аз дилаш сад гумон гузашт, аммо хомӯш буд. Меҳмонон баъди хӯрдани зиёфат ҳама рафтанд. Ҷовиду Ҷахонгир низ ба хонаи хобашон даромаданд.

– Оча, келинатон дар куҷо? – пурсид Содиқ сарашро хам карда.

Холаи Собира ба саволи писараш ҷавоб надода, худро ба ғундоштани дастархони болои суфа андармон кард.

Содик ба сӯи падараш назар кард. Падар низ хомӯш буд.

Пагохӣ Содиқ, вақти наҳорӣ, тӯҳфаҳои овардаашро ба Ҷахонгир, Ҷовид, падар ва модараш дод:

– Ана, ин тухфаҳо ҳаққи келинатон, модарҷон,–гуфта ба холаи Собира дароз кард.

– Не, писарам, тӯҳфаи овардаатро худат медиҳӣ. Ку, набераҳои азизам, рафта, ба ҷӯраҳоятон тӯҳфаҳои падаратонро нишон диҳед, – гуфта махсус набераҳоро ба кӯча равон кард. Онҳо низ инро интизор буданд, ки давида ба кӯча рафтанд.

– Содиқҷон, ту гуноҳи азиме кардаӣ, инро на ҳар зан бахшида метавонад. Дар набудани ту Санавбар барои мо ҳам писар буд, ҳам духтар. Бояд рафта, аз ӯ бахшиш пурсӣ, лозим бошад, наздаш ба зону зада узр хоҳ, агар келинам баргашта наояд, шири додаамро пиҳил намекунам,– гуфта холаи Собира ашкашро бо гӯшаи рӯймол пок кард.

– Бале, писарам, барои мо Санавбар аз фарзандони худамон ҳам азизтар аст.

Аз байн се рӯз гузашт. Санавбар рӯзона ба хондан мерафту шабона дар беморхона навбатдорӣ мекард, ҳатто ба хонаи модараш намерафт.

Содиқ ба хонаи хушдоманаш рафт.

– Холаҷон, ман ҳамаашро фаҳмидам, гуноҳи азим кардаам, агар тавонед, маро бубахшед. Чӣ кор кунам, ки Санавбар бибахшадам?

– Содиқҷон, писарам, аз рӯзе, ки Санавбар шавҳар кард, дигар хонаи модарро надид, чунки ту ба ин розӣ набудӣ. Ӯ хотири туро аз ҳама боло медонист. Ҳоло ҳам ӯ ба хонаи мо наомадааст, дар беморхонаи деҳа мебошад, ӯро аз ҳамон ҷо меёбӣ.

Содиқ се рӯз пайи ҳам ба беморхона, ба ҷои хонданаш мерафт, сари роҳашро мегирифт, аммо Санавбар нимнигоҳе ҳам сӯи ӯ намекард. Содиқ бисёр ғамгин ба хона бармегашт. Падару модар саволомез ба ӯ менигаристанд. Содиқ хомӯш буд. Падар ба Содиқ маслиҳат дод:

– Писарам, назди сардухтур – Мирзо Кабиров рав, ӯ шахси рӯзгордида, оқилу доно аст, ба ту албатта маслиҳати хубе доданаш мумкин. Санавбар низ ӯро ҳурмат мекунад.

Содиқ гапи падарро гирифта, ба назди Мирзо Кабиров рафт:

– Доктор, бо умед наздатон омадам, ягона шахсе, ки метавонад ба ман дасти ёрӣ дароз кунад, шумоед. Хоҳиш мекунам, илтиҷо мекунам, ба Санавбар маслиҳат диҳед, ки ба хона баргардад.Ман хато кардам, ба қадраш нарасидам, хору зораш кардам, ба хотири ду шоҳписарамон гуноҳамро бубахшад.

– Писарам, дар ҷавонӣ одам гуноҳ ё хатое мекунад, лекин гуноҳи ту дар ҳақиқат нобахшиданӣ аст, аммо Санавбар дили бузург дорад, ба хотири фарзандон бармегардад. Ӯ фарзандонашро, аҳли хонадони шуморо дӯст медорад ва ҳурмат мекунад. Умуман, занони мо фақат ба хотири фарзанд зиндагонӣ мекунанд, ба ҳама беэътиноӣ, азобу уқубат тоқат намуда, як бахту як тахт гуфта худро қурбон месозанд. Ин нодуруст. Санавбар зани ҷавон аст, нафс дорад, муштоқи як сухани ширин, навозиш ва эҳтиром аст. Медонӣ, ҳафт сол ӯ чӣ хел зист? Чӣ азобҳо, хориҳо ва беэътиноиро аз сар гузаронд? Ба ҳамаи ин кӣ гунахкор буд?

Содиқ дар андеша монд. Дар ҳақиқат, ӯ ҳуқуқи даъвои соҳибдил буданро дорад? Санавбар чӣ гуноҳ дошт, ки ин қадар азобу уқубатро ба ӯ раво дид? Аз ҳама муҳиммаш, ӯ бо кадом рафтору кирдори худ барои фарзандонаш намунаи ибрат мебошад? Кӯдак ҳамон вақт мавқеашро дар ҷамъият пайдо карда метавонад, ки ҳамеша волидайн барояш намунаи ибрат бошанд. Кӯдакони ӯ аз падари хеш ифтихор карда метавонанд? Оё ӯ сазовори номи боифтихори падар ҳаст?

Чаро ӯ боре дар бораи муҳаббати Санавбар ва азобу уқубати модарии ӯ андешаи амиқ накард? Чаро маҳз имрӯз, баъди ӯро аз хонааш рондани Валентина, ҳамсарашро ба хотир овард?...

Саволҳо пайи ҳам пайдо шуда дилу майнаи ӯро ба танг оварданд, нафас дар гулӯяш печиду қафаси синааш ба сӯзиш даромад. Ба назараш замини зери пояш фурӯ рафтан гирифт, гӯё ӯро бо ҳама гуноҳу хатояш ба коми худ кашида, ба якборагӣ ташвишашро барҳам задан мехост.

«Не, то Санавбар маро набахшад, ман ҳуқуқи маънавии мурдан надорам, – хаёлан бо худ ба баҳс даромад Содиқ ва дар кучҷо буданашро ҳатто фаромӯш карда, Мирзо Кабировро ҳайрон гузошту ба кӯча баромад. Агар лозим шавад, ба пеши пои Санавбар сар мемонаму бахшиш мепурсам. Ба хотири фарзандон ӯ маро мефаҳмаду мебахшад».

Агар набахшад чӣ?..

## ГУЛИ ЛОЛА

Субҳи содиқ. Шуоъҳои хуршед чун торҳои заррин аз осмон, мегӯӣ, рост ба ҳавлии мо фуромада, бо ҷилои худ ба атроф нур меафшонданд. Баъди шустани дасту рӯ чун одати ҳаррӯза назди гулҳо ҳозир шудам. Атрофро накҳати гулҳои рангоранг муаттар гардонда буд. Суҳбатамро бо гулҳо оғозида, аз яке бӯй гирифтам, ба дигаре барои канда партофтани барги хушкшуда ёрӣ расонида, бо оби мусаффо онҳоро шустам. Гулҳои ҳавлӣ бӯи модар мекарданд, охир, тухми ин гулҳо ва қаламчаҳои гули садбаргро аз хонаи модар оварда будам. Амонатак лаби суфа нишаста, хаёлан ба хонаи модар ва давраи кӯдакӣ парвозӣ шудам.

* * *

Модарам зани зебо буд. Сафедрӯ, чашмон мисли осмони диёр кабуд, рухсораҳо шабеҳи барги гули лола сурх, мӯйҳои ба зардӣ моил чун абрешим ва нурҳои офтоб дурахшону пурҷило, зани ғаюру чеҳракушод, ҳалиму меҳрубон, чевар, кайбону, аз ҳаёву меҳр дастовез дошту аз гулу гиёҳ пояндоз, бо насиҳату маслиҳатҳояш, оромӣ ва тамкини доимиаш гули сари сабади ҳар маърака буд. Ҳар гоҳе куртаи ҳалили сафедашро ба бар мекард, мехостам чашм аз ӯ наканам. Ранги сафед ба ӯ хеле мезебид. Куртазеб, ботану тӯш буд. Бароям зеботарин зани дунё буд.

Зебоиро дӯст медошт ва лаҳзаҳои фориғ аз заҳмати омӯзгорӣ, шуғли дӯстдоштааш парвариши гулҳо буд. Майдончаи назди ҳавлӣ ва пеши тирезаҳои хонаамонро гулҳои

рангоранг оро медоданд. Ба машғулияти модар дида дӯхта, ҳаваси кас меомад. Баробари дурахши аввалин нурҳои хуршед модар ба назди гулҳояш ҳозир мешуд. Ӯ аз гармии офтоб, мусаффогии оби зулол, нармию серпоругии замин, насими форам, ҳаво истифода бурда, гӯё ҳар барги гулро дар алоҳидагӣ обборон мекарду навозиш. Бо гулҳо чун бо фарзанд меҳрубонӣ карда, бо онҳо ҳарф мезад ва ҳар рӯз гулҳои назди тирезаро ҷойгардон мекард. Бо шукуфтани ҳар муғча чашмони осмонранги софу беғубораш аз хурсандӣ барқ мезаданд. Агар ҳамсояҳо келин фуроранд, як даста гули зебо чида, ба таги чодар медаромад ва ба навхонадорон таманно менамуд:

– Ҳаётатон чун гул зебо, зиндагиатон ботароват, муҳаббататон ҳамеша нафосати гулро дошта бошад ва касе ба хонаатон қадам ниҳад, аз накҳати гул маст гардад.

Ба гаҳворабандон низ як даста гул мебурду гаҳвораи тифлро бо онҳо оро медод ва таъкид мекард:

– Бигузор ин иифл чашм кушода, аввал зебоиро эҳсос кунад, ҳамеша зебоипараст гардад.

Дар маросими мотам модар, албатта, гул мебурд ва тобутро бо гул оро дода, «Маит бояд ба хонаи охираташ хушбӯй равад» мегуфт.

Агар аз кор ё аз меҳмонӣ омада, гулҳоро пажмурда медид, албатта мепурсид:

– Ба хона кӣ омада буд? Ғамгин буд ё бадқахр? Аз ҳолати рӯҳии ҳамон меҳмон гулҳо сархам шудаанд. Гул бисёр нозук аст, ҳолати шахси ба наздаш омадаро эҳсос мекунад. Аз сухане, ки шодӣ дорад, хурсанд шуда, аз ғам сархам мешавад, эҳсос мекунад, ки разолат чисту муҳаббат чист, дурӯғу ҳақиқат ва нуру зулмотро дар худ таҷассум менамояд.

Ҳамеша таъкид мекард, ки аз суҳбати одами бефарҳангу бесавод худдорӣ намуда, суҳбати гулҳоро афзалтар бидонед. Рози дили худро ба гулҳо ифшо намоед на ба дӯсти ҳарзагӯй. Хобатонро ба гул гӯед на ба ҳасуд. Гул рамзи муҳаббат аст, агар ба касе арзи муҳаббат кардан хоҳед, ба ӯ гул тақдим кунед, дигар ҳоҷат ба сухан намемонад. Гулҳои пажмурдашударо напартоед, байни авроқи китоб гузоред,

баъди солҳои зиёд дар ҳолати варақгардон он лаҳза ба ёдатон меояд. Дар хонае, ки гул парвариш мекунанд, ҳамеша баҳор аст. Шахсе, ки ба гул бисёр менигарад, таровати рӯяш, латофату нафосаташ даҳчанд зиёда мегардад.

Ҳар гоҳе дугонаҳои ҳамсинфам ба хонаамон меомаданд, пеш аз рафтан дар ҳавлӣ назди гулҳо тавақуф намуда, онҳоро бӯй мекашиданд ва ҳаловат мебурданд. Ман бошам, ба ҳар кадомашон дастаи гул медодаму гуселашон мекардам. Баъди рафтани онҳо модар коҳишам намуда:

– Духтарам, гул барои бӯидану ҳаловат бурдан аст на барои кандану партофтан. Охир, дугонаҳоят ба хонаҳояшон нарасида, гулҳо пажмурдаву зери по мешаванд, – гуфта ғур-ғур мекарданд.

Аз хаёлам мегузаронидам: «Барои ду-се даста гул модар ин қадар дилтангӣ мекунад?» ва ба тавраш аз ӯ меранҷидам…

Солҳо гузаштанд. Ман низ соҳиби хонаву дар ва фарзандони дӯстрӯ гаштам. Рӯзи истироҳат буд. Модар ба меҳмонӣ омад. Ба хона таклиф кардам, аммо ӯ ба суфаи зери дарахти тут, ки дар иҳотаи гулҳо сохта будем, ишора карда гуфт:

– Духтарам, биё, дар ҳавои тоза, дар иҳотаи гулҳо бишинем.

Ҳар гоҳе бибӣ меҳмони хонадон мешуд, барои наберахо он рӯз тӯй буд. Ҳар кадомашон кӯшиш мекарданд, ки дар назди бибӣ худро аз тарафи мусбат нишон диҳад. Фарида дастархон кушода, онро аз маводде, ки бибӣ дӯст медошт, пур мекард, Фазила чанд қабат кӯрпача густурда, болиштҳои пари қу оварда, зери дасти бибӣ мемонд, Фотима шеъри нав азхудкардаашро ифоданок мехонд, чунки модар, ки то ба нафақа баромадан муаллима буд, ба ин масъала тавҷҷуҳи хосса медод. Манучеҳр бошад, гулҳоро бо найчаи резинӣ, ки дар байни ҳавлӣ мисли мор хобида буд, обборон карда:

– Бибиҷон, гулҳои ҳавлии Шумо зебоанд ё аз мо? – гуфта ба тавраш аз гулҳои ҳавлӣ ифтихор мекард.

– Офарин, сад офарин! Ин қадар гулҳои зеборо дар як

ҷо ҷамъ овардан худ як ҳунари волост, – гуфта модар қаноатмандиашро зоҳир мекард.

– Бале, модарҷон, шуғли гулпарварӣ ирсӣ будааст. Ман низ мисли Шумо парвариши гулҳоро дӯст медорам – гуфтаму барои овардани ғизо ба ошхона даромадам.

Овози модарам меомад, ки ба набераҳо мегуфт:

– Модари Шумо ба куҷое сафар накунад, хоҳ сафари хизматӣ бошад, хоҳ истироҳатӣ, аз ҳамон кишвар ба ман, албатта, тӯҳфа – тухми гул меовард. Чанд вақт боз тӯҳфа наовардааст. Дар байни гулҳоятон гулҳои навро мебинам. Лолаи сурху зардро дида будам, аммо лолаи сиёҳро акнун мебинам, Ҳусейнҷон, ҷонакам, як дона аз ҳамон гул канда биёр.

Косаҳои пур аз ғизо дар дастам давида баромада дидам, ки аллакай Ҳусейнҷон як дона гули лолаи сиёҳ дар назди модар рост меистод.

– Ин чӣ кори кардаат буд? Наход инсон чунин гули нодирро канад?! Охир, гул барои дидан, бӯидан ва ҳаловат бурдан аст, на барои канда ба рӯи хок партофтан! – гуфта Ҳусейнҷонро сахт ҷанг кардам.

Модар аз шунидани суханони ман табассуми маънидор карда:

– Духтарам, меҳнат чизи ширин будааст-а? Ёд дорӣ, вақте ки ба дугонаҳоят даста-даста гулҳои ҳавлиро чида медодӣ, ман фикр мекардам, ки ҳар тори диламро канда истодаӣ, лекин дар назди дугонаҳоят туро ҷанг намекардам, андеша мекардам, ки ба ту суханонам сахт нарасанд. Ту бошӣ, барои як дона гул Ҳусейнҷонро коҳиш менамоӣ.

Косаҳои ғизоро ба дастархон монда, дар назди модар бо зону нишастаму бо сари хам «Мебахшед, модарҷон» гуфтам…

* * *

– Ассалом, модарҷон, ассалом, очаҷон,– гуфта фарзандон ба наздам омаданду: – Чаро чашматон тар аст? Магар гиря кардед? Очаҷон, мабодо бемор нашуда бошед? – гуфта саволборонам карданд.

– Не, ҷонакои ман, бемор нашудаам, ба гулҳои шукуф-

та нигариста, ҳавлии модар ба ёдам омад. Машомам пур аз накҳати модар гашт. Биёед, як даста гул чида, сари манзили бибиатон меравему рӯҳашро шод мегардонем, – гуфта бо фарзандон тарафи теппаи «Уртабуз», ки водии хомӯшони ноҳия дар як гӯшаи он ҷой гирифтааст, роҳ пеш гирифтем… Аз дур қабри модар, ки болояш пур аз гул буд, намудор гашт…

## ДУ ҶИСМИ ҲАМРӮҲ ДУ РӮҲИ ҲАМРОҲ

Баъди як ҳафтаи фавтидан арвоҳи зан аз марқади танги худ баромада, сӯи деҳа парвозӣ шуд. Охир, бегоҳи рӯзи панҷшанбе – рӯзи ба ёд овардани фавтидагон ва хотири мурдагонро бо як каф дуо шод кардан мебошад. Ба назди хонааш расида, аз тиреза ба дарун назар кард. Даҳ фарзандаш дар гирди дастархони калон сархаму маъюс бо якдигар ҳарф зада, модарро ба ёд меоварданд. Ба тирезаи меҳмонхона наздик шуд, чанд мӯйсафеди деҳа, дар даст тасбеҳ, ба ёди арвоҳи зан аз ояҳои Қуръон тиловат мекарданд. Дилаш ором шуд, боз баргашт ба қабристону ба қабри шавҳар наздик шуд. Аъзои баданаш бедвор ларзид…Мешинохта бошад? Охир аз рӯзи фавташ 20 сол гузашт. Ман пир шудаам, аммо ӯ бояд ҷавон бошад, охир 20 сол пеш ӯ 45 сол дошт. Зан ларзон дохили марқад шуд. Марқадро холӣ дарёфт. Бетоқат шуд, хавоссаш парешон гашту худро ба берун андохт. Ашкрезону хунгирён ба деҳа, ба сӯи хонааш, роҳ пеш гирифт. Аз дур, дар назди тирезаи хонаи фарзандон суроби шахсеро дид. Зери дарахти назди хона пинҳон шуд. Синча карда арвоҳи шавҳарашро шинохт. Мисли пешин ҷавонмарди зебо буд. Тарсид наздик шавад. Арвоҳи шавҳар бо ҳавас ба даруни хона нигоҳ мекард. Зан ба худ нигарист: «Охир ман пир шудаам, аммо ӯ хеле ҷавон аст. – Ин хаёл аз сараш гузашт. – Мешинохта бошад? Агар не…»

Раҳима дар оилаи зиёӣ ба дунё омада буд. Падараш одами ҳарбӣ буду модараш муаллима. Падарро ба ноҳияи

дурдасти Шӯрообод ба кор мефиристанд. Ӯ ҳамсарашро бо худ мебарад. Баъди ду моҳ Раҳима ба дунё меояд. «Барои кӯдаки таваллуднашуда харидани парпечу либос хосияти хуб надорад,» – гуфта модар барои тифлаш ягон чиз нахарида буд. Он сол зимистон хеле қаҳратун омад. Падар аз хурсандӣ дар куртааш намегунҷид. Дар рӯзи таваллуди духтараш ӯ савори асп барои харидани парпечи кӯдаконаю тӯҳфа ба шаҳри Кӯлоб сафар кард. Соли 1944-ум вазъият дар ақибгоҳ низ нооором буд. Падар баъди харид ва бозгашт дар роҳ аз дасти хоинони давлат кушта мешавад. Модар баъди се рӯз аз тақдири шавҳар хабардор шуд. Ӯ, ки тарбиядидаи Хонаи бачагон буду хешу табор надошт, бо кӯдаки ширмак куҷо рафтанашро намедонист. Мегӯянд: дар олам аз ашхоси бад дида, инсонҳои нек бисёранд. Бале, бо дастгирии чунин афрод ӯ дар зиндагӣ роҳи худро ёфт. Муаллима шуда кор кард, Раҳимаи хурдакакашро ба воя расонд. Бо худ ба мактаб мебурду дар болои мизи кор шинонда, ба толибилмон дарс мегуфт. Раҳима 8-сола шуд. Ба модараш ҷавони хеле зебо ошиқ шуд. Ҳар рӯз пеши роҳашро гирифта, арзи муҳаббат мекард.

– Ман фарзанд дорам, духтарам 8-сола аст, намехоҳам ӯ дастнигари падари угай шавад. Ту метавонӣ бо духтари қадрас издивоҷ кунӣ, – гуфта модар муҳаббати ҷавонро рад мекард.

– Духтаратро ба фарзандӣ қабул мекунаму чун гавҳараки чашм эҳтиёташ менамоям, фақат ту розӣ шав. Ман ҳаётамро бе ту тасаввур карда наметавонам, – зориҳо мекард ҷавон.

Онҳо издивоҷ карданд. Соҳиби ду фарзанд шуданд, мард ба аҳдаш вафо кард: то охири умр Раҳимаро пеш аз фарзандони худ медонист.

Раҳима, ки орзуи табиб буданро дар дил мепарварид, ба Омӯзишгоҳи тибби шаҳри Кӯлоб ҳуҷҷат супорид. Ба хондан шавқи зиёд дошт, аммо… ошиқ шуд, сахт ошиқ. Намехост хонданашро тарк кунад. Ҷавон шабу рӯз аз пуш ти ӯ мегашт.

Шаби қаҳратуни зимистон. Ҷавон дар паси тирезаи хобгоҳи омӯзишгоҳ ду чашм сӯи ошёнаи дуюм мисли бобои барфӣ аз боридани барфи лаклакӣ сап-сафед шуда буд.

Ҳамсабаққояш шӯхикунон:

– Бечора сағира ях карда намурад? – мегуфт яке.

– Наход дилат насӯзад: як сол шуд, ки ӯ шайдои ту, – мегуфт дигаре.

– Охир ту низ ӯро дӯст медорӣ? – мегуфт саюмӣ.

Раҳима бетоқатона назди тиреза мерафту боз дар пушти миз менишаст, аз даҳҳо саҳифаи хонданаш чизе дар хотирааш намеистад, ҳушу ёдаш ба берун банд буд.

Поси шаб. Ба соат нигарист: соат яки шаб. Оҳиста ба назди тиреза омад. Мегӯӣ ях баста бошад, ҷавон мунтазир. Ӯ ба дугонаҳояш нигарист, ҳама масти хоб. Оҳиста аз хобгоҳ баромад. Зани дарбон низ пинак рафта буд. Дар ин лаҳзаҳо ӯ ғуломи ишқи худ буд. Барояш на ситораи дурахшон дар шаби тор лозим буду, на офтоби сӯзон дар рӯзи хунук, дил ба ӯ гуш намедод, вуҷудаш такрор ба такрор мегуфт: «Ё ӯ, ё ҳеҷ каси дигар.» Насими сард ва донаҳои барфи лаклакӣ ӯро ба худ овард. «Худоё, ман чӣ кор карда истодаам?» Мехост ба қафо баргардад, аммо аллакай ҷавон ӯро дида, бо сӯяш медавид. Беихтиёр пойҳо Раҳимаро кашолакунон ба сӯи ӯ бурданд. Фарҳод аз Худои худ илтиҷо мекард: «Худоё, тайёрам субҳи мусаффо ва офтоби дурахшонро ба ҳамин шаби тор иваз кунам, чунки азизам дар барам аст!»

Онҳо оила барпо карданд. Баъди як моҳи ҳамзистӣ Фарҳодро ба хизмати модар – Ватан даъват намуданд. Раҳима рӯз дар миён аз шавҳар мактуб мегирифт. Ӯ менавишт: «Азизам, ягонаам! Бо тамоми ҳастӣ дӯстат медорам. Ҳар рӯзу соату сонияро бо ёди ту паси сар мекунам. Бовар дорам, ту низ интизор ба роҳи ман ҳастӣ. Хизмати Модар – Ватанро софдилона иҷро карда истодаам. Лаҳзаяке вақти бекор ёбам, ҷавоби мактубҳоямро такрор ба такрор мутолиа мекунам. Ин номаҳоро бӯ мекашам, аз онҳо бӯи ту ба машомам мерасад. Бо умеди дидор Фарҳоди ту.»

Боз менавишт: «Азизам, имрӯзҳо ту мисли ситора барои ман дастнорасӣ. Фарқи ту ва ситораҳо дар он аст, ки онҳо ҳазорҳоанду ту якто.»

Баъди як соли ҷудоиҳо Раҳима барои аёдати маҳбубаш ба давлати ҳамсоя рахти сафар баст. Ҳарчанд модар хоҳиш кард, ки ба роҳи дур наравад, барои ӯ ёфтани қисмҳои ҳарбӣ душвор мешавад, аммо ӯ:

– Модарҷон, ӯро ёд кардаам, тоқати ҷудоӣ надорам. Хоҳиш мекунам, дуои некам деҳ, – гуфта илтиҷо кард.

Модар дуояш доду орзу кард, ки сафараш бехатар бошад. Раҳима шавҳарашро ёфт. Дар сарҳадди Олмон хидмат мекардааст. Ду дилдода вохӯрданд. Мисли ҳамон мулоқоти нахустинашон он шаб ҳам барфи лаклакӣ меборид…

Ҷудоӣ муҳаббати хурдро мекушад, аммо муҳаббати бузургро бузургтар мегардонад, мисли он ки шамол шамъро хомӯш карда, боиси аланга задани оташи бузурге мегардад. Муҳаббати ин ду навҷавон мисли оташ аланга мезад. Фарҳод худро хушбахттарин ҷавон эҳсос мекард, чунки азизи дилаш ҳазорон фарсах роҳро пушти сар намуда, барои дидани ӯ омада буд.

***

Зиндагиашон ширин мегузашт. Якдигарро, ки дӯст медоштанд, норасогиҳои рӯзгор ба чашмашон наменамуд. Дар хонадон пайи ҳам чор духтарча ба дунё омад. Яке аз дигаре зеботару ширинтар. Зану шавҳар ба доди Худо шукр мегуфтанд, аммо Раҳима мехост писар дошта бошанд. Шоҳписареро бо орзуҳои зиёд ба дунё овард: Рустам номаш ниҳоданд. Боз чор духтару як писар таваллуд кард. Писари дуюмро ном ниҳоданд Суҳроб.

Хабари мудҳиш ва даҳшатбор ба решаи дарахти умри якҷояи онҳо лахчаи хокистари сӯзонро рехт. Хонаи пур аз хандаи онҳо ғамхона шуд. Шавҳар, ки дар Корхонаи пахтаи шаҳри Кӯлоб вазифаи масъулро ба ӯҳда дошт, вақти таъмири дастгоҳе ҷароҳати сахт мебардорад ва дар болои

мизи ҷарроҳӣ аз олам чашм мепӯшад. Зан бо дах кӯдаки ноболиғ дар чорроҳаи тақдир танҳо монд. Рӯзҳои вазнин ӯро интизор буданд. Тарбия кардан, ба воя расонидан, соҳиби маълумоту касб намудани фарзандон соҳиби хонаву дар кардани онҳо барояш гарон афтод. Пеш аз муҳлат пир шуд. Як соли охир зан дар ҳавлии калони шавҳар танҳо монд. Духтарон ҳама соҳиби хонаву дари худ, писаронаш бошанд бо оилаҳои худ зиндагии деҳотро ба шаҳр иваз карданд. Ӯ танҳои танҳо монд. Гарчанде бародару хоҳар ва фарзандон таклиф мекарданд, ки ҳамроҳи онҳо зиндагӣ кунад, розӣ намешуд.

– То лаҳзаи охирини ҳаёт намегузорам, ки чароғи хонаи шавҳарам хомӯш гардад. Охир, арвоҳи ӯ омада дари баставу хонаи торикро бинад, ба ҳамсаре чун ман лаънат намехонад? – гуфта дар ҳавлии калон хаёлан бо шавҳари азизаш сухбат мекард. Гоҳ-гоҳ хориаш меомаду ба хонаи дарун даромада мегирист. Ягона нишон аз шавҳар мактубҳояш, ки аз хидмати сарбозӣ навишта буд, ҳамсӯҳбати Раҳима буданд. Гаштаву баргашта онҳоро мехонд, ҳамаи онҳоро азёд медонист…

Он рӯзи шумро на танҳо аҳли оила, балки тамоми деҳа фаромӯш нахоҳад кард. Он рӯз Раҳима хеле шод буд: писари ба ҷону дил баробараш Рустам ба аёдати модар омад! Дастархон кушод, ҳамроҳ ғизо хӯрданду ба ҳота даромаданд.

– Очаҷон, ин қадар помидорҳо сар ба навда сурх шудаанд, чида диҳам-мӣ? – гуфта Рустам ба чидани помидору қаланфур оғозид.

– Кошки, ҷони оча, – гуфта зан низ дар ҷӯякҳои пур аз ҳосил рост шуд.

Очаю бача сатилҳои пури номидорро бардошта, ба ошхона даромаданд.

– Писарам, ту дар хона истироҳат кун, ман дар деги калон афшураи помидорро ҷӯшонда, ба зарфҳо ҷой мекунам.

Зан хасу чӯби хушкро зери дег ҷо карда оташ афрӯхт. Оташ аланга гирифту ба домони зан часпид. Зан саросема

хост аввал бо даст оташро хомӯш кунад, натавонист, оташ то чанд аланга мегирифт. Хост куртаашро аз тан берун кунад, то қафаси сина куртаро боло карда буд, ки алангаи оташ ба чашму рӯяш расид. Дар дохили оташхона зан бо оташ дастбагиребон буд. Дар ҳамин ҳолат писараш Рустам аз хона берун шуда, ба ошхона назар карду, давида омаду:

– Модарҷон, барои чӣ чеғ назадӣ, то ман бедор шавам? –гуфта шолчаи болои танурро гирифта, модарро дар он печонд.

– Писарам, Рустамҷони азизам, охир агар дод мегуфтам, ту метарсидӣ, – гуфт модари сухтаи бирён фикри фарзандашро карда.

14 рӯз модар бо марг дастбагиребон буд. Ҳамаи даҳ фарзанд болои сараш парвона, аммо... Оташ корашро карда буд. Бародару хоҳар дар болои бистари хоҳарбузургашон ашк мерехтанд. Раҳима аз хоҳар илтимос кард:

– Хоҳарҷон, хоҳиш мекунам: мактубҳои Фарҳодро, ки дар қутии ҷевон нигоҳ медоштам, гирифта ба оташ андоз. Бигузор аз фироқ онҳо низ мисли ман сӯхта хокистар шаванд. Хокистарашро дар рӯзе, ки бод сахт мевазад, аз баландие пош деҳ. Бигузор дар рӯи дунё меҳр бошаду ишқ бошаду муҳаббат…

Ин суханҳои охирини Раҳима буданд.

Рӯзи ҷаноза хурду калони деҳа барои видоъ ҷамъ омада буданд.

Хоҳар мактубҳои Фарҳодро ёфт. Ӯ менавишт:

«Раҳимаҷон, азизам, мумкин ягон вақт мо дар дӯзах вохӯрем, чунки туро ҳамчун дузде, ки дили маро рабуда буд ва маро ҳамчун шахсе, ки ба ҷои қибла сӯи ту намоз гузоштаам, маҳкум хоҳанд кард…», «Азизам, дирӯзу имрӯзу фардо ҳамчун қалб бо туам. Агар вақте танҳо мондӣ, ғам махӯр, даст болои сина бимон. Ман дар он ҷоям…», «Азизам, ҳатто баъди марг ҳам ту аз ман гурехта наметавонӣ, чунки ман кафан мешаваму туро ба оғӯш мегирам, гул мешаваму болои қабратро оро медиҳам, борон мешаваму он гулҳоро об медиҳам…» «Азизам, Раҳимаҷон, байни мо ҳазорон фарсах роҳ, ту дар он тарафи роҳу ман дар ин

тараф. Дар дили ман оташе аланга мезанаду шӯълаи он ту ва ман дуди он ҳастам. Дар забони ман суруди ғам аст, сарояндааш ман ҳастаму фармоишгар ту…», «Азизам, Раҳимаҷон, фарқ надорад, ки роҳ ҳазорон фарсах дур аст, ман дар тамоми роҳ номи туро навиштаам, бо куҷое наравӣ, дар роҳ мехонӣ, ки ман туро дӯст медорам…». «Азизам, ман ба хотири шаб зиндагонӣ мекунам, чунки ту шаб меоӣ дар орзуҳоям, дар дилам, дар хаёлам, дар хобам…»

Хоҳар васияти хоҳарбузургашроро иҷро кард…

***

Бегоҳии панҷшанбе, арвоҳи зан ба хонааш наздик шуд. Фарҳодаш аллакай он ҷо буд: нигоҳи чашмон якдигарро ёфтанд. Майл ба ҷониби якдигар карданд, чун он шабе, ки барфи лаклакӣ меборид… Онҳо бе сухан, бе овоз яктан шуда, ба афлок парвоз намуданд…

## ГАҲВОРА, НОН, КИТОБ…

– Модарҷон, модари ширинам, ёдатон кардам. Нони гарму хушбӯю нав аз танӯр кандаву шири навдӯшидаатон ро ёд кардам, мехоҳам дар сари зонувони нарматон сар бимонаму чун даврони пешин ҳаловат барам. Аммо…

– Поям дард кард. Як зани калони соҳиби панҷ фарзанд, мисли тифлакон ноз мекунӣ. Хез, поям дард кард! – гуфтанҳоятон ба хотирам мерасаду…

– Сарам вазнин нест-ку? Зонувонатон мисли пари қу нарманд. Барои чӣ дард мекунанд? – ба хотирам меояд нозу нузи бемавридам.

– Хез, охир зонуям дард кард. Ман ба 80 даромадаам. Як зани каппа-калон, ба 40 даромадаасту рафторш рафтори кӯдак.

Ҳис мекардам, ки аз ин нози ман ҳаловат мебурдед.

Модарам ширинзабон буданд. Ҳеҷ гоҳ баланд гап намезаданд, ҷангу коҳиш намекарданд. Фақат як бор, як

бор сахт ҷангам карданд. Аз қаҳр пайкарашон бедвор ларзид. Як умр ин ларзиш аз ёдам намеравад.

Зимистон буд. Ман аз мактаб омада дидам, ки модар сари танур ҷунбуҷул дошт.Ба хона даромада тағйири либос кардаму ба пеши танӯр назди модар омадам. Он вақт дар синфи 5-ум мехондам.

Ҳезуми тар дар намегирифт.Модар мехост оташро фурӯзон кунад, аммо хасрӯбаҳои тар дуд мекард. Нонпазхона пур аз дуди сиёҳ шуда буд. Модар сӯи оғил рафтанд, то ҳезум ё тапаки хушк оварда, оташро фурӯзон кунанд.

Ман давида аз ҷевон як китоби кӯҳнаи варақҳояш зард шуда, ки бо хатҳои барои ман ноошно навишта шуда буд,гирифтаму аз он як ду варақ канда оташро фурӯзон кардам. Аз кори кардаам шод будам.

– Модарҷон, ман оташро фурӯзон кардам. Бинед, оташ аланга мезанад! – шодикунон хабар расондам.

Модар дар даст таппак омада, ба алангаи оташ нигоҳ карданду, ба дасти ман, ки варақҳои китобро якто-якто дарронда, ба оташ меандохтам.

Китобро аз дастам кашида гирифтанд. Бо нигоҳи маломату мазамматомез, бо чашмони пурашк китоби кӯҳнаи зардшударо ба синаашон зер карданд.

– Чӣ кори кардаат буд? Кӣ аз ту хоҳиш кард, ки оташро фурӯзон кунӣ? Дур шав аз назди танӯр! – гуфтанд. Бори нахуст модарро дар чунин ҳол медидам. Ба оташ нигариста, бо гӯшаи рӯймол ашки чашмонашонро поккунон бо оҳу ҳасрати сӯзон китобро сахттар ба қалбашон зер мекарданд.

Оташ то чанд аланга мегирифт.

Модар, бо ҳаяҷони шадиду ларзиши дил ба танур такякунон ба замин нишастанд. Китоби кӯҳнаи варақҳояш зардшударо бӯсида, ба чашмони пурнам мемолиданд.

Ҳаво низ якбора тағйир ёфт, гирист, бо борон нею бо барфҳои калон-калони лаклакӣ. Ҳама ҷо сап-сафед шуд. Шамол як-ду дона барфро ба рӯям зад. Барф мисли шарораи сӯзон рӯямро лесида об шуд. Ба хаёлам чун кундаи тар дуди сиёҳ баровард, на танҳо оташхона, балки он

дунёи хурдакаки дили ман пур аз дуди сиёҳ шуд.

Гуноҳамро надонам ҳам, назди модар нишаста суоломез сӯяшон нигариста, ноаён ашки сӯзонро бо муштҳои хурдакакам пок кардам.

Оташ оҳиста-оҳиста хомӯш гашт, хамир турш шуд.

Модар сарамро сила карда гуфт:

-Духтарам ту ҳоло хӯрд ҳастӣ муқадасоти ин китобро намедонӣ калонтар шудӣ баъд мефаҳмонам. Ҳамеша дар хотир дор **ҳеҷ гоҳ ба сӯи китоб, гаҳвора ва нон пой дароз накун, ки вубол аст.**

Солҳо гузаштанд, ман калон шудам. Сабаби ба қаҳр омадани модарро дер, хеле дер фаҳмидам.

Бале, баъд фаҳмидам, ки модарам дар хонадони шахси босавод, хатмкардаи мадраса, ба дунё омада будааст.

Бобоям дар талу теппа дарахтони бисёри мевадиҳанда шинонида, боғи пурмевае обод карда будааст, ки онро ҳама «боғи муаллим» мегуфтаанд.

Солҳои сиюм. Замона хеле нотинҷ буд. Агар се нафар шоҳидӣ медод, ки ин мард мулло, китобхон асту сарвате дорад, бе пурсупос ӯро душмани давлату халқ эълонаш карда, ба маҳбас мепартофтандаш, ё бадарға, ё беному нишон гум мешуд.

Як сели офат ба сари мардуми бечора омада буд. Ҳама ба якдигар шубҳаомез нигоҳ мекарданд, оҳиста гап мезаданд, ки гӯши ғайр нашунавад. Зиндагиашон ҳамеша биму ҳарос буд.

Он рӯзи шумро модар ҳеҷ гоҳ аз ёд намебаровард. Бегоҳӣ ба ҳавлиашон як гурӯҳ силоҳбадастон даромада, тамоми чизу чораи хонаро таку рӯ карданд. Ягона сандуқи калони чӯбинро, ки падару модар чун гаҳвараки чашм эҳтиёт мекарданд, чор нафар кашолакунон ба саҳни ҳавлӣ бароварданд. Дашномҳо дода, калиди сандуқро пурсон шуданд.

– Калидро биёр! – сардори ин гурӯҳ чун ваҳшиён дод зад.

Падару модар сархам, гӯё дар даҳон об гирифта бошанд, хомӯш буданд. Чор фарзанди хурдсол аз шуни-

дани суханҳои қабеҳ тарсида, ба пои падару модарашон часпида, дод зада гиря мекарданд.

– Табарро биёред! – амр кард сардори гурӯҳ.

Баъди чанд дақиқа нафаре аз он гурӯҳи зишткору хунхор табар овард.

– Шиканед сандуқро!

Дар ин лаҳзаҳо падар нимшунаво худ ба худ чизе мегуфт. Аз Худованд хоҳиш мекард, ки дар дили ин гургон раҳму шафқат биандозад.

Сарпӯши сандуқ шикаста ва аз он китоби зиёдеро бароварда, ба рӯи ҳавлӣ партофтанд.

Падар дар назди он оқипадарҳо ба зону зада хоҳиш кард:

– Ин китобҳо муқаддасанд, илтиҷо мекунам, онҳоро ба замин напартоед, вубол аст. Аз Худо битарсед!

Дар як лаҳза аҳли деҳаро ба он ҳавлӣ ҷамъ оварданд.

– Сӯзонед! Оташ занед! – девонавор амр кард сардори гурӯҳ.

Падар худро болои китобҳо партофт. Хоҳишу илтиҷо мекард, ба дили онҳо раҳму шафқат оварданӣ мешуд.

– Дасту пояшро бандед, ин душману хоини сохти нави давлатдориро!

Ашки чашмони падари даступобаста аз ду бари рӯяш ҷорӣ шуда, аз таги манаҳаш чакра –чакра ба алангаи оташ мерехт, гӯё ашк мехост оташро ба ин минвол хомӯш кунад.

Тозиёнаи сардори гурӯҳ ба рӯй, сар ва тамоми аъзои бадани падар бошаст бархӯрда, пайи ҳам такрор мешуд. Хун рӯи ӯро мешӯст. Ҳамсараш давида пеши пои шавҳар худро партофт. Илтичо мекард:

– Шавҳарам гуноҳе надорад. Дар ин китобҳо ягон сухани ноҳақ нисбат ба давлат ва сохти имрӯза нест. Инҳо китобҳои муқаддасанд. Қуръон асту Ҳофизу Бедилу Мавлавӣ…

Сухани модар ба охир нарасида, садои тири таппонча ӯро хомӯш кард…

Доду войи фарзандон баланд шуд.

– Муаллимро ба пушти ароба бандед, сагбачаҳояшро пеш-пеши ароба кунед! – фармон дод сардори гурӯҳ.

Аҳли деҳа хомӯш ашк мерехтанд. Касе ҷуръат намекард, ки сухане бигӯяд. Ҷон барои ҳама ширин буд …

Солҳо гузаштанд, ахли деҳа дар борои тақдири устоди худ ва аҳли оилааш дигар чизе нашуниданд. Аз якдигар чизе пурсиданӣ шаванд, аз тарс аввал ба чор тараф нигох мекарданд.

Модар бо дили ранҷур он рӯзҳоро ба ёд меовард. Ӯ касби падарро интихоб кард: муаллима шуд.

Имрӯз дар дукони модар бо фарзандонам гирд омада, модарро ёд мекунам, ба фарзандон бо фахр дар бораи модар сухан мегӯям.

Ҳар гоҳе ба зодгоҳам – Фархори куҳан сафар кунам, аз ҳама ҷо: аз хиёбонҳои пур аз гулҳои шабнамзадаву хушнакҳату хушрӯй, аз боғу роғи гулафшон, аз оруву мурғакони пуркор, аз дарахтони сермеваи пурбор, аз инсонҳои баору номуси ин диёр, хулоса, аз ҳама чизу аз ҳама кас, аз одаму олам ба машомам бӯи модар меояд… Ин аст, ки Фархорро бо бӯи модар дӯст медораму модарро бо номи Фархор. Имрӯз боз ёди модар маро ба дуру наздик, ба лаҳзаҳои шодию нишот ва рӯзҳои сарду сиёҳ, ғаму қулфат бурда овард…

Модарҷон, ҷон модарҷон, ёдатон кардам!

Гуфтаниҳои зиёд дорам, аммо қалам оҷизӣ мекунад, то бузургиатонро васф кунам… Дил мехоҳад мисли пешин сарамро болои зонувонатон гузорам Аммо,ҳазор афсӯс…

## БАҲОРИ ДИЛ

Фасли зимистон. Ҳаво хеле сард буд. Дар ҷангалҳои Сибир барф беист мебориду меборид. Мардикороне, ки аз Тоҷикистон, барои маблағе ба даст овардан, ба ин гӯшаи дурдаст омада буданд, ба ҳавои сарди ин сарзамин мутобиқ шуда наметавонистанд. Дар хонаи сайёри оҳанин, ки аз ду утоқ иборат буд, 18 тоҷикписар иқомат мекрд.

Корфармо- марди зардинаи қадбаланди миёнаумр, ки амаки Иван номаш мебурданд, ҳар ҳафта як бор омада, кори ба анҷом расонидаи мардикоронро қабул мекард.

Ин пагоҳӣ низ ӯ омада дарахтони буридаи мардикорон ро дида, қаноатмандиашро баён кард. Онҳо аз нақша зиёд дарахт бурида буданд.

Иван-амак дар байни тоҷикписарон Наимро надида, аз ҳамроҳонаш ӯро пурсон шуд.

– Ба Наимҷони мо пули зиёд лозим аст, аз ҳамин сабаб ӯ шабу рӯз кор мекунад, ҷонашро дар хатар монда, ин пагоҳӣ низ ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, ба ҷангал рафт, – гуфт бригадир амаки Фаридун амали Наимро ба корфармо маънидод карда.

– Ба Шумо пул лозим нест? – гуфт Иван-амак.

– Лозим аст, хонаву дар, зану фарзандон, диёри маҳбубро тарк гуфта, барои ба даст овардани маблағ омадаем. Аммо чун Наим мо девона нестем, ки ҷонамонро ба пул иваз намоем. Ӯ дар ҳақиқат девона аст. Панҷоҳ дар сади дарахтонеро, ки  дар 1 ҳафта буридаем ӯ танҳо буридааст. – гуфт амаки Фаридун.

– Ман пагоҳ ба шаҳр меравам, агар ягон хоҳиш дошта бошед, то бегоҳ навишта ба ман диҳед, – гуфта амаки Иван бо онҳо хайрухуш кард.

Бегоҳӣ дар вагон ҳама мардикорон ҷамъ омада буданд. Ба оташдон беист кундачаҳои майдакардаро мепартофтанд, қарс – қурс сӯхтани ҳезум ба гӯш мерасид, аммо вани онҳо ҳеҷ не ки гарм шавад.

Наим низ баъди кори вазнини рӯзона анҷом додааш дар назди оташдон дастонашро гарм мекард. Ӯ чун ҳамеша хомӯш буд. Ба суҳбати дигарон ҳамроҳ намешуд. Ба саволҳои додаи онҳо ё «ҳа» мегуфт ё «не». Чун одамони ғамзада доимо маъюсу ғамгин буд.

Иван-амак тибқи ваъда бегоҳӣ омада, хоҳиши дар варақчае навиштаи амаки Фаридунро гирифт ва ба Наим рӯ оварда:

– Писарам, ту ягон хоҳиши шахсӣ дошта бошӣ, ман аз шаҳр биёрам, – гуфт.

– Иван-амак, агар тавонед ба ман китоби «химия» ва «биология» биёред.

– Китобҳои гуфтагиатро меорам, аммо ба забони русӣ. Мешавад?

– Мешавад, амакҷон, дар муддати ду сол ман русиро хуб омӯхтам, дар мактаб низ аз фанни забони русӣ баҳои «4» ва «5» мегирифтам. Муаллимаамон Екатерина Димитриевнаро ҳама дӯст медоштем ва дарсҳояшро азхуд мекардем, то ҳозир шеърҳои додаи ӯро азёд медонам.

Баъди як ҳафта Иван-амак омада, дар роҳ бо Наим вохӯрд, ки дарахт мебурид. Ӯ мошинро боз дошта:

– Мана, писарам, хоҳишатро иҷро кардам, китобҳои гуфтаатро овардам, – гуфт.

– Раҳмат, амакҷон! Ман дар вақтҳои бекорӣ онҳоро мехонам.

– Охир, ту вақти бекорӣ надорӣ-ку? Шабу рӯз меҳнат мекунӣ. Ана, ҳозир ҳама дар хонаи гармакак, ту бошӣ, дар ҳавои сард дарахт мебурӣ. Биё, даруни мошини ман даро, ин ҷо гарм каме суҳбат мекунем.

Наим аз ин таклиф рӯ гардонда наметавонист ва либосҳояшро аз барф тоза карда, ба мошини Иван-амак даромад. Иван-амак ӯро бо қаҳва зиёфат кард: ӯ доим дар мошинаш, дар зарфи махсус, қаҳваи гарм мегардонд.

– Писарам, китобҳо барои ту чӣ даркоранд? Магар ба донишкадаи олӣ дохил шудании?

– Бале, амакҷон, ман орзу дорам, ки ҷарроҳ шавам.

– Пули бисёр барои дохил шудан лозим аст?

– Не амакҷон, ман дар хурдӣ гуноҳи азиме кардаам, мехоҳам пули зиёд ба даст оварда, он гуноҳамро шӯям.

– Чи хел гуноҳ?

Наим оҳи вазнине кашида гуфт:

– Амакҷон, ин қиссаи дуру дароз аст. Ҳам вақти Шуморо мегирам, ҳам вақти худро. Дар ин муддат ман чанд дарахт мебурам.

Ҳисси кунҷковии Иван-амак боло гирифту хоҳиш кард:

– Писарам, нақл кун, ман вақт дорам, дар бораи дарахтони набуридаат ягон фикр мекунем.

Наим фикркунон хёлан ба зодгоҳаш- Тоҷикистон баргашт ва ҳодисаи 20 сол пеш шударо ба ёд овард…

* * *

Оилаи Наим дар яке аз ноҳияҳои дурдасти Тоҷикистон, дар сарҳади Афғонистон зиндагӣ мекард. Деҳаи онҳо дар мавқеи хушманзарае ҷойгир аст. Аз як тараф теппаҳои сарсабз ва аз тарафи дигар рӯди Панҷ бо оби мусаффои худ пахтазори деҳаро сероб мекард. Баҳор ин диёр макони афсонавиеро мемонд. Теппаҳоро майсаву себарга ва гули лола чунон устокорона оро медод, ки дили кас аз диданаш саршори фараҳ гардиду, фикр мекард, ки рассом бо рангҳои гуногун нақши чаканро болои он теппаҳо кашидааст. Шир-шири ҷӯйчаҳое, ки аз дарёи Панҷ ба онҳо ҷорӣ буд, ба кас ҳаловат мебахшид. Боғи хурмо ва токзоре, ки дар деҳаи онҳо доман паҳн карда буд, аз чаҳ-чаҳи булбулон ва хониши дигар парандагон ҳамеша пур буд.

Ҳавлии миёнаҳолонаи Наимино дар як гӯшаи деҳа ҷойгир аст. Падараш – амаки Пулод, тракторчии пешқадами деҳа, ҳамеша нақшаҳои додаи роҳбарияти хоҷагиро барзиёд иҷро мекард. Рӯз дар заминҳои хоҷагӣ ва шаб дар заминҳои шахсии аҳли деҳа, ки аз талу теппаҳо ба онҳо ҷудо карда дода буданд, кишт мекард. Мекӯшид, ки аҳли оилааш дар зиндагӣ камбуде надошта бошад. Вақте ки ӯ аз кор бармегашт, аллакай посе аз шаб гузашта буд ва оҳиста ба хонаи хоби фарзандон даромада, аз пешонии Наим ва духтарчааш Нодира бӯсида хоб мерафт. Пагоҳӣ барвақт аз паси кор мешуд. Модараш Сабоҳат низ дар колхоз кор мекард, азбаски Нодира ҳоло яксола нашуда буд, он баҳор модараш ба кори саҳро набаромад. Наим чорсола буду аз ташвишҳои зиндагӣ хеле дур. Доимо аз кафои модараш мегашт. Агар модар назди мурғон равад, ӯ низ кафашро пури дон карда, ба онхо дон медод ва ҳар пагоҳӣ тухмҳои мурғон ро ба катак даромада мегирифт ва шодон назди модар метохт. Агар модар назди гову мол равад, албатта, Наим дар он ҷо ҳозир буд ва ба говҷӯшии модар наззора карда мехост, ба ӯ ёрӣ диҳад. Оилаи Наимино ба миёнаҳолӣ нигоҳ

накарда, хеле хушбахт буданд.

Он рӯзи шум як умр дар ёди Наим мондааст ва мемонад. Қарибиҳои нисфирӯзӣ одами бисёре ба ҳавлиашон омаданд, фиғони модар гӯши фалакро кар мекард. Падар дар вақти таъмири трактораш беаҳаммиятӣ карда, дар зери чархҳои он мондааст.

«Хонамой, хонамой, хонамой! – гуфтани модар дили ҳар шунавандаро реш-реш мекард. «Маро бо ду кӯдаки хурд ба кӣ партофтӣ, рафтӣ?» фиғон мебрдошт модар рӯю мӯяшро канда.

Хешу табор ва ҳамсояҳо таскинаш доданӣ мешуданд, аммо бенатиҷа.

Наим падарро аз серкориаш ба серӣ надида буд, аммо чеҳраи ӯ дар рӯзи дафнаш як умр пеши назараш буд.

Хидмати Пӯлоди тракторчӣ ба ҳама мерасид ва ӯро мардуми деҳа дӯст медоштанду ҳурмат мекарданд. Барои гусели сафари охират аз рӯи сипос ҳама аҳли деҳа ҷамъ омада буданд.

Дар назари Наим қади баланди падар баъд аз мурдан боз дарозтар шудааст. Абрӯ ва мӯйлабҳои сиёҳаш дар рӯи сафеди каме офтобхӯрдааш падарро боз ҳам зеботар нишон медод. Матои сафеде, ки дар рӯи падар партофта буданд, пур аз хун буд.

Дар вақти гусели падар ҳама мардони деҳа ба болои теппае, ки қабристон он ҷо буд, баромаданд. Бобои Наим, дар як дасташ асо, дасти хурдакаки набераашро дошта, оҳиста – оҳиста «Воҳ бачам, тобутбардорам, куввати дилам, миёни хамгаштаамро шикастӣ! Охир, писар тобути падарро мебардошт, на падар аз писарро. Кошки Худованд ҷони маро мегирифт, воҳ бачам… » – гуфта ба болои тепа, ба назди қабри писар расид ва дар як гӯша нишаста талху зор гирист.

Мегӯянд мурдани падару модар мерос асту марги фарзанд тири алмос. Ин сухан, барҳақ, дуруст будааст.

Баъди ҷаноза бобо маҷоли роҳ гаштан надошт: ӯро ду ҳамсоя аз дастонаш дошта, ба хона оварданд.

Баъди ду моҳ мӯйсафед низ бо ин дунё падруд гуфт.

Ҳама шикастурехти зиндагӣ бар души модар афтод. Ӯ кӯдаки хурд дошта бошад хам, ба кори саҳро баромад. Рӯзи дароз Наим бо хоҳарчааш Нодира дар хона танҳо буданд. Модар пагоҳӣ Нодираро дар гаҳвора баста, аз Наим хоҳиш мекард, ки агар хоҳарчааш гиря кунад, оҳиста ӯро ҷунбонад. Нисфирӯзӣ ӯ аз саҳро омада, кӯдаконашро сер мекарду боз Нодираро дар гаҳвора баста, ба саҳро мешитофт.

Бегоҳӣ бошад, як дарза алафро болои сар ниҳода, барои ғизои гов меовард. Ҳамин тавр рӯзҳо паси сар мешуданд.

Наим баъди фавти падар дигар хандаи модарро надид. Ӯ доимо серкор, доимо ғамгин буд.

Мегӯянд ғаму дард танҳо на, ҷуфт меояд.

«Касеро бахт баргардад шикаст андар шикаст афтад».

Рӯзе пагоҳӣ модар, қабл аз ба саҳро рафтан, таъкид кард:

– Наимҷон, ту калони хона, марди хона, аз хоҳарат бо хабар шав. Гаҳвораро сахт наҷунбон, боз Нодираҷон наафтад. Охир ту чорсола шудаӣ, ҳама гапро мефаҳмӣ. Дари хонаро кушода намон, ҳаво хеле сард шудааст, боз хоҳарчаат хунук хӯрда касал нашавад.

Баъди ба саҳро рафтани модар Наим каме дар берун бозӣ карду овози гиряи хоҳарчаашро шунида, ба хона даромад. Ҳарчанд гаҳвораро ҷунбонд, Нодира гиряро бас намекард. Наим дасту рӯи Нодираро бо дастонаш дошт. Ях барин хунук буданд. Он тарафу ин тарафи хонаро аз назар гузаронда, дар кунҷи хона бухории барқиро дид ва тез онро ба назди гаҳвора оварда, ба кор даровард.

Баъди чанде ҳавои хона каме гарм шуд, Нодираро хоб бурд. Наим дид, ки хоҳарчааш хоб рафтааст, ба ҳавлӣ баромада бозӣ кард. Гиряи гӯшхароши Нодираро шуниду Наим давида ба хона даромада дид, ки рӯйпӯши гаҳвора месӯзад. Хост наздик шавад, аммо аз алангаи оташ тарсида:

«Очаҷон, очаҷон, хоҳарам сӯхт, Нодира сӯхт!» – гуфта ба саҳро назди модар тохт. Дар роҳ кампири ҳамсоя

«Наимҷон, ба ту чи шуд» – гуфта пурсад.

– Хоҳарам сухт! – гуён беист медавид.

Кампири ҳамсоя- момаи Роҳила ба хонаи Наиммино даромада, он даҳшатро диду, тез рӯпӯши гаҳвораро, ки нимаш сӯхта буд, гирифта, ба як тараф партофт ва аз даруни гаҳвора дастбандаку побандакро кушода, Нодираро ба даст гирифта ба берун баромад. Кӯдак аз сӯзиши дард фиғон мекард.

Модари ҷигаррехта ҳоли духтарчаашро дида, дод гуфту аз ҳуш рафт.

Ягона бунгоҳи тибе, ки дар деҳа буд, доруе надошт, ки ёрии аввалин расонда тавонанд.

Модар намедонист ба кӣ, ба куҷо муроҷиат кунад. Ҳамсояҳо мошини сабукраверо ёфта, модару духтарро ба маркази ноҳия, ба беморхона, гусел карданд.

Сабоҳат бо духтарчааш 20 рӯз дар касалхонаи ноҳиявӣ табобат гирифта, ба хона баргашт.

Аз Нодираи зебояку дӯстрӯяк нишоне намонда буд. Рӯй ва гардани ӯ сӯхта пажмурда шуда, хеле безеб менамуд. Дар муддати 20 рӯз Наим дар хонаи ҳамсояҳо рӯз мегузаронд.

Хонаи ғамзадаи Наимино мотамхонаро мемонд. Нодира шабу рӯз мегирист, дарди сӯхтагӣ хеле вазнин аст. Ӯ забон надошт, ки гӯяд, куҷояш бештар месӯзад.

Модар дигар ба кори саҳро ҳам баромада натавонист. Ягона говашонро фурӯхта, ба табобати Нодира харҷ карданд. Зиндагиашон рӯз ба рӯз бад мешуд.

Сабоҳат ҳар боре ба духтарчааш менигарист, дилаш реш-реш мегардид. Ягон илоҷ надошт. Рӯзҳо паси сар мешуданд. Наим мактабхон шуд. Ҳар рӯз баъди дарс ӯ ба хоҳарчааш китоби «Алифбо»-и суратдорашро нишон дода, шеърҳои азёдкардаашро қироат мекард. Нодира зеҳни тез дошт, даррав шеърҳоро азёд мекард. Дар панҷсолагӣ ҳама ҳарфҳоро медонист, ба ҳар ҳарф шеър азёд карда буд ва то 100 хисоб мекард.

Аммо аз мазоҳу масхараи кӯдакон азоб мекашид. Кӯдакон аз пасаш «сӯхтагӣ», «сӯхтагӣ» – гуфта масхара

мекарданд.

Ба кӯча баромада, гирён ба хона меомад. Наим бошад, албатта, баромада, кӯдакони шаттоҳро латукӯб мекард. Падару модарони онҳо назди Сабоҳат шикоят меомаданд.

Рӯзе Сабоҳат тоқаташ тоқ шуда, Наимро сарзаниш карда:

– Бо айби ту гул барин духтарам сӯхта боиси масхараи кӯдакон шуданаш бас нест, ки ҳар рӯз ҳамсояҳо аз хӯйи бадат шикоят мекунанд. Тинҷу осуда зиндагӣ карданам мемонӣ ё не?

Аз ин гуфтахои модар Наим гунаҳкори асосии бадбахтии хоҳарчаи ба ҷон баробараш буданашро ҳис карда, ба хона даромада гирист. Нодира низ баробари Наим мегирист. Модар, аз гуфтааш пушаймон, фарзандонашро ба оғӯш гарифта, зор-зор нола мекард.

Рӯзҳо мегузаштанд. Нодира ҳафтсола шуд ва ӯро ба мактаби деҳа бурданд. Дар мактаб ҳама ба ӯ масхараомез нигоҳ мекарданд, аз пушташ механдиданд.

Дар синф касе бо ӯ наменишаст, ҳама аз ӯ худро канор мегирифтанд.

Рӯзи 1 сентябр низ ба хонаи онҳо хурсандӣ наовард. Нодира гирён аз мактаб омада:

– Дигар ман ба мактаб намеравам, – гуфта, сахт гирист.

– Нодираҷон, ту ҳама ҳарфҳоро медонӣ, ҳатто мехонӣ, аз ҳамсинфонат дида босаводӣ. Каме тоқат кун, ман мактабро хатм намуда, ҷарроҳ мешавам ва туро ҷарроҳӣ мекунам. Зебо ва нозанин мешавӣ, – гуфта Наим ӯро таскин дод.

Аз ҳамон рӯз сар карда, дар дили Наим як мақсад – «хонда духтур шудан ва хоҳарчаашро мисли пештара зебо дидан ҷо гирифта буд.» Барои ин шабу рӯз мехонд.

Нодира низ ба суханони бародараш гӯш дода, мактабро тарк накард, аъло мехонд.

Наим баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба донишкадаи олии тиббӣ супорид, аммо дохил нашуд. Ҳамаи имтиҳонҳоро супорид аммо... Ӯ дигар ба деҳа баргашта

наметавонист. Охир, чӣ хел ба чашми хоҳараш Нодира нигоҳ мекунад? Охирин умеди Нодираро шикастан намехост.

Ба комисариати ҳарбӣ рафта, ариза навишту ба хидмати Модар- Ватан рафт. Ҳар рӯз аз хоҳарчааш мактуб мегирифт. Нодира сарзанишаш карда менавишт:

– Акаҷон, барои чӣ гашта ба хона наомадӣ? Ман туро ёд кардаам. Модарам чашм дар роҳ туро интизор.

Баъди адои хидмат Наим ба хона баргашт. Хоҳарчааш духтари қадрасе шуда буд. Наим медонист, ки аз деҳаи онҳо як қатор ҷавонон ва мардон дар Русия мардикорӣ мекунанд ва ба хонаводаашон тез-тез пул мефиристанд. Ӯ низ қарор дод, ки ба мардикорӣ мераваду маблағе ба даст оварда, хохарчаашро ҷаррохӣ мекунад. Ана ду сол аст, ки дар ҷангалҳои Сибир дарахт мебурад. Маблағе ҷамъ овардааст. Ба хона низ тез-тез пул мефиристад. Имсол хоҳарчааш бо баҳои аъло мактабро хатм мекунад.

Ду рӯз пеш аз хона мактуб гирифт. Модар навишта буд:

«Писараки азизам, Наимҷон. Шабу рӯз аз даргоҳи Худованд саломатии туро хоҳонам. Дар хунукиҳо худро эҳтиёт кун. Ба мо дигар ҳеҷ чиз даркор нест. Гашта биё. Ба хоҳарат амаки Бахроми подабон хостгор мондааст. Ҳамсараш баъди касалии дароз аз дунё гузашт. Ҳафт кӯдак дорад. Агар розӣ бошӣ, ба аҳли деҳа як табақ нон дода, бе туй ӯро ба амаки Баҳром диҳем. Нодира шабу рӯз мегиряду мегӯяд: «Агар ин корро кунед, худамро мекушам. Наимҷон, ту ба хоҳарат навис. Ӯ туро дӯст медорад, аз гапат намебарояд. Гӯй розӣ шавад. Охир, бо ин афту андом кадом ҷавон ӯро ба занӣ мегирад? Баҳром 60-сола ҳам бошад, хонаву дар дорад.

Бо эҳтиром модари ҷигаррехтаву дар ғам олудаат Сабоҳат».

Наим саргузашташро ба амаки Иван нақл карда, мактуби модарро, ки дар дасташ буд, аз қаҳр ғиҷим кард.

– Ана амаки Иван барои чӣ ман шабу рӯз кор мекунам. Он гуноҳеро, ки дар хурдӣ кардам, шӯстан мехоҳам. Охир

духтари 18- сола наход лоиқи мӯйсафеди 60-сола бошад?

Иван амак нақли пур аз ғаму дарди Наимро гӯш карда гуфт:

– Писарам, метавонам ба ту кумак бирасонам. Ман ҳам ду фарзанд дорам, ҳардуяшон духтар. Духтари калонӣ Катерина ба наздикӣ номзади илм шуд. Ӯ ҷарроҳ аст. Духтари дуюмам Светлана имсол мактаби миёнаро хатм карда, ба донишгоҳи тиббӣ дохил шуд. Мисли ту табиб шудан мехоҳад. Духтаронам забони тоҷикиро медонанд. Ман, Наимҷон, Тоҷикистонро дӯст медорам. 20 соли ҳаётам дар он кишвари зебо, офтобрӯя, меҳмоннавоз ва биҳиштосо гузаштааст. Ману ҳамсарам Галинаро бо роҳхат ба сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Норак фиристода буданд. Мо дар он ҷо ҳаёти хеле хуб доштем, мардуми таҳҷоӣ ба мо бисёр меҳрубон буданд. Соли 1993- юм, баъди бесарусомониҳо, аз кишвари шумо ба Сибир баргаштем. Галина баъди як соли бозгашт аз дунё чашм пӯшид. То лаҳзҳои охирин ӯ Тоҷикистонро ёд мекард. Дар марги ӯ худро гунаҳгор ҳисоб мекунам. Агар кӯчида намеомадем, мумкин ӯ бемор намешуд. Фикр мекунам, баъди гармиҳои Тоҷикистон сардии Сибир сахт ба ӯ таъсир кард ва бемор шуд. То имрӯз ман бо рафиқони тоҷикам дар тамос мебошем ва рафтуомад ҳам дорем. Ана, барои чӣ тақдири шумо, тоҷикписарон, маро ба ташвиш меорад.

Иван-амак ғайриихтиёр саргузашташро ба Наим нақл кард. Ӯ худро дар ватани дуюмаш Тоҷикистон медид. Бо Галинаи меҳрубонаш аввалин қадамҳои фарзандонро диданд, аз нахустин ҳарфи ба забон овардаи онҳо завқ бурдан, бо камоли ифтихор онҳоро ба мактаб гусел кардан аз пеши назараш чун лентаи кино гузашт.

– Агар ту розӣ бошӣ, ман бо духтарам Катерина оиди ҷарроҳии хоҳарат маслиҳат кунам?

– Амакҷон, ман ҳамаи пули коркардаамро ба шумо медиҳам, як умр хидмататонро ба ҷо меорам, саги даратон мешавам, фақат хоҳарам хушбахт бошад! – гӯён Наим чун кӯдак гирист.

Шаҳри Маскав. Фурудгоҳи Домодедово. Наим, Иван-

амак ва духтари хурдии ӯ Светлана ҳавопаймои Душанбе–Маскавро интизоранд. Светлана, ки аз саргузашти Наим огоҳ буд, аз падар хоҳиш кард, ӯро низ бо худ барои пешвозгирӣ барад, аз дидори аввал Наим – ин ҷавони қадбаланди абрусиёҳ ба ӯ хеле маъқул шуд. Ҳиссиёти аҷибе ӯро фаро гирифт.

– Ассалому алайкум! – гуфта Светлана дасташро барои салом ба Наим дароз кард.

Наим бо забони ширини тоҷикӣ сухан гуфтани Светаро шунида, бо ҳайрат ба ӯ нигоҳ кард. Каме дасту по хӯрд.

Иван-амак ин ҳолатро мушоҳида карда:

– Наим, охир дастатро бидеҳ, боҷуръат бош, салом кун! – гуфт.

Наим худро ба даст гирифта:

– Ассалом, ман Наим, – гуфт.

Дар ҳамин маврид хабар доданд, ки тайёраи Душанбе–Маскав фуруд омад ва пешвозгирандагон метавонанд мусофиронро истиқбол бигиранд.

Нодира дар байни анбӯҳи одамон бародараш Наимро дида хурсанд шуд.

Онҳо ба назди Екатерина Ивановна рафтанд. Нодираро баъди 15 рӯз ҷарроҳӣ намуданд.

Наим аз пешина дида зиёдтар кор мекард. Мехост ба Иван-амак фаҳмонад, ки барои хоҳараш ӯ ба ҳар кор қодир аст. Ҳар рӯз бо хоҳараш ба туфайли Екатерина Ивановна телефонӣ суҳбат мекард.

Баъди 15 рӯзи ҷарроҳӣ Иван-амак назди мардикорон омада, аз ҳолашон хабар гирифт ва ба Наим хабар дод, ки охири ҳафта докапеч аз рӯи Нодира гирифта мешавад ва ӯ метавонад ба аёдати хоҳараш биравад.

Наимро, ки бетоқатона дар роҳрави бемористон равуо дошт, ба утоқе даъват карданд.

Хоҳараш Нодира дар назди оинаи калон менишаст. Екатерина Ивановна бошад, докаро аз рӯи ӯ кушода, ба Наим рӯ овард:

– Наимҷон, канӣ нигар, хоҳаратро мешиносӣ ё на?

Аз ойина ба Наим духтари соҳибҷамоле нигариста;
– Акаҷон, ин манам, Нодира! – гуфт.
Нодира ба ойина нигариста табассум мекард.
Ин табассуми дил буд.
Екатерина Ивановна ба Наим рӯ оварда:
– Наимҷон, хоҳарат як моҳи дигар бояд дар муоинаи мо бимонад. Ман медонам, шумо дар ин шаҳри калон ҷои рафт надоред, аз ҳамин сабаб ӯ дар хонаи ман меистад, то охири табобат. Ҳоло бошад, падарам ва Света моро интизоранд, ҳамроҳ ба хона меравем, баъд бо ту хайру хуш мекунем.
Вақте ки онҳо ба хонаи Екатерина Ивановна расиданд, дарро Светлана кушода, бо табассуми зебое, ки маҳз ба ӯ хос буд, меҳмонҳоро истиқбол намуд.
Бори дуюм вуҷуди Наимро ҳиссиёти ширине фаро гирифт. Ӯ аз Света чашм канда наметавонист. Рӯи сафед, чашмони кабуд, муйҳои тиллоранг ва табассуми зебои духтар ӯро мафтун карда буданд. Иван-амак бори дуюм Наимро аз ин ҳолат бароварда:
– Канӣ, меҳмонони тоҷикистонии ман, марҳамат, ба хона дароед! – гуфта онҳоро ба хона даъват намуд.
Онҳо то поси шаб суҳбат карданд. Света, албоми суратҳояшро, ки дар Тоҷикистон гирифта буданд, ба Наим ва Нодира нишон дод. Аз ҳаёти студентиаш нақлҳои аҷиб кард.
Нодира Светаро ба Тоҷикистон даъват намуд.
– Майлаш, ман ба Тоҷикистон меравам, агар ту ба ман куртаи чакан дӯхта диҳӣ. Ҳамсояамон барои Катя дӯхта буд, азбаски ман хурд будам, барои ман надӯхтанд, аз ҳамон вақт орзуи пӯшидани куртаи чаканро дорам.
– Бо ҷону дил, Светаҷон, ман худам бо дастонам чунон куртаи гулдӯзӣ медӯзам, ки дида ҳайрон мешавӣ. Хидматеро, ки шумо ба ман ва бародарам кардаед, мо як умр ҷавоб гуфта наметавонем.
Света ба Наим рӯ оварда гуфт:
– Падарам гуфтанд, ки ту бачаи шуданӣ ҳастӣ. Агар хоҳӣ, ман ба ту барои дохил шудан ёрӣ мерасонам. Ки-

тобҳои зиёде дорам. Метавонӣ онҳоро истифода бибарӣ...

* * *

Шаби дароз Наимро хоб набурд. Симои модар пеши назараш меомад. Андеша мекард, ки чи хел модараш аз дидани Нодира шод мешаваду чи хел ӯ донишҷӯ шуда, Светаро ба Тоҷикистон мебарад ва ӯ дар тан куртаи чакан дар ҳавлии онҳо роҳ мегардад ва ғайраву ғайраҳо.

Ӯ хурсанд буд.

Дар лабони Наим баъди чандин сол табассум нақш баст…

## ҚИСМАТ

Шаҳноз рӯи ҷойнамоз нишаста буду бо гӯшаи рӯймол нами чашмонашро пок карда, аз Худои мутаол илтиҷо мекард:

«Худовандо, ягона давлат, умеду орзую ормон, имрӯзу фардои ҳаётамро аз ман ҷудо накун. Чашми душманонро кӯр бисоз. Бигузор, Қатраакам бо ман бимонад. Охир, дар дунё ман ба ҷуз ӯ каси дигар надорам. Шукронаи фарзандони падар, аммо ҳар кадом бо хонаву дари худ саргардон. Дар ин дунё насибам як Қатра аст, бигузор бо ман бошад. Мехоҳам Қатраам дарё шавад, номбардори модар бошад. Худоё, садоямро бишнав!»

* * *

Шаҳноз баъди хатми донишкадаи олӣ ба зодгоҳаш ба кор омад. Духтари фаъол, ташкилотчӣ, дидадаро ва хушсухан буд. Дар куҷое, ки кор кунад, бо ҳамкорон зуд унс мегирифт ва дӯстдоштаи атрофиён мешуд. Баъди дар мактаб каме кор кардан роҳбари ҷавонони нохия интихоб шуд. Шаҳноз бо ташкилу гузаронидани чорабиниҳои шавқовари тарбиявӣ дар байни ҷавонон ба зудӣ соҳибобрӯ гашт. Атрофиён ӯро дӯст медоштанд, сазовори боварии ҷавонон шуд.

Рӯзҳо сипарӣ мешуданд, обрӯи ӯ на танҳо дар байни ҷавонон, балки миёни мардуми ноҳия меафзуд, Вале ҳодисае рух доду ҳаёти ӯро дигаргун сохт: ошиқ шуд, ошиқи шайдо. Девонавор ба касе ошик шуду худ бехабар монд. Шабҳои дароз мижа таҳ намекард.

«Ин чӣ балое буд, ки ба сари ман омад? Не, не, бояд нагузорам, ки ин ҳиссиётамро дигарон фаҳманд. Охир, ман сарвари ҷавонони ноҳия ҳастам. Онҳо аз ман бояд ибрат гиранд. Чунин рафтор нафрати одамонро бедор мекунад, ба шахсе дил бастаам, ки оиладор аст. Худоё, аз шармандагӣ нигоҳам дор, коре кун, ки ин сир фош нашавад».

Муҳаббати Шаҳноз ба Воҳид зиёда мегашт. Ишқи ҷавонӣ сӯзу соз дорад.

Ду ҷавони аз иштибоҳи хеш ё сарнавишт ба ҳам омада мехостанд иморати бахти худро аз меҳру муҳаббат бисозанд, вале чунин иморатро алаккай Воҳид бо зани дигаре бино карда буд. Самари он муҳаббат акнун ду фарзанди нозанинаш буд. «Офтобро ба домон пӯшонда намешавад» мегӯянд. Дар тамоми ноҳия миш–миш шуд, ки сарвари ҷавонони нохия бо корманди ҳифзи ҳуқуқ ишкварзӣ мекунад.

Шаҳноз сар боло карда наметавонист. Вале чӣ илоҷ? Магар шӯоъи хуршед, мавҷи баҳр, парвонаи гирди шамъ, булбули боғ, оруи болои гул ва табассуми тифлаконро инкор кардан мумкин аст? Ҳаргиз не! Муҳаббат қувваи бузурге будааст.

Дар ҷаласаи ҳизбӣ муносибати ин ду ҷавонро муҳокима ва ҳардуро аз кор пеш карданд.

Сарсониҳои Шаҳноз сар шуд. Ҳеҷ кас сухани ӯро шунидан намехост. Ба сӯяш санги таҳқиру маломат меандохтанд. Ӯ нигоҳи маҳкумкунандаи беҳарф, вале ҳазоровои атрофиёнро дар хуну пӯсташ эҳсос мекард, чунки ҳомила шуда буд. Аз одаму олам ва дунёи рӯшан гурехтан мехост.

Ҷазои ҳизбӣ чӣ буд, ки ҷанҷолҳои оилавӣ сар шуданд. Ҳамсари Воҳид омада, ӯро дар хонааш латукӯб намуд. Ба гуфти худаш, «шарманда кард». Ягона умедаш Воҳид буд,

ки меояду ӯро таскин медиҳад. Аммо афсӯс… Шаҳноз бо мӯйҳои канда, сару рӯи харошидаву хуншор мунтазири Воҳид буд. Аз байн се рӯз гузашт, вале ӯ наомад…

Ба суроғаш баромад. Ӯро ёфт, аммо аз он Воҳиде, ки фақат лутфу марҳамат медид ва суханони ширину шаҳдрез мешунид, нишоне намонда буд. Дар наздаш ҷавонмарде меистод, ки аз нигоҳи бадҳайбат ва суханони талху пичингомезаш дунё дар назари Шаҳноз торик гашт.

– Маро дигар накоб, фаромӯш накун, ки ман зану фарзанд ва хонаи обод дорам. Ҳеҷ гоҳ хонаамро вайрон, фарзандонамро ятим кардан намехоҳам, як тори мӯи ҳамсарамро аз ту боло медонам…

Ҳоли ӯ дар хона аз ин ҳам бадтар гашта буд. Нигоҳи таҳқиромези бародар ва янгааш ӯро мекушт. Он оташаки аз меҳру муҳаббат афрӯхтааш акнун гулхан шуда буд, ки Воҳид ба он оби сард рехт. Хонаи ишқаш пур аз дуди сиёҳ гашт ва Шаҳноз дар ин оташи хомӯшгашта дарун–дарун месӯхт. Дар сари ӯ фақат як фикр чарх мезад: «Аз ин шармандагӣ мурдан беҳтар аст».

Посе аз шаб гузашта буд. Шаҳноз аз ҷо хеста, ба ойина наздик шуд. Дар назди ойина шамъ месӯхт. Ӯ ба ойина нигариста, мӯйҳои парешонашро ба тартиб овард. Ҷавонзане бо рӯи чун субҳгоҳон сап–сафед, чашмони зебои бодомӣ, мӯйҳои абрешим, рухсораҳои чун гули лола, ки аз ҳаяҷон сурхтар шуда буданд, аз оина ба ӯ бо алам менигарист. Ӯ бори дигар худро ба тартиб даровард, мехост дар лаҳзаи охирини ҳаёт ба ин дунё зебо падруд бигӯяд. Аз хонаи хоби худ оҳиста ба ҳавлӣ баромад. Маҳтобшаб буд. Аз таги айвон ресмони ғафсеро, ки худаш бегоҳӣ тайёр карда монда буд, гирифту ба сӯи оғил рафт. Бо дастони ларзон бандро ба гарданаш ҳалқа карда, дар торикӣ ҷои салма андохтанашро мекофт, ки нохост дар батнаш ҷунбишеро ҳис кард. Аввал фикр кард, ки аъзои баданаш ларзид, аммо баъди дуруст мушоҳида кардан фаҳмид, ки фарзанди ба дунё наомадааш дар батнаш меҷунбад. Магар аз нияти модар огоҳ шуда бошад, ки безобита шудааст?

Ӯро ҳиссиёти ширине фаро гирифт, оҳиста даст ба шикам бурд ва ба худ омад. Худоё, ман чӣ кор карда истодаам? Наход қотили фарзанди худ шуданиам? Аз шарму ноумедӣ нияти худкушӣ кард, аммо ҷон ширинӣ кард, ё меҳри тифл маҷбураш кард, ки ҳалқаи тангшударо бо панҷаҳои чангакшудааш барканад ва бар қасди марг зиндагиро пазируфт. Ӯ бандро аз гардан баровардa партофт ва гирён попеч ба сӯи хона тохт. Шаҳноз баъдҳо аз фарзандаш миннатдор буд, барои он ки маҳз ӯ нагузошт, ки модараш ба чунин амали нобахшиданӣ даст бизанад.

Худкушӣ гуноҳи кабира аст, мегӯянд, худкушро ҳатто ҷаноза кардан раво нест. То саҳар мижа таҳ накард ва ба худ қарор дод, ки ҳеҷ гоҳ ин фикрро ба сараш дигар роҳ нахоҳад дод.

Рӯзҳои вазнинро Шаҳноз пушти сар мекард. Ӯйи шӯху чақчақӣ, хушсухану хандонрӯй ба зани дамдузду гӯшанишин табдил ёфт. Ба маъракае намерафт, худро аз ҳама канор мегирифт. Теппаҳои пур аз гули ноҳия барояш якранг менамуданд. Гӯё табиат боғи орзуҳояшро бераҳмона жолаборон карда буд. Дунё барояш беранг. Дӯстони беҳтаринаш, ки ҳамеша дар гирди дастархонаш буданд, аз ӯ дур шуданд. Мегӯянд, ки дӯстро дар рӯзҳои вазнин мешиносанд. Ӯ шинохт ҳамаро. Дигар намехост бо касе вохӯрад, рози дил гӯяд. Дар рӯзҳои вазнин ягона дӯсташ китоб буд. Мехонд, бисёр мехонд. Бо каҳрамонони қиссаҳо хаёлан суҳбат мекард. Аз қиссаҳои хондааш ҳамтақдиронашро меҷуст.

Рӯзҳо сипарӣ мешуданд, давраи ҳомилагии Шаҳноз бо мушкилӣ мегузашт, бисёр асабӣ мегашту фишори хунаш баланд мешуду худро хеле бад ҳис мекард. Духтур тавсия медод, ки дар ҳавои кушод бештар бигардад, фикрҳои бадро аз сар дур бисозад. Дар боби сиҳату саломат таваллуд шудани фарзанд фикр кунад.

Нуҳ моҳу нуҳ рӯз гузашт. Бо умед ба Воҳид занг зад:

– Воҳидҷон, вақти таваллуди фарзанд наздик аст, саломатиам бад, метарсам, ки сари фарзанд наравам. Аз ту

хоҳиш мекунам, агар ба ман ягон ҳодиса шавад, фарзандамонро ба тарбияи худ бигир.

Аз гӯшаки телефон садои хандаи масхараомез баланд шуд:

– Фарзанд мегӯӣ? Тую фарзанди ҳаромии ту ба кӣ даркор?

Шаҳноз дигар чизеро нашунид. Гӯшҳояш кар, чашмонаш кӯр шуданд,чун ба ҳуш омад, худро дар болои кате хобида дид. Ба атроф назар кард ва чанд зани хилъатсафедро дида пурсид:

– Ман дар куҷоям? Бо ман чӣ шудааст?

– Шумо дар таваллудхона, кӯдак таваллуд кардед, акнун бояд истироҳат кунед, – ҷавоб дод духтур ва кӯшиш кард бо ҳамин суҳбатро қатъ намояд.

– Духтурҷон, илтимос, ба ман фарзандамро нишон диҳед, – гуфт Шаҳноз.

Духтур курсиеро гирифт, дар назди бемор нишаст.

– Духтарам, ту давраи ҳомилагиатро бад гузарондаӣ. Ҳамеша асабонӣ мешудӣ, ба ҳамин зоиш бисёр вазнин гузшт. Мо, духтурон, ба ту ҳаёти нав бахшидем, аммо ҳоли кӯдакат вазнин аст. Ӯро пеши ту оварда наметавонем. Сабур бош, духтарам. Ҷавон ҳастию ҳаётат дар пеш аст, дар насибат бошад, фарзанди зиёд таваллуд мекунӣ.

Шаҳноз бегоҳи ҳамон рӯз бо мушкилӣ ба роҳрав баромад. Ба навиштаҷоти пушти дарҳо нигоҳ карда, ҳуҷраи кӯдаконро меҷӯст. Духтури навбатдор ӯро дар роҳрав дида:

– Ба шумо ҳоло хестан манъ аст. Ба ҷони худ ҷабр накунед,– аз дасташ гирифту оварда ба каташ хобонд.

– Духтурҷон, ман гиряи тифлонро шунида фикр кардам, ки кӯдакам гурусна мондааст. Ӯро сер кардан хостам.

– Фарзандатонро мо худамон сер мекунем. Шумо фикри худро кунед.

Ду рӯз гузашт. Кӯдакро ба наздаш наоварданд. Шаҳноз бетоқат шуда, аз духтур, ҳамшираи шафкат ва ҳатто аз заноне, ки утоқи ӯро рӯбучин мекарданд, фарзандашро мепурсид.

Рӯзи сеюм духтур ба Шаҳноз хабари шум овард.

– Духтарам, фарзандро дидану ба бағал гирифта макондан дар насибат набудааст. Ҷонашро харида натавонистем.

Фиғони Шаҳноз ба фалак печид. Бо дасти холӣ, сари хам ва бо дили саршори ғам ба хонаи падар баргашт. Бо касе вохӯрдан намехост. Рӯзе ба аёдати ӯ дугонаи давраи донишҷӯиаш Чеҳра омада хоҳиш кард:

– Дугонаҷон, ин имтиҳони тақдир буд. Ту ба муҳаббати шахсе бовар кардӣ, ки ба як тори мӯй ва қатра оби дидаат намеарзид. Худатро ба даст гир. Ту савод, қобилияти хуби ташкилотчигӣ дорӣ, ба кор баро. Фақат меҳнат шахсро соҳиби обрӯ ва ҳурмату эҳтиром мегардонад. Вақт давобахши ҳама дардҳост. Бовар дорам, ки бахтатро меёбӣ. Рӯзаш мерасаду шахсе барҳақ дӯстат хоҳад дошт.

– Дугонаҷон, аз таънаи мардум метарсам, одамон масхараам мекунанд.

Дугонаҳо то як поси шаб суҳбат карданд. Шаҳноз баъди ин суҳбат ба кор баромада саргарми меҳнат шуд. Соҳиби эҳтироми ҳамагон гардид. Ба ӯ бовар карданд. Аз ӯҳдаи сангинтарин корҳо бо осонӣ мебаромад. Солҳои зиёд дар корҳои роҳбарӣ кор кард.

Ҳамчун зани соҳибҷамол дар ноҳия бисёриҳо дӯсташ медоштанд, аммо ӯ ба касе бовар намекард. Номардии Воҳид аз ёдаш намерафт. Ба ҳар мард бо шубҳа муносибат мекард. Қавл дода буд, ки дигар шавҳар намекунад.

Рӯзе дугонааш Чеҳра ба аёдаташ омад. Самимона ҳамдигарро холпурсӣ намуданд. Чеҳра дар бораи фарзандонаш ва ҳамсари меҳрубонаш нақлҳои аҷиб карда, ба Шаҳноз суоломез нигоҳ кард.

– Чеҳра, азизам. Аз зиндагии ту беҳад шодам. Корҳои ман низ бад нестанд. Ташаккур. Ин ту буди, ки ман тарки гӯшанишинӣ кардам, акнун вақти бекорӣ надорам.

– Азизам, аз ҳаёти оилавиат гап зан,– гуфт Чеҳра.

– Хатое, ки карда будам, бароям басанда аст. Ба ҷинси мард бовар надорам.

– Хато мекунӣ, дугонаҷон. Охир на ҳама чун Воҳид булҳавасанд. Ишқи пок дар рӯи замин ҳаст. Бо муҳаббат

ҳаёт зебо аст. Охир зиндагӣ бе фарзанд маъно надорад.

– Чеҳраҷон, синну солам гузаштаасту барои таваллуд мувофиқ нест,-гуфт Шаҳноз.

– Дер нашудааст. Шарт нест, ки худат таваллуд кунӣ. Аз хонаи кӯдакон як тифлакро барои тарбият мегирӣ.

Баъди ин мулоқот дар гӯши Шаҳноз гуфтаҳои дугонааш пайваста садо медоданд. Ӯ тифлаки дурӯзаеро ба тарбият гирифта, ба хотири дугонааш Қатра номаш ниҳод. Аз ин амалаш шод буд. Агар Қатра хандад, механдид, агар бигиряд, кӯдаквор мегирист. Ҳар рӯз даҳ – дувоздаҳ бор ба хона занг зада, аз ҳоли Қатра мепурсид, кор тамом шудан баробар ба хона метохт.

Табассуму нахустин сухан ва қадамкании тифлак барои Шаҳноз ид буд. Аз бахти баландаш меболид. Баъди ноумедиҳои зиёд дар дили Шаҳноз як шӯълаи умед аланга зад. Охир ӯ фарзанд дорад ва ӯро дар хона мунтазиранд! Ин аст шодии зиндагӣ.

Хурсандии Шаҳноз дер давом накард. Рӯзе Қатра аз мактаб ба хона омаду ба янгааш чизе нагуфта, ба хонаи дарун даромаду баланд гирист. Шаҳноз аз ин огоҳ шуда, баъди фурсате ба хона омад ва суоломез ба янгааш дида духт:

– Намедонам,- китф дарҳам кашид келини хонадон.

Шаҳноза ба хона даромада, аз Қатра пурсид:

– Ба ту чӣ шуд, духтарам?

Қатра аз ҷо бархоста аз Шаҳноз пурсид:

– Модари ман кист?

Рӯзи равшан дар назари Шаҳноз шаби тор шуд. Сараш чарх зад. Дилаш бехузур шуд. Қатраро ба оғӯш гирифт ва ҳарду баланд гиристанд.

– Қатраҷонам, инро ба ту кӣ гуфт? Ман модари ту. Калон шавӣ, ҳамаашро мегӯям. Ҳозир ором шав, манам модарат.

Қатра модарашро сахттар ба оғӯш гирифт. Ӯ метарсид, ки мабодо касе онҳоро аз ҳам ҷудо месозад.

Шаҳноз дар банди фикр гирифтор шуд: Ин ҷудоиандозӣ кори кӣ бошад? Охир ӯ роҳбари яке аз ташкилотҳои калон-

тарини ноҳия аст ва имрӯзҳо садҳо корафтода ба ҳузураш меояд, хоҳиши ҳамаи онҳоро иҷро карда наметавонад. Ду рӯз пеш зане аз назди ӯ норизо баромада буд. Бори сеюм бо як кор ба наздаш омада буд. Шаҳноз ба ӯ фаҳмонд, ки аз уҳдаи иҷрои ин кор намебарояд. Қонунро вайрон кардан намехоҳад. Пеш аз рафтан он зан гуфта буд:

– Ту қонунро вайрон кардан нахоҳӣ, ман хонаи туро вайрон мекунам!

Он рӯз Шаҳноз ба суханони ӯ аҳаммият надод. Имрӯз фаҳмид, ки ӯ чиро дар назар доштааст…

***

Шаҳноз дар болои ҷойнамоз аз Худои мутаол хоҳиш мекард:

– Худоҷон, наход як гуноҳи дар ҷавонӣ кардаам тамоми умр маро дунболагир бошад? Илтиҷо мекунам, Қатраамро аз ман ҷудо макун!

## НОМА

Фирӯза аз тирезаи маҳбас хост ба берун назар афканад, аммо ба ҷуз панҷараҳои сиёҳи оҳанин чизеро дида натавонист ва аз Ҳанифа, ки дар ду моҳи ҳабс ҳарду хуб унс гирифта буданд, пурсид:

– Апаҷон, фаромӯш кардам, имрӯз чандуми март аст?

– 21–ум. Наврӯз аст имрӯз – ҷавоб гардонд Ҳанифа.

Фирӯза оҳи пурдарде кашида:

– Агар дар Ватан мебудам, аз дасти фарзандонам гирифта, ба тамошо мерафтам, суманак мепухтам, аз гулу себаргаҳо гулчанбар сохта, болои сари духтарамро гулпӯш менамудам ва тоқии чакан дӯхта, ба сари писарам мемондам, оташ меафрӯхтаму бо орзуи кам кардани гуноҳ аловпарак мекардем, – гуфту беихтиёр ба гиря даромад.

Ҳанифа ӯро ором карданӣ шуд. Вале натавонист.Дар

ҳуҷраи танги маҳбас ҳар ду зани бадбахт гиристанду гиристанд.

Аз берун садои шир–шири борон ва чак–чаки қатраҳои он шунида мешуду аз дарун оҳи пурдарди ду зани гумроҳ. Барои ҳар ду ин лаҳза дунё холӣ буд, холитар аз зиндагии берангу бори дур аз Ватан. Фирӯза қариб ҳар шаб хоб медид, ки фарзандонашро аз дур мебинад ва бо тамоми қувват ба сӯяшон медавад, аммо фарзандон торафт аз ӯ дур мешаванду дур…

Бори дигар ба панҷараи оҳанини тиреза дида духт ва даст ба гиребон бурда тавба карду, ба писари аршадаш Ҷаҳонгир, ки акнун ба синфи шаш мегузашт, нома иншо кард:

«Ҷаҳонгири азизам, писараки меҳрубонам, агар тавонӣ, маро бубахш, чунки ман дар ҳаёт вазнинтарин гуноҳ содир кардам, фақат бо мақсади шуморо хушбахт ва серу пур дидан ба ин кори паст даст задам. Писарам, дар хурдӣ синаи модарро сахт газида будаӣ, ки ба ин рӯзҳо афтодӣ. Ба ҳамааш мани модари сарсахти ту гунаҳкорам. Охир, ман медонам, ки ҷуз марг дигар ҳеҷ чизу ҳеҷ кас ҳақ надорад волидонро аз фарзандон ҷудо бикунад. Аммо як рафтори беақлонаи ман шумо- азизонамро аз ман ҷудо кард. Писараки азизам, аз хохаронат чӣ хабар дорӣ? Ба ман навис. Охир, ту кӯдак ҳам бошӣ, марди хонаӣ, такягоҳи хоҳаронат хастӣ. Шабу рӯз фикри шумо таркам намесозад. Бовар дорам, ки баъди аз маҳбас баргаштан ҳаёти нав оғоз мекунем.

Бо эҳтиром модари сарсахту ҷигарсӯхтаат».

Фирӯза ашкашро, ки чанд қатраи он ба рӯи нома чакида буд, бо кафи дасташ пок карду сар ба домони андеша ниҳод. Шир–шири борон ва чак–чаки қатраҳои он баландтар садо медоданд. Гӯё осмони давлати бегона низ ба ҳоли модари тоҷик мегирист.

Ҳанифа ба ин зани бечора синчакорона назар духта, аз дил гузаронд: «Чи бонуи зебое ҳастӣ Фирӯза. Худованд фарзанди Одамро ба кадом кӯчаю тангкӯчаҳои тақдир саргардон намекардааст. Эҳ зиндагӣ, зиндагӣ!»

Фирӯза лифофаро часпонда, аз Ҳанифа пурсид :

– Апаҷон, шумо ба ягон пайвандатон нома навиштанӣ нестед?

Ҳанифа баъди сукути дурудароз ба Фирӯза рӯ оварда, бори нахуст дар давоми ду моҳи бо ҳам дар маҳбас будан саҳифаҳои китоби умрашро пеши ӯ кушод…

* * *

Ҳанифа дар байни ҳафт акаву додар духтари яккаи падару модар буд. Аз овони кӯдакӣ нозу нузашро ҳама мебардоштанду гуфтаҳояш бечунучаро иҷро мешуданд. Падару модар хоҳиш доштанд духтарашон маълумоти хуб гирад, аммо Ҳанифа, ки аз хурдӣ нозпарвар буд, ба хондан завқ надошт. Ҳирси зебоипарастӣ, чизпарастӣ, ҷавоҳироти бисёр доштан дар дили ӯ аз кӯдакӣ лона гузошта буд. Агар ӯ гаронтарин чизро хоҳиш мекард, падару модар дастрасаш мекарданд. Духтари дилрабое буду бисёриҳо дар дил хоҳиши келин карданашро доштанд.Ҷавонон дар гирдаш парвона мешуданд, вале духтар ҳамонеро меҷуст, ки зебо бошаду сарватманд ва соҳиби хонаю мошин ва мансаби баланд…

Тобистон. Соҳили Баҳри Тоҷик. Ҳанифа дар қатори садҳо нафар аз гармӣ паноҳ ҷӯста, дар ин гӯшаи биҳиштосо истироҳат мекард. Танҳо буд… Ҷавони зебое ба наздаш омаду бо илтифоти хосае ба ӯ гуфт:

– Бори танҳоиро бо касе тақсим карданӣ нестед, духтари зебо?

– Аз куҷо донистед, ки кулфати танҳоиро бар дӯш дорам?-пурсид бо ишва Ҳанифа.

– Маро Муслим ном ниҳодаанд қиблагоҳам. Огоҳ будан аз ботини одамон , хосса дилбароне чун шумо, бароям ирсист.

– Агар ирсӣ бошад, гуфта метавонед, ки ҳозир дар дили ман чӣ орзуе исён дорад?

– Гуфта метавонам, вале ба шарте ки номатонро аз ман пинҳон надоред, – ҷавоб гардонид Муслим ва идома дод.– Агар номатонро мегуфтед, андешаи аз имрӯз он та-

раф орзуи ниҳонатонро пешатон арз мекардам.

– Ҳанифа ном дорам, – гуфт бо табассуми нозолуда духтар. Акнун бигӯед: дар дил чӣ орзуе дорам?

– Чӣ номи зебое! Аҳсант бар падаре, ки ин исмро ба…

– Бас! Акнун бигӯед, ки ҳозир чӣ орзуе дар дил дорам? – сухани Муслимро бурида пурсид Ҳанифа.

– Дилаки шумо, Ҳанифаҷон, мехоҳад, ки соҳибаш дар курсии пеши сабукраве роҳат карда, шаҳрро тамошо дош та бошад. Ана баъд…

– Хайр шуд. Дар гап усто будаед, дар амал чӣ?- пурсид Ҳанифа. Маълум буд, ки ҷавон маъқулаш шудааст.

Ҳамин тавр оғоз ёфт ба кӯи ишқ афтодани Ҳанифа.

Муслим бо суханони ширин ва « Бо як дидан ошиқу шайдоят шудам,»– гуфтанҳо дили ӯро рабуд. Баъди ду моҳи мулоқот духтар ҳис кард, ки ҳомила шудааст. Дар мулоқоти навбатӣ , гаҳе ки Муслим ӯро ба оғӯш гирифта бӯсидани буд, бо қароҳат худро аз ӯ дур кашиду гуфт:

– Айшу ишрат бас, бояд ҳарчи тезтар тӯй кунем.

Муслим заҳрханде карду гӯё аз миёни онҳо чизе нагузашта бошад, гуфт:

– Чӣ хел туй? Ман се фарзанд ва зани нозанине дораму як тори мӯи онҳоро ба садҳо чун ту эркадухтар намедиҳам.

Дунё дар назари Ҳанифа тор шуд.Чӣ ҳам гуфта метавонист? Кор аз кор гузашта буд. Падару модар ва бародарон илоҷи воқеаро ҷӯё шуда, ба хулосае омаданд, ки ӯро ба никоҳи фарзанди хеши дурашон, ки дар деҳаи дурдасте иқомат дошт, дароранд. Тӯй дар тарабхонаи калонтарини шаҳр басо бодабдаба гузашт. Ба навхонадорон калиди мошин ва хонаи чорҳуҷрагиро тӯҳфа карда, бо ҳамин пайвандони духтар аз шармандагӣ гӯё худро раҳониданд.

Вале Ҳанифа аз роҳаш нагашт: хешбачаи деҳотиашро писанд намекард, шабҳо ба хона дер меомад, ба шавҳараш рӯи хуш намедод. Маоши шавҳар ӯро қонеъ намесохт. Мехост соҳиби ҳама чиз бошад: савлату давлату маишат…

Байни ин ду ҷавон девори ноаёну сангини нобоварӣ, беҳурматӣ, дилсардӣ ва пур аз таҳқир боло шуда, сӯи осмон қад кашид.

Тавлиди фарзанд ҳам ӯро дигар накард. Нигоҳубини кӯдак бар дӯши шавҳар афтода буд, модар бошад, чанд рӯз ғайб мезаду масту аласт бармегашт ба хона. Пайвандони Ҳанифа аз ин ҳама огаҳ бошанд ҳам, худро нодида мегирифтанд.

Бо занони бероҳа ҳамроҳ шуд, «дӯстон»-е пайдо кард, ки ба чи кор машғул будани онҳоро ҳеҷ кас намедонист, аммо зиндагии шоҳона доштанд.

Ҳанифа ба сафарҳои дур мерафтагӣ шуд. Ба тиҷорате машғул буд, ки чӣ харидану чӣ фурӯхтанашро ҳеҷ кас намедонист.

Шавҳараш мехост онҳо кӯдакдор шаванд, вале Ҳанифа қатъиян рад карда гуфт, ки «Ман аз қишлоқӣ фарзанд зоидани нестам».

«Дӯстон»–аш рӯзе ба ӯ супориши навбатиро дода, ба давлати ҳамсоя гуселаш карданд. Бори каҷ ба манзил намерасад,- мегӯянд. Сафари навбатӣ барои Ҳанифа бебарор гардид, ӯро кормандони ҳифзи ҳуқуқ дастгир карданд.

Ба пурсишҳои муфаттиш:

– Ту зан, модар ҳастӣ, наход дилат ба он ҷавононе, ки ту бо бори овардаат ҳаёташонро месӯзӣ, як умр ғуломи героин ва дигар маводди мадҳушкунанда мегарданд, насӯзад, охир ту модарӣ! «Ман модар нестам!» ҷавоб дода буд.

Ҳанифаро ҳабс карданд. Аз байн шаш сол гузашт ва инак ду моҳ мешавад, ки ӯ бо дигар модари тоҷик дар як ҳуҷраи маҳбас афтодаанд ва барои чӣ бошад, ки аввалин мартаба ӯ аз ҳаёташ, Ватанаш ва фарзандаш ёдовар шуд. Шояд оҳу нола ва гиряҳои Фирӯза ӯро ба фикр водошта бошад?

Вақте Фирӯза нақли Ҳанифаро шунид, аз ӯ пурсид:

– Он рафиқон, ки туро бо мавод таъмин мекарданд озодат накарданд?

Ҳанифа оҳи гароне кашида хомӯш монд.

Берун аз тирезаи оҳанини панҷара шир–шир ва чак–чаки борон ҳарчи баландтару баландтар садо медод.

Фирӯза бори дигар ба мактуби дасташ бо меҳр нигоҳ карда, ба Ҳанифа рӯ овард:

– Апаҷон, ба писаратон нома нависед, сабук мешавед. Ана ман ба фарзандонам нома навишта бахшиш пурсидам, бовар дорам, ки онҳо дили маро мефаҳманд ва мебахшандам, чунки ман ба хотири онҳо ба ин пастиҳо рӯ овардам.

Ҳанифа баъди сукути тулонӣ ба Фирӯза рӯ оварда пурсид:

– Чанд фарзанд дорӣ ва сабаб чист, ки ба хотири фарзандон ту ба ҳабсхона афтодӣ?

Фирӯза, ки ду моҳ мунтазири ин суол буд, ба нақли ҳаёташ оғоз кард.

Фирӯзаро, ки аз падару модар дар кӯдакӣ ятим монда буд, холааш калон кард. Баъди хатми мактаб ӯ ҳуҷҷатҳояшро ба Омӯзишгоҳи тиб супорида донишҷӯ шуд. Дар давоми хондан ӯ азоб кашид, аммо кӯшиш кард, ки маълумот гирифта, соҳибкасб шавад.

Тақдир ӯро бо Умар, ки ӯ ҳам мисли Фирӯза ятим калон шуда, донишҷӯи Донишгоҳи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ буд, рӯ ба рӯ кард. Онҳо якдигарро дӯст дошта хонадор шуданд ва оилаи хубе бунёд намуданд. Фирӯза бо сабаби фарзанддор шудан дигар хонданашро давом дода натавонист. Хост таҳсилро ғоибона давом диҳад, аммо Омӯзишгоҳи тиб шуъбаи ғоибона надошт ва ӯ хонданро қатъ кард.

Фирӯза ва Умар сохиби чор фарзанд шуданд, аз бахти худ шод буданд, гарчанде зиндагии хоксоронае доштанд ва иҷора менишастанд. Барои хушбахт шудани онҳо фақат як чиз намерасид: хона. Умед доштанд, ки рӯзе навбати Умар мерасаду аз ҷои кор ба ӯ хона медиҳанд. Вале вазъи сиёсӣ дар кишвар номуътадил гардида, ҷанги бародаркуш сар шуд.

Умар барои осоиш ва амонии Тоҷикистони азиз байни

майдонҳои «Озодӣ» ва «Шаҳидон», ки дар ҳарду тараф ҳамсабақон, рафиқон ва дӯстонаш буданд, равуо намуда, онҳоро ба сулҳу салоҳ даъват мекард.

Рӯзе бегоҳӣ аз хонаи бечораҳолонаи Фирӯза доду вой баланд шуд. Тири нохалафе риштаи умри Умарро канда буд, чор фарзанди хурдакак ва Фирӯзаи гирён дар хонаи иҷора лолу ҳайрон монда буданд. Саргардониҳои Фирӯза оғоз шуд. Маросими чили шавҳарро надода, соҳибхона «Агар пули иҷорaро надиҳӣ, хонаро холӣ кун!» гуфта, оромаш намегузошт.

Фирӯза намедонист ба кӣ муроҷиат кунад, ягона хеш–холааш фавтида буд. Аз хешовандони шавҳараш ҳам ягон шахси наздик набуд. Ба сад идора рафта, ҷои кор мекофт, аммо бенатиҷа. Шабҳо то саҳар мижа таҳ накарда, субҳро бо ҳоли парешон пешвоз мегирифт. Гиряҳояшро аз фарзандон пинҳон медошт. Ӯ дар чорсӯи зиндагӣ ҳайрону зор монда буд…Намедонист сарашро ба кадом дар занад.

Рӯзе пагоҳӣ роҳи бозорро пеш гирифта, мехост дар он ҷо ақаллан коре ёбад, ки якрӯза нони кӯдаконро ёфта, ба хона орад. Тасодуфан бо зане вохӯрд. Зан аз вазъияти бади Фирӯза огоҳ шуда, ба ӯ кори осон ваъда кард. Фирӯзаро ба сафари роҳи дур тайёр карданд ва ваъда доданд, ки баъди баргаштан дусад доллари амрикоӣ мегирад. Фирӯза розӣ шуд. Дар фурудгоҳи шаҳри Маскав ӯро, ки дар меъдааш героин дошт, кормандони хифзи ҳуқуқ дастгир карданд. Дар мулки бегона Фирӯза чӣ азобу таҳқире надид! Фарзандони бепадару модараш баъди саргардониҳои зиёд ба ятимхона афтода, дар он ҷо як бурда нони сериро диданд. Ин аст тақдири талхи модари роҳгуми сарсахт.

Фирӯза бори дигар ба номаи навиштааш назар карда, онро ба синааш зер кард, тасаввур намуд, ки фарзандонашро ба сина зер карда истода бошад. Бори дигар ба Ҳанифа рӯ оварда:

- Апаҷон, ба наздикон нома нависед, дилатон холӣ мешавад. Охир, шумо ҳам писаре доштаед яккаву ягона.

– Фирӯзаҷон, писари ман маро мебахшида бошад, мефаҳмида бошад, охир ман як рӯз ҳам ба ӯ сина надодаам,

боре ҳам аз дасташ гирифта, ба тамошо набурдаам. Чизе карда бошад, падарандар кардааст,- гуфт Ҳанифа ва бори аввал дар шаш соли маҳбусӣ ба писараш нома навишт.

Соатҳо, рӯзҳо, ҳафтаҳо гузаштанд ва ба ҳарду модар ҷавоби номаҳояшон омад. Фирӯза номаи аз писараш омадаро хонда, механдиду мегирист. Ӯ шод буд, чунки дар номаи писараш Ҷаҳонгир фарзандаш расми панҷаҳояшонро бо умеде кашида буданд, гуё бо модар салом мекарда бошанд.

Аммо Ҳанифа ҷуръат намекард, ки номаи дар дасташ бударо кушояд.

– Апаҷон, кушода бихонед. Бифаҳем, ки писаратон чиҳо навиштааст, бихонед номаи фарзандони маро, – гуфта онро ба Ҳанифа дод

– Ман баъдтар мехонам. – гуфт Ҳанифа.

Дар муддати ду моҳи дар маҳбас буданаш ӯ аввалин маротиба ба хоби ширин рафт.

Фирӯза пагоҳӣ қаноатманд аз хоб бархост. Вале ҷасади Ҳанифаро дида ба даҳшат афтод. Доду фиғон бардошта, атрофиёнро ба ёрӣ даъват кард. Нозирон ва духтури маҳбас омада, Ҳанифаро бурданд. Аз дасти ӯ қоғази ғиҷимшудае афтид, ки мактуби писараш буд. Фирӯза номаро гирифта хост бихонад, аммо нозирон ба ӯ иҷозат надоданд. Фирӯза нафаҳмид, ки чӣ сабаби марги Ҳанифа шуда буд:-аҷал, шодӣ ё ҳузн? Фарзандаш ба ӯ чӣ навишта? Модарашро бахшида буд ё на?..

## ГИРЕҲҲОИ ЗИНДАГӢ

Рӯзи истироҳат. Мукаррама, ки ҳар рӯз субҳ нодамида аз хона баромада ба кор мерафт, ин пагоҳӣ хеста, дар болои рахти хобаш бо наберачаи дустрӯякаш, ки акнун забон бароварда, ширин-ширин чизе гуфтанӣ мешуд, бозӣ карда, бо забони ӯ «Очаҷонакам, ширинакам, зебоякам» гуфта сифатчинӣ мекард. Азбаски ба наберааш номи модарашро гузошта буд, ҳама ӯро "очаҷон" гуфта дӯстдорӣ

мекарданд.

Занги дар баланд шуд.

– Шуморо духтаре мепурсад,-гуфта келин ба хонаи хоби Мукаррама даромад.

Мукаррама меҳмонро нашинохт, аммо хуш қабул карда, ба меҳмонхона даровард.

– Маро нашинохтед? Ман духтари Лолаи ванҷиам.

Мукаррама аз шунидани ин номи ошно каме даступо хӯрда - гуфт:

– Ӯ дар куҷост, чаро ту танҳо омадаӣ?

–Модарам дар беморхонаи Қарияи боло бистарӣ аст ва аз ман хоҳиш кард, ки шуморо ёбам. Ман як ҳафта боз нишониатонро мекобам ва, хушбахтона, имрӯз ёфтам.

Дар гӯши Мукаррама дигар гапе намедаромад. Саросема либосҳояшро пӯшиду "рафтем" гуфта, аз хона берун шуд.

Ҳамроҳ ба касалхона наздик шуданду духтари Лола ба Мукаррама гуфт:

– Апаҷон, шумо бе ман ба назди модарам дароед, ӯ шуморо мешинохта бошад?

Мукаррама ва Лола баъди хатми донишкада, қариб 30 сол, якдигарро надида буданд. Мукаррама ба ҳуҷраи беморон даромад. 4 нафар дар катҳои худ мехобиданд. Ӯ ҳайрон ба ҳар яки онҳо синчакорона нигарист. Ногоҳ якеашон ӯро дида, баланд баланд гиря кард. Мукаррама ба назди ӯ рафт. Ба чашмонаш бовар намекард. «Наход Лола бошад?» Ҳайрону лол монда буд. Дар пеши назараш симои зебои Лола ҳувайдо гашт, ки бо табассуми ширин, мӯйҳои мала ва чашмони кабуди осмонӣ ба ӯ менигарист. « Не. Ӯ нест,»- аз дил гузаронид Мукаррама. Дар кати беморхона зане мехобид, ки мӯйҳои сафед, чеҳраи пурожанг ва дандонҳои рехта дошт. Аз назокату латофат, малоҳату нафосати ҷавонӣ дар ӯ чизу нишоне намонда бошад ҳам, нигоҳи гамангезу шӯълаи чашмони кабуди зан далолат медоданд, ки ин ҳамон Лолаи дилсӯзу дилнавоз, маслиҳатгару маҳбуби ҳамсабақон аст.

Дод задани Лоларо шунида, духтурҳо бошитоб ба

ҳуҷраи ӯ даромаданд ва аз дидани он лаҳза хайрон шуданд. Мукаррама ва Лола якдигарро ба оғӯш гирифта, гоҳ мегиристанду гоҳ механдиданд.

Баъд Мукаррама аз духтури муолиҷавӣ саломатии Лоларо пурсон шуд. Духтур гуфт, ки баъди бистарӣ кардан саломатии бемор хеле хуб аст. Мукаррама аз духтур илтимос кард, «Метавонам ӯро ба хона барам». Баъди гирифтани иҷозати табиб ба хонааш занг зада таъкид кард, ки меҳмонро интизор шаванд. Ҳар гаҳе дар ҳузури фарзандон солҳои донишҷӯияшро ба хотир меовард, албатта, номи Лоларо ба забон мегирифт ва онҳо ғоибона ӯро- беҳтарин дугонаи модарашонро мешинохтанд, албатта, ғоибона. Фарзандон барои ҳамсабақи модарашон дастархони идона оростанду келин бо пойандози гаронбаҳо истиқболаш кард.

Онҳо дар давраи донишҷӯӣ 3 дугона буданд: Мукаррама, Лола ва Ситора. Лола баъди бо фарзандони Мукаррама шинос шудан ва каме дам гирифтан аз ӯ Ситораро пурсид. Мукаррама дарҳол ба Ситора занг зада хоҳиш кард, ки зуд ба хонаи онҳо биояд. Ҳарчанд Ситора сабаб пурсид, Мукаррама чизе нагуфт. Соате нагузашта, Ситора омад ва аз дидани Лола хеле хурсанд шуд. Онҳо аз дидори якдигар сер намешуданд, ҳарчи тезтар мехостанд дар боби зиндагиашон бештар ҳарф бизананд.

Тақдири ин се зан тақдири сисолаи зани тоҷик буд, ки рӯзгори ҳам нек ва ҳам сангинро аз сар гузаронда буд. Онҳо бо навбат дар ҳар боб ҳарф зада, гоҳ аз шодӣ механдиданду гоҳ ашк мерехтанд. Ин шаб барояшон хеле кӯтоҳ ва басо дароз буд…

* * *

Аввал Ситора аз ҳаёташ суҳбат оғоз кард:

– Баъди хатми донишгоҳ ба водии Вахш ба кор рафтам. Бо Суҳроб ном ҷавоне вохӯрда, якдигарро дӯст дошта, хонадор шудем. Ҳарду омӯзгор будему як нафас бе ҳамдигар буда наметавонистем. Зиндагиамон беҳад хуб мегузашт,- оғоз намуд Ситора.

Ҷамоати деҳа барои ду мутахассиси ҷавон аз назди мактаб заминеро чудо мекунад, то онҳо хона бунёд наму-да, дар ҳамин деҳа муқимӣ гарданд ва ба дигар ҷо нара-ванд. Бо кӯмаки аҳли деҳа барояшон ду дар хона ҳам сохтанд.

Фасли баҳор буд. Рӯзе онҳо аз кор баргашта диданд, ки ду фароштурук дар таги долонашон лона месозанд. Суҳроб ба Ситора гуфт:

–Ин парандаҳо хонаaамонро ифлос мекунанд, намон, ки онхо лона бисозанд,- ва худаш дурӯза ба шаҳр, аз пайи корҳои мактаб ба Раёсати маориф, меравад.

Фароштурукҳо кашондани хасу чӯбу лойпораҳоро идома медоданд. Сохтани лона оғоз ёфта буд. Ситора та-копӯи ду мурғи зеборо тамошо мекарду дилаш намешуд, ки ба кори онҳо монеъ шавад. фароштрукҳо ҳам ду ошиқеро мемонданд, ки бо ҳавас мисли ӯ ва ҳамсараш ор-зуи хона бунёд нмудан ва фарзанд ба дунё овардан до-штанд.

Баъди ду рӯз Сухроб аз шахр баргашту, лонаи фарош-турукхоро дида, бори аввал барои супоришашро иҷро накардан ба сари Ситора дод зад. Барои чӣ имкон дода-аст, ки фароштурукхо лона бисозанд. Ситора чизе намегӯяд, хомӯш ба хона даромада, дар пушти мизи ко-раш нишаст ва ба санҷиши дафтарҳои хонандагонаш машгул шуд. Маротибаи аввал ғизои шомро ҳамроҳ нахӯрданд. Сухроб ба хонаи кадоме аз рафиқонаш рафт ва дер ба хонааш баргашта дид, ки дастархони густурдаи Ситора то ҳанӯз ғундошта нашудааст: ҳамсараш то нисфи шаб ӯро интизор шуда буд.

Субҳ аз хоб бедор шуда, диданд, ки аллакай фарошту-руки модина дар лона мехобад ва нарина дар гирди лона чир-чиркунон парвоз мекунад. Суҳроб инро дида ба ғазаб меояд ва Ситораро интизор нашуда ба мактаб меравад. Се рӯз онхо бо ҳам гап намезананд. Ситора дарун-дарун аз рафтори шавҳараш месӯхт. Рӯзи сеюм Суҳроб бегоҳ аз кор омада, лонаро харобу Ситораро гирён дид. Ӯ мегуфт:

–Лонаи фароштурукҳоро вайрон кардам, бечора бо

умед тухм монда будааст, онхо ба замин афтида шикас танд, дуои фароштурукҳо маро мегирад,- мегуфту мегирист. Суҳроб барои таскини дили ӯ хандида гуфт:

– Занро мӯдарози кӯтоҳақл гуфтани мардум рост будааст-дия. Охир ту маълумоти олӣ дорӣ, наход ба ҳамин гапҳо бовар кунӣ, фароштурук дуои чӣ дорад, ки туро бигирад. Ҳамсарашро таскин медод, аммо як гӯшаи дили худаш низ хиҷил буд.

Рӯзи дуюми хароб кардани лонаи фароштурук Ситора аз помонакхои хонааш афтида, кӯдак вайрон мекунад. Аз он рӯз шаш сол мегузарад вале онҳо кӯдакдор намешаванд. Аз хонаи онхо садои хандаи кӯдак шунида намешуд. Рӯзе модари Суҳроб хабаргирӣ омада, келин ва писарашро шинонда гуфт:

–Фарзандонам, барои инсон беҳтарин ганҷ фарзанд аст, Беҳуда "Хонае ки тифл дорад, ғусса дар он хона нест",- нагуфтааст шоир. Ман аз шумо, келини азизам, розӣ ҳастам, умратонро беҳуда нагузаронед. Агар аз ҳам ҷудо мешудед, ҳарду фарзанд меёфтеду хушбахт мегардидед. Охир ман аз гиряхои ниҳонии ту огаҳам, медонам бисёр ғам мехӯрӣ. Ту низ, писарам, мехоҳӣ, ки дар назди рафиқонат "Ман мард ҳастам!" гуфта писаратро рӯи даст бардорӣ. Номбардор ва тобутбардори падару модар ҳамин фарзанд аст. Ман намехохам писарам бенишон бимонад.

Баъди ин суҳбат онҳо аз ҳам ҷудо шуданд.

Рӯзҳои зиёд гузашт, Ситора ҷуръат намекард, ки дуюм бора ба шавҳар барояд. Хостгорҳоро рад мекард. Суҳроб бошад, дуюмбора хонадор шуд. Хешу табори Ситора "Умри ҷавонатро хайф накун, ба шавхар баро" гуфта ӯро ба ҳолаш ором намегузоштанд. Охир ӯ бо марде, ки 4 фарзанд дошт ва аз худаш 20 сол калон буд, ба шавхар баромад ва аз ин никоҳ тифлаке ба дунё омад.

Барои Ситора ҳар амали кӯдакаш гӯиё ид буд. Хидмати шавҳар ва фарзандони угайро аз сидқ ба ҷо меовард, чунки ба шарофати онҳо соҳиби фарзанд шуда буд, аммо дилаш аз он хиҷил буд, ки бахти аввалаш Суҳроб новобаста ба се

маротиба хонадор шуданаш то ба ҳол фарзанд надорад. Ҳарду дар як мактаб кор мекарданду пайваста ҳамдигарро медиданд. Ситораро мӯи сафедшуда ва нигоҳи маъюсонаи Суҳроб ғамгин мекард. Ҷанги бародаркуш дар қалби ҳар хонадони мардуми тоҷик доғе гузошт. Аксар ҳамдеҳагони Ситора дар он рӯзҳои пурдаҳшат ба Афгонистон рахт бастанд. Дар қатори онҳо шавҳари Ситора низ. Ӯ аз шавҳараш хоҳиш намуд, ки ба хоки бегонагон нараванд, аммо бефоида. Онҳо шабона бо фарзандон рӯди Панҷро убур мекарданд, ки писари талбидаи Ситора ғарқ шуд. Нолаву фигони модараш гӯши фалакро кар мекард... Шавхараш аз пушти кӯдак худро ба об партофт, аммо ҳарду ғарқ шуданд. Дар он тарафи соҳил Ситора чун девонагон шавҳару кӯдакашро ҷустуҷӯ мекард. Ӯро ҳама девона мепиндоштанд. 4 фарзанди угай гирди модари зору ҳайрону бечора парвона буданд, Онҳо низ ба ҷуз ӯ дар ин олами фонӣ дигар касе надоштанд.

Баъди чанд сол дар қатори дигар фирориён Ситора низ ба Ватан баргашт, зиндагӣ барояш дигар маънӣ надошт. Баъди аз Афгонистон баргаштан директори мактаб Ситораро ба кор даъват кард. Азбаски тарбияи 4 фарзандро дар душ, ки дошт, бо майли зиёд ба кор баромад.

Тақдир Ситораву Суҳробро, ки дар ҳамин дабистон кор мекард, боз ба ҳам овард. Суҳроб, ки фарзанд надошт ва зиндагии танҳоро ихтиёр карда буд Ситораро дида, дар дилаш шӯълаи умед забона зад ва бо директори мактаб маслихат карда, ҳамроҳ ба хонаи ӯ хостгорӣ омаданд.

Ситора фарзандони угаяшро ба наздаш хонда маслиҳат пурсид. Онҳо хомӯш буданд. Суҳроб чилави суҳбат ро ба даст гирифту ба фарзандони угайи Ситора, ки ҳамаашон духтар буданд, ҳаёти талхи худро нақл карда ваъда дод, ки фарзандашон мехонад ва падарвор тарбияташон намуда, хонаву дардорашон мекунад. Онҳо изҳори ризоят намуданд. Ситора ва Суҳроб ба қавлашон вафо карданд...

Лола тоқат накарда, аз Ситора пурсид :

– То ҳанӯз бо шавҳарат танҳо зиндагӣ мекунӣ?

– Не, Лолачон,ману Суҳроб қарор додем, ки кӯдакеро

аз ятимхона гирифта калон кунем. Ҳоло хушбахттарин зан- модар ҳастам. Вақти ба ин ҷо омадан хостам писарам Шодиҷонро бо худ биёрам, Суҳроб намонд. Гуфт: «Бо дугонаҳоят бемалол рафта суҳбат бикун. Ман бо писарам дар хона туро интизор мешавем.»

– Барои он ки ҳеҷ кас писари мо набудани Шодиҷонро нафаҳмад,-нақлашро давом дод Ситора, –дигар ба водии Вахш нарафта, дар Душанбе зиндагӣ ихтиёр намудем. Алҳол дар яке аз литсейхои шахри Душанбе омӯзгор ҳастам. Чунин аст дугонаҳои азиз, тақдири ҳам талху хам ширини ман.

* * *

Дугонаҳо баъди шунидани саргузашти Ситора ба ҳавлӣ баромада, нафаси тоза гирифтанд ва ба осмони пурситора дида духтанду аз нав ба хона даромаданд. Дар чашмони онхо аз хоб дараке набуд. Ситора ва Мукаррама ба Лола рӯ оварданд. Лола хоҳиши онҳоро фахмид ва оғоз намуд ба нақлаш.

Лола баъди хатми донишгоҳ ба зодгоҳаш- ноҳияи Ванҷ баргашт ва дар он ҷо бо Олим, ки аз давраи мактабхонӣ бо ҳам шинос буданд, вохӯрда, бо розигии волидайн бо ҳам издивоҷ намуданд. Шавҳараш корманди Хонаи маданият буд, хушбахтона зиндагӣ мекарданд. Солхо сипарӣ мешуданду дар оилаи онҳо пайи ҳам духтар ба дунё меомад яке аз дигаре зеботар. Шод буданд, аммо хусуру хушдоман ҳамеша дар интизори писар буданд ва гоҳу ногоҳ ҳаминро ба забон меоварданд. Пиру кампир фарзандони дигарашон ро кайҳо хонадор намуда, хонаву дарашонро ҳам ҷудо карда буданд, аммо Лоларо азбаски зани бофарҳанг, босавод ва хидматгор буд, иҷоза намедоданд. Муносибати Олим ҳам бо хамсараш хеле хуб буд. Ба ҳамин хотир Лола ба бисёр норасоиҳои хона аҳамият намедод.

Писар ки надоштанд, зеботарин номҳоро ба духтаронашон мемонданд. Духтари чорум ба дунё омад, ӯро Шукрона ном ниҳода, аз Офаридгор илтимос карданд, ки писареро насибшон бигардонад. Боз духтардор шуданд.

Истад номаш ниҳоданд ва орзуи писар карданд, аммо боз духтари зебое ба дунё омаду Басонаташ ном гузоштанд. Ва "Бас духтарзоӣ" гуфтанд, аммо Офаридгор гӯё Лола ва Олимро намешунид. Хар гоҳе Олим дар кӯча мардеро бо писарчааш медид, бо сари хам ба хона меомад ва ҳамин боиси он гардид, ки ӯ аз ҷавони базморо ва хушчақ чақ ба марди дамдузд, дағал ва гӯшанишин табдил ёфт, хислаташ дигар шуд, дӯстони нав пайдо кард, ба шаробнӯши мубтало гашт.

Рӯзе Лола баҳри коре ба маркази ноҳия рафт ва баъди корашро иҷро кардан хост ба корхонаи шавҳараш биравад, то ки бегоҳ ҳамроҳ ба хона баргарданд (дар яке аз деҳаҳои дурдасти Ванҷ зиндагӣ мекарданд). Дар корхона шавхарашро наёфт. Хост ӯро интизор шавад. Апаи Санифа- ҳамкори Олим бо ӯ самимона мулокот намуда, таклиф намуд, ки ба дафтари кораш дароянд. Баъди каме таҳаммул ба ӯ гуфт:

– Лолаҷон, хоҳарам, дилам ба ту месӯзад, вале ногуфта наметавонам: вақтҳои охир хулқу атвори шавҳарат тағйир ёфтааст. Ба кор маст меояд. Бо зани бероҳае ошно шудааасту аз кор гурехта, ба назди ӯ меравад. Илоҷе карда, ӯро аз роҳи бад барор. Ҳозир ӯ дар хонаи ҳамон зан аст.

Дунё дар назари Лола чаппаву роста шуд. Нишонии он хонаро гирифт. «Рашк бадтарин беморист,»- гуфтани бузургон дуруст будааст. Лола то ба хонаи он зан расидан каме ба худ омада андеша кард: «Агар ӯро дар ин хона ёбам, фардо бо ӯ чӣ хел зиндагӣ мекунам? Ҳеҷ гоҳ намебахшамаш. Агар ҷудо шавем, ҳоли духтаронам чӣ мешавад?» Ин суолхо ӯро водор сохтанд, ки аз рохаш бигардад. Ба қафо гаштанӣ буд, ки аз хона садои мусиқӣ ба гӯш расид ва хониши шавҳарашро, ки бо овози баланд сурудеро замзама мекард ва хандаи зани бегонаро шунид ва ҳама андешаҳое, ки навакак карда буд, фаромӯш шуданд ва рашкаш боло гирифт ва зада ба он хона даромад.

Кош имрӯз ба маркази ноҳия намеомад. Кош бо занхамкори шавхараш вонамехӯрд. Кош саҳнаи нафратовар-

ро намедид. Олим болои рахти хоб нишаста, сурудеро замзама мекарду он зани танноз ракс, харду маст буданд. Аз зада даромадани Лола қиёфаи на Олим дигар шуду на аз он зан. Бо нафрат ба онҳо назар карду харфе нагуфта ба кӯча баромад. Муддате ин тарафу он тараф қадам зада ба худ омад. Бояд ба деҳа баргардад, рӯз ҳам бегоҳ мешуд. Дар назараш ин лаҳзаҳо бадбахтарин зан буд ӯ, ба касе даркор нест, аммо ҳамоно духтарони азизашро ба ёд оварда, худро ба даст гирифт, охир ӯро дар хона тифлаконаш интизоранд. Лола ба мошини раҳгузаре нишаста, ба деҳа баргашт. Аз тирезаи мошин ба берун назар карда аз он зебоиҳое, ки гаҳи ба шаҳрак омадан, тамошо карда буд, нишоне наёфт. Дар назараш ҳама ҷо торикистон, дилафгору парешону рӯҳафтода буд. Абри сиёҳе фазо ва хам дили Лоларо хира карда буд. Борон меборид. Лола дигар берунро намедид. Баъди ба хона баргаштан ӯ аз шунидаву дидааш ба касе чизе нагуфт, дарун-дарун месӯхт, аммо ҳарфе ба забон намеовард, шодиёна намепурсид аз ҳомила буданаш, намехост фарзандаш зиндаятим ба дунё ояд. Худо розӣ шаваду ин навбат писар таваллуд кунад.

Баъди он ходиса дилсардӣ дар миёни зану шавҳар пайдо шуд.

Олим аз шаробнӯшӣ ба истеъмоли банг гузашт. Ҳама мушкилоти хона- нигохубини хусуру хушдомани пир ва 6 фарзанд бар дӯши Лола афтода буд: бо нӯги қалам ва бофтани ҷӯроб аробаи зиндагиашонро мекашид. Орзу дошт, ки писар бизояду Олими азизашро хушбахт гардонад, аммо дар он рӯзҳо хушбахтиро Олим танҳо дар маводди мухаддир медид, на дар симои писар. Дар хонаи онҳо бача тавалуд шуд. Аз тавлиди ин тифли бегуноҳ ҳам шод буданду ҳам ғамгин, аз тавлиди писар, ки дер боз интизораш буданд, ғамгин аз он тифл бенуқсон набуд. Ба қавли табибон сабаби ин падари бадмасташ буд. Бечора Лола аз ғами фарзанди иллатӣ ба кампири садсола монанд буд, ба ташвиши рӯзгор бемории фарзанд зам шуд. Аз роҳи бад баргаштани Олим бошад, алаккай коре буд

басо сангин.

Лола баъди ҷамъбасти соли таҳсил аз маоши ночизаш каме пасандоз карда буд, духтарҳояш ҳам ҷуробҳои бофтаашонро фурӯхтанду маблағи бадстовардаашонро ба модар доданд ва ӯ бо умеди зиёд барои табобати фарзандаш ба Душанбе омад. Ба мутахассисон муроҷиат кард, маблаги зиёд барои ҷарроҳӣ зарур буд. Ба ӯ фаҳмонданд, ки агар маблағ дастрас гардад ҳам, кӯдак хурд асту тоқати ҷарроҳӣ надорад ва мурданаш аз эҳтимол дур нест.

Мегӯянд дар дунё аз одами бад дида одамони хуб бис ёранд, Лола бо ҷарроҳзани русе вохӯрд ва он зан ба ӯ фахмонд, ки рӯҳафтода нашавад ва баъди сесола шудан фарзндашро барои ҷарроҳӣ кардан биёрад.

Лола бо фарзанди бемор ба диёри зебои афсонавиаш-Бадахшон баргашт. Дар хона нохушиҳои зиёд интизораш буданд. Аз ашёи рӯзгор чизе намонда буд. Олим ҳамаро фурӯхта, сарфи хариди маводди мухаддир карда буд. Амали фарзанди бад пиру кампири падарашро ба бистари бемори афканда буд. Насиҳати падару модар, завҷаи меҳрубон ва дӯстону бародаронашро шунидан намехост. Кораш ҳар рӯз масту аласт ба хона омадан буд.

Мӯйсафеди падараш ба кирдори фарзанди бадаш тоқат накарда аз олам гузашт. Рӯзи ҷаноза Олим аз мастӣ маҷоли рост истодану аз гӯшаи тобути падар бардоштан надошт. Аз байн ду сол гузашт ва забони писарашон кушода шуд: “боба” гуфта ба падараш муроҷиат кард.

Рӯзе субҳидам Олим ба кӯча баромаданӣ буд, ки писарачааш:

– Боба, маро хам ба тамошо баред,- гуфта хоҳиш кард.

Олим ба чашмони пуроб, гардани каҷ ва пои норавои ӯ назар карду давида ба хонаи дарун даромада бо овози баланд гиристу, гиристу, гирист. Рӯзи дигар аз хоб хеста, Олимро дар хона надиданд, дар назди тиреза варақеро диданд. Дар он бо хати зебо ин нома иншо шуда буд:.

“Лолаи меҳрубонам! Агар тавонӣ, маро бубахш. Чунин зиндагӣ карда наметавонам. Аз ин ҳоле, ки ман дорам,

мурдан беҳтар аст. Махз бадмастии ман сабаб шуд. ки фарзандамон маъюб ба дунё омад. Ба Душанбе ,ба назди як рафиқи давраи донишҷӯиам меравам, ӯ табиб аст. Қавл дод, ки табобатам мекунад. Баъди табобат ба Русия меравам, кор карда, пул меёбаму фарзандамро табобат мекунам. Медонам, ки ҳоли маро дида, дарун-дарун месӯхтӣ. Агар тавонӣ, Олими беақлатро бубахш, аз духтаронам хам бахшиш мепурсам барои ношукриам дар назди Парвардигор. Олими ту”.

… Олим дар Душанбе рафиқашро меёбад ва ӯ баъди ташхис ба дӯсташ мегӯяд:

– Агар иродаи мардона дошта бошӣ, табобатат мекунам.

Баъди чор моҳи табобат Олим бо тани дуруст аз беморхона баромада, ба Русия меравад. Дар кишвари бегона азоби зиёд мекашад, шабу рӯз кор мекунад ва бо маблаги зиёд ба хонааш, ба назди Лолаи меҳрубон ва писари маҷрҳаӯш бармегардад. Баъди ҷарроҳӣ писарашон ҳам табобат ёфт.

Зиндагии сангин Лоларо низ бемор карда буд, ӯро фарзандонаш барои табобат ба Душанбе гусел мекунанд ва инак, ӯ имрӯз дар Душанбе бо дугонаҳои давраи донишҷӯияш сӯҳбат мекунад.

Дугонаҳо ба соат нигоҳ карданд: посе аз шаб гузашта буд. Мукаррама таклиф кард, хоб кунанд, аммо дугонахо аз дидори хамдигар сер нашуда буданд, маънидорона ба ӯ дида духтанд.

* * *

Мукаррама ба дугонаҳояш гуфт:

– Азизонам, мехоҳам қиссаеро ба шумо нақл кунам , ки дар бораи зодгоҳам ФАРХОРаст. Қаҳрамони он қисса АНОҲИТО мебошад, ки умре орзуи ба ӯ монанд буданро доштам: “Аноҳито, модарбузурги қавмҳои Ориёӣ, фариштаи рӯдҳову заминҳои серҳосил, олиҳаи ишқу зебоӣ ва покию равшанист.

Дар замонҳои қадим, ҳазорсолаҳо қабл аз “Тӯфони

Нуҳ” дар сарзамини ОРИЁ духтаре бо номи Аноҳито ба дунё омад, ки дар ҳусну латофат ва илму маърифат яктои ҷаҳон, дар разму набард Гурдофариди замон буд. Даме, ки аз чанги сеҳрнокаш наво мерехт, хуршеди оламоро ба таппиш, сайёраи мо ба гардиш, бодҳо ба навозиш, чашмасорону обшорону рӯдҳо ба ҷунбиш, гулҳо дар марғзорон ба рӯиш, булбулон дар шохсорон ба хониш, барқ ба ғурриш, абр ба нолиш ва рангинкамон бо рангҳои Замину Осмон ба омезиш меомаданд.

Аноҳито қавмҳои парешони Ориёро гирди ҳам оварда, ба онҳо илму ҳунар омӯхт. Киштукор, чорводориву кишоварзию бунёдгариро ба мардон, хонадориву меҳандориро ба занон ёд дод. Сипаҳсолори гурдофаридон буд. Бо хоҳиши онҳо дар домани кӯҳи Чилдухтарон, дар миёни Баҳманрӯду Ҷайҳун шаҳре бунёд кард бо номи ФАРХОР, ки маънояш шаҳри гурдофарид ва бутони оламорост. Овозаи ин шахр саросари сарзамини Ориёро пахш кард. Корвонҳои зиёде аз тамоми гӯшаву канорҳои дунё ба шаҳри Фархор меомаданду мерафтанд.

Рӯзе аз Балх корвоне азми Фархор кард, ки дар миёни корвониён Зардушти ҷавон низ буд. Зардушт чун ба Фархор расид, дар ҷустуҷуи Аноҳито шуд ва ӯро дар назди Кохи духтарони чангнавоз дарёфт. Аноҳиторо дидан баробар Зардушт дасту по гум кард, ба ӯ дил бохт, дар оташи ишқ сар то ба по сӯхт. Зардушти дилдода куҳ ба кую дар ба дар мегашт, аммо рози дилашро ба касе гуфта наметавонист.

Оқибат дар хилваткадаи шаҳри Балх гӯшанишиниро ихтиёр кард ва ба навиштани шеърҳои ошиқона пардохт. Китобе навишт ба номи “АВАСТО”, ки саршор ниёиш ба Яздони пок ва ситоиш ба ишқи поки Аноҳито буд. Баъд аз навиштани “АВАСТО” тарки гӯшанишинӣ карда, ба майдони Навбаҳори Балх омад. Чун шом дамид, Зардушт дар майдон гулхан барафрӯхт. Мардуми ба ҳайратомадаи Балх дар гирди гулхани афрӯхтаи Зардушт ҷамъ омаданд. Зардушт китоби Авасторо ба даст гирифту ба хондани он шурӯъ кард. Баъд аз ин шоми гулханафрӯз Авасто дар

дили мардум ҷой гирифту вирди забони мадуми ҷаҳон гардид.

Ба хар шахре, ки мерафт, дар майдони он шахр гулхан меафрухт ва Австохонӣ мекард.

Овозаи китоби Авасто ба гӯши Аноҳито ҳам расид. Баъд аз хондани он дар фикри Аноҳито қасди шавҳар кардан пайдо шуд. Ба гурдофаридҳо амр дод, то дар қаламрави кишвараш овоза паҳн кунанд, ки Аноҳито хоҳиши ба шавҳар баромадан дорад, лекин бо як шарт:

– Агар ҷавонмарде "Асрори азал"- ро кашф карда тавонад, Аноҳито ҳамсари ӯ хоҳад шуд. Ин овоза ба гӯши Зардушти шайдову дилдодаи Аноҳито расид, қариб буд, ки аз ноумедӣ дилкаф шавад. Лекин камари умед барбасту аз пайи кашфи "Асрори азал" шуд. Шаҳр ба шаҳр мегашту илм меомӯхт. Дар он замон мардуми Дунё ба ҷуз дирӯзу имрӯзу фардо дигар чизеро намедонистанд. Онҳо намедонистанд, ки ҳафта чист, моҳ чист, сол чист, намедонистанд, ки рӯз кадом соат оғоз ва кадом соат анҷом меёбад. Намедонистанд, ки сол кадом вақт оғоз меёбаду кадом вақт ба нуқтаи анҷом мерасад.

Баъд аз омӯхтани илми зиёд Зардушт ба хулосае омад, ки расадхонае бунёд кунаду воситаи он гардиши ситораҳоро омӯзад. Ӯ ба зодгоҳаш- Балх баргашт.Чун ба майдони Навбаҳор расид, дид, ки ҳамшаҳриёнаш дар миёнаи майдон оташкадаи бузургеро бунёд кардаанду дар партави оташ "Авасто"- хонӣ доранд. Балхиён чун Зардуштро диданд, ба по хестанду пешвозаш гирифтанд ва аҳсану офаринаш хонданд.

Зардушт аз шаҳрҳои дида ва илмҳои омӯхтааш ба мардум қисса кард ва орзуи бунёд кардани расадхонаро ба арзашон расонд. Мардуми бофарҳанги Балх дар муддати кӯтоҳ аз рӯи лоиҳаи Зардушт расадхонаро дар паҳлуи Оташкада бунёд намуданд ва Зардушт ба кашфи "Асрори азал" шурӯъ кард. Ӯ нахуст як шабонарӯзро, ки аз 24 соат, баъд ҳафтаро, ки аз ҳафт шабонарӯз, сонӣ моҳро, ки аз 30 шабонарӯз ва дар охир солро, ки аз 12 моҳ иборат аст, кашф намуд.

Баъди ин Зардушт китоби “Асрори азал”- ро гирифту раҳсипори шаҳри Фархор шуд. Чун ба Фархор расид, дид, ки тамоми гурдофаридҳо бо чанг навои ғамангези “Пазмон”- ро менавозанд. Зардушт ин навои ҳузноварро шунида лол гашт. Чун сабаб пурсид, гурдофаридон гуфтанд, ки муддатест Аноҳито тарки Фархор кардааст. Ба куҷо рафтани ӯро касе намедонад. Кош ҷавонмарде пайдо шаваду Аноҳиторо ёбад.

Зардушт аз ин посуху аз он навои “Пазмон” дилреш гардида, фарёди ҷонгудозе заду аз пайи Аноҳито шитофт. Сарзамини Ориё, тамоми дунёро кофт, вале нишоне аз Аноҳито наёфт. Дилабгору пурормон, парешону пазмон ба Балх омаду ба гумбади расадхонааш баромада, рӯ ба чархи гардун намуд ва ба Яздони пок ниёиш кард. Ниёиши Зардушт ба гӯши Офаридгор расид, ки дар роҳи Каҳкашон ногаҳ ғулғулае бархост. Зардушт чун нек назар кард, чашмаш ба ситорае афтод, ки чанг менавохту аз шӯри навои он ситораҳои кайҳон арғушт мерафтанд. Зардушт аз шунидани наво ба ваҷд омад, дигар тоқати дар Замин истодан надошт. Бо болу пари озарафшони оташкадааш ба гардун парвоз кард ва роҳи Каҳкашонро пеш гирифт. Чун ба майдони базми ахтарон расид,Аноҳиторо дид, ки чанги сеҳрнок ба даст, оҳанги яздонӣ менавозад. Зардушт ба Аноҳито сари таъзим фуруд оварду китоби “Асрори азал”-ро тақдимаш намуд. Аноҳито дигар роҳи гурез надошт, чунки шарти ӯро Зардушт иҷро карда буд. Вақте ки ситораҳои кайҳон аз ин роз огоҳ шуданд, ҳарду дилдодаро муборакбод намуда, тӯй арусиро дар само баргузор карданд. Баъди тӯй Зардушт аз дасти Аноҳито гирифта, аввал ба Балх, сипас ба Фархор рафтанд ва тӯй Ориёӣ оростанд ва то охири умр муқими Фархор буданд. Фархорро яке аз шаҳрҳои зебои олам карданд ва ҳар инсони рӯи замин орзу дошт як бор гузараш ба Фархор афтад ва аз зебоии он бахравар шавад. Бехтарин тоҷирони дуне беҳтарин моли худро ба Фархор меоварданд ва дар натиҷа яке аз бузургтарин роҳҳои Шоҳроҳи Абрешим аз Фархор мегузашт.

Рӯзи бозгашти Аноҳито ва Зардушт аз кайҳон ба замин ба нахустрӯзи моҳи Фарвардин рост омад ва мардуми Ориё он рӯзро Наврӯз хонда, ҳар сол ҷашнаш мегиранд.

Аноҳито ҳафт фарзанд- Хуршед, Барзгар, Кова, Зев (меъмор), Борбад, Гурд ва Ҷамшедро ба дунё овард. Тамоми хирадмандони олам аз насли Хуршеданд, кишоварзон аз насли Барзгар, оҳангарон аз насли Кова, бинокорон аз насли Зев, ҳунармандон аз насли Борбад, паҳлавонон аз насли Гурд ва шоҳаншохони дунё аз насли Ҷамшеданд.

Имрӯз ситораи Аноҳито бо фарзандонаш- Ҳафтдодарон осмони тираи сайёраи моро партавфишонӣ доранд, то ки хокиён аз нури хиради Чарх бебаҳра намонанд.

Ин аст қиссаи Фархори азизи ман. Як умр орзуи онро доштам, ки чун Аноҳито Фархори бостониро шаҳри ободу мардумашро хушбахт бубинам.

* * *

Ҳамин тавр Мукаррама баъди хатми донишкада ба зодгоҳаш- Фархор ва мактаби хатмкардааш баргашт. Аз нахустрӯзи ба кори мустақилона оғоз намуданаш 30 сол гузашта бошад ҳам, он рӯз аз хотираш зудуда намешавад. Нахустустодаш-Муаллими хизматнишондодаи мамлакат Гадоӣ Одинаев ӯро наздаш хонда фотеҳа дод ва дар охир таъкид кард, ки ҳамон вақт сазовори боварии умум шудан мумкин, ки ғаму дарди атрофиёнро ғаму дарди худат бидонӣ. Ин таъкиди устоди шодравонаш дар давоми сӣ соли фаъолияти корӣ ҳар рӯзу соат, ҳар лаҳза дар майнааш садо медиҳад. Ӯ ҳамагӣ се сол омӯзгор буд, аммо то ҳол дар мактабу маориф кори хубу фаъолияти педагогиашро ба хотир оварда афсус мехӯранду мегӯянд, ки агар дар мактаб мемонду кори илмиашро давом медод, яке аз беҳтарин мутахассиони соҳаи маорифи мамлакат мегашт ва, бешубҳа, дар пешрафти соҳа саҳми босазо мегузошт. Мукаррама ҳамагӣ се сол дар мактаб кор карда бошад ҳам, чун устоди касб дар сар то сари Иттиҳоди Шӯравӣ эътироф шуд ва ба гирифтани унвони фахрии “Беҳтарин муаллими чавон” дар шаҳри

Маскав мушарраф гашт. Соли 1979- ум дар қатори панҷ вакил аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Семинар- машварати муаллимони ҷавони СССР иштирок кард, кори хубу фаъолияти пурсамараш аз ҷониби иштирокчиён эътироф гардид ва ғолиб дониста, ба нишони таъсисдодаи Кумитаи Марказии ВЛКСМ сарфароз гардид.

Донишу маҳорат ва қобилияти ташкилотчигии Мукаррамаро ба назар гирифта ҷавонони ноҳияи Фархор дар пленуми ташкилӣ ӯро котиби кумитаи комсомолии ноҳия интихоб карданд. Кор дар кумитаи комсомол ва иштироки фаъолонаи Мукаррама дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ӯро дар ноҳия шӯҳратманд гардонд. Ҷамъомаду мулоқоте набуд, ки аз фаъолияти самарабахши кумита ва хосса, котиби он Мукаррама ёдовар нашаванд.

Кор ҳамроҳи ҷавонон барои Мукаррама як навъ мактаби тарбия гашта буд. Аслан ӯ аз даврони мактабхонияш фаъолу ба кори ҷамъият шавқманд буд ва маҳз ҳамин рағбат ӯро ба даргоҳи мактаби олӣ хидоят кард. Мактаби олиро бо дипломи аъло ба итмом расонд. Дар вақти таҳсил чун донишҷӯи фаъол сазовори идрорпулии баланди ҳамон замон- стипендияи ба номи С.Айнӣ мушарраф гашт. Аммо қобилияти ташкилотчигияш маҳз дар давраи кор дар комсомол эътироф карда шуд. Хаминро ба инобат гирифта, ӯро ба кори ҳизб гузарониданд.

Соли 1985- ум вакилони маҷлиси халқи ноҳия муовини раиси ҳукумати ноҳия интихобаш карданд. Дар ин вазифаи пурмаҳсул қариб бист сол фаъолият дошт. Кордониву ташкилотчигии ин зани меҳнатдӯстро ба инобат гирифта, чандин маротиба ба вилояту маркази ҷумҳурӣ ба кор даъваташ карданд. Аммо ба хотири ободии зодгоҳу диёри зебоманзари Фархор ва барои амалӣ гаштани орзуяш, ки дар ҷавонӣ карда буд, инчунин, барои ба ҷо овардани хидмати падару модари пираш аз ноҳия нарафт. То дами вопасини волидон дар паҳлуяшон буд ва хидмати фарзандияшро ба ҷо овард.

Бо такозои замон баъди хатми мактаб фарзандонаш барои таҳсили илм ба шаҳри Душанбе рафтанд. Мукар-

рама  қабл аз ҳама дар бораи тақдири фарзандон ва ояндаи нек андеша мекунаду агар кореро пеш гирифтанӣ шавад, аввал фарзандонро пеши рӯ меорад. Сабаби ба пойтахт кӯчиданаш низ аслан ҳамин буд.

Бисту панч сол боз ӯ бо ҳамсараш якҷоя зиндагӣ доранд, ҳаёти хуш низ насибашон гаштааст.

– Афсӯс, дугонаҳои азиз, - бо парвоз гузаштани умрро дар назар дошта, зери лаб ба худ таъкид кард, аммо ҳамон лаҳза аз умри пурбаракату фарзандони нек ва шавҳари меҳрубонаш шукр намуд ва ин фармудаи шоирро ба хотир овард:

*Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст,*
*Варна нохуш гузарад, ними нафас бисёр аст.*

Пас умри хуш гузарондааст, ки дар назараш бадин зудӣ пушти сар шуд айёми ҷавонӣ, ки аз тез гузаштанаш афсӯс мехӯрад. Ба ҳар ҳол баҳори умраш зуд гузашта бошад ҳам, самараи нек ба бор овардааст.

Бо шавҳараш, ки дах сол дар як синф хонда буданд, ҳамхона шуда, соҳиби панҷ фарзанди нозанин шуданд. Онҳо донишҷӯи солҳои охири мактабҳои олӣ мебошанд. Яке иқтисодчӣ дигарӣ ҳуқуқшинос ва саюмӣ мисли модар сиёсатшинос шуданӣ аст. Дугоникҳо Фотима ва Ҳусейнҷон бошанд, донишҷӯянд. Мукаррама саршавии хаёти оилавиашро ба ёд меорад…

Бегохии рӯзи истироҳат.Чароғи меҳмонхонаи бобои Раҷаб то поси шаб гирён буд. Меҳмонон, ки чор нафар буданд, баъди ошомидни ғизои болаззати соҳиби хона аз ин тарафу он тараф суҳбат мекарданд.

Муаллим Каримзода ба соҳибхона муроҷиат кард:

– Акаи Раҷаб, барои чӣ намепурсед, ки ман ва хешу таборам ба хонаи шумо барои чӣ ташриф овардаем?

Бобои Раҷаб табассуме карда:

– Мо одати меҳмонро пурсидан надорем. Ба кулбаи мо, ки меҳмон шудед, нури дида тоҷи сар.- гуфт.

– Акаи Раҷаб, шумо духтари нозанин, мо соҳиби писа-

ри боодоб ҳастем. Аз вақте ки духтари шумо мактаби олиро хатм карда омад, ҳар рӯз бо ҳавас ба рафтор, гуфтор ва кирдори ӯ назар мекунам. Агар розӣ бошед, хеш мешавем. Писари ман ҳам донишгоҳи тибро хатм намудааст. Яке табобат мекунаду дигаре таълим медиҳад. Ба фикрам, беҳтарин оила мешавад.

–Муаллим, шумо нағз медонед, ки давлати ман ҳамин ду фарзандам мебошанд. Агар касе ба хонаи мо хостгор ояд, банди поямро ларза мегирад, ки ягона духтарам хонаи маро тарк карда, ба дигар оила фарзанд шуда меравад. Аммо шукр мегӯям: Бадавлат ҳамонест, ки ба дараш хостгор меояд. Хонадони шумо яке аз бехтарин оилаҳои зиёии ноҳия маҳсуб меёбад, ман мехоҳам фарзандам ба хонае келин шуда равад, ки ӯро бифаҳманд. Ман бе маслиҳати модараш коре намекунам, Шумо розӣ бошед, он касро даъват кунам.

Модари Мукаррама, ки солҳои зиёд муаллима буд, хостгори духтараш- муаллим Каримзодаро хуб мешинохт ва ҳурмат мекард.

– Муаллимҷон, дигар модар мебуд, ҳозир ба таърифи духтараш сар мекард, аммо ман росташро мегӯям. Духтари ман аз ӯҳдаи баъзе корҳои рӯзгор баромада наметавонад. Яккадухтар ки ҳаст, то имрӯз ман нагузоштмаш, ки хамир карда нон пазад. Дигар корҳои рӯзгорро ӯҳда карда метавонад,- гуфт модар ошкоро.

–Муаллимаҷон, ин камбуд нест, Мукаррама мустақил ки шуд, зиндагӣ мачбураш мекунад, нонҳое пазад, ки дида ангушти ҳайрат газед,- гуфт Каримзода ба ин мавзӯъ нуқта гузошта.

Мукаррамаро дар хонаи муаллим Каримзода хеле хуб, чун фарзанд қабул карданд. Хоҳарони шавҳараш дар гирди ӯ парвона буданд. Агар ба коре даст мезад, онҳо, албатта, онро аҳлона анҷом медоданд. Рӯзе Мукаррама хост нон бипазад, дар гирди суфраи ӯ чор хоҳари шавҳараш гирд омаданд. Хусуру хушдоман аз кор баргашта, онҳоро дар гирди дегдон диданд, муаллим Каримзода ба ҳамсараш амр дод:

– Очаш, тез маҳсулоти шакаробро тайёр кунед, келин нон мепазад!- ва худ барои тағйири либос ба хона даромад. Ӯ хурсанд буд. Эҳтимол дар ин лаҳза суханони модари Мукаррама ба ёдаш омада буд, ки гуфта буд: “Духтарам нон пухта наметавонад”.

Дар ҳавлии Каримзода, дар сояи хавозаи ангурҳо ду кати калонро гузошта буданд: дар яке падару модар ва дар дигаре фарзандон барои истеъмоли ғизо менишастанд. Ин бегоҳ низ дар болои ду кат дастархон густурда, дар ду табақ шакароб тайёр карда буданд. Баъди дар дастархон гузоштани нони гарм ҳама бо иштиҳо ба тановули шакароб сар карданд, Мукаррама ба сари дастархон каме дер карда ҳозир шуд: баъди нон пухтан дасту рӯяшро шуста, худро дар назди оина ба тартиб оварда, баъд ба назди аҳли оила ҳозир шуд. Муаллим Каримзода мегуфт:

– Офарин, нонҳо хеле болаззатанд, офарин!

Хушдоман холаи Дастагул бошад, шукркунон иброз мекард:

– Шукр мекунам, Худованд, ки ба рӯзи аз дасти келин нон хӯрдан расондиам.

Мукаррама бисёр шод буд, ки аввалин корашро ин қадар таъриф карда истодаанд.Ӯ аз нони пухтааш каме шикаста ба даҳон бурд ва лаҳзае шах шуда, онро базӯр фурӯ бурд. Нон заррае намак надошт. Ӯ оҳиста аз ҷояш хеста, ба хонаи хобаш даромад ва худро хело нороҳат ҳис кард.

Холаи Дастагул ба хонаи хоби келин даромада пурсид:

– Духтарам, барои чӣ шакароб нахӯрда ба хона даромадӣ?

– Холаҷон, охир нони пухтаи ман заррае намак надоштааст, андохтани намакро фаромӯш кардам. Айб шуд.

–Ҳеҷ гап не, духтарам, мо ҳам дар рӯзҳои авали хонадорӣ бисёр корҳоро наметавонистем, асос хоҳиш бошад, хама корро ёд мегирӣ,-гуфта келинро таскин дод.

Онҳо- келин ва хушдоман гӯё ягон коре нашуда бошад, ба ҳавлӣ, назди аҳли оила баромаданд. Рӯзҳо

мегузаштанд. Муносибати Мукаррама бо хушдоманаш муносибати модару духтарро мемонд. Ҳама корро бо маслиҳати якдигар анҷом медоданд. Ҳар гоҳ хушдоману келин ба кати дигар гузашта, маслиҳат оғоз мекарданд, аҳли хона бо шӯхӣ мегуфтанд, ки онҳо нақшаи “Барбарос”- ро мекашанд.

Рӯзе муаллим Каримзода аз кор баргашта, хушдоман ва келинро саргарми маслиҳат дид. Онҳо чунон ба суҳбат дода шуда буданд, ки омадани сардори оиларо нафаҳмиданд. Муаллим ба онҳо нигариста, бо шӯхӣ гуфт:

– Боз чӣ нақша мекашед? Ба ҳавлӣ даромадани маро нафаҳмидед. Охир соҳиби ҳамон ду тахт шумо мешавед-да.

– Кадом тахт, маълим? - пурсид хола аз ҳамсараш.

Муаллим ба нақл оғоз кард

– Ривоят мекунанд, ки дар биҳишт аз рӯзи азал ду тахти холӣ ҳаст. Суол медиҳанд, ки барои чӣ дар ин тахтҳо касе намешинад?Аз ғайб посух меояд: «Дар ин тахтҳо хушдоман ва келине хоҳанд нишаст, ки дар зиндагиашон бо якдигар боре ҳам ҷанг накарда бошанд. Чунин хушдоман ва келин то имрӯз пайдо нашудааст.» Ба фикрам, шумо, келини азиз, бо хушдоман ҳамон тахтҳоро соҳиб хоҳед шуд. Муаллим Каримзода шукр гуфта, аз муносибати келину хушдоман розӣ буданашро изҳор намуд.

Мукаррама низ имрӯз шукр мегӯяд, ки дуои падару модар ва хусуру хушдоманро гирифтааст ва аз зиндагиаш шикоят надорад.

* * *

Дугонаҳо аз нақли Мукаррама шод шуда гуфтанд:

– Аҳсан, ту хушбахт ҳастӣ, дугонаҷон! Зиндагиат орому тинҷ гузашта будааст.

Мукаррама бо табассуми зебое, ки ба ӯ мезебид, гуфт:

*Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар суфтан аст,*
*Дар дили шуъла фурӯ рафтану нагдохтан аст,*

– гуфтааст Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, дугонаҳои азиз.

Ман низ дар зиндагӣ пастию баландии зиёд дидам, аммо ҳамеша мубориз будам. Агар дар зиндагӣ аз нобарориҳо биҳаросӣ, ғуломи ҳаёт мегардӣ. Зане, ки дар ҷамъият кор мекунад, доим дар фикри хонаву дар, шавҳару фарзанд мебошад ва пайваста метарсад аз он аст, ки мабодо бо хурдтарин камбуд боиси нафрату надомат нашавад. Метарсад аз буҳтон, аз номардии мардон, аз рашки шавхар, аз дину имон, аз гайбати бадсухан, аз макру фиреб. Чунки дили зан мисли шиша нозук ва пайваста дар хатар аст.

Мукаррама, ки солҳои зиёд дар вазифаҳои масъул кор мекард, ҳасадхӯрони зиёде дошт. Ҳар гоҳ азоби рӯҳӣ мекашид, ба назди модараш мерафт, медонист, ки модари босаводу фарҳангиаш, албатта, бо сухане нарму гуворояш дили ӯро мебардорад, ғам аз қалбаш дур мешавад.

Рӯзе дар бюрои кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист(он солҳо ҳизби коммунист дар сари қудрат буд) котиби якум(Цыплухин Г.Т.) ба Мукаррама, муовини раиси ҳукумати ноҳия, супориш дода гуфт:

– Проверте и справку подготовте на уровне секретаря райкома. Вы же стоите у нас в резерве.

Баъди ин супориши котиби аввал сари Мукаррама дар бало монд. Котиби сеюми райком ҷонибдорони худро гирд оварду машварат оғоз кард. Онҳо хуб медонистанд, ки агар Мукаррама котиби райком шавад, ниёз ба хидмате, ки онҳо ба котиб мекарданд, аз қабили навиштани маърӯза барои Рӯзи кӯдак, Соли нав, 1- уми сентябр, 8- уми март ва амсоли инҳо намемонад, чунки Мукаррама шахси босавод аст ва дар ягон маҷлис ё чорабинӣ аз болои коғаз баромад намекунад.

Котиб ва ҷонибдоронаш соатҳо дафтари корашро аз дарун баста нақшаи ба кадом восита сиёҳ намудани Мукаррамаро мекашиданд. Ба хурдтарин амали ӯ эрод мегирифт, кушиш мекард, бадномаш созад, аммо мегӯянд: “Ростиро завол нест”.

Рӯзе, бегоҳӣ, фориғ аз кор дугоникҳо- Ҳусейнҷон дар бағали падар ва Фотимаҷон дар дасти Мукаррама бо лаҳни

кӯдаконаи тифлонашон бо ҳам суҳбат мекарданд, ки занги телефон баланд шуд. Падари кӯдакон гӯшакро бардошта лахзае хомуш монд ва бо ғазаб “аблаҳ” гуфту онро дар ҷояш гузошт. Мукаррама суоломез ба шавҳараш нигоҳ кард. Ӯ гуфт:

– Хайрият дар ин лаҳза дар барам будӣ, набошад аз ин буҳтоне, ки ман шунидам, гурдакаф шудан мумкин аст.

Нокасе ба ӯ гуфта будааст: «Мехоҳӣ бидонӣ, ки ҳозир ҳамсарат дар кӣ дар куҷо айш мекунад?» Мукаррама ба ӯ бо байти Лоиқ посух гардонид:

*Касе к-аз аклу дониш орӣ бошад,*
*Ба буҳтонбофӣ истеъдод дорад.*

Ин хел лаҳзаҳои ногуворе, ки котиб дар нисбати ӯ ташкил мекард, зиёд буданд ва Мукаррамаро рӯҳафтода мекарданд ва ӯ дар ин лаҳзаҳо боз назди модар мерафт. Хотири ошуфтаи фарзандро дида, модар мепурсид:

– Духтарам, аз чӣ ғамгин ҳастӣ? Дар хона ягон камбуде дорӣ?

– Не, модарҷон, зиндагиам хуб, шавҳарам ҳам хеле меҳрубон, фақат дар ҷои кор мушкиле ҳаст, мехоҳам ба ягон кори осон гузарам,-гуфт Мукаррама.

– Духтарам, шахсе, ки аз мушкилӣ меҳаросад, худхоҳ асту ғуломи зиндагӣ мешавад. Наход коре, ки имрӯз шумо мекунед, аз он кори мо, ки дар давраи ҷанг мекардем, сангинтар бошад. Мо аз мушкилӣ наметарсидем, орзуи зиндагии хуб мекардем. Сад шукр, ки ба рӯзхои нек расидем,- гуфт модар ва маротибаи нахуст ба Мукаррама даврони кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавониашро нақл кард.

Муниса –модари Мукаррама дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании 1941- 1945- ум муаллима буда, рӯз ба бачаҳо, шаб ба калонолон сабақ медодааст. Дар ноияхои Темурмалик (Совет). Балчувон ва Фархор ба ҳайси муаллима кор кардааст. То ҳозир шогирдон бо эҳтиром номашро ба забон меоранд. Мардҳо ба ҷанг рафта буданд ва вазни рӯзгор ба

души занон афтида буд. Дар маркази нохияи Фархор, рӯбарӯи Корхонаи пахта чойхонае буд. Модар баъди дарс дар Гӯшаи сурхи он ба мардум хабарҳои тозаи фронтиро, ки дар матбуоти даврӣ дарҷ мешуданд, мерасонид. Он рӯзҳои сахтро модар ба хотир оварда нақл мекард, ки аз чойхоначӣ, ки Авлод номаш мегирифтанд, орд мегирифту шаб дар тафдон ёздаҳ нон мепухт. Яктоашро барои заҳматаш мегирифт ва дахтои дигарашро ба чойхоначӣ медод ва худаш ба мактаб мерафт. Фориғ аз дарс ки мешуд боз омада, дар Гӯшаи сурхи чойхона рӯзнома мехонд, номаҳои аз ҷанг омадаро қироат мекард ва ордро гирифта ба хона мерафт. Ин кор ҳар рӯз такрор мешуд. Ба хотир меовард, ки баъди хондани ҳар хатти сиёҳ мардум мегиристанд ва бо шунидани муваффақиятҳои ҷангӣ шодӣ мекарданд.

– Ин ҳама мушкилоти сангини зиндагиро пушти сар карда, ягон вақт чун ту рӯҳафтода нашуда будам, дилам ба зиндагӣ гарм буд. Ту бошӣ, аз амали як- ду ҳасуди нотавонбин рӯҳафтода шудаӣ,- таъкид мекард модари рӯзгордида.

Мукаррама аз нақл ва насиҳати модар рӯҳи тоза гирифта, дилаш аз нав ба кор ҷӯш мезад.

Лола, ки бодиққат дугонаашро гӯш мекард, аз ӯ пурсид:

– Соли 2000- ум аз телевизион ва матбуоти даврӣ дарак ёфтам, ки номзадиатро ба вакили Маҷлиси Олӣ пешбарӣ кардаанд, натиҷаашро нафаҳмидам?

Мукаррама фаҳмид, ки дугонаҳо дар бораи ӯ ҳама чизро мехоҳанд бидонанд. Ва нақлашро давом дод:

Намояндагони конференсияи Ҳизби халқӣ-демократии ноҳияҳои Фархору Панҷ ӯро номзад ба вакили Мачлиси Олӣ пешниҳод менамоянд. Шод буду сарбаланд ва болидахотир аз боварии халқи азизаш. Баъди чанд мулоқот бо интихобкунандагон равшан гашт, ки дар қатори ӯ боз се нафари дигар ба воситаи худпешбарӣ имзо ҷамъ карда номзадиашонро гузоштаанд.

Муборизаи шадид оғоз ёфт. Рӯзе набуд туҳмат ё

дурӯғеро дар нисбаташ паҳн накунанд. Нахуст маблаги калоне ваъда карданд, то ки номзадиашро пас бигирад. Қабул накард. Сипас рӯзу шаб ба ҷои кор ва хонааш телефон намуда, таҳқир ва таҳдидаш мекарданд. Ӯ ҳамоно дар қавл устувор буд. Рӯзе ба ҷои кораш телефон карда гуфтанд, ки агар номзадиатро нагирӣ, духтарчаатро, ки дар шаҳри Душанбе, дар Литсеи президентӣ таҳсил мекунад, зинда намеёбӣ. Сахт тарсид ва ҳамон рӯз ба Душанбе рафта, духтарашро ба хона овард. Дар роҳ ба садама дучор шуданд: Тахминан соатхои 5- и бегоҳ, вакти кӯпруки дарёи Вахшро гузаштан, мошини бе рақами шишаҳояш сиёх ба мошини онҳо зад. Мукарама нафаҳмид, ки ин садама тасодуфӣ буд ё аз рӯи нақша. Мошин осеб дида бошад ҳам, ӯ ва духтараш зинда монданд. «Сад шукр» гуфт.

Дар ду мохи маъракаи пешазинтихоботӣ ҳар рӯз ба ҳодисае гирифтор мешуд. Рӯзе Мукаррама аз мулоқот бо сокинони ноҳияи Панҷ, ки он ҷо ду рӯз монда буд, баргашта, дар хавлиаш одами зиёдеро дид. Дарро кушода, ба ҳавлӣ даромададани ӯро дида, шавҳараш қариб аз ҳуш рафт. Маълум шуд, кадом нохалафе бо телефон ба онҳо хабар дода будааст:

– Таёриатонро бинед, ҳозир мурдаи Мукаррамаро, ки дар ноҳияи Панҷ ба садама дучор шудааст, мееоранд.

Мукаррамаро зинда дида, онҳое, ки дар ҳавлиаш гирд омада буданд, ашки шодӣ мерехтанду шукрона мекарданд. Ҳарифон дар миёни мардум овозахои бардурӯғро оид ба рафтору кирдори Мукаррама паҳн менамуданд. Шукргузор буд, ки дар чунин рӯзҳои барояш бисёр вазнин модари меҳрубон дар бараш нест ва пастии як зумра нокасонро намебинад. Ӯ бо дунё падруд гуфта буд ва аксари мардуми ноҳия барои дар роҳи охират гусел кардани яке аз нахустин муаллимаҳо ба ҷанозааш омада буданд.

Харифони Мукаррама дар вохуриҳояшон ваъдахои зиёде мекарданд, аммо ӯ ба халқ росташро мегуфт, ки ман ба шумо ягон ваъда намедиҳам, чунки молу сарвате надорам. Аммо баъди вакили халқ шудан ҳама қуввату

ғайрат, аклу заковат ва донишу таҷрибаамро ба он равона месозам, ки дар парлумон қарору қонунҳое ба тасвиб бирасанд, ки ба манфиати шумо, халқи азиз, ва Ватани маҳбубам бошанд. Ҷонибдорон ва ҳамфикрони Мукаррама ммаслиҳаташ медоданд: «Шумо ҳам мисли дигар номзадхо ваъда диҳед, ки корхои зиёдеро иҷро мекунам. Халқ нағз мебинад чунин баромадҳоро.» Ӯ қабул накард.

– Тақдири фарзандон бароям аввалиндараҷа буд ва ман баъди он садама аз ҳаёти фарзандон тарсидаму дигар мубориза набурдам. Ин аст посухи ман ба суоле, ки додед, дугонаҳои азиз.

Мукаррама аз тақдираш меболад, чунки заҳматҳояш барабас нарафтаанд: хурду калони ноҳия эҳтиромаш мекунанд, дӯсташ медоранд, чунки Мукаррама низ Фархори азиз ва сокинонашро дӯст медорад. Имрӯз низ кори хеле пурмасъулро ба уҳда дорад ва ба Офаридгор барои ин бахти баланд шукргузор аст.

* * *

– Модарҷон, наҳорӣ тайёр, ширчой ва тухмбирён кардаем, биёрем,- гуфтани келин ва духтаронаш ҳамаро дар ҳайрат монд. Онҳо ба сухбат дода шуда, гузаштани шаб ва дамидани субҳро нафаҳмиданд. Шаби ҳам дарозу ҳам кӯтоҳи се дугона, ки гиреҳҳои зиёд доштанд ва иникоскунандаи таърихи сисолаи зани тоҷик буд, поён ёфт…

## ФИРОР АЗ ХУД…

Олуфта дар пушти панҷараи оҳанин нишаста, рӯзҳои гузаштаи ҳаёти кӯтоҳашро ба хотир меоварду бо даструмол рухсораҳояшро аз ашк, ки беихтиёр аз чашмони шаҳлою зебояш мерехт, пок менамуд. Эҳсоси надомат вуҷудашро фаро гирифта буд. Худро чашми дидан ки надошт, бо ҳасрат мегуфт:

– Худоё, ин чӣ кори кардаам буд? Барои чӣ ба ин кӯчаи сарбаста афтодаму дар ин ботлоқи бадбӯй ғӯтидам? Охир,

мақсади ба шаҳр омаданам дагар буд-ку? Чӣ орзуҳоеро дар дил мепарваридаму кӣ шудан мехостам?! Эҳ зиндагӣ, зиндагӣ…

Хонаи бечораҳолонаи падар, нуҳ хоҳару бародар, шиками нимсер ва либосҳои кӯҳнаи апаҳо, баъди дарс то шом дар саҳро кор карданашро ба ёд овард. Зеби дастархонашон як табақи чӯбин, ки аҳли хонадон аксар вақт дар он шакароб мехӯрданд, як чойники оҳанин ва 5- 6 пиёла буд, ки ҳам падару модар ва ҳам хоҳару бародарон бо навбат чой менӯшиданд.

Олуфта аз рӯзе, ки каму беш мушкилоти зиндагиро мефаҳмидагӣ шуд, орзу мекард, ки ба шаҳр мераваду хонда маълумот мегирад ва соҳиби вазифаву шавҳари серсӯм мешавад. Ҳамсони шаҳриҳо дар хонаҳои баландошёна зиндагӣ мекунад, дар тарабхона ғизои шом- сихкабобу тандуркабобу кабобҳои дигар … мехӯрад. Аммо ба мактаби олӣ дохил нашуд, ҷои кори маъқул ҳам наёфт, бо духтарони бероҳа ҳамроҳ шуда, на ба ҳавлии падар баргашту на муқими шаҳр гардид.

Аз ҳамболинӣ бо мизоҷони серсӯм меболиду худро дар самои дигар медид. Ифтихор мекард, ки мардуми огаҳ гоҳи рӯ ба рӯ омадан онҳоро «шабпарак» меномиданд. Ҳар гоҳе барои қабули мизоҷи навбатӣ ва ё ба назди ӯ рафтан дар назди ойина менишасту худро орову торо медод, аз тамошои ҳусни худододаш сер намешуд. Аз ойинаи барқад зебонигоре бо табассуми латифи ба худаш зебанда ба ӯ менигарист, ки қомате дошт чун сарв сиҳӣ, чашмоне мисли олуи пухта, лабҳое ҳамсони ғунчаи гули ношукуфта, миҷгонҳои дарози то абрувон расидаву ба боло хамида, мӯйҳои ҷингилааш басо зебо оро ёфта, як қабзаи мӯй чун занҷире як тарафи рӯяшро зеб медод. Дугонаву «ҳамкоронаш» ба ӯ менигаристанду баъзан аз ҳасад, баъзан аз сари сидқ мегуфтанд:

– Олуфта, ба Худо, ба ҳамсарии шоҳ меарзӣ, аммо… Афсӯс, сад афсӯс, ки дар сад сол ягон мард моро ҳамчун

зани қонунӣ эътироф намекунад. Барои дамгирӣ мумкин, аммо барои соҳиби хонааш, модари фарзандаш шудан, ҳеҷ гоҳ!

Олуфта ин лаҳзаҳоро ба хотир оварда, оҳи чуқуре аз дили пурдардаш баровард ва номаълум об аз дидагон тоза кард. Ҷавоне, ки вазифаи миёнаравиро иҷро мекард, бо маб лағи ночизе куртаҳои ҳаррангаи бо муҳраҳо орододаро харида, ба Олуфта ва «ҳамкоронаш» пӯшонда буд. Шабҳо дар равшании чароғҳои қадди роҳ бо дурахши муҳраҳои куртаашон мизоҷонро ба худ ҷалб мекарданд, чашмонашон низ медурахшиданд: ба тавре гӯиё шод буданд, аз чизе камӣ надоштанду ба чизе ниёзманд набуданд: зиндагиашон ҳам «шоҳона» мегузашт.

Бо «мизоҷ»- ҳои ҳархела вомехӯрд: яке дасткушод буду сахӣ, дигарӣ мумсику мурдаи бехосият, севумӣ бадқаҳру ҷоҳил… Рӯзе «мизоҷ»-и навбатӣ марди ҷоҳил баромад: дасту пои Олуфтаро баста, бо миёнбанди чарминаш то беҳуш шудан ӯро латукӯб намуд. Бечора духтар ду ҳафта захмҳои баданашро табобат карду аз ноомади кор, имрӯз, ки баъди табобат бори нахуст ба «кор» баромада буд, дар тафтиши навбатии кормандони милиса ба даст афтод. Як гурӯҳ «шабпаракҳо»-ро ба шуъбаи корҳои дохилӣ оварданд.

– Апаи Олуфта! Ин шумоед? Ба чашмонам бовар намекунам, наход шуморо бо фоҳишаҳо мебинам? – гуфтани милисаи ҷавон Олуфтаро ба худ овард.

Ӯро шинохт: Ғайратшоҳ, писари муаллиме аз деҳаашон буд. Осмон ба сараш фурӯ рафт. Гӯшҳояш гӯиё кару чашмонаш кӯр гаштанд. Сараш чарх зад: «Худоё, ҷонамро бигиру аз ин шармандагӣ раҳоям соз! Охир, падару модар бо фахр «духтарамон донишҷӯ» гуфта, ба ҳамсояҳо нақлҳои зебо мекунанд. Ман бошам, ба ин ботлоқ афтида, худро бадном, радди маъракаву рӯсиёҳи дунёву охират гардондаам. Агар волидайн шунаванд, ба ин шармандагӣ тоб меоварда бошанд? Бечора падарам дигар ба масҷид рафта, намозашро хонда метавониста бошад?

Модари муштипарам- чӣ? Ӯро ҳатто ба маъракаи гаҳворабандон даъват нахоҳанд кард. Барои хоҳаронам касе ба хостгорӣ намеояд. Ба бародаронам низ духтар додани ҳамдеҳагон дар гумон аст. Касе аз хонаи мо нони худоӣ намехӯрад, чунки ман, фарзанди ин хонадон, фоҳиша ҳастаму бо танфурӯшӣ рӯз мегузаронам. Эҳ, рӯям сиёҳ!!!»

Ин ҳама андешаро дар як лаҳза аз сар гузаронид. Охир, он ҷо шаҳр нест, ки ҳамсояатро нашиносӣ. Он ҷоро деҳа мегӯянду духтари ҳамсоя чӣ, сагашро мешиносӣ. Ба нигоҳи маҳкумкунандаи Ғайратшоҳ тоб наовард. Бо домони куртаи танги кӯтоҳаш бо азоб зонувони бараҳнаашро пӯшонид. Мӯйҳои парешону ба таври худ оро додаашро, ки дар болои сараш лонаи парандагонро мемонд, хост ба тартиб дарорад. Натавонист. Аз ҳар ду бари рӯ мӯйҳои ҷингилаи чун шаби тор сиёҳаш бетартиб ба поин ҳамойил шуда, китфҳояшро пӯшонида буданд. Пеши бари кушодаашро, ки аз он хатти байни синаҳои дамидааш аён мешуд, хост бо кафи даст пинҳон кунад, аммо…

Оби дида беихтиёр аз чашмони рангмолидааш мерехту дар чеҳраи сап-сафедаш бо ҷӯяҳои сиёҳ нақши безеб мегузошт. Қатраҳои ашки сӯзону ранголуд аз рухсараҳояш шорида, пеши барашро низ сиёҳ карданд. Сиёҳ… сиёҳтар аз шаби тор, сиёҳтар аз қисмати ноҷур, сиёҳтар аз он рӯзи шуме, ки деҳаи азизашро тарк карда буд…

Дар ин лаҳзаҳо Олуфта мехост, ки бол кушода, ба ҳавлии бечораҳолонаи падар, ба деҳаашон, парвоз намояд ва дар он ҷо, дар пушти девори гилини падар, шояд аз ин шармандагӣ пинҳон шуда тавонад. Оё падару модар ин гуноҳи ӯро мебахшида бошанд? Қаноат мекард ба ҳамон шакаробе, ки модар аз шибиту райҳону пудина, гашничу чакаву қаланфур, ки дар табақи чӯбин кӯфта, бо нони гарми аз орди осиёбӣ пухтааш тайёр мекард. Бомазза буд, чунки аҳли хонадон бо хандаю шухӣ, дар паҳлуи волидайн нишаста нӯши ҷон мекарданд. Розӣ мешуд фақат бо баргҳои усмаи тар, ки ҳар баҳор бечора падараш пал мекашиду тухми онро ба замин пошида бо меҳр мегуфт:

– Барои духтаронам усма мекорам, то абрӯвонашонро

об диҳанд, зебо шаванд…

Мехост фирор кунад аз ин дунё, пеш аз ҳама, фирор кунад аз худ, аз худе, ки барои худ бегона шуда буд…

«Эҳ, кош падар маро бубахшаду ба баргаштанам розӣ шавад…» Аз фикрҳои сарбаста сараш чарх зад, пардаи сиёҳе пеши чашмонашро гирифт. Худро нигоҳ дошта натавонист, аз ҳуш рафт ва дар назди пои Ғайратшоҳ ба рӯи фарши сементии хунуки милисахона афтид…

## АШКИ ШОДӢ

Мунира баъди аз ҳавопаймо фуромада, ба диёри бегона, одамон назар карда, ҳамрангии кӯҳу даман, муносибат ва симои одамонро, бо диёру миллати худ – тоҷикон эҳсос кард. Ӯ ҳазорон фарсах дур аз диёр, дар шаҳри Анталияи Туркия қарор дошт. Шаҳри Анталияро ҳамчун шаҳри сайёҳон мешиносанд. Фестивалҳои бошукӯҳи умумиҷаҳонии сурудҳои халқӣ бештар дар ҳамин шаҳри зебо гузаронида мешаванд.

Саҳна хеле зебо оро дода шудааст. Беҳтарин ҳунармандони дунё ба ин фестивал роҳхат гирифтаанд. Баранда бо чанд забон иштирокчиёни фестивалро ба ҳакамон ва мухлисон шинос мекард. Навбати Тоҷикистон ҳам расид, баъди муаррифӣ, бо либос ва ороиши тоҷикона Мунира ба саҳна баромад. Овози ширин ва марғуладораш ҳамаро мафтун гардонд. Бо қарсакзаниҳои дуру дароз мухлисон намегузоштанд, ки ӯ саҳнаро тарк кунад.

Баъди ҳунарнамоӣ рӯзноманигорони хориҷӣ ва мухлисон Мунираро иҳота карда саволборон мекарданд ва мехостанд соядаст бигиранд, аммо Мунира тозон ба пардозхона даромад ва беитиёр ашки шодӣ рехт.

Роҳбараш ба ӯ об дода гуфт:

– Офарин, духтарам, туро бо чунин муваффақият табрик мегӯям. Дар озмуни калонтарини дунё ҳунарнамоӣ карда, ба чунин дастовард ноил гаштан ба ҳар кас муяссар намешавад.

– Барои ба ин рӯз расидан, устоди азизам, чӣ рӯзҳоеро аз сар нагузарондаам, инро ман медонаму Худо.

Ӯ бо хоҳиши роҳбар саргузашти талхи худро ба ӯ нақл кард…

Мунира дар яке аз деҳаҳои дур аз маркази кишвар ба дунё омада, фориғ аз ҳама ташвишҳои дунё дар иҳотаи навозиши падару модар ва чор бародар калон мешуд. Қобилияти худододи овозхонии Мунира аввалин маротиба ҳангоми дар синфи якум хонданаш, дар иди «Алифбо» ба ҳамагон маълум гашт. Ҳамон вақт, баъди ҳунарнамоӣ ва муваффақияти аввалин Мунираро, ки нисбат ба дигар ҳамсинфон резапайкар буд, муаллимааш аз саҳна дар зери қарсакзаниҳои зиёд бардошта, ба толор фуровард. Дар толор падару модараш ва мактабиён ҷамъ омада буданд. Падару модар аз шеърхонӣ ва суруду рақси фарзанди худ ба ваҷд омада хурсандӣ мекарданд. Хосса, падари Мунира ҳам дар ин ҷамъомад иштирок дошт ва аз ҳунари фарзандаш ҳайрон шуда, аввалин маротиба қобилияти ӯро дар саҳна дид ва фахр кард, ки фарзандаш боиси таърифу тавсифи дигарон шуд.

Рӯзҳо мегузаштанд, Мунира узви фаъоли дастаи ҳаваскорони мактаб буд. Вале бародаронаш аз қобилияти хоҳарашон хурсанд набуданд, балки доимо ба падару модар таъкид мекарданд:

– Ба Мунира гӯед, ки «артистиашро» партояд, набошад, ягон рӯз дар саҳна пояшро мешиканем.

Рӯзе набуд, ки дар хонаи Мунираино аз боиси ӯ ҷангу ҷанҷоле барпо нашавад. Дар масҷиди деҳа низ дар гирди номи Мунира суханҳои ношоиста гуфта, падарро коҳиш мекарданд. Рӯзе хатиби масҷид ба падари Мунира рӯ оварда гуфт:

– Амаки Муқим, таърих ёд надорад, ки аз деҳаи мо ягон духтар ба саҳна баромада бошад, нашавад, ки аз пушти духтарат ягон рӯз худат, писаронат ва аҳли деҳа шарманда шавем. Охир кадом артист обру дошт, ки духтари ту обруманд шавад.

Аз ин суханҳои мулло ба дили бобои Муқим гӯё алов

рехт ва ӯ бегоҳӣ бо ҳамсараш- кампири Ҳалима маслиҳат кард:

– Кампир, рафтори духтарат на танҳо писаронат, балки ҳамаи аҳли деҳаро ба ташвиш овардааст, ин бегоҳ ҳатто хатиби масҷид дар бораи Мунира ҳарфи носазо гуфт.

Кампири Ҳалима, ки як умр дар орзуи духтар буду фақат дар чилсолагӣ ба орзуяш расид, тамоми нозу нуз, хоҳишу илтимос ва талаботи ягона духтарашро мебардошт ва иҷро мекард. Аз қобилияти овозхониаш шод буду ифтихор дошт.

– Мӯйсафед, ба фикрам духтарамон то имрӯз ягон рафторе накардааст, ки боиси маломати ҳамдеҳагон шуда бошем. Дар тамоми маъракаҳои деҳа, хоҳ тӯқузбинон бошаду хоҳ арӯсбиёрону хоҳ гаҳворабандон, худи аҳли деҳа омада духтарамонро зораву тавалло карда мебаранд, ки маъракаашонро гарм кунад. Ба муллои деҳа гӯед, ки ба духтари худаш кор бигирад, писаронамон ҳам кадом вақте духтардор шуданд, ҳамон вақт фикри обрӯи духтарони худашонро кунанд, ба духтари ман касе кордор набошад. Дар телевизион агар ягон ҳофиз суруд хонад, ҳам муллои деҳа, ҳам писаронамон даҳонашон кушода шуда, то охири суруд аз телевизор чашм канда наметавонанд–ку! Пас чаро духтари мо, ки суруд хонд, номуси онҳо бедор мешудааст, нафраташон меомадааст?

Падар низ гӯё дар интизори ин суханон бошад, оҳи сабуке кашид:

– Кампир, худат медонию духтарат, фақат дар пирӣ бо риши сафед маро шарманда накунед, шуд.

Мунира баъди хатми мактаб ба донишкадаи ҳунарҳои зебо рафтанӣ шуд. Бародарон аз падару модар илтимос карданд, ки ба ин кор монеъ шаванд, аммо муйсафеди падар ба духтараш дуо дода гуфт:

– Духтарам, дар ҳар куҷое, ки бошӣ, зинда бошӣ! Ҳама вақт дар бораи обрӯи падару модари муйсафед ва бародаронат фикр кун.

Мунира, ки ба чунин ранг гирифтани кор бовар надошт, аз шодӣ намедонист чӣ кор кунад. Охир ӯ дуои

падарро гирифт ва, иншоалоҳ, роҳаш сафед хоҳад буд.

Дар шаҳри калони серодаму серғавғо ташвишҳои ӯ оғоз ёфтанд. Ҳарчанд ба донишгоҳ бомуваффақият дохил шуд, аммо барои хонданро давом додан маблағ ва шароит лозим буд. Ӯ аз бародарон ва нафақаи мӯсафедон умед надошт. Маҷбур мешуд дар хобгоҳ аз ҳисоби дугонаҳои ҳамсабақаш рӯз гузаронад. Бо чунин ҳол, албатта, ӯ дурудароз рӯз гузаронида наметавонист. Қарор дод, ки хонданашро ғоибона давом дода, дар ягон ҷо кор кунад.

Рӯзе ӯ бо овозхони ҷавоне вохӯрд, ки дар тӯйҳо ҳунарнамоӣ мекард. Ҷавон Мунираро ба ҳамкорӣ таклиф намуд ва тӯйгардии Мунира оғоз ёфт. Мухлисони Мунира рӯз то рӯз зиёд мешуданд. Ҳар ҳафта тӯй гузаронидан лозим меомад. Ҷавон, ки Хуршед ном дошт, аз ин муваффақият шод буд ва барои он ки Мунираро аз даст надиҳад– бо мақсади « дилашро ёфтан» барои ӯ тухфаҳои қиматбаҳо меовард.

Рӯзе баъди тӯйи навбатиро гузаронидан Хуршед Мунираро ба хонае таклиф карда, изҳори муҳаббат намуд. Мунира аз ин даъвати ногаҳонии Хуршед аввал ҳайрон шуд, вале суханҳои ширину умедбахш, ваъдаҳои осмонии ҷавон ӯро ба олами афсонаҳои зебо бурданд ва он рӯз худ нафаҳмид, ки чӣ тавр осонакак гавҳари муқаддастарини ҳаёташро ба Хуршед бахшид… Ба бахшидан бахшиду зуд пушаймон шуд. Суханҳои падарро ба хотир оварда, ба даҳшат афтод. Оқибати кор чӣ мешуда бошад?

«Духтарам, дар ҳар куҷое, ки бошӣ, зинда бошӣ! Ҳама вақт дар бораи обрӯи падару модари мӯйсафед ва бародаронат фикр кун». Ин суханон гаштаву баргашта дар гӯшаш садо медоданд.Ӯ насиҳати падарро иҷро карда натавонист. Тану нафсашро ба касе бахшид, ки зану фарзанд дорад.

Бозори мухлисони Мунираву Хуршед рӯз то рӯз метасфид. Баъди ду моҳи он шаби нафратовар ҳангоми гузаронидани тӯйи навбатӣ Мунира дар байни маърака ногаҳон беҳуш шуда ба замин афтод. Дар беморхона маълум гашт, ки ӯ ҳомила аст. Мунира аз ин шармандагӣ

бештар ба даҳшат афтод. Ба болои ин «Барои ман ту ҳамчун овозхон лозимӣ, кӯдак даркор бошад, занам ба ман кӯдак мезояд. Ту кӯдаки шикаматро нобуд соз!» гуфтани Хуршед ӯро аз дунёву зиндагӣ ноумед гардонд. Ӯ назди духтури бемориҳои занона рафта маслиҳат пурсид.

– Хоҳарам, агар ҳозир кӯдакро аз батнат гирем, эҳтимол як умр дигар фарзанд наёбӣ, фарзанди якумро исқоти ҳамл кардан оқибати хуб надорад, фарзанд барои занмодар шудан шараф аст, боз як бори дигар фикр кун, баъд наздам биё, –гуфт духтур.

Мунира намедонист сарашро ба куҷо занад, хаёлан ба ҳазору як кӯчаи сарбаста медаромаду мебаромад.

Хуршед ба ӯ чунин шарт гузошт:

– Агар аз баҳри фарзанд нагузарӣ, хонаи иҷорароо холӣ кун. Ман ба худам шарики дигар меёбам.

Мунира қарор дод, ки назди модар равад, шояд ӯ маслиҳати хубаш диҳад. Вақте ки ба деҳа расид, падару модари пирашро дар бистари беморӣ дид. «Хабари шум аз хабари хуш тезтар паҳн мегардад,»- мегӯянд. Падару модари пир аз тӯйгардиҳои ӯ огоҳ шуда, аз гапҳои росту дурӯғ ва таънаю писхандҳои ҳамсояҳо ва ғур–ғури писаронаш ба бистари беморӣ афтода буданд. Бародарон намонданд, ки Мунира дар хонаи падар ҳатто шабашро рӯз кунад, аз назди дарвоза пешаш карданд. Таънаи хешу табор чун бори сангин бар дӯш, нанги вазнинтар аз онтифли бегуноҳ дар батн, Мунира роҳи шаҳри серодаму серғавғоро пеш гирифт. Ба шаҳр расидан баробар назди духтури бемориҳои занона рафт ва илтимос кард:

– Апаҷон, дигар илоҷ надорам, ҳатто маблағе намеёбам, ки ҳаққи хидмататонро диҳам, вале илтимос, фарзандамро нобуд созед.

Духтур баъди фаҳмидани ҳақиқати ҳол ба ӯ гуфт:

– Агар хоҳӣ, ман ба ту ёрӣ мерасонам, лекин фарзандро нобуд намекунем. Одамоне ҳастанд, ки ба нохуни фарзанд зоранд. Агар розӣ бошӣ, туро бо зане шинос мекунам. Дар хонаи ӯ истиқомат карда, гули пӯшокро мепӯшию гули хӯрокро мехӯрӣ. Тифлат, ки ба дунё омад,

ӯро ба онҳо тақдим карда, аз баҳраш мегузарӣ ва он оиларо низ фаромӯш месозӣ…

Мунира дигар илоҷ надошт, розӣ шуд.

Аҳли оилае, ки Мунираро қабул карданд, гӯё ба рӯяш дари як ҷаҳони дигареро кушоданд. Ду шахсе, ки бо тамоми ҳастӣ якдигарро дӯст медоранд, вале тақдири бераҳм ҳашт фарзанди норасид таваллудгаштаи онҳоро аз байн бурда будааст, дар ҳақиқат ба нохуни кӯдак зор буданд. Онҳо намегузоштанд, ки Мунира дасташро дар оби хунук тар кунад. Барои он ки фарзанд саломат таваллуд шавад, беҳтарин ғизоро барояш муҳайё мекарданд. Рӯзу соати таваллуд ҳам фаро расид, вале толеъ боз ҳам ба рӯи оилаи баргаштабахт нахандид. Кӯдак мурда таваллуд шуд. Зану шавҳар, ки бо сад ормону ҳавас гаҳвора ва зочаву бозичаҳои зиёде харида, барои фарзанди оянда хонаро оро дода буданд, аз ин талафот аз Мунира ҳам бештар ғам хӯрданд…

Тақдири бераҳм Мунираро боз ба кӯи оворагӣ ва сарсонию саргардониҳо партофт. Мунира бо оҳангсозе вохӯрд, ки ваъдаи ба ӯ кумак расондан дод.

Барои тайёр кардани як суруд шабҳоро рӯз мекарданд, аммо оҳангу суруд табъи дил намеафтод. Баъди заҳматҳои зиёд се сурудаш тайёр шуд, аммо барои онҳоро ба воситаи телевизион ва радио намоиш додану шунавонидан дастгтрии сарпарасте зарур буд. Овози фораму марғуладораш ба имдод ниёз дошт. Дили ӯ аз алам, қаҳру ғазаб ба фиғон меомад, оташи қалбаш аланга мегирифт ва боз хомӯш мешуд.

Рӯзҳо паси сар мешуданд, донишгоҳро ғоибона тамом кард. Рӯзе, ки онҳо диплом мегирифтанд, яке аз ҳамсабақон дар яке аз тарабхонаҳои шаҳр маърака орост, ки Мунира низ ба ин маърака даъватӣ буд. Ҳамдарсон бо навбат ҳунари худро нишон медоданд. Навбат ба Мунира расид. Ӯ суруди тайёркардаашро, ки аллаи гаҳвораи бефарзандаш буд, чунон бо алам сароид, ки шунавандагон ба риққат омаданд.

Дар ин маърака, ки яке аз хешовандони соҳибҷашн

иштирок дошт, баъди чунин суруди ғамангез хондани Мунира ба ӯ наздик шуда, сабаби ин ҳолати ӯро пурсон шуд.

Мунира, ки муҳтоҷи таваҷҷуҳ буд, ногаҳон худро дошта натавонист, гирён аз маърака берун шуд. Ҳамсуҳбаташ нахост ӯро дар чунин ҳолат танҳо гузорад ва пешниҳод кард, ки гуселаш кунад. Онҳо суҳбаткунон то истгоҳ расиданд. Ҳамсуҳбаташ Барот ном дошта, соҳиби пулу мол, хонаву дар, мошину бӯстонсароҳо будааст, вале мисли Мунира бефарзанд. Бинобар ҳамин, суруди Мунира дили ӯро тасхир карда будааст.

Баъди ин мулоқот онҳо боз чанд маротиба вохӯрданд ва рӯзе Барот пешниҳод кард, ки ҳамхона шаванд. Ваъда кард, ки ӯро хушбахт мекунад, ба шарте ки дигар фикри саҳнаро накунад.

Мунира розӣ шуд, чунки дигар тоқати саргардониҳо надошт. Бо Барот маслиҳат кард, ки рафта дуои падару модарро гиранд, Барот розӣ шуд. Вале аз ҳамсояҳо фаҳмиданд, ки падару модар баъди он ки бародарон Munираро аз хона пеш карданд, дигар аз бистари беморӣ нахестанд ва дар байни як моҳ ҳарду ҳам аз олам даргузаштанд. Бародарони сангдил ҳатто ба ҷанозаи волидайн лоиқ надонистанд, ки хоҳари «артисташон»- ро даъват намоянд…

Мунира баъди шунидани ин шумхабар дигар тоқати як дақиқа истодан накард ва ҳамроҳи Барот ба пойтахт баргаштанд. Дар соли чоруми хонадорӣ Худованд ба онҳо шоҳписаре лоиқ дид. Барот аз шодӣ дар куртааш намегунҷид, чӣ кор карданашро намедонист, рӯзе аз сафари навбатӣ омада, ба Мунира муроҷиат кард:

– Мунираҷони ман, ман панҷ сол пеш ваъда дода будам, ки туро хушбахт мегардонам, имрӯз ба ваъда вафо кунам. Дар муддати панҷ сол фаҳмидам, ки туро на хонаву дари боҳашамат, на, пулу мол, на сарвату ҷавоҳирот– ягон чизи дунё хушбахт карда наметавонад. Ту булбули хушхонеро мемонӣ, ки ман дар қафаси тилло ҷоят кардаам. Ту ба ман шоҳписар туҳфа кардӣ, ман ба ту озодӣ ва парвози баланди эҷодӣ туҳфа мекунам. Сарпарастат ме-

шавам ва туро бо ин овози ширинат ба қуллаҳои баланди ҳунар хоҳам расонд…

– Имрӯз хушбахтам, ки ба орзу расидам. Ин хушхабарро бояд ба Баротҷон бирасонам,- гуфт Мунира ва аз роҳбараш узр хоста, даст ба телефон бурд…

Роҳбари ӯ зани ҳалиму меҳрубон– апаи Ҳалима, ки аз нақли Мунира мутаассир гашта буд, дар меҳмонхонаи барҳавои ин шаҳри зебои диёри дур ба Мунираи хандон, ба суҳбатҳои пур аз шавқу меҳру муҳаббати ӯ бо ҳамсараш зеҳн монда, беихтиёр ашки шодӣ рехт…

## ХИЁНАТ ВА БАХШИШ

Ҳафт писар нагузоштанд, ки тобути модарро бо мошин баранд, онҳо пиёда дасти ба даст модарро дар роҳи охират гусел карданд. Хешу табор, пайвандон, дӯстон ва аҳли деҳа, ки барои видоъ бо Гулрӯ ҷамъ омада буданд, бо якдигар пичир-пичиркунон дар бораи маит суханони нек мегуфтанд:

– Раиса зани биҳиштӣ буданд,- мегуфт яке.

– Илоҳо ҷояш ҷаннат шавад, ҳамеша дастгири камбағалон буданд, -мегуфт дигаре.

– Афсӯс, сад афсӯс, ки номус пеш аз муҳлат аз байни мо рабудаш, -мегуфт севвумӣ.

– Бале, хиёнати шавҳарро таҳаммул карда натавонист,- илова кард чорумӣ…

– Модарамро шумо куштед, шумо! – гуфт гирён ва бо қаҳр  писари хурдӣ ба падараш.

Бародарон додари хурдиро ором карда , сӯи деҳа равон шуданд. Зафар дар водии хомӯшон дар назди қабри зан танҳо монд…

* * *

Гулрӯ рӯзи шанбе барвақт аз хоб хеста, бо аҳли хонадон хайру хӯш карду роҳи Душанберо пеш гирифт. Ният дошт, ки бо фарзандҳо маслиҳат карда, ҷиҳози арӯсии ду

писарашро аз бозор бихарад. Ӯ ба ҳарду писараш келинҳои зебо ёфта буд, писарҳо ҳам зид набуданд, чунки бо келиншавандаҳо дар як мактаб хонда буданду онҳоро хуб мешинохтанд..

Гулрӯ аз тирезаи мошин ба берун назар карда, аз зебоиҳои табиат баҳра мебурд. Ду тарафи роҳ ҳама майсаву себарга, гулҳои лола хайма зада, ба назари аввал гӯё табиат ҷо-ҷо қолинҳои рангорангро ба замин густурда бошад. Дашти Олимтой бениҳоят зебо назаррабо шуда буд дар ин рӯзҳои баҳорӣ.

Шаб Гулрӯ хобе дида, саросема аз ҷояш хест ва дид, ки соат 5 шудааст. Баданаш меларзид, аз сару рӯяш арақ мерехт. Дар хоб раҳматии хусураш бо қаҳру ғазаб мегуфт:

–Барои чӣ хонаву даратро ба ихтиёри бегонаҳо монда, ба Душанбе омадаӣ? Зуд бихезу рафта хонаатро соҳибӣ кун!

Гулрӯ парешонҳол фарзандонашро бедор намуда хоҳиш кард, ки то истгоҳи мошинҳо гуселаш кунанд. Фарзандон аз авзои модарашон ҳайрон шуда, маслиҳати шабонаашонро ба хотираш овардань шуданд, аммо ӯ чизе шунидан намехост, кӯтоҳакак гуфт: «Мӯйсафеди бобоятонро дар хоб дидам, ин бесабаб нест». Охир, дар бисту панҷ соле, ки Гулрӯ келини ин хонадон буд, бечора хусураш ягон маротиба ба ӯ баланд сухан нагуфта буд. Ин хоб бесабаб нест. Дар хона ягон гап шудааст.

…Дар назари Гулрӯ мошин ҳамсони сангпушт хазида пеш мерафт. Аз ронанда хоҳиш кард, ки илоҷаш бошад, мошинро тезтар биронад. Ронанда - ҷавони хушчақчақ хост шӯхӣ кунад:

– Холаҷон, тез рафтагиҳо ба куҷо расиданд, ки мо бирасем? Дар ин ағбаҳои хавфнок оҳиста рафтанамон хуб тар аст.

Гулрӯ хомӯширо авло додониста, ба берун нигарист. Аз он зебоие, ки дина дида буд, дар назараш чизе наметофт. Абри сиёҳе гӯё роҳнамоиашон мекард ва ҳам само ва ҳам дили ӯро хира месохт. Майдаборон меборид ва баъди чанде ба сел табдил ёфта, ҳаракати мошинро душвор мегардонд.

Гулрӯ, аз борони сел чашм наканда, аввал хоби дида ва баъд лаҳза – лаҳза рӯзгори аз сар гузарондаашро ба ёд овард.

…Баъди хатми донишгоҳ ба зодгоҳаш ба кор омад. Аввал мудири боғчаи колхоз таъйинаш карданд, вакили маҳалла интихоб шуд ва баъд ба кори идораи ҷамоат гузаронданд. Бо Зафар дар ҳамон ҷо вохӯрда, якдигарро нағз диданду хонадор шуданд.

Аз миён солҳо гузашт. Гулрӯ садҳо бор шукр мегуфт, ки ҳафт писар дорад ва агар келин бигирад, соҳиби ҳафт духтар мешавад. Аллакай ду келин дошт ва якбора дар тараддуди тӯйи домодии ду писари дигараш шуд.

Гулрӯ, ки келини қобил буд, хусуру хушдоман дӯсташ медоштанд. Мутаассифона, ҳарду бемор шуданду пайи ҳам зиндагиро падруд гуфтанд . Хушдоманаш се сол бемори бистарӣ шуд ва Гулрӯ кӯшиш мекард ҳам кори идораро анҷом диҳаду ҳам нигоҳубини ӯро. Дар рӯзҳои вопасин хушдоман келинро дуои нек дод. Нони маъракаҳои хушдоманро дода буданд, ки хусураш ба бистари беморӣ афтод. Ӯ, ки ба касалии фалаҷ гирифтор буд, нигоҳубинаш вазнинтар гашт. Ноилоҷ рухсатии бемуҳлат гирифта, ба нигоҳубини хусураш машғул шуд. Мӯйсафед як сол беморӣ кашид. Баъди даргузашти хусураш боз ба кор баромад.

Гулрӯ вақтҳои охир ҳис мекард, ки амалу рафтори шавҳараш тағйир ёфтааст. Корро баҳона карда, ба хона дер меомад. Бо баҳонаи сафари хидматӣ 2-3 рӯз гум шуда мерафт, муносибаташ ҳам сард шуда буд. Шиносҳо ба хона телефон карда, дар бораи шавҳараш ҳар хел суханон мегуфтанд. Аммо Гулрӯ ба онҳо бовар намекард, сафсата мепиндошт ва ё ҳамин хел як шӯхии рафиқона қабул мекард. Худро бештар ба кори рӯзгору идора андармон месохт.

Як такони мошин дар роҳи ноҳамвор Гулрӯро ҳушёр кард. Дид, ки мошин ҳанӯз ҳам дар роҳи калони Олимтой медавад. Ба берун нигоҳ карда мехост аз насими атрогини баҳорӣ ва ҳусну таровати табиати зебои кишвараш ҳаловат барад, аммо дар дилаш чизеро гунҷонида наметавонист.

Ҳанӯз ёдаш ба хоби дидааш банд буд. Аз тирезаи мошин чашмаш боз ба ҳамон абри сиёҳ афтид, ки гӯё ҳамсафари онҳо бошад, ки мошинро дунболагир карда аз пеш меомад. Дилаш боз сиёҳтар шуд. Ин чӣ гап? Чашмонашро аз абри сиёҳ канду нимпӯш карда, боз ба ғанаб рафт...

– Холаҷон, расидем,-гуфтани ронанда ӯро аз гирдоби хаёлҳои мағшуш раҳонид.

Гулрӯ дар истгоҳи маркэзии ноҳия аз мошин берун шуда хост рост ба хона равад. Ба ёд овард, ки ҳар рӯзи истироҳат Зафар ҳатман аз ҷои кораш як хабар мегирад ва баъд бозорӣ карда ба хона меояд. Гулрӯ роҳи идораи шавҳарро пеш гирифт. Чашмаш боз ба осмону ба ҳамон абри сиёҳ афтод, ки болои шаҳракро печонда, гӯё ҳамин замон пешопешаш борону жола меорад. Шамолу гирдбоди сахте сар шуд. Гарду ҷанг ба ҳаво хеста буд. Ба чашм ҳо зада роҳгардиро душвор мекард. Акнун чакраҳои калон-калони борону жолаи майда ба сару рӯи Гулрӯ мезад. Ба идораи Зафар ҳам расид. Мошинро дида хушҳол гашт аз он, ки ҳамроҳ ба хона меравад. Аз дари идора даромадан замон болои сараш тундари сахте заду шӯълаи барқ ба замин афтод. Борони селро гӯё бо сатил мерехтанд.

– Хайрият расидам- е,-гӯён чашмаш ба посбони идора афтоду аз ӯ Зафарро пурсид. Аммо Шарифи посбон аз дидани Гулрӯ дасту по хӯрду сарашро хам карда, нигоҳашро аз ӯ гурезондан хост. Гулрӯ боз аз ӯ Зафарро пурсид. Ноилоҷ ба хоначае, ки дар шафати бинои идора барои дамгирии посбону ронандаҳо ҷиҳозонида шуда буд, ишорае кард ва зуд ба кучое ғайб зад. Гӯё аз пешомади чизе бохабар аст.

Гулрӯ аз ин амали Шарифи посбон ҳайратӣ шуду аз дилаш чӣ гапҳое нагузашт. Ба дар наздик шуда, онро ба пушти ангуштонаш кӯфту тарафи дарун тела дода кушодан хост. Дар аз дарун маҳкам буд. Овозе намебаромад, вале маълум буд, касе дар он ҷо ҳаст. Аз нав Гулрӯ дарро сахттар кӯфт ва бо тамоми қувват тела дод. Зулфаки дар аз дарун канда шуду ба хона даромада, шавҳарашро бо зане дид, ки дар болои кат бараҳна якдигарро дар оғӯш

гирфта, маст мехобиданд.

Шамоли боронолуда зада ба хона даромад. шамоли сард ва резаҳои барф ҳам. Шараққоси дару шамоли хунук онҳоро ҳушёр кард, саросема аз ҷо хестанд. Зафар Гулрӯро дида, рангу рӯяш канд. Гӯё аз осмон ҳамон борони селу жола ба сари Гулрӯ фурӯ рехт. Аз қаҳру ғазаб аъзои баданаш мисли зулфони беди Маҷнун меларзид. Ин лаҳза тани бараҳнаи худро он зан ба пушти Зафар гирифта, аз тарс дарақ-дарақ меларзиду зор-зор гиря мекард:

–Апаҷон г… хӯрдам, тавба кардам. Аз гуноҳам гузаред. Айби ман не. Зафар маро ба гап даровард.

Гулрӯ зорию таваллои ӯро гӯё намешунид ва шунидан ҳам намехост. Ӯ ба қаҳру ғазаби худаш гирифтор буд. Зафар бошад, ки тани бараҳна буд, курпачаи ифлосу чиркини болои катро гирифта, ба ҷои лозимиаш печонда, аз Гулрӯ хоҳиш мекард, ки либосҳояшро диҳад. Хоначаро бӯи ғализи хӯришҳои гуногуну аллакай дар ҳавои дамтоси хона болои дастурхони хурдакаки ифлосу солҳо нашустаи посбонон дамгиршуда ва арақу коняку пивои нимашуда пахш карда буд. Гулрӯ либосҳои занро гирифта хост аз мӯйҳояш кашида бараҳна ба берун бароварда, дар назди мардум шармандагиашро барорад. Аммо Зафар аз Гулрӯ мисли аз карда пушаймон илтиҷо дошт, ки ба худ биёяд.

Худоё боз киро дар оғуши шавхараш дид. Зане, ки ҳамсиннусоли фарзандаш мебошад. Гулрӯ ҳам аз ғазаб ва ҳам аз ғояти рашку ҳасад меларзиду аз чашмонаш оташак гӯё чун тир ба синаи Зафару он зани шарманда мехалид.

–Ана Шумо чӣ гуна дурӯғгӯ будаед. Корро баҳона карда, рӯзи истироҳатро дар куҷо ва ба чӣ номаъқулиҳо мегузаронидаед. Э, лаънат ба чун ту шавҳару ба мисли ту роҳбари корхона! Мана гиред! Исқотиҳои ифлосатона пӯшед, шармандаҳои ду олам!!!

Ва бо лагад либосҳоро дар пешашон партофт ва аз ғояти қаҳру ғазаб тоқаташро аз даст дода, як қадам ба пеш монду ба рӯи Зафар як шаппотии обдоре фуроварда, девонавор ба кӯча баромад. Ӯ худро дигар на дар замин медиду на дар само. Борони сел ҳамоно меборид. Селоба рӯ-

рӯи кӯчаю ҷӯйборҳоро пур карда, хасу хасрӯбаҳо ва зарфҳои ифлосро пешандоз карда мебурд. Ба гумони Гулрӯ шавҳараш ва ҳамон зани фоҳиша ҳамин хасҳоянд, ки рӯ- рӯи об мераванд.

Ба худ омад. Зафар ба ӯ хиёнат кард-ку!

Авзояшро ба тартиб даровардy ба куҷо, ба назди кӣ рафтану рози дил гуфтан ва маслиҳат пурсиданро андеша кард. Аввал обрӯи худро фикр кард. Ба ёдаш муовини раиси ноҳия Моҳрӯ Давлатовна расид, ки бо ҳам солиёни зиёд дӯстӣ доштанду доимо розгӯю роздону маслиҳатгари якдигар буданд.

–Тавба, тавба,тавба!!! Ин мардак дигар бо кадом шарму ҳаё ба хона меомада бошад. Чӣ хел бо ман рӯ ба рӯ мешинад!?- мепурсид аз худ Гулрӯ.- Як рӯз паноҳ медорам аз фарзандон ё ду рӯз. Охир як рӯз не як рӯз фош мешавад. Ҳамсояҳо чӣ мегӯянд? Охир ҳама ҳаваси рӯзгори моро мехӯрданд. Бо Зафар якҷоя меҳнат кардему якҷоя хона андохтем. Ҳафт писарро калон кардему хонондем. Падару модарашро мисли волидайни худ то вопасин рӯзашон нигоҳубин кардам. Оқибат ин рӯзгору ин зиндагиро вайрон кард ин мардак. Аламовараш ин аст, ки маро бо кӣ иваз кард? Бо як зане, ки радди маърака аст.

Хонаи раиса дар як гӯшаи дури қисмати шарқии маркази ноҳия воқеъ буд. Зери ҳамин андешаҳову борони сел Гулрӯ гӯё сӯи хонаи раиса медавид. Касеро намедиду чизеро пайхас намекард. Ба назараш, ки тани танҳо мерафт дар кӯча. Боз гирдоби қаҳру ғазаб Гулрӯро сӯи он зани шарманда бурд…

–Ба ҳамин зан чӣ намерасад? Якчанд маротиба ба хонаам омада, дар гӯшаи дастархонам нишаста нону намак хӯрдааст. Э ҳамон нону намаки хурдагӣ курат кунад- е, ҳаромии носипос! Ту бебало ба хонаи мо намеомадаӣ!? Мани сода наздаш чун фарзанд аз хонаи обод, шавҳари меҳрубон, фарзандони азиз ва фаъолияти роҳбариам нақлҳо карда, аз доди Илоҳи шукргузорӣ мекардам. Афсӯс, сад афсӯс, одамро шинохта намешудааст…

Ва аз қаҳр мушташро гиреҳ карда, ҷои кӯфтан мекофт,

ки ҳушёр шуда, худро дар назди дарвозаи ҳавлии раиса дид. Гулрӯ шип-шилтаи об ба ҳавлии раиса даромад. Раиса ҳамроҳи фарзандонаш дар болои кати таги долон нишаста, борони селро наззора мекард. Моҳрӯ Давлатовна Гулрӯро дар ин ҳол дидан баробар ба пешвозаш баромад:

–Биё. Гулрӯҷон, шамолҳои куҷо парронд туро. Дар ин ҳавои боронию бо ин аҳвол,- гуфта якдигарро ба оғӯш гирифтанду баъди истиқболи самимӣ ба хона даромаданд. Гулрӯ худро аз оғӯши раиса нагирифта тоқат накард ва бо овози баланд ҳой-ҳойи гиряро сар дод.

–Чӣ шуд, барои чӣ гиря мекунӣ?- гӯён раиса барои ором шуданаш ба ӯ пиёлаи обро дароз кард ва аз ҷевон либосҳои худро ба Гулрӯ доду:

–Тез либосатро иваз кун, мабодо шамол хӯрда бемор нашавӣ, –гуфт ва худ берун баромада, ба фарзандон супориши дастархон ва чойи гарм оварданро дода, ба назди Гулрӯ баргашт.

Баъди каме ором шудан Гулрӯ тамоми ҳодисаро як-як ба ӯ нақл кард. Моҳрӯ Давлатовна ҳам, ки худ аз пастию баландии рӯзгор борҳо гузашта буд, баъди ором кардану шунидани нақли Гулрӯ ӯро таскин дода, мақсадашро пурсид.

–Муаллимаҷон, дигар рӯи Зафарро дидан намехоҳам. Ният кардам, ки ариза навишта ба суд диҳам ва ҷудо шавам. Ҳайфи умрам, ҳайфи меҳнатҳое, ки ман барои ӯ кардам. Ба ҳама рӯзгори ободу зиндагии осоишта ва фарзандони хушодобу боинтизомаш нигоҳ накарда, ба роҳи хиёнат рафт. Худи пагоҳ назди раиси ноҳия даромада, ҳамаашро нақл мекунам, ки роҳбари идора дар ҷои кораш ба чӣ корҳо машғул аст! Бигузор аз кор пешаш кунанд!

Раиса баъди андак сукут кардан:

– Гулрӯ, ту зани босаводу бофарҳанг ҳастӣ, пастию баландии зиндагиро хуб медонӣ, ҳафт шоҳписар дорӣ. Агар пагоҳ ба назди раис дароӣ, албатта, ӯ ба шавҳарат ҷазо медиҳад, мумкин аз кор пеш кунад. Дар тамоми ноҳия овозаву дарвозаи зиёд мешавад ва дар сари қаҳр акаи Зафар талоқатро медиҳад ва писаронат ятим мемонанд. За-

ни дигар мегирад ва шумо хонавайрон мешавед. Бори дигар андеша кун, мумкин ба хотири фарзандон хиёнати ӯро бубахшӣ? Обрӯи худатро, кӣ буданатро ҳам як фикр бикун. Фаромӯш накун зани обрӯманд буданатро! Ҳурмату эҳтиромат зиёд аст дар байни мардуми ноҳия. Аз таънаи душманонат андеша кун.

Гулрӯ ба суханони раиса гӯш дода ба фикр рафт. Охир чӣ хел дардаш накунад? Аламовар буд барояш дар ҳоле ки барои сад кас маслиҳатгар буду чорасоз ва имрӯз худ бе чора монд. Дар бисту панҷ соли кораш садҳо оилаи вайроншудаистодаро аз нав оштӣ доронду бахти сафед орзу кард.

То чанд нафраташ дар нисбати шавҳараш зиёд мегардид. Фарзандонаш чун панҷара пеши раҳашро гирифта буданд. Намехост онҳо ятим монанд. Фикри панҷ писари дигарро кардан даркор, ки онҳоро ҳам хонондан ва ҳам хонадор кардан лозим. Дудила шуд.Бори дигар раиса ӯро таъкиду маслиҳат дод ва гуфт, ки гӯё ин ҳодисаро ба ман ҳам нагуфтаӣ ва ман чизеро намедонам.

Гулрӯ дилрешу дилхун ба хона омад, намехост бо касе гап занад. Дар ҳақиқат дунё дар назараш торик буд. Насиҳати раисаро гирифта, ин ҳодисаро ба касе нагуфт. Дарун- дарун чун кундаи тар месӯхт. Ба рӯи шавҳараш нигоҳ кардан намехост. Як хонаи пур аз хандаву шодӣ барояш хомӯш гашта холӣ менамуд. Ба ёдаш омаданд он рӯзҳое, ки агар мушкилие пеш меомад, қуввати дилаш, албатта, Зафар буд, ки бо ӯ роз мегуфту аз ӯ маслиҳат мепурсид ва шонаҳои ӯ ҷои сар мондану ашк рехтан буд. Имрӯз қуввати дилаш нест ва нафратовар аст ба он шонаҳо сар мондану ашк рехтан.

Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо сипарӣ шуданд, аммо муносибати зану шавҳар хунук, чун ҳавои зимистон сард. Гулрӯ рӯз ба рӯз хазон мешуд. Ба беморие гирифтор гашт, ки ягон ташхиси духтурӣ онро муайян карда натавонист. Дар ҳамин ҳол рафтори Зафар аз аввал дида бадтар гашта буд.

Гулрӯ дар бистари беморӣ садҳо бор саҳифаҳои ҳаёташро варақгардон мекарду сабаб меҷуст: дар куҷо хато

карда бошад, охир Зафар солҳои аввали зиндагӣ меҳрубон буду тавлиди ҳар фарзанд ба ӯ хурсандию хушбахтӣ меовард, ҳамсарашро болои сар мегардонд, ҳурматашро ҳамеша ба ҷо меовард. Вақте ӯро ба маркази ноҳия ба кор даъват карда, роҳбарии корхонаи калонеро бар душаш вогузор карданд, Гулрӯ Зафарро аз тамоми ташвишҳои рӯзгор озод кард.

–Мардакҷон, ташвиши хонаву дар, гову мол,тарбияи фарзандон ва нигоҳубини падару модаратро ман ба души худ мегирам, чунки ҷамоат ба хона наздик аст ва ман бештар вақт меёбам ин корҳоро анҷом диҳам. Шумо дар маркази ноҳия кор мекунед, ҳар сари вақт аз кор дур шуданатон ба фаъолияти кориатон зарар расонданаш мумкин аст. Мехоҳам шуморо дар сафи беҳтарин роҳбарҳо бинам.

Зафар низ аз ин меҳрубонии ҳамсараш истифода бурда, ба каму кости рӯзгор аҳаммият намедодагӣ шуд, рафиқони нав пайдо кард, онҳо шахсоне буданд худхоҳ, айшу ишратро аз ҳама боло медонистанд. Тез-тез нишастҳо ташкил намуда, ба шаробнӯшӣ машғул буданд. Баъзан дар нишастҳояшон занҳоеро, ки номашон бо бероҳагӣ баромада буд даъват мекарданд. Зафар низ тез-тез онҳоро ба хона таклиф карда:

–Гулруҷон, рафиқони шаҳриамро таклиф кардам, дастархоне кушо, ки дар ҳайрат монанд. Хӯрокҳое паз, ки аз хӯрдан сер нашаванд, хӯришҳое тайёр кун, ки дар умрашон надида бошанд, шаш мурғу ду мурғи марҷонро бирён карда, болои дастархон мон.

Гулрӯ кӯшиш мекард обрӯи шавҳарашро дар назди рафиқонаш боло бардорад, аммо рафта-рафта ин нишастҳо тез-тез ташкил шуда баъди нӯшидани шароб аз забони меҳмонон суханони қабеҳ шунида мешуд ва ба ин нишастҳо баъзан занҳое низ даъват мешуданд, ки Гулрӯ онҳоро намешинохт. Агар аз шавҳараш пурсад, «инҳо меҳмон аз марказ» мегуфт.

Гулрӯ оҳе кашида, дар болои бистар базӯр бо паҳлуи дигар дароз кашид ва боз хост ба ёд биорад, ба чи хатоӣ

роҳ додаст. Ӯ ба ёд меовард. Пагоҳӣ, соати чор, аз хоб хеста назди гову мол мерафт. Се гови дӯшо, се гӯсола,чилпанҷоҳ мурғ,бист-биступанҷ мурғи марҷон, барои тӯйи фарзандон гуфта чор буқачаро харида бонӣ мекард. Говҳоро дӯшида, шири онҳоро пухта ҷуғрот хобонда, барои шавҳар, фарзандон ва хусуру хушдоман наҳорӣ тайёр мекард. Либосҳои шавҳар ва фарзандонро дарзмол карда, худ чой нанӯшида ба кор мешитофт. Ташвиши ёфтани хӯроки чорво низ бар души ӯ буд. Аз хоҷагӣ трактор гирифта, ба талу теппаҳо рафта, барои зимистонгузаронии чорво каҳбеда ва ему хошок меовард. Барои киштукор аз заминҳои обӣ як гектар замин гирифта, бо ёрии писаронаш гандум ва ҳосили дуюм- тарбузу харбуза мекориданд. Кишт, пошидан, нигоҳубин ва ғундоштани ҳосили замин низ бар души ӯ ва писаронаш буд. Интихоби касби фарзандон, ба шаҳр омада, ҳуҷҷатҳои онҳоро ба комиссияи қабул супоридан низ ба ӯ вобаста буд. Охир, шавҳари роҳбараш ҳамеша серкор буд. Ҳатто интихоби арӯсшаванда барои писаронаш, хостгорӣ рафтан, тӯёна бурдан ва гузаронидани маъракаи тӯй низ бар души ӯ буд. Шавҳари роҳбараш дар тӯйи фарзандон ҳамчун меҳмон бо ҳамроҳии рафиқонаш иштирок мекарду ба кор мешитофт.

–Ана ёфтам хатоии содиркардаамро!- хитоб кард Гулрӯ. –Барои чӣ ҳамаи ташвишҳои зиндагиро бар душ гирифтам. Бо ин роҳ мехостам ба шавҳарам ёрӣ расонам, аммо баракс ба ӯ шароит фароҳам овардам, ки ба корҳои беҳуда даст занад. Садди роҳи ӯ нашудам, ки бо он рафиқони бадсиришт рафтуомад накунад. Охир, «Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ , бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ»,- мегӯянд. Ҳатто дар нафасҳои вопасинаш низ намехост шавҳарро гунаҳкор намояд.

– Худам гунаҳкор! Э не .Тавба, барои чӣ бо ҳама он пастиҳои шавҳар, боз худамро гунаҳкор ҳисоб мекуname?- худро коҳиш мекард Гулрӯ.

Нолиши пасте карда, оҳ кашид.Бистари мулоим барояш чун санг сахт буд. Ӯ аз оқибати бемориаш тарсида, аз писари калонӣ хоҳиш кард, ки тезтар дар тараддуди туйи

додаронаш шавад. Ҳанӯз аз бистари бемории нахеста, ду келини хушкардаи ӯро тӯй карда, ба ҳавлӣ оварданд. Зафар ҳарчанд чун падар дар маъракаи фарзандон қобилӣ нишон медод, вале ба чашми касе намерасиду гӯё ӯро намедиданд. Дар тӯй ба хотири дидори Гулрӯ ҳамаи дӯстону рафиқони даъватшуда омада буданд ва маъракаро хеле гарм гирифтанд, зеро аксарашон медонистанд, ки Гулрӯ чӣ касал аст. Аз гулӯи ӯ дар он рӯзҳо дигар об ҳам намегузашт. Барои ӯ дар болои кат ҷой партофта буданд ва ҳамаи ҳозирини маъракаро медид. Моҳрӯ Давлатовна ҳам бо дастовези калони тӯёна ба маърака омад. Ӯро болои кат назди Гулрӯ шинонданд. Гулрӯ аз дидори Раиса шод гашта, аз ӯ хоҳиш кард, ки дар шафаташ нишинад.

– Муаллимаҷон, бедухтарӣ душвор будааст. Акнун сафи духтаронам зиёд шуд ва рози диламро ба келинҳо мегӯям.

Бо пешниҳоди Моҳрӯ Давлатовна Гулрӯ бо охирон мадораш ба тахти арӯсии келинҳо омада, аз пешониашон бӯсида, дуои нек дода, барояшон бахту иқбол орзу кард. Моҳрӯ Давлатовна ҳам домоду арӯсҳои ҷавонро самимона табрик намуда, шаҳодатномаи акди никоҳро ба онҳо супорид. Дӯстон, дугонаҳои ҷонӣ боз омада, ба ҷои худ нишастанд.

Гулрӯ аз нав дарди дил кардани худро давом дод:

– Ман хато кардам, ки ҳамон вақт хиёнати шавҳарамро бахшидам, муаллимаҷон. Дар муддати як соли охир хиёнат, носолимӣ дар оила ва бадахлоқии Зафар маро ба бистари марг овард. Рӯзе як ҷавони ятиме, ки маро модар ва Зафарро падар мегуфту худамон хонадораш карда будем, ба хона даромада:

–Очаҷон, падарам занамро кашида гирифт, онҳо пинҳонӣ вомехӯранд,- гуфт.

Маълум мешавад Зафар аз бемориам истифода бурда, бо зани ҳамсоя, ки худ хостгорӣ намуда, хонадораш карда буд, ҳамхоба шудааст.

–Худоё, тавба, тавба! Аҷаб замонае шуд. Мардҳои булҳавас доимо дар ҳасрати зани ҷавонанд. Вале ба занҳо чӣ шудааст, ки ин қадар худобехабар гаштаанд? Фикри зану

фарзанд ва хонаи ободи мардонро намекунанд. Ба хотири шаҳвати чандлаҳзаина хонаи мардумро вайрон мекунанд. Э, лаънати Худо ба чунин занҳо! Ҳатто розианд, ки зани дуюму сеюму чорум шаванд. Тавба кардан даркор, тавба, муаллимаҷон! Ана мисол ҳамин арӯсаки ҳамсоя. Ҳамин ҷавони ҳамсояро нағз диду дӯст дошт. Шавҳараш як ҷавони қобилу чаққон, ки мондан гиред. Агар духтарам зинда мебуд, ҳатман ба ӯ медодам.

Моҳрӯ Давлатовна ба нақли Гулрӯ бодиққат гӯш мекард. Мехост ӯ ҳар чӣ дар дилаш дорад холӣ кунад.

– Зафар аз ин арӯсак се баробар зиёд умр дорад,-ба нақлаш идома дод, Гулрӯ.

– На фикри бемории маро карду на хонаву на дари ҳамсоягиро. Арӯсак ҳатто ҳурмату эҳтироми падару модари худро фаромӯш кард. Ана ҳозир талоқ шудаасту шармандавор аз деҳа баромада рафтааст ва дар хонаи падараш интизор, ки Зафар оё ӯро ба занӣ мегирад ё не. Бечора шавҳараш аз шарм дар деҳа истода натавонисту ба Русия рафт. Бо писаронам чунон дӯстӣ дошт, ки ҳеҷ ногуфтанӣ. Хайр, муал лима, ҳеҷ гап не. Гӯри ҳар кас ҷудо. Худо ба нокасону ба нопокон дар ин дунё не, дар он дунё ҷазои сахт хоҳад дод. Онҳо зомини умри кӯтоҳи мо ҳастанд, ки аз бахт, бо гуноҳи онҳо, бенасиб мондем.

Моҳрӯ ба суханони Гулрӯ гӯш андохт, ба симои ӯ назар карда, аз он ҳусну ҷамол, таровату латофату малоҳату иффате, ки бинандаро беихтиёр ба худ ҷалб мекард, чизеро наёфт. Он лабҳое, ки доим ба табассум моил буданд, имрӯз хушк ва аз дард ҷо-ҷо кафида. Он чашмони шаҳло, ки оташак ва дурахше доштанд, мегӯӣ, ки хомӯш гашта буданд. Он ширинсуханию ширинбаёние, ки ин зан дошт, имрӯз ба нолиш табдил гашта буд.

Аз нақли зиёд ҳалқаш хушк шуд, ки об пурсид. Дар пиёла ба ӯ об доданд. Сарашро ба болин монду аз нав ба рӯи Моҳрӯ Давлатовна бо ҳасрат нигоҳ кард:

–Аз нақлҳоям дилгир шудӣ, Моҳрӯҷон. Узр мепурсам. Дилма холӣ кардам. Дигар ба кӣ ҳам мегуфтам? Дидор ғанимат аст. Боз кай мебинем…

...Рӯз бегоҳ шуда буд. Маърака кайҳо ба охир расида. Бисёр тӯякиҳо хайру манзур карда мерафтанд. Моҳрӯ Давлатовна ҳам боз як бори дигар Гулрӯро ба оғӯш кашиду аз ду бари рӯяш бӯсида, рӯяшро ба дигар тараф гардонда, ноаён ашки чашмонашро пок кард.

Баъди се рӯз бемории Гулрӯ шадид шуду аз хобу хӯр монд. Дигар ягон табибӣ фоида накард. Бо дили пур аз ҳасрат ва дарду ғам аз дунё гузашт.

Мардуми зиёде, ки ба ҷаноза омада буданд, аз некиҳои Гулрӯ сухан мегуфтанд.

Баъди даргузашти Гулрӯ муносибати фарзандон бо падар хунук шуда буд. Кӯшишҳои падар беҳуда мерафтанд. Ӯро бахшидан намехостанд. Зафар ба назари мардум гӯё як марди бегонае буд. На хешу табор, на ёру рафиқони пешина эҳтиромаш намекарданд. Ҳанӯз вақти барҳаёт будани Гулрӯ ба ӯ мегуфтанд, ки обрӯи ту аз ҳисоби зани хуб доштанат аст. Фарзандон кӯшиш мекарданд, ки ба рӯи падар нигоҳ накунанд. Зеро онҳо нағз медонистанд, ки сабаби марги бармаҳали модар рафтори бади падар буд. Писари хурдӣ доимо «Модарҷон, барои чӣ бемор ҳастед?»-гуфта савол медод ва модар як ҷавоб мегуфт: «Барои он ки падарат дигар маро дӯст намедорад».

– Шумо, модарамро куштед!-бо қаҳр гуфт писари хурдӣ.

Падар фахмид, ки баъди солҳои зиёди дӯстдориҳо, ишқу ҳавасҳо, оромону орзуҳо, хидматҳои завҷаи меҳрубонашро пеши по заду ба ӯ хиёнат кард, ба қадраш нарасид. Ӯ аз теғи нигоҳи фарзандон паноҳ шудан мехост.

Танҳо мондааст имрӯз Зафар. Зани ҷавон вақтҳои охир дигар писандаш намекунад. Ҳурматашро ба ҷо намеорад. Аз вазифа ҳам озодаш кардаанд. Дигар обрӯи пешинааш намондааст. Заъфи пирӣ дардмандаш намудааст. Шарм медорад, ки аз фарзандон мадад пурсад. Охир ӯ на фақат пеши ҳамсараш, балки аз ҳама муҳим дар назди модари фарзандонаш вазнинтарин гуноҳро содир кард, ки номаш *хиён*ат аст. Зани ҷавон калиди мошинро аз дасти Зафар гирифта, имрӯз мошинсавор аст. Ба Зафар бошад, вазифаи масъулиятнок додааст. Нигоҳубини гову молу мурғи хона. Пагоҳӣ

барвақт, нонушта накарда , гову молро ба теппаи назди қабристон барои чаро мебарад. Зани ҷавон бошад, чангу хоки кӯчаро ба осмон бароварда, аз назди шавҳар мошинсавор бо суръати баланд гузашта, ба сӯяш нигоҳ ҳам намекунад. Чанд бор аз болои тепа бо чашмони худ дид, ки зани ҷавон дар паҳлуяш мардҳои бегонаро шинонида, бепарво аз нигоҳи ҳамсояҳо , ҳамдеҳаҳо роҳ ба сӯи шаҳр мегирифт.

–Сазоям ҳамин, ношукрӣ кардам, ба қадри ҳамсарам нарасидам. Хораш кардам. Вазнинтарин гуноҳро содир кардам. Аз худаш узр напурсидам. Меравам назди қабраш, аз рӯҳаш узр мепурсам, шояд каме сабук шавам? Охир ин хаёлҳо маро сӯхта хокистар мекунад,- гӯён Зафар худ ба худ гап зада, роҳ сӯи водии хомӯшон гирифт. Ӯ аз карда пушаймон буд…

## ҚАСОСИ ЗАН

Фурудгоҳи ҳавоӣ. Мусофирон ба ҳавопаймои сайрхатти «Маскав-Душанбе» ворид шуда, ҳар кадом ба ҷойҳои худ менишастанд. Хайрӣ низ дар назди яке аз тирезаҳои ҳавопаймо ҷо гирифта, бори дигар ба ин шаҳри азим дида духт ва ба стюардесса- духтараки зебое, ки ба мусофирон нӯшокӣ пешниҳод мекард, ҷавоби рад дода, дар ҷояш бароҳаттар нишаста, чашмонашро пӯшиду тамоми ҳаёташро пеши рӯ овард…

Фасли тобистон. Рӯзи истироҳат. Аз пагоҳӣ шуълаҳои офтоб нурҳои заррини худро ба кӯҳу даман, майсаву себаргаҳо, боғу марғзорон нисор намуда, чун парҳои товус бо ҳазорон ранг партавафшонӣ дошт. Хайрӣ аз хоб хеста, аз ҳавои форами пагоҳирӯзӣ нафаси амиқ кашид ва рӯй тарафи осмон кард. Нурҳои симину заррини ҳазорранг чашмонашро бурданд. Ӯ дастхояшро ба рӯи чашмонаш чатр карда, хамёзае кашиду аз пайи кори рӯзгор шуд. Гов дӯшид, шир пухта ҷурғот хобонд ва ба тайёр кардани оши палав пардохт. Кӯдакон як- як аз хонаи хоб баромада, ба модар салом дода, ба сӯи катаки мурғон давиданд. Мурғон ҳам ба

умеде, ки кӯдакон барояшон дон оварда бошанд, қут-қуткунон дар гирди онҳо мисли ин, ки рақс мекарда бошанд, чарх мезаданд. Бачаҳо чанд дона тухм дар даст:

–Модарҷон, тухмҳоро дар яхдон гузорем?–гуфта пурсиданд.

–Не, бачаҳои ҷон, дар яхдон боз 5 тухми дигар аст, онҳоро ҳам биёред, ман ҳамаашро дар об меҷӯшонам. Охир мо имрӯз дар беруни шахр, дар сохили рӯд истироҳат карданӣ ҳастем. Ана, оши палав ҳам ҳозир тайёр мешавад.

Дар ҳамин ҳолат падари фарзандон низ аз хонаи хоб баромада, мошинашро ба сафар омода намуд.

Аҳли оила берун аз шаҳр, дар лаби дарёчаи обаш кабкабуди шаффоф, ки аз баландиҳо шир-ширкунон ба поёнба водиҳо мешорид, дар таги маҷнунбеди соҳил нишеман гирифтанд. Гесӯвони марғуладори маҷнунбед чун зулфи наварӯсон бо вазидани насими форам ғамзакунон мерақсиданд.

Бачаҳо бо шавқу завқи беандоза яке аз мошин гилем, дигаре кӯрпача, сеюмӣ тӯбашро бароварда, ба бозӣ машғул шуданд. Хайрӣ дастархон густурду дар он нону кулчаҳои бегоҳ пухтаашро гузошта, дар гирди нон тухм, бодиринг, помидор, кабудӣ, ҷурғот, мева гузошт ва оши палавро дар табақи калон кашида, шавҳар ва фарзандонашро ба гирди дастархон таклиф кард. Искандар- падари фарзандон ба дастархон нигариста:

– Азизонам, садҳо бор шукр мегӯям, ки ҳамаи ин нозу неъмат аз ҳавлии худамон мебарояд, аз бозор намехарем. Заҳмат ки мекашем, ана, роҳаташ ҳамин аст.

Бо ин суханҳо падар мехост ба фарзандон бифаҳмонад, ки ҳар заҳматеро дар пушташ роҳате ҳаст ва онҳо бояд меҳнатдӯст ба воя бирасанд. Баъди тановули ғизои бомаза кӯдакон ва падарашон ба ҷӯй даромада, ба оббозӣ машгул шуданд. Хайрӣ бошад, ба хурсандии фарзандон нигариста шод буд ва аз зиндагии ширинаш шукр мекард. Фарзандон ба модар мурочиат карда:

– Модарҷон, назди мо биё, бин, чӣ хел об хунук ва му-

саффо аст, кас роҳат мекунад, биё, оббозӣ мекунем! - ӯро ба оббозӣ даъват намуданд.

– Шумо бемалол оббозӣ кунед, ман аз ҳамин ҷо ба шумо нигариста, роҳат мекунам,-гуфт.

Ӯ ба фарзандон нигариста, хаёлан ба дуриҳои дур парвоз кард. Кӯдакии худро ба ёд овард.Чи кӯдакии вазнине дошт! Падару модараш дар овони шашсолагии ӯ аз бемории сил ҳарду дар як сол бо ин дунё падруд гуфтанд. Ӯ ва хоҳарчаи сесолаашро холааш ба тарбияи худ гирифт. Хоҳараш низ баъди ду моҳи фавти падару модар даргузашт. Хайрии шашсола монду холаи шастсола, ки дарду ғам ва бемории сил ӯро ба кампири ҳафтодсола монанд карда буд. Онҳо дар деҳае умр ба сар мебурданд, ки аксарият ба касалии сил гирифтор буданд.

Ҳамон сол зимистон бисёр хунук омад. Дар хона сари хас, на оловӣ доштанду на гарде орд. Хола ним халта гандумеро, ки барои кишт монда буд, байни хона монду ҳарду ба тоза кардани он машғул шуданд. Баъди анҷом ёфтани кор холаи Муслима нигоҳ кард, ки аз гандуми тоза партоваш зиёдтар баромад.

– Хайриҷон, гандумамон хеле кам будааст,- гуфта ҳамаи он партовро гашта ба халта андохт холла..

Ду мушти пар дар ҳавои хеле сард гандумро ба осиёби деҳаи ҳамсоя бурданд. Ним халта гандумро аз ду тараф ду зани сарсахт бардошта, ҳар кадом дар сар хаёлҳои гуногун қадам мезаданд. Хайрӣ мехост тезтар гандумро орд кунанду нони гармаки хушбӯй тановул кунад. Хола фикр мекард, ки бо чунин саломатӣ ба баҳор расад, хуб, агар не, аҳволи ин муштипар чӣ мешуда бошад? Холаи Муслима кунд-кунд сулфа мекарду ашки шӯр рухсораҳои пажмурдаашро мешуст. Сармои шадид ашкро дар ожангҳои рӯи хола ба намак табдил медод. Уллоси гург буд ё шамол, аз дур ба гӯш мерасид. Дар ду тарафи роҳ барф хобида буду зери по ях. Холаи Муслима низ чун шамол ё гургҳо мехост аз алам уллос бикашад, аммо фиғони ба лаб омадаашро, ба хотири он ки Хайрӣ натарсад, фурӯ мебурд.

Нимарӯз ба қишлоқи ҳамсоя расиданд. Хотири дурии

роҳ осиёббон гандумашонро бе навбат орд карду онҳо баъди пешин ба роҳ баромаданд.

Ҳавои тираву тар ва серабр дили холаи Муслимаро пур аз ғубор кард. Ҷомаҳои нимдошти онҳо тар шуда, яхпорахо дар домани ҷома ҷо - ҷо овезон буданд, даруни калӯшҳояшон низ пур аз об гашта, роҳгардиро мушкил мекард. Борон беист мебориду меборид ва сару рӯйи онҳоро лесида, аз манахашон чак - чак мечакид. Ҳарду аз пагоҳӣ чизе нахӯрда буданд. Садои уллос торафт баландтар мешуду наздиктар. Сулфаи хола низ авҷ гирифт. Онҳо бо як азоб ба хона расиданд. Хола дигар маҷоли на сухан гуфтан дошту на амалеро ба ҷо овардан. Хайрӣ ҳоли холаро дида, ба хонаи ҳамсоя давид.

Вазъи саломатии холаи Муслима ҳамсояашон - Башоратхонро ба ташвиш овард. Ӯ давида аз хонааш як коса дами гарм оварда, маҷбур ба Муслима хӯронд. Хола аз домони ҳамсояаш дошта илтиҷо кард:

– Ҳамсояҷон, ҳис мекунам, ки соатҳои башумори умрам мондаанд, аз Шумо хоҳиш менамоям: баъди сари ман Хайриро танҳо нагузоред, ақаллан, то баҳор нигоҳ карда, баъд ба ягон сағирхона супоредаш,-гуфт холаи Муслима ва абадӣ чашмашро пӯшид…

Ин лаҳзаро ба хотир оварда, Хайрӣ ашкашро нигоҳ дошта натавонист.

– Модарҷон, ба шумо чӣ шуд! – гуфта фарзандон оби дидаи модарро пок карданд.

– Ҳа, очаш, наход дар чунин руз одам ашк резад? - гуфта Искандар дар назди Хайрӣ нишасту меҳрубонона даст ба китфи ӯ ниҳод.

Бегоҳӣ аҳли оила ҳар кадом ба коре машғул шуданд, кӯдакон ба тайёр кардани дарсҳояшон. Хайрӣ ба дарзмоли либосҳои шавҳар ва фарзандон, Искандар ба варақ задани рӯзномаҳои даврӣ. Дар ҳамин вақт занги телефон садо дод. Искандар гӯширо бардошта, лаҳзае хомӯш монд.

– Ман ҳозир расида меоям, - гуфта осемасар бархосту либосҳояшро пӯшид.

– Дадош, ягон ҳодисае руй додааст? - пурсид Хайрӣ.

– Беморeро овардаанд, таъҷилӣ ҷарроҳӣ кардан даркор, - гуфт Искандар ба мошинаш нишаста ба беморхона рафт.

Барои оилаи онҳо шабона ба беморхона рафтан кори муқаррарӣ буд, Искандар ва Хайрӣ дар шуъбаи ҷарроҳӣ яке духтур ва дигаре ҳамшираи шафқат буданд ва шабона Искандарро ба беморхона даъват кардани ҳамкоронаш зуд – зуд рух медод.

Хайрӣ баъди анҷоми корҳо бо фарзандон ба хонаи хоб даромаданд. Хоби даҳшатноке дида, аз бистараш хест ва хоби дидаашро пеши рӯ оварду ғубори сиёҳе тамоми вуҷудашро печонид, дилаш сиёҳу торик шуд. Хоб дид, ки Искандар дар дарё ғарқ шудаасту Хайрӣ «Исканда- а- аар!» гӯён қад – қади соҳил давида, ӯро чеғ мезад. Оби дарё лойолуд ва пуртуғён буд, овозаш ба гӯши Искандар намерасид ва ӯ оҳиста - оҳиста аз чашмаш нопадид гардид…

– Худоё, таъбири хобам чӣ бошад, ба пои фарзандон ва шавҳарам хоре нахалад, – гӯён Хайрӣ ба ҳавлӣ баромад. Ба осмони пурситора назар афканд. Дар ҳамин ҳолат садои тақ - тақи дар баланд шуд. Ӯ давида, ба назди дарвоза рафт ва пурсид

– Кист он ҷо?

– Мо, дарро кушоед, – гуфт сардухтур ва кормандони беморхона ба ҳавлӣ даромаданд. Хайрӣ дар байни онҳо шавҳарашро надида пурсид:

– Искандар куҷост? Ҳама хомӯш буданд.

– Духтарам, мард бош, худро ба даст гир. Искандар баъди ҷарроҳӣ, вақти ба хона баргаштан ба садама дучор шуд. Мо наҷоташ дода натавонистем. Ҳозир мошини «Ёрии таъҷилӣ» ӯро меорад, - гуфт сардухтур ашкашро пок карда.

– Вох, хонаам сӯхт, Искандар, ману кӯдаконро танҳо партофта, куҷо рафтӣ? - гуфта Хайрӣ ба оҳу нола сар кард.

Ин ҳодиса тамоми ҳаёти Хайрӣ ва фарзандонро тағйир дод. Дар боғи орзуҳояш, ки дарахтони пурмева дошту дар

он бо ҳазор умеду ҳавас гулу райҳон корида буд, жолаи сарду хунук борид. «Пои камбағалро дар болои асп ҳам саг мегазад,»- гуфтани мардум дуруст будааст. Бечора Хайрӣ, ки баъди кӯдакии вазнинро аз сар гузаронидан акнун қоматаш рост шуда, ба зиндагии ширине расида буд, ба ин бало гирифтор шуд. Барои фарзандонро ба воя расонидан ва азо би сағирагиро ҳис накардани онҳо шабу рӯз меҳнат мекард. Дар беморхона навбатдории иловагӣ гирифта, мекӯшид, ки онҳо аз ягон чиз камӣ надошта бошанд, бепадар буданашон ро ҳис накунанд. Зиндагияш нав ба маҷрои худ медаромад, ки ҷанги шаҳрвандӣ сар шуд, бародар аз нофаҳмӣ бародарро мекушт.

Зиндагӣ дар хонаи Хайрӣ бадтар мешуду беҳ не. Шабе дар навбатдории Хайрӣ бемореро оварданд, ки ниёз ба ҷарроҳии таъҷилӣ дошт. Баъди чарроҳӣ ҳоли бемор бад шуд ва мудири шуъба ба Хайрӣ ҳамчун ҳамшираи тибби таҷрибадор супориш дод, ки то ба ҳуш омадани бемор дар болои сараш бошад, ӯро нигоҳубин кунад. Баъди се рӯз бемор ба ҳуш омад. Хайрӣ назорати беморро давом медод. Охир ӯро ба ҷуз пирамарде касе дигар хабар намегирифт. Хайрӣ гоҳ-гоҳ дар хона барои ӯ ягон ғизои болаззат тайёр карда меовард. Онҳо ба якдигар унс гирифта буданд. Бемор, ки Вафо ном дошт, дар бораи ҳаёташ ба Хайрӣ чунин нақл кард:

– Хайриҷон, ман аз меҳри падару модар дар хурдиам маҳрум шуда будам. Кӯдакиам дар хонаи амма ва язна гузашт. Баъди хатми мактаби миёна ба хидмати ҳарбӣ рафта, дар яке аз ноҳияҳои назди шаҳри Маскав ба духтари русе хонадор шудам. Муддати 10 сол дур аз ёру диёр гаштам. Соҳиби духтарчаи малламӯе ҳастам, номаш Света. Ду моҳ пеш аммаам ба ман телефон карда гуфт, ки ягона амакам дар бистари беморӣ мебошад. Баъди 10 сол ба Тоҷикистон баргаштам ва бадии корро бинед, ки омадан баробар дар ин сарзамин майдонбозиҳо оғоз ёфтанд. Бо рафиқони давраи кӯдакиам вохӯрда, дар миёни майдонҳо- гоҳ дар майдони «Шаҳидон» ва гоҳ дар майдони «Озодӣ» рафтуо мекардем. Дар ҳарду майдон ра-

фиқонамон камин гирифта буданд. Як ҳафта пеш ба ноҳияи шумо барои хабаргирии мӯйсафеди амакам омада, ба дарди бедаво мубтало гаштам, то ҷарроҳӣ накарданд, ҳолам беҳ нашуд. Раҳмат ба ту, Хайриҷон, агар кумаки ту намебуд, аниқ ман мемурдам.

Рӯзхо гузаштанд, холи бемор рӯ ба беҳбудӣ овард. Хайрӣ ва Вафо ба якдигар бисёр унс гирифтанд. Рӯзе Вафо ба Хайрӣ арзи дил карду хоҳиш намуд, ки бо ҳам хонадор шаванд. Хайрӣ баъди чанде сукут кардан посухашро гардонид:

– Ман зане танҳоям, ту ба ман маъқул ҳастӣ, лекин намехоҳам фарзандонам дастнигари падари угай бошанд. Баъд хӯрондану пӯшондани се фарзанд дар шароити имрӯза хеле душвор аст. Намехоҳам ягона фарзанди ту низ бепадар калон шавад. Зиндаятим бошад. Намехоҳам иморати бахтамро аз ғами дигарон бино созам. Рӯзе мерасаду аз кардаат пушаймон мешавӣ.

– Хайриҷон, ман ҳеҷ гоҳ пушаймон намешавам, модоме туро дӯст медорам, фарзандонатро низ чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекунам, онҳоро ба фарзандӣ қабул мекунам.

Чунин суҳбат чанд маротиба такрор ёфт. Хайрӣ ягон хеши наздике надошт, ки бо ӯ маслиҳат кунад, ба назди мудири шуъба, ки рафиқи нағзи шавҳараш буд, даромада маслиҳат пурсид. Ӯ бародарвор насиҳаташ кард:

– Хайрӣ, ман ба ту чӣ маслиҳат диҳам? Ин ҷавонро дар ноҳия касе намешиносад. Кӣ будани ӯ ба мо маълум нест.Ту ҷавон ҳастӣ, бояд шавҳар кунӣ, ба замми ин шароит имрӯз вазнин аст, оилаҳое, ки болои сар мард доранд, зиндагиро бо душворӣ гузаронида истодаанд. Мумкин одами хуб бошад ва дар тарбияи фарзандон ба ту дастгир шавад. Ба ҳар ҳол боз як бори дигар фикр кун.

Вафо рӯзе, ки аз беморхона ҷавоб шуд, ба Хайрӣ муроҷиат карда:

– Хайриҷон, ман ҷои рафтан надорам, агар розӣ бошӣ, маро ба хонаат роҳ деҳ,- гуфт.

Хайрӣ розӣ шуд ва онҳо ҳафтае баъд бо ҳам издивоҷ

намуданд. Вафо дар ҳеҷ ҷо кор ҳам накунад , рӯзи дароз дар замини назди ҳавлиашон ба киштукор машғул мешуд. Бо фарзандони Хайрӣ бисёр меҳрубон буд. Ҳар бегоҳ Хайрӣ аз кор баргашта, ӯро машғули кор, фарзандонашро дар гирди ӯ дида , шукр мегуфт ва аз бахташ меболид.

Рӯзе хост барои ба шавхараш ёрӣ расондан ва ба замини наздиҳавлигиаш даромада, дар байни зироатхо як гиёҳи барояш номаълумеро дид. Аз Вафо чӣ будани онро пурсид. Вафо хандида:

– Ҷонакам, ин зироатест, ки гулҳои зебо дорад,-гуфт.

– Модоме гулҳои зебо дошта бошад, чаро дар ҳавлӣ нею дар байни полиз коридиаш?- гуфт Хайрӣ.

Дар дили Хайрӣ шубҳае пайдо шуда бошад ҳам, чизе нагуфт. Рӯзҳо пайи ҳам мегузаштанд. Ҳар бегоҳ Хайрӣ ба кори шавҳараш дида духта дар ҳайрат мемонд. Ӯ ба гиёҳҳои ношинос чун ба тифли озода муносибт мекард. Пайваста дар гирди онҳо парвона буд, ҳар баргашонро сила мекард.

Рӯзе бегоҳӣ Хайрӣ аз кор омада, дар ҳавлиаш як гурӯҳ кормандони ҳифзи ҳуқукро дид, ки дар байни замини корам, дар назди нихолҳои парваришкардаи Вафо рост истода, дар чи мавзӯе баҳс мекарданд. Вафо ҳам бо онҳо буд, ҳамсарашро дида, ба наздаш омаду илтиҷоомез гуфт:

– Хайриҷон,бигӯй, ки ин ниҳолҳоро худам шинонидаам. Набошад дигар маро тамоман намебинӣ. Ҳабсам мекунанд, ту зан ҳастӣ, кӯдакони хурд дорӣ, ба ту кордор намешаванд.

Хайрӣ ҳайрон ба меҳмонони нохонда наздик шуд. Кормандони ҳифзи ҳуқуқ худро шинос намуда, мақсади омаданашонро баён карданд:

– Ба мо маълумот доданд, ки шумо дар хонаатон зироати маъншудаpо парвариш мекунед. Аз зироате, ки шумо парвариш кардаед(кукнор), садҳо ҷавонон нашъаманд шуда, ба корҳои паст даст мезананд, саломатии худро бой медиҳанд. Охир шумо худ табиб ҳастед ва оқибати нашъамандиро нағз медонед. Донистан мехоҳем: ин зироатро шавҳаратон шинондааст ё худи шумо?

Хайрӣ ба тарафи Вафо нигариста оҳиста :

– Худам шинондаам,-гуфт гунаҳкорона ва сарашро хам кард.

Кормандони ҳифзи ҳуқуқ ҳамсояҳоро барои шоҳид шудан даъват карда буданд. Онҳо ҳайрон ба Хайрӣ нигариста, бовар намекарданд, ки ин корро ӯ карда бошад. Хайрӣ хомӯш буд.

Ӯро ба шуъбаи корҳои дохилии ноҳия бурданд. Шаби дароз мижа таҳ накард. Хаёлҳо ӯро ба ҳазор кӯчаю тангкӯча мебурданд. Пагоҳи барвақт Вафо барои хабар гирифтан омад ва бори дигар таъкид кард, ки дар суханаш устувор бошад. Бо сабаби зан буданаш ӯро хабс намекунанд.

Хайрӣ бо зорию тавалло аз Вафо хоҳиш кард:

–Вафоҷон, ин шаб мисоли ҳазор шаб дар назарам намуд. Шаби дароз чун кундаи тар сухтаму дуди талхи сиёҳ баровардам. Он хонаи муваққатие, ки шаб маро дар он нигоҳ доштанд, бароям талххонаву заҳрхонаро мемонд. Охир ман дар он оташе сӯхтам, ки ту даргиронда будӣ ва илоҷашро низ худат ёб, дигар тоқати ҷудоӣ аз фарзандон надорам.

Вафо ба Хайрӣ қавл дод, ки дар суд ӯро раҳо мекунанд. Рӯзе, ки ҳалномаро судяи ноҳия хонд, Хайрӣ беҳуш дар курсии айбдорӣ афтид. Ӯро ба муҳлати 5 сол аз озодӣ маҳрум карда буданд.

Аз байн 10 рӯз гузашта буд, ки Вафо ба дидорбинии Хайрӣ омада, таклиф кард, ки барои халос кардани ӯ пули калон лозим аст, хуб мешуд, хонаро фурӯхта,ба одамони даркорӣ дода, ӯро халос кунад.

–Агар ҳавлиро фурӯшӣ кӯдакон дар куҷо зиндагонӣ мекунанд, ҳоли онҳо чӣ мешавад?- гуфта Хайрӣ пурсон шуд.

– Ман ҷои кӯдаконро меёбам, ту фикри худатро кун. Дар чунин ҳоли вазнин, ҷудоӣ аз фарзандон, ту тоқат карда наметавонӣ,-гуфт Вафо ва ба ҳуҷҷатҳои овардаа ӯ Хайрӣ имзо кард ва интизори озодшавӣ шуд.

Вафо баъди ҳуҷҷатҳои лозимаро гирифтан, хонаро

савдо карда, кӯдаконро ба ятимхона супорид ва ба давлати ҳамсоя ба назди зану духтараш сафар кард.

* * *

– Чӣ нигоҳ мекунӣ? Ин ҷо хонаи очат-не, канӣ тез ҷунб! Либосҳоятро иваз кун ва кӯрпаю болиштро гирифта, пеш даро! –гуфтани зани фарбеҳи қадпасти низомипӯш ӯро аз банди хотираҳо берун баровард. Хайрӣ ба ӯ нигоҳ кард. Чеҳраи зан баднамо, нигоҳаш хашмин, абрувонаш аз ғазаб гиреҳ зада буданд.

–Гуноҳро мекунед, садҳо ҷавононро «герчик» намуданатон бас набуд, ки боз худро «вуболак» нишон дода, ба ман менигарӣ? Садҳо чун ту ва мислатро дидаам, ба ягонтоаон дигар бовар намекунам, номи пуршарафи модарро харром кардаӣ,- гуфт Хайриро аз пушташ тела дода амр кард:- Пеш даро!

Шарақ-шуруқ қуфли даре кушода шуд ва он зан Хайриро ба ҳуҷрае даровард, ки 5 маҳбус дар он маскан доштанд.

– Дугонаи наватонро қабул кунед,-гуфт зани низомипӯш ва аз он ҷо баромад.

Аввал чашми Хайрӣ ба равзанаи хӯрдакаки назди шифт афтод, ки аз он ҷо равшанӣ вориди хона мегашт. Гӯё нурҳои офтоб нею дуди сафеде ҳалқа зада, омехта бо чангу хок то фарш мефаромад. Хона хеле бадбӯй буд.

Як- як ба иқоматкунандагони ин макон назар духт. Дар ҷои аз ҳама намоён зани тахминан 45-48 солае менишаст ва бовиқор теғ кашида, ба Хайрӣ нигоҳ мекард. Ин нигоҳ саршор аз таҳқиру маломат буд. Хайрӣ ин нигоҳи нозебро дар хуну пусташ эҳсос кард. Мехост аз ин нигоҳ гурезад, на танҳо аз он, балки аз ин макон, аз ин олам, аз ин дунёи равшан фирор кунад, аммо на роҳи гурез дошту на ҷои ситез. Тақдираш дарахтеро мемонд, ки аз беху бун канда бошандаш ҳам, ҳанӯз ҷонаш дар тапидан буд. Нигоҳи дигар занҳо низ хайрхоҳона набуд.

– Ассалом,- бо овози паст Хайрӣ ба ҳама салом дода, дасти росташ, ки банд буд, дасти чапашро пеши бар кард.

Лаҳзае лолу ҳайрон кӯрпаю болишт дар даст ба аҳли ҳуҷра як- як нигоҳи суоломез кард.

– Агар саломат намешуд, луқмаи хомат мекардем,- гуфт зани аз ҳама боло нишаста хандаи даҳшатборе карда. Вақте ки лабҳои борикаш майли табассум то зери гӯшҳо ёзиданд, дандонҳои заб-зарди ифлосаш намудор шуда, ӯро зиёдтар бадафт нишон медоданд. Дигар занҳо низ ҳар кадом бо тาври худ мазоҳкунон механдиданд.

– Ҳо ба он кунҷ гузашта, маскан гир, олуфтача,-гуфт зани болонишин ба ифлостарин кунҷ ишора намуда.

Хайрӣ лаб во накарда, ба ҷои амршуда рафт ва кӯрпаю болишташро дар болои кати хоб гузошт ва худаш амонат дар лаби кат нишаст.

– Худоё, ин чи балое буд ба сарам омад? Аҳволам чи мешуда бошад ? Аз ин занҳо метарсам, ҳама симои зишт, нигоҳи теғмонанд ва хандаҳои ноҷо доранд . Худоё, ба мани бечора раҳм кун, аз чанголи бабрмонанди инҳо раҳоям кун. Худоё!

Дар миёнаи ҳуҷра мизе меистод, ки болояш хеле ифлос буд. Зани болонишин ҳамаро паси миз даъват кард. Ҳар кадом аз катҳои худ хеста, бо нағмаҳои нозеб дар паси миз ҷой гирифтанд.

– Ҳой, оимчаи сафедак! Ту ягон пригласителний ждат карда истодаӣ?- гуфта ба Хайрӣ муроҷиат кард.

– Ҳозир , апаҷон!- гуфт Хайрӣ ба миз наздик шуда.

– Апаҷон не, «шеф» гуфта муроҷиат кун, фаҳмидӣ?

– Бале, фаҳмидам, апаи «шеф».

Хайрӣ ба курсие нишастан мехост, ки зани ҳампаҳлуяш номаълум бо пояш онро ба як тараф тела дод. Гурсосзанон ба рӯи фарш афтид ва дарров аз ҷой хест, рухсораҳояш гулгун гашта буданд. Бо сари хам ба сӯи каташ рафт.

– Ман ба ту иҷозати рафтан надодаам, оимча!- хитоб кард шеф.

Аз роҳаш гашт, аммо аз нишастан тарсида рост истод.

– Бишин! –гуфт шеф.

– Раҳмат, апаи шеф, ман рост меистам,- гуфта Хайрӣ

сарашро набардошта.

– Маҷбур шинонедаш! – фармон дод шеф.

Ду зане, ки дар чапу рости шеф менишстанд, аз ҷой мисли навкарони шоҳ чусту чолок хеста, ба Хайрӣ наздик шуданд ва аз китфонаш гирифта, маҷбур ба курсӣ шинониданд. Ашки чашм рухсораҳои гулгуни Хайриро мешуст ва аз таги манаҳаш мисли борони баҳорӣ ба рӯи миз мечакид.

– Бо кадом модда суд шудаӣ?- пурсид шеф.

– Намедонам, ман гуноҳ надорам, апаи шеф,- гуфт Хайрӣ оҳиста ва бори навбатӣ ашки чашмонашро пок кард.

– «Намедонам», «гуноҳ надорам»,«туҳмат карданд»,- гуфтанӣ гапҳо нестанд, ин ҷо, ки омадӣ, маълум мешавад, ки гуноҳ дорӣ. Фаҳмидӣ?

Хайрӣ аз тарс бо аломати тасдиқ сар ҷунбонид.

– Шаш нафар шудем, ҳар рӯз бо навбат дежурный шуда, уборка мекунем. Понятно!?- пурсид шеф.

Ҳама бо як овоз «Так точно!» гуфтанд.

Бечора Хайрӣ на танхо як рӯз балки 7 рӯз навбатдорӣ кард. 7 рӯз кораш рӯбучин ва ҷомашӯӣ буд. Рӯзе шеф аз ӯ пурсид, ки касбаш чист ва Хайрӣ «духтур» гуфту дар бало монд. Ба ҷуз аз рӯбучину шустушӯ пеш аз хоб пойҳои шефро маҳс мекард.

Як соли аввал ба ҳамин минвол сипарӣ гашт.Соли дуюм аллакай Хайрӣ дигар шуд, ба куллӣ тағйир ёфт. На ҳар кас ӯро кор фармуда метавонист ё ранҷонда. Худ ба худ мегуфт: «Ҳеҷ гоҳ намегузорам, маро таҳқир кунанд, дар ин ҷангал гург шудан даркор , ки гурги дигар туро нахӯрад». Дар чор соли дигар касе оби дидаи ӯро надид.

Аз он зани ҳалиму меҳрубон, дилсӯзу ғамбарори атрофиён, аз номардию фанду фиреби Вафо, аз беадолатӣ ба зани ҷоҳил ва нисбат ба ғаму дарди атрофиён бепарво табдил ёфта буд. Ӯ ба ҳама нафрат дошт. Дар симои ҳама душмани худро медид. Аз зиндагӣ норозӣ буд. Аз дунё норозӣ буд. Дар муддати 5 сол як мақсад дошт: бояд аз Вафо қасос бигирад.

Дунёаш холӣ буд, холитар аз зиндагии беранг шуд. Барои зудбовариаш худро маломат мекард, аз ӯ барин маҳбуси маҳбасхона гадои кӯча хушбахттар буд барои озодиаш. Зиндагии худро на ҳамчун тӯҳфа, балки ҳамчун ҷазо дарёфт. Ягона чизе, ки зиндагии берангу беорзуяшро зебо мегардонд, ин хобҳои ҳархелаву хаёли ранга буд. Ҳар шаб фарзандонашро хоб медид. Ба писараш тоқии чакан медӯхту мӯйҳои дарози фатилаи духтарашро майдабофӣ мекард. Искандарашро хоб медид, ҳамон хоберо, ки рӯзи садама дида буд. Яке дар ин тарафу дигари дар он тарафи соҳил аз якдигар дур мешуданд, шитобон қадқади соҳил медавиданд. Хайрӣ бо оҳу воҳ, бо чашмони гирёну дастони ларзон, бо дили реш-решу мӯйҳои парешон дар ҳама ҷо, аз ҳама кас ӯро меҷӯст. Фикри қасос гирифтан аз Вафо ягон лаҳза ӯро тарк намекард.

Панҷ сол мисоли панҷоҳ сол сипарӣ гашт. Дар мӯйҳои мушкинаш ҷо-ҷо торҳои сафед дид. Дари оҳании маҳбас кушода шуду ӯ ба берун баромад. Аз насими озодӣ нафаси чуқуре кашида, рӯй ба осмон кард ва ба Худо рӯ оварда гуфт:

–Худовандо, қуввату дармонам деҳ, ки ман нияти дар дил доштаамро иҷро кунам.

Баъди фаҳмидани он , ки фарзандонаш дар ятимхонаҳо тарбия мегиранд, ба ҷустуҷӯи Вафо оғоз намуд ва фаҳмид, ки Вафо баъди ҳавлиро савдо кардан бо пули калон ба Федератсияи Русия ба назди зану духтараш рафта будааст.

Хайрӣ дигар ба зодгоҳаш барнагашт, чунки он ҷо дигар на хона дошту на дар ва на касе интизор буд. Дидани фарзандонашро низ мавқуф гузошт. Ӯ дар тарабхонае ба ҳайси фаррош ва косашӯй ба кор даромад. Мақсади қасос гирифтан аз фикру хаёли ӯ дур намешуд , шабу рӯз фикр мекард бо кадом роҳ қасос бигирад. Ҳазор намуди ҷазоро ба Вафо лоиқ медонист.

Баъди андаке кор кардан Хайрӣ либосҳои нағз харид ва ба кошонаи ҳусн рафта худро орову торо дод. Оҳистаоҳиста симои пешин, рухи гулгун, дидаи пурнур, гесувони

анбарин, дили гарму ҳаёву меҳр ба ӯ баргаштанд. Роҳбари тарабхона ба ӯ кори нав дод, ба ҷои косашӯй ӯ пешхидмат шуд. Бо қомати мавзунаш байни мизҳои меҳмонон товусвор хиромида кор мекард.

Рӯзе бегоҳӣ меҳмоне, ки нӯшида маст шуда буд, ба Хайрӣ гап дода, аз қафояш ба ошхона даромад. Бо суханҳои фачу пучаш мехост зани ҷавонро ба худ ром кунад. Хайрӣ аз рафтори ин маст ба ғазб омада, шаппотии обдоре ба рӯяш фуровард. Ҷанчол калон шуд. Меҳмон писари яке аз калоншавандаҳо будааст. Хуҷаини тарабхона аз ӯ узр пурсида , Хайриро низ маҷбур кард, ки узр пурсад, аммо Хайрӣ розӣ нашуд. Ӯро ҳамон замон аз кор пеш карданд. Хайрӣ анҷоми нимдошташро ғун карда ба берун баромад. Ҷои рафтан надошт. Дар ҳамин ҳолат мошине ба наздаш омада истод ва ронанда:

– Апаи Хайрӣ,- гуфта сарашро аз мошин баровард.

Дар торики Хайрӣ соҳиби овозро нашинохт ва роҳашро давом дод.

– Апаи Хайрӣ, ин манам Ҳаким, бачаи бобои Раҳим ҳамсояаатон, магар нашинохтед?

Акнун Хайрӣ соҳиби овозро шинохт. Ба мошин даромада нишаст ва аз алам бо овози баланд ба гиря оғозид. Хаёл мекард, ки дар ин лаҳзаҳо наздиктарин одам дар ин шаҳри пурғавғо барояш Ҳаким аст. Ӯ дар ин 4 сол маротибаи аввал ашк рехт. Аз танхоӣ, бесоҳибӣ, таҳқири шунидааш, аз дурии фарзандон- ҷигарбандонаш.

– Апаҷон, худро ба даст гиред, беҳуда ашк нарезед. Ман бо рафиқонам дар он тарабхона нишаста будам ва рафтори он нохалафро дидам, барои ҳамин аз рафиқонам узр пурсида баромадам, то ки шуморо ба хонаатон бубарам. Ман ва аҳли оилаамон кӯчида ба шаҳр омадем. Мудири шуъбае дар беморхонаи Қарияи Боло мебошам. Ёд доред , апачон, аввалин маротиба маро акои Искандар (ёдаш ба хайр, ҷояш ҷаннат шавад), ба шахри Душанбе оварда, ҳуҷҷатҳоямро ба Донишгоҳи тиб супорида буданд. Хайрӣ Искандарашро ба хотир оварду андешаи фарзандон вуҷудашро фаро гирифт.

– Ана, апаҷон, ба хонаи мо расидем,-гуфтани Ҳаким ӯро аз банди хаёлоти мағшуш раҳонид.

Ҳамсари Ҳаким Хайриро хуб пазируфт. То поси шаб ҳарсе сухбат карданд. Хайрӣ максадашро ба Ҳаким баён кард ва ошкоро гуфт, ки бояд ба Федератсияи Русия рафта Вафоро ёбад ва касос бигирад.

Ҳаким кӯшиш намуд ӯро аз ин роҳ баргардонад. Нашуд.

– Ҳакимҷон, ту маро дуруст бифаҳм, ӯро бояд бубинам ва ба чашмонаш рост дида бидузам. Аз ту хоҳиш мекунам: то бозгашти ман аниқ бикун, ки фарзандонам дар кадом ятимхонаҳо тарбия мегиранд? Ман ба зудӣ бармегардам.

Ҳаким дид, ки Хайриро аз раъяш гардонида наметавнад, рӯзи дигар ӯро то истгоҳи роҳи оҳан гусел карда ваъда дод, ки то бозгашташ, албатта, дараки фарзандонашро меёбад.

Дар Федератсияи Русия бе пул ва бе ҷои иқомат ба кучо рафтан, чи кор карданашро намедонист. Дар олам аз одами бад дида, мардумони нек зиёданд,- гуфтани пирон дуруст будааст. Хайрӣ вақти аз поезд фуромадан дар истгоҳи роҳи оҳан бо зани миёнаумри русе вохӯрда, ба ӯ барои ба хонааш бурдани боғочаш кумак намуд. Зани рус, ки Зинаида ном доштааст,таклиф кард, ки Хайрӣ ба хонаи ӯ даромада, як пиёла чой бинӯшад, хастагиашро рафъ намуда, баъд аз пайи кораш бишавад. Хайрӣ бо хушнудӣ ин таклифро қабул кард. Баъди чой нӯшидану каме дам гирифтан Хайрӣ ба Зинаида хаёти гузаштаашро- баъди марги падару модар ба ятимхона афтидан, дар он ҷо бо Искандар, ки мисли ӯ хурд аз падару модар ятим монда будааст, шинос шуданаш, фавти Искандар, хулоса, зиндагии пурташвишаш накл кард.

Зинаида дар яке аз фабрикаҳои калонтарини шаҳрашон зиёда аз 20 сол устои смена шуда кор мекардааст, ягона писараш дар ҷанги Чеченистон ҳалок шуда будааст. Ӯ саргузашти талхи Хайриро шунида таклиф намуд:

– Ман метавонам туро дар сменаи худ ба кор бигирам,

як вақти муайян шогирд меистӣ, баъди корро омӯхтан, метавонӣ мустақилона кор бикунӣ. Эҳтимол розӣ нашавӣ: охир худат касби хубе дорӣ- ҳамшираи шафқат. Мехоҳам, аммо наметавонам, аз рӯи ихтисос бароят кор ёбам. Аз дастам ин кор намеояд.

Хайрӣ аз хурсандӣ чи гуна минатдорӣ карданашро намедонист.

– Апаҷони азиз, як умр ин хидмати шуморо фаромӯш намекунам!- мегуфт ашк аз чашмонаш пок намуда.

Хайрӣ шабро дар хонаи Зинаида гузаронд. Пагохӣ барвақт хеста, хонаро рӯбучин кард, табақу косаи шабмондаро шуста ҷо ба ҷо гузошт ва наҳорӣ тайёр карда буд, қи Зинаида аз хоб хест.

– Апаҷон, наҳорӣ тайёр, марҳамат, ба дастархон нигаред, ғизои миллии тоҷикӣ тайёр кардам, ба шумо маъқул мешуда бошад?- гуфт Хайрӣ.

Зинаида, баъди ошомидани ғизо, ба кору бори Хайрӣ назар карда таклиф намуд:

– Хайрӣ, то ҷои иқомат ёфтанат дар хонаи ман бимон, ман ҳам танҳояму танҳоӣ дар дилам задааст.

Ҳамин тавр Хайрӣ дар хонаи Зинаида монд. Ҳарду ба кор мерафтанду бо ҳам аз кор бармегаштанд. Дар корҳои рӯзгор ба Зинаида ёрӣ мерасонд, Ҳарду шод буданд. Фақат нияти аз Вафо қасосситондан дили Хайриро тарк намекард, баръакс, рӯз то рӯз аланга мегирифт. Рӯзҳои ширинеро, ки бо шавҳараш Искандар ва фарзандонаш дар диёри биҳиштосояш дошт, ба хотир оварда дилаш оташ мегирифт. Дур аз ёру диёр хумори дидани фарзандон ӯро ором намегузошт. Ҳар шаб бо гиря хобаш мебурд ва кӯшиш мекард аз ин ҳолати ӯ Зинаида бохабар нашавад, аммо зани рӯзгордида ҳар пагоҳӣ ба чашмони варамидаи ӯ нигариста тасаллояш медод, насиҳат мекард, ки саломатиашро аз даст надиҳад.

Хайрӣ дар муддати кӯтоҳ ба нозукиҳои касби наваш ошно гардида, дар қатори машъалони корхона ҷой гирифт. Шабу рӯз кор мекард, маблаги зиёде низ ҷамъ кард, аммо фикри қасос оромаш намегузошт. Соатҳо ба як

нуқта чашм дӯхта фикр мекард, бо кадом роҳ қасос бигирад, кадом намуди қасосро ихтиёр кунад.

Рӯзе Зинаида дар ҷои кор бемор мешавад ва ӯро дар бунгоҳи тибби корхона бурда муоина карда, собит мекунанд, ки дилаш иллат дорад, бояд ӯ фаъолияти кориашро қатъ кунад, набошад бемории қалб шадидтар мегардад. Бо тавсияи Зинаида Хайририро сардори смена таъйин мекунанд ва ӯ тамоми қуввату ғайраташро ба кор бахшида, дар муддати кӯтоҳ соҳиби ҳурмату иззати роҳбарият ва ҳамкорон мегардад. Аммо андешаи қасос ҳамеша оромаш намегузошт. Вазнинтарин ҷазоро бояд ба Вафо раво бинад. Охир ӯ ҳаёти Хайририро сӯхт, фарзандонашро бе хонаву дар, сарсону саргардон кард.

Рӯзи истироҳат. Хайрӣ ба тозаву озода кардани хона машғул шуд. Зинаидаро оббозӣ доронду либосҳои тозаашро пӯшонда, бо ғизои дӯстдоштааш- тушбера ӯро сер кард ва ба ҷомашӯӣ машғул шуд. Дар ҳамин ҳолат Зинаида Хайририро ба назди худ хонда хохиш кард, ки ӯро бодиққат гӯш кунад:

– Хайриҷон, духтарам, мумкин рӯзҳо ё соатҳои башумори умри ман монда бошад, хонаамро ба ту васият кардам. Медонӣ, ки ман ба ҷӯз як писар касе надоштам. Ӯ ҳам пеш аз ман бо ин дунё падруд гуфт. Ҳуҷҷатҳои хона дар ҷевони китобҳо. Баъди марги ман фарзандонатро ба ин ҷо биёр ё хонаро фурӯхта ба Ватанат баргард. Фақат як хоҳиш дорам. Дар ҷустуҷӯи фарзандонат бош ва аз фикри қасос даст бикаш. Хоҳиши дигарам ҳамин, ки дар як ҷевон либосхои зимистона ва тобистона дорам, баъди маргам онҳоро бурда, ба Хонаи пиронсолон ва маъюбоне, ки дар охири кӯчаамон воқеъ аст, бидеҳ, чунки онҳо барҷомондаву бесоҳиб мебошанд. Барои рӯзи сиёҳ андак маблаға ҳам ҷамъ кардаам, баъди гузаронидани маъракаҳои мотам, агар зиёдатӣ кунад, онро низ ба онҳо садақа бидеҳ, савоб мешавад.

Хайрӣ бо чашмони пур аз ашк суханони Зинаидаро гӯш карда гуфт:

–Модарчон, шумо сиҳат мешавед ва мо ҳамроҳ ба Ватани ман -Тоҷикистони биҳиштосо сафар мекунем, эҳти-

мол обу ҳавои он ҷо ба шумо маъқул мешаваду шифо меёбед,- ва ӯро самимона ба оғӯш гирифта чун кӯдак гирист.

Баъди ду рӯз Зинаида бо ин дунё абадӣ падруд гуфт. Хайрӣ ҳама хоҳишҳои ӯро иҷро кард. Тибқи фармудаи мазхаби насронӣ Зинаидаро ба хок супорид ва расму оинашро пурра ба ҷо овард. Хамкоронро ба маъракаҳои ӯ даъват кард, то ки рӯҳашро ба некӣ ёдаш бикунанд ва номашро дар қатори одамони бузург ба забон бигиранд. Баъди се рӯз ҳамаи либосҳои Зинаидаро ба Хонаи пиронсолону маъюбон бурда супорид. Маблағеро, ки баъди анҷоми маъракаи мотам монда буд , ба директори муассиса зани меҳрубону ҳалим, ки Светлана Орлова ном доштааст, супорид.

Светлана аз Хайрӣ пурсид, ки ба Зинаида кӣ мешавад?

– Духтараш ҳастам,- гуфт Хайрӣ.

– Охир шумо ба русҳо монанд нестед- ку?- Светлана кунҷкобӣ намуд.

– Зинаида барои ман аз модар хам наздиктар буд. Ман духтархондаш ҳастам ва точикаму аз Тоҷикистонам, гуфта Хайрӣ хост ба суолҳои Светлана хотима гузорад.

– Мо ҳам бемори бесоҳибе дорем, ки «Аз Точикистон ҳастам,»-мегӯяд. Агар хохишатон бошад, даромада хабараш бигиред,-гуфта Светлана то ҷои хоби он бемор Хайриро гусел намуд. Хайрӣ ба ҳуҷраи хоби бемори тоҷикистонӣ даромада дид, ки чор бемор дар катҳои худ дароз кашидаанд. Нигоҳаш ба марди тоҷик афтод ва беихтиёр дод зад. Дар наздаш, дар болои кат, шахсе мехобид, ки солҳо фикри ӯро ёфтан ва қасос гирифтан дошт. Вафо аз дидани Хайрӣ дар ҳайрат монда, дар болои кат ба худ печид ва бо овози баланд гиря кард. Ӯ маҷоли аз ҷой хестан надошт.

Орлова ин саҳнаро дида суоломез ба Хайрӣ нигоҳ кард. Хайрӣ аз Светлана хоҳиш кард, ки онҳоро танҳо гузорад . Сонитар ҳамаашро ба ӯ нақл хоҳад кард. Орлова аз пайи корҳои худ рафт. Вафо гирёну нолон саргузаштаашро ба Хайрӣ нақл кард.

Баъди фиреб додани Хайрӣ ва кӯдаконашро ба ятимхонаҳо супоридану хонаи онҳоро фурӯхтан ба Федератсияи Русия ба назди зану духтари русаш меояд. Ӯ, ки бо маблағи калон ба хонааш баргашта буд, хуш қабулаш мекунанд. Ҳамагӣ чор моҳ зиндагии хуб мегузаронад. Рӯзе Вафо баъди аз кор баргаштан ба садамаи нақлиётӣ дучор шуда, ба касалхона меафтад ва баъди ҷарроҳӣ аз ҳарду по маҳрум мешавад. Баъди ду моҳи табобат ӯро аз касалхона ҷавоб медиҳанд. Ҳамсари русаш ӯро ба хона нею ба ҳамин Хонаи пиронсолон ва маъюбон месупорад ва боре ҳам хабараш намегирад.Инак чор сол мешавад, ӯ дар ин ҷо зиндагӣ мекунад. Дарди ҷонкоҳе азияташ, медиҳад. Аз тез- тез хуруҷ кардани дард, ӯ дар худ мепечид. Лаҳзае ором шуду ба Хайрӣ нигариста гуфт:

– Хайриҷон, медонам, баъди рафторе, ки ман дар нисбати ту раво дидам, он номардӣ, ноодамӣ, беадолатӣ, ту маро намебахшӣ, хоҳишу илтиҷо мекунам: маро пиҳил бикун, набошад ҷони ман ба осонӣ намебарояд. Мулоқоти ҳозираи мо тасодуфӣ нест, онро Офаридгор насиб дидааст, ки ту бо чашмонат ҷазоеро, ки тақдир нисбат ба ман раво дид, бубинӣ. Аз ту хоҳиш мекунам: Маро бубахш. Аз Офаридгор илтиҷо дорам, ки кафаниеро насибам гардонад, то дар мулки бегона ҳаром намурам.

Баъди ин суханҳо аз дарди чонкоҳ ӯ бори дигар ба худ печид ва аз ҳуш рафт. Хайрӣ оби дидагонашро пок карда, аз Хонаи пиронсолон ва маъюбон баромада, аз магозаи наздик 22 метр сони сафед харид ва ба он ҷо баргашта аз Орлова вазъи бемори тоҷикро пурсон шуд.

Орлова ба ӯ фаҳмонд, ки аз зону поёни пойҳои Вафоро бурида буданд. Бемор касалии қанд доштааст ва акнун пӯсиши по сар шудааст. Рӯзҳои умраш башумор мондаанд.

Хайрӣ аз Орлова пурсид:

– Дар байни беморон ё ҳамкорон ягон шахси мусулмон ҳаст?

– Бале, Руслан ном марди қафқозӣ дар муассисаамон сарошпаз аст. Ӯ ба фикрам, мусулмон мебошад,-гуфт Ор-

лова.

Хайрӣ ӯро ба наздашон хонд ва матои овардаашро ба дасташ дод ва кафанворӣ буданашро фаҳмонда, муассисаро тарк намуд. Аз Хонаи пиронсолон бромада, бори охир ба сари қабри Зинаида рафт ва дар болои маркадаш гул гузошта гирякунон гуфт:

–Модарҷонам, афсӯс мехӯрам, ки ба суханат гӯш надода, ба кофтукоби беҳуда машғул шудам. Қасоси маро Офаридгор кайҳо гирифта будааст у ман бехабар. Ана акнун аз пайи кофтукоби фарзандонам мешавам. Аз онҳо узр мепурсам, ки баъди аз маҳбас баромадан ба наздашон нарафтам. Бовар дорам, ки маро мефаҳманду мебахшандам.

* * *

Фурудгоҳи байналмилалии ҳавоии шаҳри Душанбе. Зане бо овози ширину махин эълон кард: «Ба диққати пешвозгирандагон: Ҳавопаймои хатсайри Москва- Душанбе ба фурудгоҳи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе фуруд омад. Аз истиқбол...» Ҳаким ва фарзандони Хайрӣ дар даст гулдастаҳо ин эълонро бетоқатона интизор буданд. Бо дидани модар ҳама ба истиқболаш давиданд…

# ҲАРОМӢ

Хуршед ба теппа баромада, ба зодгоҳаш Фархор, ки аз он ҷо чун дар кафи даст менамуд, назар кард. Аз болои теппаи Ӯртабуз ба поён нигоҳ карда, хонаи модаркалонаш– кампири Сайрам ва мактаберо, ки дар он таҳсил мекард, баръало дид. Ба қафо гашта, қабристонро назора кард. Болои ин теппа барои̅, фикр мекунӣ, ки гӯё тамоми олам дар ин мазор маскан гирифта бошад. Қабрҳо хеле зиёданд. Қабрҳои хурду калон, наву кӯҳна. Дар санги баъзе аз қабрҳо навиштаҷоте сабт шуда, ба чӯби баъзеи дигар матое баста шуда, дар болои аксари қабрҳо ягон нишонае нест, аз ҷумла дар қабри модари Хуршед.

Хуршед шашсола буд, ки рӯзе бобояш ӯро назди худ хонд:

– Писарам, рафта таҳорат кун, ба як ҷо мебарамат, чандест беморам, ин кори савобро анҷом надода, боз намурам мегӯям.

Онҳо ҳарду аз хона берун шуда, сӯи теппаи Ӯртабуз равона шуданд. Мӯйсафед базӯр аз бозуи наберааш дошта, ба болои теппа баромад ва дар миёни қабрҳои зиёд қабри духтараш Гулнозро базӯр ёфт:

–Ана, писарам, дар ин ҷо модари ту ба хок супорида шудааст,– гуфту ояте аз Қуръони карим хонд ва оҳи пурдарде кашида, аз ҷой бархост. Хуршед дид, ки мӯйсафед номаълум оби дидагонашро бо даструймолаш пок кард. Ӯ аз қафо ба қомати хамгаштаи бобояш назар карда, аввалин маротиба дилаш ба ӯ сӯхт. Дарк кард, ки пирӣ зимистони умр мебошад. «Пирию ҳазор иллат» мегӯянд, ки дуруст будааст.

Хуршед ҳар рӯз баъди дарс модагови модаркалонашро бо ду сар гӯсфанд пешандоз карда, ба ин теппа бароварда мечаронд. Ҳар рӯз кампири Сайрам такрор ба такрор таъкид мекард, ки чорворо дар қабристон начаронад, вубол аст. Шири он гов ҳаром ҳисоб мешавад. Хуршед кӯшиш мекард, ки таъкиди модаркалонро риоя

кунад: молҳоро аз қабристон дуртар мебурд. Ҳар гоҳе, ки ба ин баландӣ мебаромад, албатта, ба сари қабри модар рафта фотиҳа мехонд, бо ӯ хаёлан суҳбат мекард. Азбаски қабри модари ӯ низ ягон нишонае надошт, доимо ин суол ӯро ором намегузошт: Охир, модараш бесоҳиб нест–ку? Падару модар ва се бародар дорад. Барои чӣ онҳо дар болои қабри фарзанд ва хоҳарашон санге нагузоштаанд?

Хуршед бори дигар ба поён– ба зодгоҳи азизаш нигоҳ кард. Барои ӯ Фархор зеботарин ва дилкаштарин макон буд, чунки ӯ дигар ҷоеро надидаву намедонист. Авзои ҳаво гирифта, ҷо–ҷо абрҳои сиёҳ дар болои сари Хуршед сайр мекарданд. Дили ӯ имрӯз чун абрҳои болои сараш сиёҳ буд. Ҷанҷоли навакак бо писари тағояш кардаро ба ёд оварда, дилаш якбора аз ғусса пур шуд ва хост бо овози баланд гиря кунад, аммо суханони модаркалонашро, ки «мард набояд гиря кунад» мегуфт, ба ёд оварда, худро ба даст гирифт. Назди қабри модар рафт:

– Модарҷон, барои чӣ маро ҳама бад мебинанд? Furthermore Бобоям, тағоҳоям, писарони ҳамсоя. Магар ман гуноҳе дорам? –гӯён теппаи хоки модарро суолборон кард. Модар хомӯш буд.

Хуршед аз оламу одам, аз ҳама чиз гурехтан мехост. Дунё бароящ холӣ менамуд, холитар аз ин зиндагии берангу пур аз таҳқир. Писари тағояш, ки Саид ном дошт, аз Хуршед ду сол хурд бошад ҳам, доимо кӯшиш мекард, баҳудаю беҳуда ба иззати нафси ӯ бирасад. Дар оилаашон яккаписар ки буд, нозашро аҳли хонадон–падар, модар ва модаркалонаш мебардоштанд. Аммо бечораи Хуршед ғайр аз модаркалон дигар касе надошт. Фақат нафаре дигар– ҳамсинфаш Нишона буд, ки Хуршед бо ӯ метавонист рози дил гӯяд. Чунки ӯ низ чун Хуршед азоби ятимӣ мекашид. Ӯ аз падар хурдакак ятим монда буд ва дар бораи падараш бо ифтихор нақл мекард:

– Падари ман барои амонию осудагии диёрамон қурбон шуд. Ӯ мехост дар кишварамон сулҳ бошад, аммо душманони миллат падарамро куштанд. Ҷасадашро то имрӯз наёфтаанд. Ман он вақт чорсола будам. Модарам

сездаҳ сол боз роҳи ӯро мепояд ва дигар шавҳар накард. «Нишонаи ман ба ҷои падараш аст» мегӯяд.

Хуршед низ мехост дар бораи падар ё модараш бо ҳавас ва фахр сухан гӯяд, аммо дар хонавода касе онҳоро ёд намекард. Хуршед низ хомӯширо авло дониста чизе намепурсид, зеро медонист, ки дар паси ин хомушӣ сирре ниҳон аст. Ҷанҷоли имрӯза ҳам гапи дупула буд. Хуршед аз Саид нопурсида, хост тӯби ӯро оварда, дар вақти чаронидани чор во каме бозӣ кунад. Аз ҳавлӣ мебаромад, ки аз кучҷое Саид пайдо шуд. Ӯ аз дасти Хуршед тӯбро кашида гирифт:

– Сағира, хӯрондану пӯшонданат бас нест, ки боз напурсида тӯбамро мегирӣ? – гуфта як шаппотӣ ба рӯяш зад. Янгаи Ҳалима аз шунидани733 хархашаи онҳо аз хона баромад:

– Ҳа, ҳаромӣ, ту ҳам нағма баровардӣ? «Сағира ба ҷое мерасаду сағирапарвар не» мегӯянд, ҳамин гап дуруст будааст. Охир, падарат зинда, дарди сари мо шуда меистӣ? Кошки мактабатро тезтар тамом мекардию дафъ мешудӣ, мо ҳам як нафаси озод мекашидем, –гуфту боз ба хона даромад. Хуршед, ки аз хурдӣ ба калимаи «сағира» одат карда буд, ин суханро ба дил ҳам нагирифт, аммо сухани модари Саид– янгаи Ҳалима ба ҷону дилаш корди тез барин кора кард.

Хуршед аз ин хеле мутаассир шуду зери лаб пичирросзанон «мекушамаш!» гуфт. Ин сухан ба унвони падараш равона шуда буд. Хуршед падарро надида бошад ҳам, дар нисбати ӯ нафрати беандозае дошт. Маҳз ӯ сабаб шудааст, ки Хуршед аз Саиду модари ӯ суханҳои таънаомез шунавад. Маҳз ӯ сабаби «сағира» ном гирифтани Хуршед шуд. Имрӯз бошад, янгаи Ҳалима– модари Саид ба ӯ номи нав: «ҳаромӣ» монд.

Ин сухани шумро ӯ дар хурдӣ якчанд маротиба шунида буд, бачаҳои ҳамсоя ва ҳамсинфон ҳангоми дар байнашон ягон ҷанҷол рӯй додан ба Хуршед «ҳаромӣ» гуфта аз қафояш метохтанд. Доимо гирён ба назди модаркалон омада, маънои ин ҳақорати кӯдаконро мепурсид, аммо модаркалон «калон шавӣ, баъд мефаҳмӣ» мегуфту ба суо-

лаш ҷавоб намедод. Муносибати тағоҳояш низ бо ӯ хуб набуд. Агар Хуршед ба онҳо дар коре ёрӣ расонданӣ шавад, ӯро аз наздашон пеш мекарданд:

– Дур шав, дар пеши поямон равуо накун, – гуфта пешона турш мекарданд. Сухани шуми «ҳаромӣ»–ро калон шуда, дар ҳаққи худ якчанд маротиба дар ғайб шунида буд, аммо имрӯз бо овози баланд ба рӯяш ин суханро гуфтанд. Дунё дар назараш тор шуд, гиря гулӯгираш кард, аммо сухани модаркалон ҳамеша дар гӯшаш садо медод «Ту, ки мардӣ, ҳамеша мард бош!». Хуршед дигар дар ҳавлӣ тоқат накарда, молчаронӣ рафт.

Ӯ ба қабристон бори дигар нигоҳ карда, аз дил гузаронд: «Кош падарам мурдагӣ мебуду ба суоли рафиқон ва ҳамсинфон «Падарат дар куҷост?» ҷавоб додан осонам меафтод. Ё мисли падари Нишона кушта мешуду бо фахр дар борааш нақл мекардам, аммо падари ман…»

Рӯз бегоҳ мешуд. Говгум ҳам фаро расид. Хуршед намехост ба ҳавлӣ баргардад, аммо дигар ҷои рафтан надошт. Ӯ оҳиста–оҳиста аз назди мазор гову гӯсфандонро ронда, бори дигар ба қабристон ва гӯри модар назар афканд ва аз дил гузаронд: аз чунин зиндагӣ, дар ҳамин қабристон, дар назди модар макон бигирӣ, эҳтимол беҳтар бошад. Дар ин водии хомӯшон ҳеҷ кас намепурсад: «Падарат дар куҷо, модарат дар куҷо?» ё ному лақабат намегузоранд- «сағира», «ҳаромӣ». Мисли Саид касе таҳқират ҳам намекунад.

Дар ҳамин ҳолат симои зебои Нишона пеши назараш омаду тез–тез чорворо ронда аз мазор гузашт. Хуршед ба ҳавлӣ даромада, гову гӯсфандонро ҷо ба ҷо кард ва ғизои шом нахӯрда, дар хонаи хилват, болои як кӯрпачаи тунук, дароз кашид. Дарс ҳам тайёр накард.

Кампири Сайрам, ки дар вақти ҷаноли наберагон дар хонаи ҳамсоя буду келинаш то омадани Хуршед ба ӯ ҳамаро нақл кард, аз чи малул будани Хуршедро медонист, ба хонае, ки бо Хуршед ҳарду дар он мехобиданд, даромада, аз у пурсид:

–Ҳа, писарам, барои чӣ ғизои шом нахӯрдӣ?

Хуршед худро ба хоб андохта, чизе нагуфт. Ӯ одати шикоят кардан надошт. Сайрам дар назди наберааш нишаста, сари ӯро сила кард. Аз ин рафтори модаркалон алами Хуршед омад ва дарун–дарун гирист, фақат китфонаш меларзиданду халос. Кампир бо гӯшаи рӯмоли дока чашмони ашколуди набераашро пок карда гуфт:

– Майлаш, писарам, гиря кун, дилат холӣ мешавад. Ман медонам, ба ту душвор аст, аммо хело кам мондааст. Ана, ба зудӣ мебинӣ, ки номаи камол гирифтӣ, каме аз нафақаам пасандоз дорам, болои он гову гӯсфандонро фурӯхта, туро ба пойтахт мебарам. Ба орзуят мерасӣ, охир, ту меъмор шуданӣ будӣ- ку, ба донишкадаи олӣ дохил шуда мехонӣ. Оянда биноҳои зебо сохта, ҳамаро ҳайрон мекунӣ. Фақат Худованд маро каме дигар умр диҳад, ки шодиатро бубинам, дигар ормонам намемонад. Охир, умри ман ҳам ба ҷое расида, офтоби сари кӯҳро мемонад.

Баъди шунидани ин суханҳо Хуршед аз ҷой хеста, аввалин маротиба аз модаркалон илтимос кард:

– Бибиҷон, дар бораи падар ва модарам ба ман нақл кунед.

Кампири Сайрам, ки аз ҳамин суол бисёр метарсид, аз шунидани ин пурсиш дунё дар назараш торик шуд. Вуҷудашро ҳиссиёти баде фаро гирифт, тамоми баданаш ларзид. Қалбаш фишурда шуд. Қаду қомати мавзуни духтарашро пеши назар овард. Селоби шӯри ашк рухсораҳои аз ғаму дард пажмурдаашро шуст.

– Хуршедҷон, писарам, ба наздикӣ ту ҳабдаҳсола мешавӣ, писари боақл шудаӣ, ҳақиқатро донӣ ҳам, мешавад. Модарат Гулноз ном дошт ва дар оила дар миёни се бародар як хоҳар буд. Баъди хатми мактаб орзуи муаллима шудан дошт, аммо падар ва бародарон «Духтар хонда чӣ кор мекунад,»- гуфта, ба ӯ иҷозат надоданд. То имрӯз худро бахшида наметавонам барои он ки дар ҳамон шабу рӯз Гулнозро дастгирӣ накардам Агар ӯро ҷонибдорӣ мекардам, мумкин оқибати кор чунин намешуд.

Гулноз баъди хатми мактаб ба яке аз идораҳои сохт-

монӣ ба кор даромад. Ӯ дар шуъбаи танзими мутахассиссон кор мекард. Шамшод ном ҷавон барои таҷрибаомӯзӣ ба ин ноҳияи дурдаст роҳхат гирифта омад ва дар идорае, ки Гулноз кор мекард, давраи таҷрибаомӯзиашро гузаронд. Онҳо якдигарро дӯст доштанд.

Ишқ фасли шукуфтанҳо, оташ гирифтанҳо, парвоз карданҳо, фасли ба ҷӯшу хурӯш омадани хун, фасли баҳори дӯстдоштаҳост. Ишқи ҷавонӣ сӯзу соз дорад. Гулнози ҷавон, ки аввалин маротиба аз забони Шамшод суханони ширини «дӯст медорам, бе ту зиста наметавонам»–ро шунид, дунёро бо ранги дигар дарёфт. Барояш шаби торик ҳам равшан намуд, ҳавои боронӣ офтобӣ гашт, дунё зебо шуд.

Шамшод ваъдаҳои зиёде карда, Гулнозро ба доми худ овард. Вале баъди тамом шудани таҷрибаомӯзӣ фирор кард ва боре ҳам Гулнозро хабар нагирифт.

Рӯзҳо, моҳҳо мегузаштанд, аммо аз Шамшод дараке набуд. Гулноз аз ғами ҳиҷрони дӯстдоштааш хазон ва обу адо мешуд. Дар байни хешу табор ва ҳамсояҳо миш–миш буд, ки ӯ ҳомила аст. Модар аз Гулноз пурсид, ӯ тасдиқ кард. Кампири Сайрам рӯзу шаб Шамшодро дуои бад мекард, ки духтарашро шарманда, сари падар ва бародаронашро хам кард. Ба Гулноз маслиҳат дод, ки фарзандашро нобуд созад, аммо ӯ розӣ нашуд ва гуфт:

– Модарҷон, мумкин таваллуди фарзанд ӯро ба худ орад ва мо якҷоя шавем.

Бо ҳама ин бевафоиҳо бечораи Гулноз дӯсташ медошт.

– Аз таваллуди ту, писарам,– кампири Сайрам нақлашро давом дод,– ягон кас хурсанд набуд. Бубахш, ки ҳақиқатро ба рӯят мегӯям. Баъди таваллуд саломатии модарат бад шудан гирифт. Ба падарат нома навишта, аз таваллуди ту огоҳаш кард. Ҷавоби номаи Гулноз омад,– гуфт кампири Сайрам ва базӯр аз ҷояш хеста, аз байни тахтмони кӯрпаҳо коғазпечеро бароварда ба Хуршед дароз кард. Хуршед бо дастони ларзон номаро гирифта хонд: «Ман оиладор шудам ва ҳамсарам ҳомила мебошад. «Ман ба ту писар таваллуд кардам» гуфта сарамро

гаранг накун. Ба ман дигар нома нанавис, ҳаромиат ба худат насиб кунад».

– Ин номаро баъди сари модарат аз зери болинаш ёфтам– нақлашро давом дод кампир. - Духтари бечораам аз сӯхтани хонаи ишқаш дуд мекард, аз шарму ҳаё, аз беадолатӣ, аз нангу номус, аз хиёнати дӯстдоштааш, ақаллан, туро ба дасташ нагирифта, бо дунёи фонӣ падруд гуфт. Дар хонае, ки модарат бемор буду соатҳои охирини ҳаёташро мегузаронд, на падараш медаромаду на бародаронаш. Рӯзе, ки Гулноз ҷон медод, аз ман зорию илтиҷо намуд, ки падараш ба наздаш дарояд, то ки ӯ бахшиш пурсад ва падар биҳилаш кунад, аммо падар: «Ман ӯро оқ кардаам, биҳилаш намекунам, сарамро хам кард, обрӯямро резонд, ба маъракаҳо рафта наметавонам. Ба масҷид баъди ҳама рафта, пеш аз ҳама мебароям» гуфт. Аҷибаш ин, ки ту аз он рӯзе, ки боақл шудӣ, орзуи меъмор шудан кардӣ, ман ҳайрон шудам, ки мумкин ирсият бошад, ки ту касби падаратро орзу кардӣ, ҳол он, ки ту то имрӯз намедонистӣ, ки падарат чикора аст.

– Мекушамаш!– пичирросзанон ва бо қаҳру ғазаб Хуршед ин калимаро бори дуюм талаффуз кард.

Кампири Сайрам, азбаски шунавоияш хуб набуд. сухани Хуршедро нашунид. Хайрият нашунид.

Рӯзҳо паси сар мешуданд. Хуршед дар мактаб аъло мехонд. Ҳамаи имтиҳонҳоро бо баҳои аъло супорид. Омодагии ба мактаби олӣ рафтан дошт. Рӯзи истироҳат бибӣ ва набера гову гӯсфандҳоро ба бозор баровarда фурӯхтанд. Молбозор, ки дар як тарафи теппаи Ӯртабуз воқеъ аст, ба мазор хеле наздик буд. Хуршед баъди фурӯхтани чорво аз модаркалон илтимос кард, ки қабри модарашро зиёрат намуда, ба арвоҳаш оятеро бубахшанд. Кампири Сайрам бо оби дида гуфт:

–Писарам, ба қабристон рафтани зан раво нест. Ривоят аст, ки вақте модар наздик мешавад, фарзанд аз ҷояш бархестанӣ мешавад, азбаски қабр хеле танг аст, ӯ бо нӯги ангуштони дасту по меистад ва то рӯзи маҳшар дар ҳамин ҳолат мемонад. Намехоҳам духтарам дар он дунё низ азоб

кашад. Ту рав, писарам, ман туро дар ҳамин ҷо мунтазир мешавам. Аз ҳамин ҷо ба авроҳи фарзандам дуое мебахшам.

Хуршед дар назди қабри модар чорзону зада, оятеро аз Қуръони карим (Ин китоби муқаддасро бо талқини бобояш хонда буд) хонда ба рӯҳи модараш бахшид. Ва баъди дуо ба рӯҳи ӯ муроҷиат кард:

– Модарҷон, ман номаи камол гирифтам, имрӯз ҳамроҳи модаркалонам ба бозор рафта, гову гӯсфандҳоро фурӯхтем. Насиб бошад, пагоҳ сафари шаҳри Душанбе дорем. Мехоҳам арвоҳи ту мададам кунаду донишҷӯ шавам. Орзу дорам, ки баъди хатми мактаби олӣ дар болои қабрат санге бо навиштаҷоти зебое гузорам ва ҳеҷ кас дигар «Ту бесоҳибӣ» гуфта натавонад. Ман соҳиби туям, аммо имрӯз дасти норасо дорам. Дунё ба умед аст. Ман қасоси туро мегирам, модарҷон!– гуфта даст ба рӯ кашид ва аз ҷой бархост.

Хуршед пагоҳии барвақт бархоста, бо модаркалонаш озими пойтахт шуданд. Баъди нисфирӯзӣ ба Душанбе расида, бо азоб хонаи ҷияни модаркалонашро ёфтанд. Дар хона касе набуд. Онҳо то омадани соҳибони хона дар берун онҳоро интизор шуданд. Мардуми зиёде аз наздашон «ассалом» гуфта мегузаштанд, аммо касе онҳоро ба хона таклиф намекард. Кампири Сайрам аз дил гузаронд: «Аҷаб хислате доранд шаҳриҳо, агар дар деҳа ва ноҳияҳои дурдаст ягон меҳмон ояд, ба ҷону ҳолаш намонда ҳамсояҳо ӯро ба хонаашон дароварда, як пиёла чой медиҳанд».

Бегоҳӣ соҳибони хона аз кор баргаштанд ва онҳо ба хона даромаданд. Кампири Сайрам тоқат накарда ба ҷиянаш гуфт:

– Бачам, ҳамсояҳои хуб надоштаӣ,– ва рафтори ҳамсояҳоро ба ӯ нақл кард.

– Холаҷон, ин ҷоро шаҳр мегӯянд. Як кас ба каси дигар кор надорад. Ҳама аз пайи ризқу рӯзии худ мебошанд. Зиёда аз даҳ сол дар ҳамин бинои чорошёна зиндагонӣ кунам ҳам, аксари ҳамсояҳоямро намешиносам.

– Хайр, писарам, як гуфтам–да. Биё, гапи асосиро мас-

лиҳат кунем. Хуршед – писари раҳматии Гулнозро ба хондан овардам. Дониши хуб дорад. То дохил шудан дар хонаи ту истад, баъд аз донишгоҳ, албатта, ягон ҳуҷра медиҳандаш. Аз ту хоҳиш мекунам, пагоҳ бурда ҳуҷҷатҳояшро якҷоя супоред. Соҳиби хона, ки Раҳим ном дошт, ба холааш рӯ овард:

– Холаҷон, аз модараш чӣ обрӯ гирифтед, ки аз бачааш мегиред, гуфт. Як одами пир, дар чунин рӯзҳои гармӣ аз роҳи дур саргардон шуда омадаед. Дусад километр шухӣ надорад. Ба мактаби олӣ дохил шудан кори осон нест. Пули калон даркор. Ин сағира аз куҷо меёбад ин қадар пулро. Дониш мегӯед, ҳозир дониш ба кӣ даркор? Ҳамаи масъаларо пул ҳал мекунад. Пул набошад, худатонро ғам надиҳед, дар заводи пахтаи Фархор ҷои кор бисёр аст, бурда ба ҳамон ҷо ба кор мемондед, беҳтар мебуд.

Хуршед аз шарм беқарор шуда, дар ҷои нишасташ меҷунбид. Кампири Сайрам, ки чунин ранг гирифтани суҳбатро интизор набуд, ин ҳарфҳоро ба забон овард:

«Чаро шукуфта набошам, Худо сабабсоз аст.

Даре, ки банда бибандад, дари дигар боз аст»,-

ва бо ғазаб омин карду аз ҷояш хест. Хуршед аз ин чолокии модаркалон ҳайрон шуд, чунки ӯ дар хона бо кумаки наберагон базӯр аз ҷояш мехест. Фаҳмид, ки ин чобукӣ аз қаҳру ғазаб буд.

– Хуршедҷон, рафтем, ҳуҷҷатҳоятро фаромӯш накун!– гуфта, сӯи баромадгоҳ равон шуд. Ҳарчанд ки Раҳим «Дар ин бевақтии шаб куҷо меравед, ҳамин ҷо шабро рӯз кунед» гуфт, кампири Сайрам тарафи ҷиянаш нимнигоҳе ҳам накард. Ду нафар– бибӣ ва набера соати даҳи шаб дар шаҳри калон ба куҷо рафтанашонро надониста, то истгоҳи автобус расиданд. Кампири Сайрам болои хараки истгоҳ нишаст. Онҳо ҳарду хомӯш буданд.

Кампир хомӯширо вайрон кард:

– Писарам, ту хафа нашав, рӯҳафтода ҳам набош, дониши хуб дорӣ, албатта, донишҷӯ мешавӣ. Ҳозир бояд фикри шабро дар куҷо рӯз карданамонро намоем.

Хуршед ба модаркалон гуфт:

– Писари ҳамсояамон Толиб дар ҳобгоҳи Донишгоҳи

тиб як хуҷра дорад, нишониашро ба ман додааст. Агар ҳамон ҷоро ёбем, бо ӯ шабамонро рӯз мекунем.

Онҳо аз роҳгузаре нишонии Толибро пурсиданд. Хушбахтона, истгоҳе, ки онҳо нишаста буданд, аз ҳуҷраи Толиб ҳамагӣ дусад метр дур будааст. Хобгоҳро ёфтанд. Дарбон Толибро ба берун чеғ зад. Толиб аз дидани ҳамшаҳриҳояш хеле хурсанд шуд, аз дарбон хоҳиш карда гуфт, ки «Модаркалонам маро хабаргирӣ омадааст, иҷозат диҳед ба хобгоҳ дароянд».

Онҳо шабро дар ҳуҷраи Толиб рӯз карданд. Толиб ба ҳуҷраи кадом рафиқаш рафта, хонаро дар ихтиёри бибӣ ва набера гузошт. Онҳо боз танҳо монданд. Кампири Сайрам набераашро таъкид кард:

– Писарам, дар дунё аз одами бад дида одами нағз бисёртар аст. Ҳеч гоҳ ба бад бо бадӣ ҷавоб надеҳ, баръакс, кӯшиш кун, ки агар дастат бирасад, маҳз ба ҳамон шахсон ёрӣ расон, то аз карда шармашон биояд. Зиндагӣ пастию баландихои зиёд дорад. Фақат рӯҳафтода нашав. Акнун, писарам, хоб кун, пагоҳ корамон хеле зиёд аст.

Аз ин суханони модаркалон Хуршед хурсанд шуда, ба зудӣ хобаш бурд. Аммо модаркалон то пагоҳӣ мижа таҳ накард, ҳайрон буд, ки ин сағираи бечора дар ин шаҳри калон чӣ хел мехонда бошад.

Пагоҳии барвақт Толиб бо як рафиқаш омада, ба Хуршед барои супоридани ҳуҷҷатҳояш рохбаладӣ карданд. Онҳоро дар комиссияи қабул зани кушодачеҳрае, ки синну солаш ба ҷое расида буд, хеле хуш қабул кард. Баъди аз назар гузаронидани номаи камоли Хуршед:

– Офарин,писарам, дар мактаб хонандаи фаъол будаӣ,– гӯён таъриф ҳам кард.

Ӯ тез–тез чашмонашро аз болои ҳуҷҷатҳо бардошта, бо тааҷҷуб ба Хуршед нигоҳ мекард. Гаштаю баргашта «Фамилияатон чӣ буд?» гуфта мепурсид. Толиб токат накарда:

– Муаллимаҷон, дар ҳуҷҷатҳо ягон камбуд ҳаст?- пурсид.

– Не, писарам, ман ин ҷавонро ба касе монанд меби-

нам. Ин кас чун себи дукафон ба як донишҷӯи собиқи мо монанд аст. Ман роҳбари курси онҳо будам, барои хамин насабашонро пурсидам. Эҳтимол писари ҳамон шогирди мо бошад. Номаш Шамшод буд раги рӯи Хуршед канд ва саросема: –Не, муаллимаҷон, падари ман чунин ном надоранд,– гуфт.

Муаллима бори дигар ҳуҷҷатҳоро аз назар гузаронд ва ба Хуршед рӯ овард:

– Писарам, шумо як имтиҳон месупоред, агар баҳои панҷ гирифтед, дигар имтиҳонҳоро намесупоред. Ба шумо муваффақият, тайёр шуда рӯзи имтиҳон биёед,– гуфт.

Хуршед бо хотири шод ба назди модаркалон омада шодиёна гирифт, ки «Ҳуҷҷатҳоямро қабул карданд,» аммо як гӯшаи дилаш хиҷил буд ва кампири Сайрам зуд инро ҳис кард. Охир, аз рӯзи ба дунё омадан Хуршед бо модаркалонаш буд ва кампир наметавонист тағйири рӯҳии фарзандашро нафаҳмад.

– Чӣ шуд, писарам, ба ҷои хурсанд. будан мебинам, ки чизе ба ташвишат овардааст?

Хуршед ба модаркалон гуфтугӯи дар комиссияи қабул шударо нақл кард.

– Ҳеҷ гап не, писарам, акнун ту дар шаҳре мехонӣ, ки падарат дар он иқомат дорад. Зиндагӣ мегӯянд: мумкин бо ҳам вохӯред, ба ҳамааш омода будан даркор.

Хуршед модаркалонашро то автобуси Душанбе–Фархор гуселонид ва худаш бо Толиб дар шаҳр монд. Кампири Сайрам қабл аз падруд ашки чашмонашро тоза карда, ба Толиб гуфт:

–Толибҷон, Хуршедро ба тую туро ба Худо супоридам. Илоҳӣ барака ёбӣ. Дар ҳамин рӯз дасти Хуршедро гирифтӣ, Худованд дастгир ва мададгори ту бошад.

Толиб аз китобхона барои Хуршед китобҳои бисёре оварда, маслиҳат дод:

– Додаракам, ба имтиҳонҳо ҷиддӣ тайёрӣ бин. Тамошои шаҳр, кино, консерт ва дигар корҳо баъд ҳам мешавад. Имрӯз вазифаи ту хондан асту хондан. Хуршед имтиҳони аввалро бо баҳои аъло супорида донишҷӯ шуд.

Хурсанд буд. Дар куртааш намеғунҷид. Ӯ бо Толиб хайрухуш карда, азми рафтан ба зодгоҳаш- Фархор кард. Автобуси хатсайри Душанбе– Фархор ба теппаи Ӯртабуз расида буд, ки Хуршед аз ронанда хоҳиш кард, то мошинро боздорад. Ронанда ҳайрон дар болои теппа мошинро нигоҳ дошт.

– Раҳмат, акаҷон, ман он тарафашро пиёда меравам,– гуфт ва ба назди мазори модар рафта, дуо хонду муноҷот кард:

– Модарҷони азизам, рӯҳи ту маро мададгор буд. Ана, ман донишҷӯ шудам. Ба номат қасам мехӯрам: бо хониши аъло кору бор ва рафтори намунавиам номбардори ту мешавам. Ту гуноҳе надоштӣ. Дӯст доштан гуноҳ нест. Гунаҳгор ҳамонест, ки муҳаббати туро пеши по зад, ба қадри муҳаббатат нарасид, фиребат дод. Ман қасоси туро мегирам,– гуфту бори дигар ба мазори модар нигариста, бо ӯ падруд гуфт ва роҳи хонаи модаркалонро пеш гирифт.

Хуршед ба ҳавлӣ даромада, ба болои суфа нигоҳ кард, чунки он ҷои дӯстдоштаи модаркалон буд, аммо бибиашро надида, хавотир шуд. Ба хонаи хоб даромада дид, ки кампир дар гармии тобистон кӯрпа пӯшида, хоб буд. Хуршед ба модаркалонаш наздик шуду оҳиста сулфа кард. Кампири Сайрам ба ӯ нигариста хитоб кард:

–Писарам, ҷону ҷигарам, омадӣ!?– Хуршед саргузашти якмоҳаашро ба ӯ нақл намуд.

–Ана, акнун мурам ҳам, дигар ормон надорам, чунки бовар ҳосил кардам, ки ту дар ҷамъият ҷои худро меёбӣ ва хор намешавӣ.

Хуршед аз пеши модаркалон баромада, бо ҳамсинфаш Тоҳир вохӯрд ва аз Нишона пурсон шуд. Нишона низ имтиҳонҳои қабулро бомуваффақият супорида донишҷӯи коллеҷи тиб шудааст, Онҳо ҳарду ба хонаи Нишонаино наздик шуда, аз бачаи ҳамсоя хоҳиш карданд, ки ӯро ба берун даъват кунад.

Нишона давида ба берун баромад. Баъди ду моҳи ҷудоиҳо Нишона он духтари мактабхон набуд, хело ҷид-

дӣ ва шармгинона бо ҳамсинфон салом кард ва Хуршедро табрик гуфт. Тоҳир кореро баҳона карда, онҳоро танҳо гузошт. Ҳарду хомӯш буданд. Дар ҳамин ҳолат модари Нишона аз хонаи ҳамсоя, ки дар он ҷо маърака буд, бо ду зани дигар баромада, ба онҳо рӯ ба рӯ шуданд.:

– Ассалом, холаҷон!– гӯён Хуршед боодобона салом дод.

Зани ҳамсоя ба модари Нишона, Хуршедро ишоракунон гуфт :

–Дугонаҷон,эҳтиёт бош, духтарат миёнаи роҳ нашавад, ин бача бисёр ҳиммат кунад, чун падараш мешудагист,– ва аз назди онҳо гузашта рафт. Баъди шунидани ин сухан Нишона «хайр» нагуфта, давида ба хонаашон даромад. Хуршед дар миёнаи кӯча лолу ҳайрон монд. Боз аз пушти ҳамон падар, падаре, ки писар аз дасти ӯ як пиёла об нанӯшидааст, гап шунид.

–Ба ҳамааш тоқат кардам, аммо намегузорам, ки барои ӯ шуда Нишонаро аз даст диҳам, –гуён Хуршед ба сӯи хонаи модаркалон равон шуд.

Ба ҳавлӣ даромада дид, ки бибиаш дар ҷои дӯстдоштааш болои суфа нишаста, ба наберагон чизеро бо завқ нақл мекунад. Ӯ ба суфа наздик шуд. Кампири Сайрам ба Хуршед нигоҳ карда фаҳмид, ки ҳодисае рух додааст. Хуршед сир надод, медонист, ки агар ҳодисаи рухдодаро нақл кунад, модаркалон ғамгин мешавад ва бемориаш боз хуруҷ мекунад…

Рӯзҳо мегузаштанд. Ҳаёт пеш мерафт. Хуршед чун донишҷӯи пешқадам таҳсилашро давом медод. Ба Нишона мактуб навишта рози дил баён кард:

«Нишонаҷони азизам, туро дӯст медорам. Агар муҳаббати маро қабул намоӣ, кӯшиш мекунам, ки хушбахттарин зани дунё бошӣ. Мехоҳам баъди хатми коллеҷи тиб ба донишкадаи олӣ дохил шавӣ ва ҳарду мактаби олиро хатм карда, ҳамхона шавем. Орзуи онро дорам, ки фарзандонамон ҳеҷ гоҳ он азобу уқубатеро, ки ман кашидам, набинанд.

Бо эҳтиром оне, ки туро дӯст медорад, парастиш меку-

над ва самимияти бендоза дорад, Хуршед»
Баъди муддате аз Нишона мактуб гирифт:
«Хуршедҷон, ман бо баҳои аъло хонда истодаам ва ба фикри ту розӣ ҳастам, мехоҳам дар донишгоҳи олии тиб таҳсиламро давом диҳам. Ман низ бо орзуи дидани ту рӯзҳоро паси сар мекунам. Бовар дорам, падару модарам дили маро мефаҳманд ва ба муҳаббати мо монеъ намешаванд. То дидан. Нишонаи ту».
Беморий кампири Сайрам хуруҷ кард. Хуршед ӯро ба беморхонаи Қарияи Боло, ба назди Толиб, барои муолиҷа овард. Ӯро бистарӣ карданд. Хуршед ҳар рӯз ҳам пагоҳӣ ва ҳам бегоҳ аз модаркалон хабар мегирифт. Саломатии кампири Сайрам беҳ шуд. Рӯзе бегоҳӣ Хуршед ба аёдати модаркалон омада, ӯро дар ҳавлии беморхона дид, ки бо марде нишаста суҳбат мекарданд. Хуршед ба онҳо наздик омад:
– Бибиҷон, шодам, ки шуморо сиҳату саломат мебинам,- гуфт ва боодобона ба онҳо салому алайк гуфт. Аз дидани Хуршед модаркалон каме даступохӯрда шуд:
– Ин кас набераи ман – Хуршед, писари Гулноз, –гуфт. Ҳамсуҳбати модаркалон ба асо такя карда базӯр аз ҷой бархост:
– Асаллом, писарам,– гуфт. Ҳарду хомӯш буданд. Хуршед ба онҳо нигоҳ карда, чизеро намефаҳмид.
Ҷилави суҳбатро модаркалон ба даст гирифт:
–Хуршедҷон, писарам, назди мо бишин.
Хуршед ҳайрон дар назди модаркалон нишаст
– Шинос шав, ин кас – падари ту Шамшод. Сахт бемор аст. Тақдирро бин, ки моро дар куҷо сарҷамъ кард.
Тамоми бадани Хуршед аз қахру ғазаб меларзид. Шамшод ҳамаи қувваашро ҷамъ карда узр хост. Узри бадтар аз гуноҳ.
Аз рӯи нақлаш Шамшод баъди хонадорӣ сохиби чор фарзанд мешавад, аммо кӯдакон яксола шуда, нобуд мешуданд. Аз он зан ҷудо шуда, зани дигар мегирад. Боз соҳиби ду фарзанд мешавад, онҳо низ дар хурдсолӣ аз олам мегузаранд. Шамшод ба бемории фалаҷ гирифтор

мешавад. занаш ӯро тарк карда, шавҳари дигар мекунад.

– Маро оҳи дили модари ту гирифт. Худо нишонам дод. Агар тавонед, маро бубахшед,– гуфта марди баркамол чун кӯдак гирист.

Хуршед ин мулоқотро бо тарзи дигар тасаввур мекард ва тайёр буд, ки агар бо падар вохӯрад, чи суханҳои сахте ба ӯ мегӯяд, аммо ҳоли ӯро дида «Худо ҷазояшро дода будааст», гуфта дилаш ба ин марде, ки як умр нафрат дошт, сӯхт…

Солҳо сипарӣ мешуд. Нишона баъди хатми омӯзишгоҳ ба Донишгоҳи олии тиб дохил шуд. Хуршед низ донишгоҳро хатм карда, дар яке аз идораҳои азими сохтмонии шаҳр ба кор даромад. Кампири Сайрам ба хонаи Нишонаино ба хостгорӣ рафт ва падару модари Нишона ризоят доданд. Тӯй дар ноҳияи Фархор барпо гашт. Онҳо имирати бахташонро аз хишти ишқу муҳаббату сабру тамкин бунёд карданд ва баъди туй Хуршед арӯси худро ба шаҳри Душанбе, ба хонае, ки иҷора гирифта буд, бурд. Ҷавонон хаёти оилавии ширине оғоз карданд. Баъди муддате ба Хуршед аз ҷои кор, аз он хонаҳое, ки худ сохта буд, хонаи сеҳуҷрагие доданд. Дар хонаашон тифлаки зебое таваллуд шуд, ки ба хотири модар ба ӯ Гулноз ном ниҳоданд. Тобистон Хуршед бо аҳли оилааш ба зодгоҳи азизаш сафар карда, болои қабри модараш санги ёдбуд гузошт. Ҳангоми бозгашт Хуршед ба модаркалон:

–Бибиҷон, мо дар шаҳр ҳама шароитҳоро дорем, ана, ба ман хона ҳам доданд. Ману Нишона хоҳиш дорем, ки шуморо ба шаҳр барем ва ҳамроҳи мо зиндагӣ кунед, то дар пириатон хидмати шуморо ба ҷо биёрем.

– Азизам, Хуршедҷон! Сад шукр мекунам, ки ба ин рӯз расидам. Аз хурсандии ту шод ҳастам. Ман аз Фархор рафта наметавонам, чунки Гулнози ман ин ҷо хок шудааст, поям ҳам ба лаби гӯр расидааст, аммо аз ту илтимос мекунам. Не нагӯ. Онро ба чо биёр:

– Падарат Шамшод бисёр хору зор аст, ӯро ба хонаи худ бибар, ақаллан дар пирӣ одам барин зиндагӣ кунад. Писарам, бузургии одам ҳам дар гуноҳи дигаронро бах-

шида тавонистан аст, бо ҳама бевафоӣ, хиёнат ва ноодамиаш ӯ падари ту аст. Як мақоли халқии бисёр дағал ҳаст: «Падару модар агар хук шаванд, хукбонӣ кун». Агар шароити ӯ хуб мешуд, ман аз ту инро илтимос намекардам.

Хуршед ба суханони бибӣ гӯш дода чизе нагуфт. Пагоҳии рӯзи дигар онҳо ба Душанбе омаданд.

Як ҳафта Хуршед на дар хона ором дошту на дар ҷои кор. Мурғи посӯхта барин дар як ҷой истода наметавонист. Як кунҷи дилаш торику ойинаи хотираш ғубор дошт. Ҳамаи инро Нишонаи меҳрубонаш медид:

–Хуршедҷон, ман медонам, ки баъди бозгашт аз Фархор ту парешонхотир ҳастӣ, суханони модаркалон азобат медиҳад. Биё, ҳамроҳ падаратро ба хона меорем, охир ӯ бемор аст, ман табиб ҳастам, ба ӯ кумак мерасонам.

Хуршед саросема аз ҷой бархеста гуфт:

– Нишонаҷони азизам, аввал ба мағоза рафта, барои падар сару либоси нав мехарем, баъд ба наздаш меравем.

Ҳарду шитобон аз хона баромаданд…

# МАСАЛҲО

## БУЛБУЛ

Дар як макон, дар як замон, дар як ҷойи хеле хушманзара ва хушбодуҳаво боғе будааст, ки дарахтони зиёди мевадиҳанда, ороишӣ ва гулҳои рангоранг доштааст. Илова ба ҳама зебоиҳои боғ боз дар он булбуле нағмасаройӣ мекардааст, ки овози хеле фораму дилнишину зебо доштааст. Боғбон булбулро хеле дӯст медошт. Ҳар меҳмоне ба боғ ташриф оварад, албата булбулро ба ӯ шинос мекард.

Булбул бошад ба дӯстдориҳои боғбон ҷавоб гуфта бо овози фораму хуши худ суруд хонда меҳмонони боғбонро шод мекардааст.

Боғбон мағзи пистаро ба минқори булбул мемонду бо оби набот зиёфаташ мекард.

Дӯстии боғбон ва булбул дер давом накард.

Парандаҳои гуногуни даруни боғ аз меҳру муҳаббати боғбону булбул рашк бурда, ҳасад хӯрда бо ҳам ҷамъ меоянду маслиҳат мекунанд.

Яке мегуфт, ки“мо ҳам мисли булбул паранда, чаро ӯ азизу мо киха”. Дигаре мегуфт, ки “то булбул дар ин боғ ҳаст, нисбати мо меҳрубонӣ нест”. Сеюмӣ мегуфт, ки “байни боғбону булбул низоъ бояд андохт”

Ҳар кадоме аз парандаҳо бо навбат назди боғбон омада хушомад мезаданду нисбати булбул бадгӯӣ мекарданд.

Яке мегуфт, ки “Боғбонҷон, булбул бовиқор мегӯяд, ки ман шоҳи парандаҳоям ва меҳмонон назди боғбон нею, балки барои шунидани овози ман меоянд”.

Парандаи дигар мегуфт “Булбул ҳамеша, шумо боғбони азизро, дар ғайбатон таҳқир мекунаду суханҳои носазо мегӯяд “ва ғайраву ғайраҳо.

Боғбон аз шунидани чунин суханҳои носазо дар ҳаққаш ба ғазаб омада, булбулро аз боғ пеш карда:

–Байни инсон ва паранда дӯстӣ набудааст, намехоҳам дигар туро дидан ва овозатро шунидан-гуфт.

Булбул бехабар аз ҳасудиву иғвои ҳамҷинсонаш ва бовару рафтори боғбон ғамгин гашта, бо чашми наму бо дили пур аз ғам боғро тарк кард.

Парид ба баландиҳо. Гузашт аз пуштаву дара, сари ҷару болои тепаҳои кӯҳистон. Расид ба назди арчаҳои баланди сарсабзи кӯҳистон. Гузошт лона ба шохи яке аз арчаҳои баланди сарсабз.

Мурғакони озоди он диёр аз омадани меҳмони нав огоҳӣ ёфта назди ӯ меоянд. Булбул онҳоро хуш қабул мекунад. Мурғакон хоҳиш мекунанд, ки булбул барояшон суруде хонад, аммо ӯ узрхоҳӣ карда мегӯяд:

–Хамҷинсони азизам, маро маъзур доред, дили пур аз ғам дорам, ҷудоӣ аз дӯсти азизам, маро ранҷур кардааст, маҷоли суруд хондан надорам гуфта ҳодисаи шударо ба онҳо ҳикоя мекунад.

Мурғакони кӯҳистонӣ, ки орӣ аз кинаву адоват ва ҳасаду иғво буданд, бо ҳам маслиҳат карданд, ки ба булбули меҳмон ёрӣ расонанд.

Яке аз онҳо парвоз кард сӯи он диёру он боғи зебо.

Аз он зебоие, ки булбул таъриф карда буд, осоре надид. Шохи дарахтон шикастаю гулҳо аз беобӣ пажмурда, деворҳои боғ афтода ва боғбон бемор дар бистари марг.Соҳиби боғ бошад чуғзу буму якчанд парандаи дигар. Онҳо шодону хандон ба якдигар мегуфтанд “Ҳай бобашон кардем. Аз дӯстии боғбону булбул мо дар азоб будем. Ана, вақти мо ҳам расид. Боғ аз они мо”.

Ин ҳамаро дида мурғаки кӯҳистонӣ парвоз кард ба баландиҳо ва расид ба ҳамон арчаи баланди сарсабз ва булбулро дид, то ҳол гирёну нолон аз фироқи дӯст.

– Ҳамболи азизам, булбул, - гуфт мурғаки кӯҳистонӣ – хезу бипар сӯи боғу роғат ва сӯи дӯстат-боғбон, ки дар фироқи ту ӯ низ бемор аст.

Булбул аз шунидани бемории дӯсташ ба таҳлука афтод ва парид сӯи дашт, сӯи он боғ ва назди дӯсташ.

Назди тирезаи хонаи боғбон нишасту суруди дӯстдоштаи ӯро зам-зама кард.

Боғбон овози фораму суруди ошноро шунида об хост. Обаш доданд. Хест аз бистари беморӣ, баромад рӯи ҳавлӣ.

Бидид булбули хушовозу хушнавояшро, узр хост ва гуфт:

–Дӯсти азизам, аз дӯсти хушомадгӯй ҳазар кун, ки маккор аст. Ман ба макри онҳо дода шуда, қариб ҷони худ ва ҷони дӯсти ба ҷон баробарамро аз даст дода будам.

## ТОВУС

Рӯзе аз рӯзҳо товус барои шикастани ташнагиаш хиромида ба соҳили рӯд омад. Дар оби чун оина шаффофу беғубор акси худро дида хеле шод шуд.

Аз тамошои пару болҳои рангорангаш ҳаловат мебурд. Чун дида ба пойҳояш дӯхт, ғамгин гашт.

–Чи пойҳои безеб ва каҷу килеберо Худованд ба ман додааст,-дар соҳили рӯди шухоб ба худ нигариста , аз дил мегузаронид товус: Аз ин пойҳои хунук халос шудан даркор.

Дар ҳамин ҳолат рӯбоҳе поида ба ӯ наздик шуд.

Товус акси маргашро дар об дида бо пойҳои каҷу килебаш чунон давид, ки рӯбоҳ ӯро дошта натавонист… аммо пару болҳои зебову мунаққаш дар чанд ҷо ба шохаи буттаҳои навруста дармонда, қариб буд ӯро луқмаи рӯбоҳи гурусна кунанд.

Товус бо меҳр ба пойҳои каҷу килебаш нигариста аз нақшаи дар дил кашидааш шарм карда гуфт:

–Ҷонамро аз марг болу парҳои зебо не , ҳамин пойҳои каҷу килебам раҳониданд. Раҳмат ба шумо, балогардонҳои ман!

## ГУРБА ВА САГ

Замоне гурба ва саг дӯстони ҷонӣ буданд. Онҳо дар як ҳавлӣ мезистанд. Ҳардуяшонро соҳиби хона дӯст медошт.

Гурба ҳамеша дар болои зонувон ва бағали гарми соҳибхона пинак мерафту саг дар остона рӯи замини хунук ғелида , онҳоро нигаҳбонӣ мекард.

Рӯзе пагоҳӣ соҳибхона дар болои суфа дастархон густурда нуқлу ғизои гуногунро болои он гузошту худ барои овардани ширчой ба ошхона даромад. Дар ҳамин ҳолат гурба оҳиста равғани маскаи болои дастархонро дуздида гурехтан мехост, ки саг аккосзанон садди роҳаш гардид.

Соҳибхона аз ошхона баромаду амали гурбаро дида , беихтиёр ба сари ӯ дод зад:

– Ҳой гурбаи маскадузд, садқаи хубиҳои ман шавӣ! Ҳамеша ҷои хобат бағали гарму болои зонувон ва болини мулоими ман буд. Шарм намедорӣ, ношуд?! «Саг вафодор аст» гуфтани мардум дуруст будааст. Бирав гум шав аз назарам, ношукр, дигар туро дар наздикиҳои хонаам набинам!

Саг, ки аз кардаи худ шод буд, ин ҳамаро шунида, аз дил гузаронд: «Аз ҳамин рӯз бешакку бешубҳа, ман ягона дустдоштаи соҳибхона хоҳам буд».Вале гумонаш хато баромад. Аз миён чанд рӯз сипарӣ гардиду соҳибхона аз гуноҳи гурба гузашта, ӯро боз дар болои зонувонаш ҷой дод.

Саг аз ин амали соҳибхонааш дар ҳайрат монда, ибтидо аз ҳамон рӯз гурбаро бад медидагӣ шуд. Акнун дӯстони собиқ душмани ҷони якдигар шуда буданд ва ин душманӣ то имрӯз идома дорад.

Бечора саг намедонист, ки миёни инсону ҳайвон тафриқа зиёд аст ва муҳимтар аз ҳама ӯ намедонист, ки Худованд ба инсон ақл ва неруи бахшида тавонистанро ато кардааст.

# МУСИЧА

Дар таги долони зан мусичае лона гузошта буд.

Рӯзе соҳибхона чирик-чирики форами чӯҷаҳои мусичаро шунида, ба лонаи онҳо назар кард. Се мусича беқаророна овоз бароварда, бо даҳони боз модарашонро интизорӣ мекашиданд.

Мусича дар минқораш анвои гуногуни ғизоро меоварду чуҷаҳояшро сер мекард. Ин ҳолат се-чор рӯз давом кард.

Соҳибхона ҳар субҳидам аз хоб мехесту қабл аз оғози корҳои хона ба лонаи мусича назар карда аз рафтори онҳо ҳаловат мебурд. Рӯзе дид, ки мусича бо болҳояш чӯҷачаашро аз лона берун кардан мехоҳад. Чуҷаи бечора парвоз карда наметавонад , аммо модар ӯро тела медод.

Зан аз ин рафтори мусича дар ҳайрат шуд. «Наход парандагон дар нисбати фарзанди худ чунин бераҳмиро раво бинанд? Чаро? Чаро ӯ фарзандашро озор медиҳад? Охир, бечора чӯҷа ҳозир аз лона ба замин афтода мемурад»,- аз дил мегузарононд соҳибхона.

Мусича бори дигар чӯҷачаашро аз лона берун тела дод. Чӯҷаи хурдакак ба замин сарозер шуд. Аз тарс овоз мебароварду пару болҳояшро меафшонд: ба замин нарасида парвоз кард.

Ҳамин тавр, баъди чанд рӯз мусичаҳо парвозӣ шуда, лонаро тарк карданд.

Зан дар банди андеша афтод: «Ин мусича ба ман сабақи зиндагӣ омӯхт. Мо, фарзандони Одам, пайваста кӯшиш мекунем, ки фарзандонамон аз канорамон дур набошанд. Мустақилияташонро маҳдуд месозем, аммо мусича ба фарзандонаш парвоз кардан, озодона болу пар заданро меомӯзад. Ана, ин аст модар будан ва фарзандро тарбият кардан!»

# МОҲИГИР

Марде тамоми умр бо пешаи моҳигирӣ баракати зиндагии хонадонашро таъмин мекард. Зану кӯдаконаш аз чизе камӣ надоштанд.

Рӯзе дар канори соҳил нишаста, тӯрашро ба дарё партофту пинак рафт. Баъди чанде сар бардошта турро назар карда 3-4 моҳиро даруни он дид. «Кам аст»,гуфту , сайдашро аз об нагирифта, дубора ба дарё партофту пинак рафт. Соате баъд тӯрашро аз нав хабар гирифт: 6-7 дона моҳӣ беқарорӣ доштандд. Қаноат накард.

– Каме дам мегирам, ҳамин ки бегоҳ шуд, якбора онро бо моҳии зиёд аз об гирифта ба хона бармегардам,-аз дил гузаронд моҳигир.

Бегоҳ шуд. Моҳигир хост тӯри пур аз моҳиашро аз дарё бардошта, ризқи фарзандонашро ба манзилаш бубарад. Аз тӯр дарак набуд: вазни моҳии бисёр турро канда бурдааст.

Мард аз карда пушаймон шуда, бо сари хам ва дасти холӣ ба хона баргашт.

– Чӣ шуд? Чи ҳодиса рух дод?- пурсид ҳамсараш, ки бори нахуст ӯро бо дасти холӣ медид.

– Бисёр талаб макун, ба кам зор шавӣ,-гуфтаанд бузургон. Ман имрӯз ин пандро сарфи назар кардаму аз ёфта бенасиб мондам,-гуфт мард.

## ДУ БАРОДАР

Модар ду писар дошт. Писари калонӣ - Салим фарбеҳ буду танбал ва кораш рӯзу шаб хӯрдану хобидан. Писари хурдӣ - Раҳим хароб буду заиф, чаққонак ва меҳнатдӯст. Модар рӯзе аз рӯзҳои фасли поиз аз фарзандонаш хоҳиш кард:

– Ҷону чигаракони оча, фасли тирамоҳ аст. Писаронам , тирамоҳ , бояд ғами зимистонро хӯрд. Хуб мешуд, ки ба кӯҳ баромада ҳезум чинед. Салимҷон, додаракат Раҳимро эҳтиёт кун. Ӯ нисбат ба ту хурд аст, аз уҳдаи бардоштани бори вазнин баромада наметавонад,- ва «тушаи роҳ» гуён ба миёнбанди бародарон нон басту ба дасташон кадуи обро дода, ба кӯҳ гуселашон кард.

Ҳамин ки нахустин дарарo гузашта , ба миёни писта-зор даромаданд,

Салим ба додараш амр кард:

– Раҳимҷон, табарро гирифта, аз дарахтон шохаҳои хушкидаро зада дарза бастан гир. Ман каме дам мегира-му баъд ба ту ёрӣ мерасонам,- ва ҷомаашро ба замин гу-стурда пинак рафт.

Раҳим бошад бо ҳавсалаи зиёд ба кор сар кард: бо та-барчааш шохаҳои хушки дарахтонро бурида ду дарза ҳезум тайёр кард ба бародараш, ки баҳузур мехобид, гуфт:

– Акаҷон, хез. Нону обро мехӯрему ба хонаамон бар-мегардем, ман ду дарза ҳезум тайёр кардам.

Салим ҳамёзакунон аз хоб хест.

– Ман нону обро ким кайҳо хӯрда будам. Биё, ба ту ёрӣ мерасонам -гуфта ҳарду дарза ҳезумро ба пушти додараш ниҳода, худ аз қафо химчаеро гирифта амр кард.

– Рафтем.

Раҳим беинсофии бародарашро дида хоҳиш кард:

– Раҳм кун, акаҷон! Ақаллан як дарзаашро ту бардор.

Аммо бародари фарбеҳи шикампараст ба зорию ил-

тимоси додараш аҳамияте надода, ба сараш дод зад:

– Тез-тез роҳ гард, рӯз рӯ ба торикӣ оварда истодааст, боз ягон гург луқмаи хомамон накунад!

Раҳим, ки бисёр бачаи боақл буд, аз дил гузаронид: «Ман бояд ҷазои бародарамро диҳам, то ки дигар беинсофӣ накунад.» Ва баъди ду - се қадам мондан худро ба рӯи замин партофта, ба беҳушӣ зад. Инро дида Салим сахт тарсид ва ба зорию нола даромад:

– Додаракам, Раҳимҷон! Ба ту чи шуд? Модарамон «Додаратро эҳтиёт накардӣ»-гуфта маро мекушад. Хоҳиш мекунам, чашмонатро кушо!

Раҳим бо чашмони пӯшида ҳамоно хомуш буд.

Салим ду дарза ҳезумро ба якдигар баста болои онҳо ҷомаашро партофта Раҳимро болои ҳезум хобонда бандро аз китфонаш гузаронду то ба хонаашон бардошта овард. Баробари ба ҳавлиашон даромадан Раҳим аз пушти бародараш фуромада нидо кард:

– Акаҷон, ин қадар тез расидем?!

Салим, ки акнун гуноҳашро фаҳмида буд, арақи пешониашро бо пушти даст пок карда ба додараш гуфт:

– Илтимос , ҳодисаи шударо ба модар нагӯй .

Модар овози фарзандонро шунида, аз хона баромаду дарзаҳои ҳезумро дида, бо як навъ эҳсоси қаноат ва хушнудӣ гуфт:

– Шукр, ки сиҳату саломат, бо дасти пур ба хона баргаштед. Агар боз 4-5 бори дигар ба кӯҳ бароед, зимистонро бе мушкилӣ пушти сар хоҳем кард, қобилакони оча!

# МУНДАРИҶА

Сарсухан .................................................................. 3
Чордодарон (роман) ................................................... 7
Пушаймонӣ (қисса) ................................................. 162
**Ҳикояҳо**
Гули лола ................................................................ 195
Ду ҷисми ҳамрӯх ду рӯҳи ҳамроҳ ................................ 199
Гаҳвора, нон, китоб .................................................. 205
Баҳори дил .............................................................. 209
Нома ....................................................................... 228
Гиреҳҳои зиндагӣ ..................................................... 235
Фирор аз худ ........................................................... 259
Ашки шодӣ .............................................................. 263
Хиёнат ва бахшиш .................................................... 270
Қасоси зан ............................................................... 283
Ҳаромӣ ................................................................... 303
**Масалҳо**
Булбул .................................................................... 319
Товус ...................................................................... 321
Гурба ва саг ............................................................ 322
Мусича .................................................................... 323
Моҳигир .................................................................. 324
Ду бародар .............................................................. 325

# ГУЛЧЕҲРА МУҲАММАДИЕВА

# МУНТАХАБИ ОСОР

Ба матбаа 02 майи соли 2016 супорида шуд.
Ба чопаш 22 майи соли 2016 имзо шуд. Андозаи 60х84
1/16. Адади нашр 300. Супориши 019.

Дар КВД «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе»
чоп шудааст.